ISSN 2708-5759

ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ ОМӮЗГОРӢ

БАХШИ ИЛМҲОИ ПЕДАГОГӢ ВА ПСИХОЛОГӢ

Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

ВЕСТНИК ПЕДАГОГИЧЕСКОГО УНИВЕРСИТЕТА

СЕРИЯ ПЕДАГОГИЧЕСКИХ И ПСИХОЛОГИЧЕСКИХ НАУК

Издание Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни

HERALD OF THE PEDAGOGICAL UNIVERSITY

SERIES OF PEDAGOGICAL AND PSYCHOLOGICAL SCIENCES

Publication of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni

№ 1 (23)

Душанбе - 2025

ISSN 2708-5759

Маҷалла бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2024, № 399/м ба феҳристи маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил гардидааст.

Маҷалла шомили пойгоҳи иттилоотии «Шохиси иқтибоси илмии Русия» (ШИИР) шудааст, ки дар сомонаи Китобхонаи миллии маҷозӣ ҷойгир аст.

Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 майи соли 2023 таҳти рақами 292/МҶ-97 ба қайд гирифта шудааст.

Суроға: *734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121*
Тел.: *(+992 37) 224-36-91*
Факс: *(+992 37) 224-13-83*
Почтаи электронӣ: *vestnik.tgpu@gmail.com*
Сомонаи маҷалла: *www.pedagog.tgpu.tj*

Сармуҳаррир: ***Ибодуллозода Аҳлиддин Ибодулло*** *– доктори илмҳои таърих, профессор, ректори ДДОТ ба номи С. Айнӣ*

Муовини сармуҳаррир: ***Раҷабзода Сироҷиддин Икром*** *– доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба корҳои илмии ДДОТ ба номи С. Айнӣ*

Котиби масъул: ***Муборакиён С. М.***

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

Маҷидова Бибиҳафиза *- доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
Нугмонов Мансур *- доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
Нурзода Абдулбоқӣ Нур *- доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
Раҷабов Тағоймурод Бобоқулович *- доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
Сайфуллоев Хайрулло Габдуллоевич *- доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
Файзализода Ҷумахон Хол *- доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
Юнусова Нафисахон Муродовна *- доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
Дадобоева Мадина Солибоевна *– номзади илмҳои педагогӣ, дотсент*
Бобоева Сайёра Бобораҷабовна *– доктори илмҳои психологӣ, профессор*
Қодиров Умаралӣ Дустқобилович *- доктори илмҳои психологӣ, профессор*
Мухамедова Дилбар Ғафурҷоновна *- доктори илмҳои психологӣ, профессор*

© ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2025

ISSN 2708-5759

Журнал включен в перечень рецензируемых научных журналов (изданий) Республики Таджикистан по приказу председателя Высшей аттестационной комиссии при Президенте Республики Таджикистан от 25 октября 2024 года № 399/м.

Журнал включен в «Российский индекс научного цитирования» (РИНЦ), размещенный на платформе Национальной электронной библиотеки.

Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан 1 мая 2023 года под номером 292/ЖР-97.

Адрес: *734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121*
Тел.: *(+992 37) 224-36-91*
Факс: *(+992 37) 224-13-83*
Электронная почта: *vestnik.tgpu@gmail.com*
Сайт журнала*: www.pedagog.tgpu.tj*

Главный редактор: ***Ибодуллозода Ахлиддин Ибодулло*** *– доктор исторических наук, профессор, ректор ТГПУ им. С. Айни*

Зам. главного редактора: ***Раджабзода Сироджиддин Икром*** *- доктор химических наук, профессор, проректор по научной работе ТГПУ им. С. Айни*

Ответственный редактор: ***Муборакиён С. М.***

РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:

Маджидова Бибихафиза *- доктор педагогических наук, профессор*
Нугмонов Мансур *- доктор педагогических наук, профессор*
Нурзода Абдулбоки Нур *- доктор педагогических наук, профессор*
Раджабов Тагоймурод Бобокулович *- доктор педагогических наук, профессор*
Сайфуллаев Хайрулло Габдуллаевич *- доктор педагогических наук, профессор*
Файзализода Джумахон Хол *- доктор педагогических наук, профессор*
Юнусова Нафисахон Муродовна *- доктор педагогических наук, профессор*
Дадобоева Мадина Солибоевна *– кандидат педагогических наук, доцент*
Бобоева Сайёра Бобораджабовна *– доктор психологических наук, профессор*
Кадыров Умарали Дусткобилович *- доктор психологических наук, профессор*
Мухамедова Дилбар Гафурджановна *- доктор психологических наук, профессор*

© ТГПУ имени С. Айни, 2025

ISSN 2708-5759

The journal is included in the list of peer-reviewed scientific journals (publications) of the Republic of Tajikistan, as per the order of the Chairman of the Higher Attestation Commission under the President of the Republic of Tajikistan No. 399/m of October 25, 2024.

The journal is included in the database of «Russian Science Citation Index» (RISC), placed on the platform of the National Digital Library.

The journal is registered by the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan from May 01, 2023 under No.292/JR-97.

Address: *734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121*
Phone: *(+992 37) 224-36-91*
Fax: *(+992 37) 224-13-83*
E-mail: *vestnik.tgpu@gmail.com*
Journal website: *www.pedagog.tgpu.tj*

Editor-in-chief: ***Ibodullozoda Ahliddin Ibodullo*** *- Doctor of Historical Sciences, professor, rector of the TSPU named after S. Ayni*

Deputy Editor-in-chief: ***Rajabzoda Sirojiddin Ikrom*** *- Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-Rector for Research at TSPU named after S. Ayni*

Executive Editor: ***Muborakiyon S. M.***

THE EDITORIAL BOARD:

Majidova Bibihafiza *- Doctor of Pedagogical Sciences, Professor*
Nugmonov Mansur *- Doctor of Pedagogical Sciences, Professor*
Nurzoda Abdulboqi Nur *- Doctor of Pedagogical Sciences, Professor*
Rajabov Tagoymurod Boboqulovich *- Doctor of Pedagogical Sciences, Professor*
Sayfulloev Khayrullo Gabduloevich *- Doctor of Pedagogical Sciences, Professor*
Fayzalizoda Jumakhon Khol *- Doctor of Pedagogical Sciences, Professor*
Yunusova Nafisakhon Murodovna *- Doctor of Pedagogical Sciences, Professor*
Dadoboeva Madina Soliboevna *– Candidate of Pedagogical Sciences, Docent*
Boboeva Sayora Boborajabovna *– Doctor of Psychological Sciences, Professor*
Qodirov Umarali Dustqobilovich *- Doctor of Psychological Sciences, Professor*
Mukhamedova Dilbar Gafurdjanovna *- Doctor of Psychological Sciences, Professor*

© TSPU named after S. Ayni, 2025

МУНДАРИҶА / СОДЕРЖАНИЕ

ИЛМҲОИ ПЕДАГОГӢ / ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ НАУКИ

Раҷабова Ф. О.
Нақши академик Файзулло Шарифзода дар рушди педагогикаи миллӣ 7
Мусоджонзода Дж. М.
Познавательные универсальные учебные действия - основной фактор формирования исследовательской компетенции учащихся 14
Абдумуминзода С.
Масъалаҳои омоданамоии мутахассисони соҳаи китобдорӣ дар Тоҷикистон 19
Мамадносирова М. М.
Расму русум ва анъанаҳои халқӣ дар тарбияи духтарон 26
Назриева Ҷ. М.
Арзиши адабиёти рус дар ташаккули ҷаҳонбинӣ ва ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои болоӣ 35
Носиров С. Ш., Худойназаров М. А.
Заминаҳои методологии технологияҳои инноватсионӣ ва нақши истифодаи онҳо дар раванди таълими муосир 42
Арбобова Т. А.
Таҳаммулпазирӣ ҳамчун арзиши умумибашарӣ дар фаъолияти таълимию тарбиявии донишҷӯён 51
Ҳусенов Н. М.
Педагогикаи халқӣ ҳамчун намунаи асосии ташаккули тамаддуни миллати тоҷик 59
Melikova H., Yuzeyeva Z.
ChatGPT in Education: How Technological Proficiency Promotes Motivation and Effective Learning 67

МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМ ВА ТАРБИЯ / МЕТОДИКА ОБУЧЕНИЯ И ВОСПИТАНИЯ

Ғаффоров А.О.
Кори мустақилона ҳамчун омили рушди малакаҳои таҳқиқотии донишҷӯён 74
Назаров А. П., Наботзода Г. С.
Ибтидои таълими типи додаҳо дар забони барномасозии Python 81
Нугмонов М., Норов Р. С.
Арзёбии раванди ҳамгироии назариявию таърихӣ дар таълими геометрияи олии муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ 89
Бобозода У. Х., Бандаев С. Г., Бобозода М. У.
Истифодаи усули «Соати регӣ» дар ҳалли масъалаҳои химиявӣ ва самаранокии он дар инкишофи қобилияти маърифатии хонандагон 101
Баротзода К. А., Бандаев С. Г.
Ташаккули фаъолияти илмӣ-тадқиқотии донишҷӯён дар дарсҳои лексияи проблемавӣ аз фанни методикаи таълими биология 111
Назаров А. П., Ҷумаев Ҷ. А.
Роҳҳои сабукгардонии меҳнати истифодабарандагони протсессори матнии Word зимни корбарӣ бо рӯйхати адабиёт 119
Маҳкамов М.
Инкишофи фаъолияти эҷодии хонандагон ҳангоми исботи формулаи решаҳои муодилаҳои квадратӣ бо методи дохил намудани тағйирёбандаи нав 126
Бегимов Ҳ. Х.
Ташаккули қобилияти эҷодии хонандагони хурдсол зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ 134

Давлатмуродзода М. Д., Бобозода Б. Ҷ.
Мушкилотҳои раванди таълими фанни химия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ 141
Юсупова С. А.
Нақши фаъолгардонӣ дар таълими дарси забони модарии синфҳои ибтидоӣ 148
Собирова Г. К., Рустамова М.
Информационные технологии и их изучение для студентов гуманитарных вузов 153
Муродова Ш. С., Шодмонова Д. А.
Муҳити инноватсионии таълим ва таъсири он ба омӯзиши технологияҳои иттилоотӣ..... 162
Файзуллоева М. М., Салоҳиддини С.
Усулҳои муосири таълими химия бо имкониятҳои мавҷуда..... 169
Холиқов У. Б.
Хусусиятҳои методологӣ, мазмун ва мундариҷаи таҷрибаи педагогӣ дар ихтисосҳои математикӣ..... 176
Шарипов Қ. Б.
Татбиқи илм бо истеҳсолот ҳангоми таҷрибаомӯзии омӯзгорони ояндаи математика ва информатика 183
Давлатов С. С.
Современная форма и методы обучению биологии в школе 189
Таирова Д. М.
Принсипҳои асосии муносибати босалоҳият дар таълими адабиёт..... 198
Азизбеки М.
Кори мустақилонаи донишҷӯён ҳамчун шакли фардигардонии раванди таълими “Практикуми ҳалли масъалаҳои математикӣ” дар низоми кредитии таҳсилоти олии педагогӣ 206
Худоиева Н. Н.
Роль русского языка в обучении военных специалистов Республики Таджикистан (на примере Военного института Министерства обороны Республики Таджикистан) 214

ИЛМҲОИ ПСИХОЛОГӢ / ПСИХОЛОГИЧЕСКИЕ НАУКИ

Зайтметов Х. А.
Роҳҳои баланд бардоштани маромнокии шахс ба мутолиаи адабиёти бадеӣ..... 220
Шарипов А.
Такт ва техникаи муошират омӯзгорӣ ҳамчун омили инкишофдиҳандаи фаъолияти педагогӣ 228
Исломзода Ф. Р.
Формирование чувств собственного достоинства у учащихся начальной школы..... 234
Сулейманова А. Г.
Личностно-ориентированное обучение в системе идентификации своей личности 240

ТДУ 370(091) (075.8)

НАҚШИ АКАДЕМИК ФАЙЗУЛЛО ШАРИФЗОДА ДАР РУШДИ ПЕДАГОГИКАИ МИЛЛӢ

Раҷабова Ф. О.
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Тадқиқ ва дарки ҷараёни таърихӣ, муайян кардани муносибати қонунӣ ва тасодуфӣ дар он омӯзиши масъалаи нақши шахсияти мушаххасро дар ҳолати муайяни таърихӣ ба таври ногузир талаб мекунад. Вобаста ба ин, тадқиқи афкори илмӣ-педагогӣ ва эҷодиёти шахсиятҳое, ки дар рушди илму фарҳанг ва маориф саҳми арзанда гузоштаанд, барои дар руҳияи муҳаббат ба Ватан тарбия намудани ҷавонон ва рушд додани неруи зеҳнии онҳо аҳамияти хеле бузург дорад.

Яке аз чунин шахсиятҳо, ки дар рушди педагогикаи тоҷик саҳми арзанда гузошта, дар омода намудани мутахассисони варзидаи соҳаи педагогика хизматҳои шоиста кардааст, академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Файзулло Шарифзода мебошад. Омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти илмӣ-педагогии академик Ф. Шарифзода тадқиқи ҳамаҷониба, маҷмуӣ ва татбиқи амалиро дар фаъолияти муассисаҳои низоми маориф, илм ва фарҳанги Ҷуиҳурии Тоҷикистон тақозо мекунад.

Академик Ф. Шарифзода ҳамчун муҳаққиқи шоиста тавассути асарҳои сершумори худ дар илми педагогикаи миллӣ, ки бо суханҳои ӯ илми инсонофар аст, хизматҳои арзанда намудааст. Ф. Шарифзода яке аз чеҳраҳои дурахшони илму фарҳанг ва маорифи тоҷик буда, дар ташаккул ва рушди педагогикаи миллӣ, инчунин низоми нави маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми бузург ва бебаҳо гузоштааст. Ӯ олим ва омӯзгори барҷастаест, ки дар соҳаҳои гуногуни илм, фарҳанг ва маориф мероси бузурги илмӣ дорад. Мероси илмии академик Ф. Шарифзода беш аз 300 асари илмӣ ва мақолаҳои тадқиқотиро дар бар мегирад. Тадқиқоти ӯ асосан ба соҳаи илми педагогика, самтҳои афзалиятноки низоми муосири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон бахши шудааст.

Осори гаронбаҳо ва ғояҳои педагогии академик Ф. Шарифзода тадқиқоти махсуси заминавиро талаб мекунад, зеро онҳо имкон медиҳанд таклифу пешниҳодҳои илмии ин олим дар кори тарбияи насли наврас ба таври васеъ ва мақсаднок истифода бурда шаванд. Асарҳои илмии ӯ, ки дар даврони истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд, ба масъалаҳои консептуалии педагогикаи миллӣ ва ислоҳоти соҳаи маориф бахшида шудаанд. Баъзе аз корҳои илмии ӯ ба тадқиқи масъалаҳои баланд бардоштани сифат ва пурра гардонидани фалсафаи таълим, тарбия, аз ҷумла, омӯзиши ҳамгирой, шарҳи андешаҳои педагогии ниёгон ва роҳҳои имконпазири истифодаи онҳо дар фаъолияти амалии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии муосири ҷумҳурӣ бахшида шудаанд.

Академик Ф. Шарифзода яке аз олимони маъруфи соҳаи педагогикаи тоҷик на танҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки берун аз ҳудуди он ба шумор меравад. Ӯро ҳамчун донишманд ва омӯзгор дар Шарқ, Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил мешиносанд ва эътироф мекунанд [3, с. 3].

Афкори педагогии мутафаккирони тоҷику форсро ба таври васеъ омӯхта, академик Ф. Шарифзода оид ба рушди соҳаи маориф дар асри XXI қайд намудааст, ки соҳаи маориф дар шароити муосир бояд хосияти навоварӣ дошта бошад. Ҷавононро зарур аст бештар омӯзанд, то мутахассисони тафаккурашон рушдёфта гардида, дар ин самт аз осори гузаштагон васеъ истифода намоянд [8, с. 47]. Профессор Ф. Шарифзода боварии комил дорад, ки дар

ҷумҳурии мо дар солҳои охир ба масъалаи инкишоф ва беҳтар намудани сифати таълим дар низоми миллии маориф диққати бештар дода мешавад.

Академик Ф. Шарифзода дар асари машҳури худ «Масъалаҳои муҳимми педагогикаи муосир» ба тадқиқи масъалаҳои гуногуни педагогика дар ҷумҳурии мо дахл намудааст. Истифодаи ғояҳои инноватсионӣ дар фаъолияти амалии муассисаҳои таълимии муосир имкон медиҳад сифати ҷараёни таълим баланд бардошта шавад. Ин олими маъруф андеша дорад, ки дар шароити муосир муаллим дар фаъолияти амалии худ бояд на танҳо бо пешниҳоди донишҳо, маҳорату малака қаноат кунад, инчунин ба аниқ намудан ва рушд додани ҳамаи имкониятҳои муҳимми хонанда машғул гардад [8, с. 121].

Профессор Ф. Шарифзода дар асарҳои пурқимати худ нақш ва мақоми педагогикаро, ки ҳамчун илм ба тадқиқи хусусиятҳои хоси одам машғул аст, бо дигар илмҳо, ки ба омӯзиши ҷиҳатҳои гуногуни одам равона гардидаанд, муқоиса намудааст. Ба андешаи ин муҳаққиқ, педагогика аз дигар илмҳои гуманитарӣ бо он фарқ мекунад, ки инсонро дар ҳамбастагии ҷараёни таълим ва тарбия меомӯзад, яъне ҷомеаи фарҳангиро ба вуҷуд меорад ва ташаккул медиҳад [7, с. 82].

Монографияи академик Ф. Шарифзода «Ҳикмати афкори педагогии ниёгон» (2012) ба тадқиқи асарҳои пуразиши классикони адабиёти тоҷик, ки дар онҳо ақидаҳои зиёди ахлоқӣ ва инсонпарварона ҷой доранд, бахшида шуда, барои доираи васеи хонандагон тавсия карда мешавад [6, с. 140].

Асарҳои академик Ф. Шарифзода доираи хеле васеи масъалаҳои педагогиро дар бар гирифта, дар даврaҳои гуногуни фаъолияти илмӣ-педагогии муаллиф таҳия ва нашр шудаанд. Фаъолияти эҷодӣ ва илмию педагогии академик Ф. Шарифзодаро шартан ба се давра ҷудо кардан мумкин аст, ки ҳар кадоми онҳо аз рӯи мавзуҳои тадқиқотии олим, инчунин амиқии таҳлили онҳо мувофиқи вазъи иҷтимоию иқтисодии дар ҷомеа ташаккулёфта, самти тадқиқот, аз ҷумла дар соҳаи педагогика, аз ҳамдигар фарқ доранд.

Ҳамин тавр, давраи аввали фаъолияти академик Ф. Шарифзода солҳои 1972-1990-ро дар бар мегирад. Давраи дуюм солҳои 1991-2000-ро фаро мегирад, ки онро метавон марҳалаи ташаккули афкори олим оид ба арзишҳои педагогикаи миллӣ ва мавқеъ пайдо намудани ӯ дар низоми муосири таълиму тарбия номид. Марҳалаи сеюми фаъолияти олим аз соли 2001-ум оғоз ёфта, то кунун идома дошта, дар ин давра олим беҳтарин ғояҳои илмии худро дар бораи ташкили мактаби инноватсионӣ, ки ба принсипҳои инсондустӣ, демократикунонии раванди таълиму тарбия такя мекунанд, таҳия ва барои татбиқи амалӣ пешниҳод намудааст. .

Академик Ф. Шарифзода дар марҳалаи аввали фаъолияти эҷодӣ ва илмию педагогии худ (солҳои 1972-1990) диққати асосиро ба омӯзиши методикаи таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоии мактабҳои миллӣ равона карда буд. Асоси фаъолияти ин олимро назарияи педагогии муҳаққиқони маъруфи шуравӣ, ки ба омӯзиши масъалаҳои мухталифи илмҳои педагогика ва психология бахшида шудаанд, ташкил додааст. Ба андешаи академик Ф. Шарифзода, бидуни мундариҷаи аз ҷиҳати илмӣ асосноки таълимӣ ба татбиқи бомуваффақияти ҳадафи асосии таълими муосир - инкишофи ҳамаҷониба ва мутаносиби хонандагон умед кардан душвор аст [9, с. 48].

Марҳилаи дуюми фаъолияти эҷодӣ ва илмию омӯзгории академик Ф. Шарифзода (солҳои 1991-2000) ба давраи соҳибистиқлолии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар ташаккули андешаҳои ӯ оид ба масъалаҳои тарбия ва таълим дар мактаби миллӣ нақши муҳим бозидааст, зич алоқаманд мебошад. Таҳлили мавзуъ ва мазмуни корҳои илмии олим, ки дар ин давра таҳия ва нашр шудаанд, нишон медиҳад, ки онҳо бештар ба тадқиқи масъалаҳои таълими ҳамгиро дар мактабҳои ибтидоии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудаанд [2, с. 24].

Академик Ф. Шарифзода дар педагогикаи тоҷик аввалин шуда масъалаҳои таълими ҳамгироро мавриди омӯзиш қарор дода, назарияи нави таълимро таҳия намудааст. Ин назария боиси ислоҳоти куллӣ дар мактабҳо, махсусан, дар синфҳои ибтидоӣ гардида, ба он оварда расонид, ки китобҳои дарсӣ ва маводҳои таълимӣ-методӣ хусусияти миллӣ пайдо карданд [2, с. 27].

Дар давраи дуюми фаъолияти эҷодӣ ва илмию педагогии худ академик Ф. Шарифзода дар таҳияи нақшаҳои таълимӣ, барномаҳо, китобҳои дарсӣ ва маводҳои таълимии синфҳои ибтидоии муассисаҳои миёнаи таҳсилоти умумӣ фаъолона иштирок кардааст. Дар таҳияи стандартҳои давлатии таҳсилоти ибтидоӣ ҳамчун ҳаммуаллиф иштирок намудааст.

Академик Ф. Шарифзода дар давраи сеюми фаъолияти худ ба тадқиқи масъалаи таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ аҳамияти бештар дода, тавонист назарияи педагогикаи миллиро дар доираи таълими ҳамгиро таҳия ва дар амал татбиқ кунад. Ин назария дар баланд бардоштани сатҳи донишандӯзии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар самти омӯзиши забони модарӣ саҳми арзанда гузоштааст, ки ин яке аз беҳтарин комёбиҳои академик Ф. Шарифзода ба шумор меравад. Бо пешниҳоди ин олими маъруф дар синфҳои ибтидоӣ дар таълими забони модарӣ - «Забони модарӣ барои синфҳои 2-4» омӯзиши ҳамгиро ҷорӣ карда шуд. Олим чунин андеша дорад, ки таълими ҳамгиро назар ба дигар масъалаҳои педагогӣ ҷолибтар ва пурмаҳсултар мебошад [12, с. 90].

Таълими ҳамгиро, бешубҳа, афзалиятҳои зиёд дорад:

- он имкон медиҳад, ки сатҳи азхудкунии ҳар як фанни таълимӣ баланд бардошта шавад;

- алоқаи байнифанниро дар ҷараёни таълими ҳамгиро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ низ таъмин мекунад.

Бояд қайд намуд, ки робитаи ноустувори байнифаннӣ дар самти ташаккул ва рушди ҷаҳонбинии умумии хонандагон, боиси ба вуҷуд омадани масъалаҳои зиёди ҳалталаб мегардад. Яке аз чунин масъалаҳо маҳдудии ҷаҳонбинии хонандагон ба шумор меравад. Аз ин рӯ, бояд алоқаи байнифаннӣ торафт мустаҳкам карда шуда, истифодаи таълими ҳамгиро васеътар гардонида шавад, то натиҷаи ҷараёни таълим боз ҳам беҳтар гардонида шавад. Воқеан ҳам, дар шароити муосир маҳз ҷорӣ намудани таълими ҳамгиро имкон медиҳад, ки сатҳи донишазхудкунии хонандагон баланд бардошта шуда, ҷаҳонбинии онҳо васеътар карда шавад.

Бояд гуфт, ки ҷараёни ҳамгиро имрӯз тамоми соҳаҳои ҳаёти инсонро фарогир шудааст. Бинобар ин, дар раванди таълим ҷорӣ намудани таълими ҳамгиро талаботи замони муосир мебошад. Боиси қайд аст, ки академик Ф. Шарифзода дар соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳия ва татбиқи амалии таълими ҳамгиро нақши калидӣ бозидааст.

Дар зери мафҳуми «таълими ҳамгиро» ҷамъи фанҳое фаҳмида мешавад, ки аз рӯи мавзуъ ва ҳадафи умумӣ бо ҳам хеле наздик мебошанд. Дар доираи омӯзиши ин фанҳо хонанда объект ва ё ҳодисаву воқеаҳои гуногунро хеле хуб дарк мекунад. Мавзуъҳои фанҳое, ки ба доираи фанҳои ҳамгиро дохил мешаванд, интихоби дуруст ва мақсаднокро тақозо менамоянд, то ки тавонанд дар ташаккул ва рушди ҷаҳонбинии умумии хонандагон таъсири мусбат расонанд. Дар доираи таълими ҳамгиро мавзуъҳои фанҳо бояд барои аз ҷониби хонандагон дарк намудани моҳияти мафҳум ва ҳодисаҳои омӯхташаванда мусоидат кунанд.

Академик Ф. Шарифзода чунин андеша дорад, ки таълими ҳамгиро имкон медиҳад хонандагон дар раванди таълим мустақил шуда, шавқу завқашон ба донишандӯзӣ бештар гардида, қобилияти дарккуниашон инкишоф ёбад. Натиҷаҳои таълими ҳамгиро дар инкишофи тафаккури эҷодии хонандагон инъикос мешавад [5, с. 62].

Таълими ҳамгиро асосан ба рушди шахсияти талабон нигаронида шуда, дар инкишофи ҳаматарафаи маҳорату малака, тараққиёти тафаккури эҷодии онҳо таъсири мусбат расонида, барои ҷамъбаст намудани донишҳои омӯхташуда мусоидат менамояд. Мунтазам татбиқ намудани донишҳои азхудшуда имкон медиҳад, ки хонандагон аз воситаҳои гуногуни аёнӣ васеътару хубтар истифода баранд. Таълими ҳамгиро бояд як самти асосии фаъолияти ҳар як омӯзгор буда, дар баланд бардоштани сатҳ ва сифати дониши хонандагон нақши муҳим бозад.

Ба андешаи профессор Ф. Шарифзода, фаъолияти омӯзгор зимни таълими ҳамгиро асосан ба шахсияти хонанда равона карда мешавад ва аз ин рӯ, ба инкишофи ҳамаҷонибаи қобилият, фаъол гардидани ҷараёнҳои тафаккури хонандагон мусоидат намуда, онҳоро ба ҷамъбасти донишҳо аз илмҳои гуногун водор месозад [5, с. 28].

Таълими ҳамгиро метавонад ба натиҷаҳои зерин оварда расонад:

- дарки мафҳумҳои асосӣ ва дараҷаи донишазхудкунии талабагон аз фанҳои таълимӣ баланд шуда, маҳорату малакаи хонандагон инкишоф меёбад;

- хонандагон маводҳои таълимиро дар асоси усулҳои муосири таълим хубтару беҳтар азхуд намуда, қобилияти таҳлилкуниашон инкишоф меёбад;

- эҳсоси талабагон дар самти омӯзиши мусиқӣ, кашидани расм, хондани китобҳои гуногун рушд меёбад;

- дар вуҷуди хонандагон ташаккул додани шавқу завқ ба идрок, ки дар хоҳиши хонандагон барои фаъолона ва мустақилона дар дарс ва пас аз он фаъолият кардан ифода меёбад;

- ба фаъолияти эҷодӣ ҷалб намудани хонандагон имкон медиҳад, ки онҳо ба навиштани шеър, расмкашӣ ва дигар корҳои эҷодӣ машғул шуда, муносибати шахсиашон ба ҳодисаву воқеаҳо тағйир ёбад.

Профессор Ф. Шарифзода боварии комил дорад, ки дар синфҳои ибтидоӣ на танҳо ҳамгиро намудани фанҳо мумкин аст, балки тавассути он рафтору кирдор ва муносибати хонандагонро низ ҳамгиро кардан имконпазир мебошад [10, с. 84].

Дар шароити муосир дар ҷумҳурии мо дар синфҳои ибтидоӣ фанни забони модарӣ аз рӯи китобҳои дарсии академик Ф. Шарифзода - «Алифбо» ва «Забони модарӣ» таълим дода мешавад, ки асоси онҳоро таълими ҳамгиро ташкил медиҳад. Ҷиҳатҳои асосии назариявӣ, методӣ ва таҷрибавию амалии таълими ҳамгиро дар соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳз аз ҷониби ин олими сермаҳсул таҳия гардидааст, ки дар он масъалаҳои гуногуни таълим бо истифодаи технологияҳои нав тадқиқ шудаанд.

Бояд қайд намуд, ки принсипҳои асосии ташкили таълими ҳамгиро дар асоси қонунҳо, санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, барномаҳои илмию тадқиқотӣ ба сифати фармоишҳои иҷтимоӣ, бо мақсади зиёд намудани таваҷҷуҳи муҳаққиқон ба масъалаҳои ҳамгироии педагогӣ, ба роҳ монда шудааст.

Бо роҳбарии академик Ф. Шарифзода барномаҳои таълимӣ аз фанни забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ дар асоси принсипҳои таълими ҳамгиро таҳия ва амалӣ карда шудааст. Ин олим инчунин намудҳо ва технологияҳои таълими ҳамгиро, дарсҳои ҳамгиро, таълими марказонидашуда ва дигар паҳлуҳои хоси таълими ҳамгироро мавриди омӯзиш қарор дода, натиҷаҳои тадқиқоти худро барои татбиқи амалӣ дар соҳаи маорифи кишвар пешниҳод намудааст.

Академик Ф. Шарифзода дар марҳилаи сеюми фаъолияти худ (аз соли 2001 то имрӯз) ба тадқиқи масъалаҳои муҳимми педагогикаи миллӣ машғул шуда, барои таҳияи ғояҳои наву самаранок асарҳои олимони асримиёнагии тоҷик ва форсро ба таври васеъ омӯхтааст. Омӯзиши ин асарҳо имкон дод, ки олим ғояҳои навро дар самти таълим таҳия намояд.

Бояд гуфт, ки китобҳои калонҳаҷм ва пурмазмуни академик Ф. Шарифзода маҳз дар давраи сеюми фаъолияти ӯ навишта шудаанд. Ба чунин асарҳо дохил мешаванд: Масъалаҳои муҳими педагогикаи муосир, дар ду китоб, солҳои 2009-2010); Ҳакими маърифат (2009); Педагогика: назарияи инсонофар ва ҷомеаи фарҳангӣ (2010); Педагогикаи ҳамгиро (2011); Ҳикмати афкори педагогии ниёгон (2012); Педагогикаи қарни XXI (бо ҳуруфи арабӣ), Теҳрон (2012); Педагогикаи умумӣ ва касбӣ (2013); Педагогикаи ибтикорӣ (2013); Методикаи таълими забони модарӣ дар синфи 2 (2014).

Академик Ф. Шарифзода ҳамчун олими пуртаҷриба дар таҳияи асарҳои зерин ҳамчун ҳаммуаллиф саҳми басо арзанда гузоштааст: «Очеркҳои афкори педагогӣ» (2005), «Педагогика (курси лексияҳо)» (2006), «Муаллим - офарандаи накӯӣ ва пешравиҳо» (2010). Ҳамчунин ин олими пурмаҳсул дар навиштани китобҳои дарсии «Алифбо», «Забони модарӣ» (барои синфи 2), «Забони модарӣ» (барои синфи 4), «Одобнома» (барои синфҳои 5-6) низ ҳаммуаллифӣ кардааст. Ӯ инчунин якчанд дастур ва барномаҳои таълимиро низ таҳия намудааст.

Мазмун ва мундариҷаи асосии фаъолияти академик Ф. Шарифзода дар давраи сеюми фаъолияти эҷодӣ ва илмӣ-тадқиқотии ӯ бештар ба асоснок намудани зарурати омӯзиш ва

тадқиқи педагогикаи миллӣ, ки ба тарғиби тарбияи маънавӣ, ҳувияти миллӣ ва ифтихори миллӣ, ғанӣ гардонидани мазмуни ҷараёни таълим равона гардидааст, бахшида шудааст.

Ба андешаи академик Каримова И.Х. «Яке аз хусусиятҳои муҳимми осори илмии Файзулло Шарифзода, махсусан китобҳои дарсие, ки муҳаққиқ таълиф намудааст, аз он иборат аст, ки ӯ тамоми маводи онҳоро (матни порчаҳои бадеӣ, саволу супоришҳо, чистону зарбулмасал, ривояту афсонаҳо, тезгӯяку масалҳо, расму бозиҳои дидактикиро) дар натиҷаи таҳлили ҳамаҷонибаи осори ниёгон ва олимону адибони муосири тоҷик интихоб карда, ба ин васила насли наврасро ба ҳаёти илмию адабӣ ва маънавии гузаштагону муосирон ошно месозад» [1, с. 213].

Ҳангоми таҳияи масъалаҳои фалсафаи маориф дар асри XXI, аз ҷумла, ақидаҳои ғоявию методии ба он алоқаманд, ҷиҳатҳои муосири маорифи башардӯстона ва ҷараёни тамаддун, бахши таърихии робитаи педагогика бо фалсафа ва антропология, бо такя ба ақидаҳои фалсафии файласуфони гузашта, ба монанди Суқрот, Афлотун ва Арасту, академик Ф. Шарифзода кайд мекунад, ки ҳаргуна дониш, ҳатто дониши назариявӣ ҳам, дар якҷоягӣ худшиносӣ, амиқгардонӣ ва дар ниҳояти кор кӯшиш ба омӯхтан ва боз омӯхтан мебошад. Аз ин рӯ, ин олим чунин мешуморад, ки аз ҳамин ҷо «... принсипи «муошират» дар тарбия ба вуҷуд омадааст, ки ба он Суқрот, Афлотун ва Арасту эътиқодманд буданд» [11, с. 29].

Профессор Ф. Шарифзода қайд намудааст, ки инкишофи зеҳнӣ ва фикрии кӯдакон, наврасон ва ҷавонон дар ҷараёни таълим, дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот ва инчунин дар ҳаёти минбаъдаи онҳо вазифаи асоситарин ва муҳимтарин буда, бояд таҳқиқ карда шавад, чунки ягон намуд фаъолияти инсон, аз он ҷумла, фаъолияти таълимӣ бе фикр ва таҳлил кардан ба анҷом расонида намешавад. Аз ин ҷост, ки инкишофи қобилияти фикрронӣ ва дар асоси он инкишофи қобилияти зеҳнии талабагон ва инчунин донишҷӯён зимни ҷараёни таълим ва тарбия ба сифати ҳадаф ва вазифаи ҳалкунандаи ҷараёни бедории фикрӣ, солимӣ, таҳлилкунӣ, мустақилӣ, эҷодкорӣ дар ҷойи якум гузоштаву ҳал карда шавад [4, с. 5].

Академик Ф. Шарифзода ба даҳҳо ҷавонони соҳибистеъдод ва эҷодкор, ки дар соҳаи илми педагогика тадқиқоти илмӣ мебаранд, кӯмак расонида, дар омода намудани мутахассиони ин соҳа саҳми басо арзанда гузоштааст. Таҳти роҳбарии ӯ зиёда аз 40 нафар рисолаҳои илмии худро дифоъ кардаанд, аз қабили академик Каримова И.Х., докторони илм Қодиров Б.Р., Зиёзода Т.Н., Қосимова И.Т., Юнусова Н.М., Сабуров Ҳ.М., Булбулов Ҷ., Файзалиев Ҷ.Х. ва дигарон, ки олимони намоёни Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд [2, с. 33].

Дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи фаъолияти эҷодӣ ва илмӣ-педагогии академик Ф. Шарифзода метавон якчанд комёбиҳо ва навгониҳои муҳимми илмии ӯро нишон дод:

- таҳия ва татбиқи амалии таълими ҳамгиро, ки дар педагогикаи муосир яке аз муҳимтарин ва маҳсулноктарин назария эътироф гардидааст. Таълими ҳамгиро асосан таъмини алоқаи байнифанниро ҳангоми омӯзиши фанҳои ба ҳам наздик - забон, хониш, навиштан, хониши беруназсинфӣ дар синфҳои ибтидоӣ, дар назар дорад. Ин назарияро зимни таълими дигар фанҳо, ҳам дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ҳам дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, дар амал татбиқ кардан имконпазир ва зарур мебошад. Татбиқи амалии назарияи мазкур ба хонандагон имкон медиҳад, ки ягонагии коинот, ҳодисаю воқеаҳои ҷаҳон ва ҷомеаро фаҳманд;

- таълими ҳамгиро манфиатовар буда, хароҷотро дар ҷараёни таълим кам мекунад: ба ҷои ду-се китоби дарсӣ - як китоб, ба ҷои 3-4 тавсияҳо ва маводҳои методӣ як мавод интишор карда шуда, сарбории хонандагон кам карда мешавад ва ғайра. Ғайр аз ин, тавассути таълими ҳамгиро ба ҳадафҳо ва вазифаҳои фанҳои алоқаманд пурра ноил шудан имконпазир мебошад.

- асарҳои илмӣ ва таълимӣ-методии академик Ф. Шарифзода оид ба забони модарӣ, масалан, барномаҳо ва дастурҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ вобаста ба мазмуну мундариҷа ва ҷиҳатҳои хоси педагогии худ, дар инкишофи маълумоти ибтидоӣ дар соҳаи маорифи ҷумҳурӣ саҳми калидӣ бозидаанд. Дар ин асару маводҳои илмӣ ва таълимию методӣ олим заминаро барои гузаштан аз муносибсозии усулҳои таълими забони модарӣ ба ҳалли масъалаҳои таълим дар сатҳи нав - таълими ҳамгиро омода кардааст.

Адабиёт

1. *Каримова, И. Х. Масъалаҳои рушди қобилияти зеҳнии насли наврас дар осори илмии академик Файзулло Шарифзода / И.Х. Каримова, Ҷ.Ҷ. Файзалиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - 2024. - №2. - С. 212-219.*
2. *Файзалиев, Д. Д. Вклад академика Файзулло Шарифзода в развитие педагогической науки: Дисс. ... канд. пед. наук. – Душанбе, 2024. - 201 с.*
3. *Шарипов, Ф. Фидоие дар роҳи илм / Ф. Шарипов, Ҷ. Файзалиев. - Душанбе: Андалеб-Р., 2015. - 184 с.*
4. *Шарифзода, Ф. Доктринаи таҳсилоти насли бомаърифати ояндасоз / Муҳаррир С. Камолзода. – Душанбе, 2022. - 16 с.*
5. *Шарифзода, Ф. Педагогикаи ҳамгиро / Ф. Шарифзода. - Душанбе: Ирфон, 2011. - 512 с.*
6. *Шарифзода, Ф. Ҳикмати афкори педагогии ниёгон / Ф. Шарифзода, Ҷ.Файзалиев. - Душанбе: Ирфон. - 2012. - 415 с.*
7. *Шарифзода, Ф. Педагогика: назарияи инсонофар ва ҷомеаи фарҳангӣ / Ф. Шарифзода. - Душанбе: Ирфон, 2010. - 369 с.*
8. *Шарифзода, Ф. Актуальные проблемы современной педагогики. Книга II / Ф. Шарифзода. - Душанбе: Ирфон. - 2010. - 328 с.*
9. *Шарифзода, Ф. Ҳамгиросозии илм ва таҳсилот дар оини пажӯҳишҳои навин / Ф.Шарифзода // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. - 2014. - №2. - С. 42-55.*
10. *Шарифзода Ф. Интегрированное образование - явление в отечественной педагогике / Ф.Шарифзода. - Душанбе: Ирфон, 2010. - 136 с.*
11. *Шарифзода, Ф. Философия образования XXI века / Ф. Шарифзода // Актуальные проблемы современной педагогики. Книга 1. / Ред. И.Н. Самадова / Ф. Шарифзода. - Душанбе: Ирфон, 2009. - С. 28-56.*
12. *Шарифзода, Ф. Забони модарӣ барои синфи 2. Китоби дарсӣ / Ф. Шарифзода Р. Мирзоев. - Душанбе: Фарас, 2005. - 238 с.*

НАҚШИ АКАДЕМИК ФАЙЗУЛЛО ШАРИФЗОДА ДАР РУШДИ ПЕДАГОГИКАИ МИЛЛӢ

Мақолаи мазкур ба тадқиқи фаъолияти гуногунпаҳлуи академик Файзулло Шарифзода ва нақши ӯ дар рушди педагогикаи миллӣ бахшида шудааст. Ба андешаи муаллифи мақола омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти илмӣ-педагогии академик Ф. Шарифзода тадқиқи ҳамаҷониба, маҷмуӣ ва татбиқи амалиро дар фаъолияти муассисаҳои низоми маориф, илм ва фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон тақозо мекунад. Яке аз хусусиятҳои хоси осори гаронбаҳои академик Ф. Шарифзода он аст, ки олим дар заминаи таҳқиқи афкори педагогии ниёгон самтҳои асосӣ ва муҳимми рушди педагогикаи миллиро дар замони муосир муайян намудааст. Муаллифи мақола фаъолияти эҷодӣ ва илмию педагогии академик Ф. Шарифзодаро шартан ба се давра ҷудо карда, дастовардҳои асосии олимро дар ин давраҳо муайян намудааст. Он асарҳои илмии ин олим, ки дар даврони соҳибистиқлолии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва нашр шудаанд, бештар ба тадқиқи масъалаҳои таълими ҳамгиро дар мактабҳои ибтидоии миллӣ бахшида шудаанд. Академик Ф. Шарифзода дар педагогикаи тоҷик аввалин шуда масъалаҳои таълими ҳамгироро тадқиқ намуда, назарияи нави таълимро таҳия намудааст. Маҳз бо ташаббуси ин олим гузариш ба омӯзиши ҳамгиро дар таълими забони модарӣ оғоз шуд. Муаллифи мақола афзалиятҳои асосии таълими ҳамгиро муайян кардааст. Саҳми академик Ф. Шарифзода дар омода намудани мутахассисони дар соҳаи илми педагогика дараҷаи илмидошта хело арзанда мебошад.

Калидвожаҳо: педагогикаи миллӣ, соҳибистиқлолии давлатӣ, забони модарӣ, таълими ҳамгиро, Файзулло Шарифзода, фалсафаи таълим, тарбия, фаъолияти илмӣ-педагогӣ.

РОЛЬ АКАДЕМИКА ФАЙЗУЛЛО ШАРИФЗОДА В РАЗВИТИИ НАЦИОНАЛЬНОЙ ПЕДАГОГИКИ

Статья посвящена изучению многогранной деятельности академика Файзулло Шарифзода и его роли в развитии национальной педагогики. По мнению автора статьи, изучение жизни и научно-педагогической деятельности академика Ф. Шарифзода призывает к всестороннему, комплексному изучению и практическому внедрению в деятельность учреждений системы образования, науки и культуры Республики Таджикистан. Одной из отличительных особенностей ценных трудов академика Ф. Шарифзода заключается в том, что ученый на основе изучения педагогических идей

своих предков определил основные и важные направления развития национальной педагогики в современности. Автор статьи творческую и научно-педагогическую деятельность академика Ф. Шарифзода условно разделил на три периода и выделил основные достижения ученого в эти периоды. Научные труды этого ученого, разработанные и опубликованные в период государственной независимости Республики Таджикистан, в основном посвящены изучению вопросов интегрированного обучения в отечественных начальных школах. Академик Ф. Шарифзода первым в таджикской педагогике исследовал вопросы интегрированного обучения и разработал новую теорию обучения. Именно по инициативе этого ученого начался переход к интегрированному обучению родному языку. Автор статьи выделил основные преимущества интегрированного обучения. Вклад академика Ф. Шарифзода имеет большое значение в подготовке специалистов в области педагогической науки с учеными степенями.

Ключевые слова: национальная педагогика, государственная независимость, родной язык, интегрированное обучение, Файзулло Шарифзода, философия образования, воспитание, научно-педагогическая деятельность.

THE ROLE OF ACADEMICIAN FAYZULLO SHARIFZODA IN THE DEVELOPMENT OF NATIONAL PEDAGOGY

The article is devoted to the study of the multifaceted activities of Academician Fayzullo Sharifzoda and his role in the development of national pedagogy. According to the author of the article, the study of the life and scientific and pedagogical activity of Academician F. Sharifzoda calls for a comprehensive, integrated study and practical implementation in the activities of institutions of the educational, scientific and cultural system of the Republic of Tajikistan. One of the distinctive features of the valuable works of Academician F. Sharifzoda is that the scientist, based on the study of the pedagogical ideas of his ancestors, determined the main and important directions of the development of national pedagogy in modern times. The author of the article conditionally divided the creative and scientific and pedagogical activity of Academician F. Sharifzoda into three periods and highlighted the main achievements of the scientist during these periods. The scientific works of this scientist, developed and published during the period of state independence of the Republic of Tajikistan, are mainly devoted to the study of issues of integrated education in domestic primary schools. Academician F. Sharifzoda was the first in Tajik pedagogy to study the issues of integrated learning and developed a new theory of learning. It was on the initiative of this scientist that the transition to integrated learning of the native language began. The author of the article highlighted the main advantages of integrated learning. The contribution of Academician F. Sharifzoda is of great importance in the training of specialists in the field of pedagogical science with academic degrees.

Keywords: national pedagogy, state independence, native language, integrated learning, Faizullo Sharifzoda, philosophy of education, upbringing, scientific and pedagogical activity.

Дар бораи муаллиф
Раҷабова Фирӯза Олмаҳмадовна
Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи психология
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода
734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиева 17/6
E-mail: f.o.rajabova@mail.ru

Об авторе
Раджабова Фируза Олмахмадовна
Кандидат педагогических наук, доцент, заведующий кафедрой психологии
Таджикский международный университет иностранных языков имени С. Улугзаде
734019, Республики Таджикистан,
г. Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6
E-mail: f.o.rajabova@mail.ru

About the author
Rajabova Firuza Olmahmadovna
Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Psychology
Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda
734019, Republik of Tajikistan, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev street
E-mail: f.o.rajabova@mail.ru

УДК 37 (091) 573

ПОЗНОВАТЕЛЬНЫЕ УНИВЕРСАЛЬНЫЕ УЧЕБНЫЕ ДЕЙСТВИЯ - ОСНОВНОЙ ФАКТОР ФОРМИРОВАНИЯ ИССЛЕДОВАТЕЛЬСКОЙ КОМПЕТЕНЦИИ УЧАЩИХСЯ

Мусоджонзода Дж. М.
Институт развития образования имени А. Джами
Академии образования Таджикистана

Для интерпретации понятия «умения» необходимо обращать внимание и на его результативный компонент. Таким образом, если умение представляет собой комплекс действий, то данное понятие, независимо от масштаба совершаемых действий, можно трактовать, как эффективное действие, посредством которого получают планируемый результат. В этом случае под неумением подразумевают деятельность, реализация которой не привела к нужному результату.

Простыми словами «познание» можно обозначить, как процесс перехода от незнания к знанию. Другая упрощённая формулировка, «познание», это увеличение объёма и содержания знания.

Познанию характерно субъект-объектная структура. Выражается оно в особом виде деятельности людей, целью которой является обновление знаний.

Познание ставит перед собой цель поиска истины. Результатом этого действия становиться знание. Таким образом, истинной в данном случае становиться, то, что ищут и к чему стремятся. Тогда знание, это продукт этого поиска.

Продуктом любого познавательного процесса является знание, полученное в ходе создания моделей окружающего мира, объектов, явлений, приближённых к идеалу, образов объективной реальности.

Субъект, используя ресурсы сознания, стремится получить знания об определённом объекте. Данный процесс характеризует познание. Отсюда следует, что субъект и объект, в ходе своего взаимодействия производит знание.

Данное утверждение приводит к нас к выводу, что познание объединяет субъективное с объективным. Однако, в этом процессе есть и психологический компонент. Чтобы человек смог реализовать своё стремление к познанию, он должен мыслить, воспринимать, воображать и т.п. Кроме этого в познании участвует память, внимание. Это всё психологические процессы.

А.В. Хуторской самостоятельную познавательную деятельность школьника видит, как комплекс, состоящий из общеучебной, логической и методологической деятельности, которые представляют учебно-познавательную компетенцию учащегося и соотносятся с целями её планирования, целеполагания, самооценки, анализа и рефлексии [1].

О.Б. Даутова в своей научной работе рассмотрела вопросы изменения учебно-познавательной деятельности ученика общеобразовательной школы в современных условиях образовательной системы. Было установлено, что такие познавательные процедуры, как коммуникация, понимание, проектирование и рефлексия являются универсальными способами деятельности, характерными для реализации образовательной стратегии школьников [2].

Собственную классификацию познавательных умений предложила А.В. Усова, соавтором которой стал её ученик А.А. Бобров [3]. Исследователи отнесли к познавательным умениям следующие умения:

1) Работать с учебно-методической, научной, научно-популярной литературой с целью приобретения, совершенствования знаний в процессе самостоятельной деятельности.
2) Моделировать, формулировать гипотезы.
3) Ставить эксперимент с целью получения новых, углубления уже имеющихся знаний.

4) Объяснять факты, явления, процессы, опираясь на теоретические знания. Планировать и предсказывать результат процесса, исходя из его теоретической базы.

Как видим, источники информации в данном случае стали основанием для выделения базовых групп умений. В первой группе сделан акцент на умении находить готовую информацию в литературе и присваивать её. Четвёртая, последняя группа умений требует от индивидуума наличия теоретических знаний, используемых для объяснения и прогнозирования процессов, явлений. В оставшихся группах умений обучающиеся получают знания посредством моделирования, наблюдения, исследования и эксперимента.

При использовании единственного критерия для формирования групп познавательных умений невозможно полноценно охарактеризовать их и проследить путь развития.

А.А. Бобров, А.В. Усова [3] в обще учебных умениях выделяют ещё практические умения, в частности умения пользоваться приборами, лабораторным оборудованием, вычислительной техникой, решать логические задачи и т.п. Мы считаем, что такое выделение несущественно, так как практические умения, указанные авторами, являются компонентами умений наблюдать, ставить эксперимент.

Анализ методической литературы по предмету химия позволил установить, что наиболее полный состав групп умений представлен в классификации М.С. Пак [4]. По мнению автора необходимо сгруппировать предметные умения, выделив в них 10 типов. Первые пять, это организационно-предметные, расчётно-вычислительные, информационно-коммуникативные, химико-экспериментальные и содержательно-интеллектульные умения. Вторая пятёрка выглядит следующим образом: оценочно-методологические, творческие, конструктивно-моделирующие, самообразовательные, изобразительно-графические умения.

Как видим, среди выделенных М.С. Паком умений мы не находим предметно-познавательных умений. При этом нет ни какого сомнения, что почти во всех типах представленных умений мы обнаружим познавательные умения.

Б.В. Иванова, М.В. Зуева [5] считают, что умения следует разделить на две основные группы, обще учебные, предметные. Обще учебные умения подлежат уточнению путём дробления на интеллектуальные, трудовые, организационно-познавательные. Заметим, что познавательные умения следует рассматривать, как умение обучающегося приобретать знания. В этом отношении познавательные умения мы обнаружим во всех группах, представленных выше.

Исследование познавательных умений невозможно осуществить без изучения современной нормативной базы, программных продуктов, поясняющих материалов, представленных в литературных источниках. В частности мы обратились к анализу модели развития у обучающихся универсальных учебных действий с целью конкретизации положений новых стандартов образования Республики Таджикистан.

В данной модели мы обнаружили основания для группировки универсальных учебных действий (УУД) по определённым критериям. Как считают авторы модели, О.А Карабанова, А.Г. Асмолов, весь набор универсальных учебных действий можно разбить на несколько групп, представлены следующими блоками: личностный, познавательный, коммуникативный, регулятивный, знаково-символический.

Как видим, в представленный учёными методический продукт даёт широкий перечень УУД. При этом важно, что в нём отдельно выделена группа познавательный действий.

В данном случае познавательные действия определяются, как совокупность обще учебных и логических действий. Это означает, что обще учебные действия следует рассматривать, как действия, находящиеся в зависимости от познавательных УУД. Данное обстоятельство не вполне соотносится с признанной педагогической наукой классификацией умений.

Согласно современным стандартам образования, структура обще учебных универсальных действий представлена следующим образом:

- определение познавательной цели;

- поиск информации, выделение в ней главного с помощью компьютерных технологий и других методов выделения информации;

- структурирование знаний;
- определение способа решения проблемы с учётом конкретных условий задачи;
- рефлексия, контроль, оценка результатов учебных действий;
- смысловое чтение;
- построение речевого высказывания;
- создание алгоритмов решения поисковых, творческих задач;
- оперирование знаково-символическими средствами.

Отметим, что в этом перечне знаково-символические средства включены в группу познавательных универсальных учебных действий и выделение их в самостоятельный блок сопровождается многими вопросами. В данном случае мы наблюдаем дублирование, что противоречит правилу логического исключения, указывающего на то, что один объект может входить исключительно в один блок. Именно поэтому авторы специально указали, что предложенная ими модель развития универсальных учебных действий опирается больше на их психологическую составляющую, и может рассматриваться, как ориентировочная.

Стоит отметить, что дальнейшая работа данных авторов над совершенствованием модели позволила устранить указанное выше несоответствие, в том числе было определено, что знаково-символические универсальные действия не являются самостоятельной группой, а представляют компонент обще учебных универсальных действий, которые так же утратили несколько действий: постановки и решения проблемы. При этом перечень универсальных логических действий остался без изменения.

Номенклатурный перечень познавательных универсальных учебных действий исследователями представлен достаточно полным. Группировка, предложенная авторами, имеет ряд существенных преимуществ.

- Во-первых, познавательные УУД обозначены, как самостоятельные единицы.
- Во-вторых, определена структура познавательных УУД, в которой отдельно обозначены обще учебные действия, действия постановки, решения проблем.
- В-третьих, познавательные УУД определяются, как надпредметные действия.
- В-четвёртых, познавательные УУД чётко описаны, выделены их функции, содержание операций, осуществляемых с их помощью, включая и их психологическую специфику.

Отдельно отметим, что действия постановки, решения проблем, а так же логические и знаково-символические действия имеют детализированное содержание.

Обще учебные действия классифицируются разнопланово, исходя из своего содержания. Поэтому они требуют дополнительной конкретизации.

На основании выше изложенных материалов мы пришли к выводу, что познавательные умения, это большая группа умений, классифицировать которую сложно. Ни один из предложенных исследователями вариантов классификации не лишён недостатков.

Обобщая результаты анализа научных публикаций по теме формирования и развития познавательной деятельности, включая её специфику в учебно-образовательной деятельности современной школы, опираясь на предложенные авторами научных работ варианты систематизации рассматриваемых нами умений, мы установили следующие факты:

1. Научное познание объективной действительности находимся в прямой взаимосвязи с процессом обучения.

2. Познание и деятельность, два взаимосвязанных компонента, без которых невозможно обучение. Деятельность в этом случае, представляет собой комплекс, состоящий из психических и физических операций, то есть мыслительной деятельности и физических действий.

3. Посредством познавательных умений человек получает информацию, обрабатывает её и использует для синтеза новых знаний.

4. Познавательные умения, это образования со сложной структурой и содержанием. Их можно исследовать с различных аспектов, и это не нарушит их целостность.

5. Особенностью познания ученика школы является то, что познавательная деятельность школьника направлена на освоение опыта, накопленного предыдущими поколениями. Этот опыт мы определяем, как объект познания, посредством которого

учащиеся школ получают субъективно новое знание. Поэтому главной целью обучения нужно считать формирование у индивидуума способности к самостоятельному продуцированию новых знаний. К познавательным умениям мы относим умение присваивать готовое знание, самостоятельно выводить из освоенных знаний субъективно новое знание.

6. В педагогической науке, в частности в дидактике, а так же предлагаемых авторских методиках, классификация учебных умений опирается на разные признаки, их комплексы. Однако, многие исследователи не рассматривают познавательные умения, как самостоятельную группу. При этом именно они составляют основу учебных умений.

Дополнительно отметим, что при классификации умений часто не соблюдается принцип логического деления, предполагающий, что один объект будет входить в одну группу. Поэтому такие классификации неоднозначны и нуждаются в доработке.

В новых стандартах образования содержится наиболее полная в современных условиях систематизация познавательных умений. Её разработчики представили такие умения обще учебной и логической группами.

По нашему мнению, данная систематизация имеет ряд положительных качеств. Но, при этом, она не учитывает особенности процесса учебного познания. Поэтому в своём исследовании мы предприняли попытку сформулировать авторскую позицию по типологии познавательных умений.

Литература

1. *Краевский, В.В. Основы обучения: Дидактика и методика: учеб. пособие для студ. высш. учеб. раведений / В.В. Краевский, А.В. Хуторской. – М.: Изд. центр «Академия», 2007. – 352 с.*
2. *Даутова, О.Б. Изменение учебно-познавательной деятельности школьника в современном образовании: автореф. дис.... д-ра пед. наук. / О.Б. Даутова. – СПб., 2011. – 44 с.*
3. *Усова, А.В. Формирование учебных умений и навыков учащихся на уроках физики / А.В. Усова, А.А. Бобров. – М.: Просвещение, 1988. – 112 с.*
4. *Пак, М.С. Дидактика химии: учебник для студентов вузов. – 2-е изд., перераб. и доп / М.С. Пак. – СПб.: ООО «ТРИО», 2012. – 457 с.*
5. *Зуева, М. В. Совершенствование организации учебной деятельности школьников на уроках химии. (Библиотека учителя химии) / М. В. Зуева, Б. В. Иванова. – М.: Просвещение, 1989. – 160 с.*
6. *Примерная основная образовательная программа образовательного учреждения. Основная школа / [сост. Е. С. Савинов]. – М.: Просвещение, 2011. – 342 с.*
7. *Формирование универсальных учебных действий в основной школе: от действия к мысли. Система заданий: пособие для учителя / А. Г. Асмолов [и др.] / под ред. А.Г. Асмолова. – М.: Просвещение, 2010. – 159 с.*

ПОЗНОВАТЕЛЬНЫЕ УНИВЕРСАЛЬНЫЕ УЧЕБНЫЕ ДЕЙСТВИЯ - ОСНОВНОЙ ФАКТОР ФОРМИРОВАНИЯ ИССЛЕДОВАТЕЛЬСКОЙ КОМПЕТЕНЦИИ УЧАЩИХСЯ

В статье автором рассматривается вопросы позновательные универсальные учебные действия - основной фактор формирования исследовательской компетенции учащихся. Познание ставит перед собой цель поиска истины. Результатом этого действия становиться знание. Таким образом, истинной в данном случае становиться, то, что ищут и к чему стремятся. Тогда знание, это продукт этого поиска. Продуктом любого познавательного процесса является знание, полученное в ходе создания моделей окружающего мира, объектов, явлений, приближённых к идеалу, образов объективной реальности. В том числе, автор статьи отмечает, что в данном случае познавательные действия определяются, как совокупность обще учебных и логических действий. Это означает, что обще учебные действия следует рассматривать, как действия, находящиеся в зависимости от познавательных универсальных учебных действий. Данное обстоятельство не вполне соотносится с признанной педагогической наукой классификацией умений.

Ключевые слова: познавательная деятельность, обучающиеся, развитие компетентности, педагогика, образование.

ФАЪОЛИЯТИ УМУМИТАЪЛИМИИ МАЪРИФАТӢ - ОМИЛИ АСОСИИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТИ ТАҲҚИҚОТИИ ХОНАНДАГОН

Дар мақола муаллиф фаъолияти умумитаълимии маърифатӣ - омили асосии ташаккули салоҳияти таҳқиқотии хонандагонро баррасӣ мекунад. Дониш мақсади ҷустуҷӯйи илман асоснокро дар назди худ мегузорад. Натиҷаи ин амал дониш аст. Ҳамин тариқ, дар ин ҳолат ҳақиқатро пайдо кардан аст, ки онро меҷӯянд ва ба он мекӯшанд. Пас дониш маҳсули ин ҷустуҷӯ аст. Маҳсули ҳар як раванди маърифатӣ донишест, ки дар ҷараёни сохтани моделҳои ҷаҳони атроф, объектҳо, падидаҳои ба идеал наздик, тасвирҳои воқеияти объективӣ ба даст оварда шудааст. Аз ҷумла, муаллифи мақола қайд мекунад, ки дар ин ҳолат амалҳои маърифатӣ ҳамчун маҷмуи амалҳои умумитаълимӣ ва мантиқӣ муайян карда мешаванд. Ин маънои онро дорад, ки амалҳои умумитаълимӣ бояд ҳамчун амалҳое, ки вобаста ба амалҳои умумитаълимии маърифатӣ мебошанд, баррасӣ карда шаванд. Ин ҳолат бо таснифоти маҳорати эътирофшудаи илми педагогӣ мувофиқат намекунад.

Калидвожаҳо: фаъолияти маърифатӣ, хонандагон, ташаккули салоҳият, педагогика, таҳсилот.

COGNITIVE UNIVERSAL LEARNING ACTIVITIES ARE THE MAIN FACTOR IN THE FORMATION OF STUDENTS' RESEARCH COMPETENCE

In the article, the author examines the issues of the formation of cognitive universal learning activities - the main factor in the formation of students' research competence. Cognition sets itself the goal of seeking truth. The result of this action is knowledge. Thus, in this case, what they seek and strive for becomes the truth. Then knowledge is the product of this search. The product of any cognitive process is the knowledge gained during the creation of models of the surrounding world, objects, phenomena close to the ideal, images of objective reality. In particular, the author of the article notes that in this case cognitive actions are defined as a set of general educational and logical actions. This means that general learning actions should be considered as actions that depend on cognitive universal learning actions. This circumstance does not fully correlate with the classification of skills recognized by pedagogical science.

Keywords: cognitive activity, students, competence formation, pedagogy, education.

Об авторе
Мусоджонзода Джамила Мансур
Докторант Института образования Таджикистана имени А. Джами Академии образования Таджикистана
734013, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица А. Адхамов, 11/2
E-mail: musojonova-j@mail.ru

Дар бораи муаллиф
Мусоҷонзода Ҷамила Мансур
Докторанти Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон
734013, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов, 11/2
E-mail: musojonova-j@mail.ru

About the author
Musojonzoda Jamila Mansur
Doctoral of the Institute of Education of Tajikistan named after A. Jami Academy of Education of Tajikistan
734013, Republic of Tajikistan Dushanbe, A. Adkhamov street, 11/2
E-mail: musojonova-j@mail.ru

ТДУ 378.6.+027.7:681.3

МАСЪАЛАҲОИ ОМОДАНАМОИИ МУТАХАССИСОНИ СОҲАИ КИТОБДОРӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

Абдумуминзода С.
Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ

Дар рафти таҳлили инкишофи фарҳанги касбии китобдори оянда маълум гардид, ки фаъолияти ӯ дар «аз худ намудани илму амалияи китобдорию библиографӣ дар низоми донишҳои илмӣ ва фаъолияти амалӣ иборат аст. Маълумоте, ки китобдорони оянда мегиранд, ба онҳо имкон медиҳад, ки дониш ва маҳорати худро дар амал татбиқ намоянд: мутахассиси соҳаи китобдорӣ дар ташкили китобхонаҳои анъанавӣ ва электронӣ; мутахассис оид ба захираҳои иттилоотии муассисаҳои сатҳҳои гуногун; мутахассисони автоматикунонии ҷараёни китобдорию библиографӣ» ва ғайра [2, с. 35].

Самтҳои фаъолияти амалии мутахассисони китобхонашиносӣ, ки дар стандартҳои давлатӣ пешбинӣ шудаанд, инҳоянд: «идораҳои ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ, шуъбаҳо ва бахшҳои фарҳангии муассисаҳои китобдорӣ; китобхонаҳои илмӣ, бачагона, техникӣ; китобхонаҳои ташкилотҳо, корхонаҳо, муассисаҳои таълимӣ ва ҷамъиятӣ» [6, с. 27].

Мувофиқи стандарти давлатии таълим ба мутахассиси оянда дар муассисаю ташкилотҳои номбурда, ки дар онҳо кор мекунанд, кор дода мешавад: «дар бобати ба амал баровардани сиёсати фарҳангӣ, инкишоф додан ва ташаккул додани фонди китобхона; оид ба ташкили автоматикунонии ҷараёни китобхонавию библиографӣ; оид ба татбиқи стандартҳо дар соҳаи китобхонашиносӣ ва библиографишиносӣ; оид ба таҳияи методологияи китобхонашиносӣ; дар бораи ташкили фаъолияти вазифавии китобхонаҳо» [6, с. 19].

Соҳаи муҳими фаъолияте, ки ба рушди китобдорӣ таъсир мерасонад, ин иттилоотикунонӣ мебошад. Он ба талаботи истифодабарандагони китобхонаи мактаб, ба талаботи касбии мутахассисони китобдор, намуд ва мазмуни маҷмуа, технология ва ташкили тамоми равандҳои китобхона, аз ҷумла хизматрасонӣ тағйирот ворид мекунад.

«Айни замон дар фаъолияти китобхона ба шаклҳои хизматрасонӣ дар асоси технологияҳои нави иттилоотӣ эҳтиёҷоти зиёд ба миён меояд. Иҷрои дархостҳои хонандагон бештар ба истифодаи шабакаҳои иттилоотӣ такя мекунад (аз дастрас кардани маълумоти умумӣ барои аҳолӣ аз китобхонаҳо ва муассисаҳои дигар то миёнаравӣ дар истифодаи пойгоҳҳои электронии берунӣ) [10, с. 89].

Таҳлили тамоюлҳои рушди китобдорӣ дар ҷумҳурӣ, инчунин дар кишварҳои Осиёи Марказӣ нишон дод, ки тамоюли нави мусбати хизматрасонии иттилоотӣ ба истеъмолкунандагон, ки бо гузариш аз ташаккули пойгоҳи додаҳо барои китобдорӣ хос аст. Доираи васеи аъзоён ба ташкили низомҳои махсуси иттилоотӣ хос аст.

Чунон ки Д. Казимова, Г.Н. Манашов қайд кардаанд «чунин низомҳои иттилоотӣ ҷанбаҳои гуногуни эҳтиёҷоти иттилоотии муштарии мушаххасро, аз мавзуъҳо, намуди нашрҳо, хронология то афзалиятҳои забонӣ, сабт ва сохтор, формати мубодилаи иттилоот ва ғайра ба назар мегиранд. Технологияҳои нави иттилоотӣ соҳаҳои гуногуни фаъолияти китобхонаҳоро фаро мегиранд, масалан, рақамикунонии коллексияҳо ва ташкили китобхонаҳои электронӣ. Китобхонаҳо тамоми фонди китобхонаҳои худро ба шакли электронӣ табдил медиҳанд» [7, с. 3].

Вазифа ва талаботи асосӣ оид ба тайёрии касбӣ аз рӯи ихтисоси «Китобшиносӣ-библиографишиносӣ» дар Стандарти давлатии таҳсилоти ибтидоии ҳатмии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи китобдорӣ нишон дода шудаанд.

Чунон ки аз вазифаҳое, ки дар стандартҳои байналмиллалӣ (ГОСТ) муайян карда шудаанд, «тайёр кардани мутахассисони баландихтисос ба таври максималӣ истифода

бурдани комёбиҳои тараққиёти илмию техникӣ, муносибати барномавӣ ва маҷмуавии ба нақшагирии ҷараёни таълимӣ, илмӣ, методӣ ва таълимӣ, ба роҳ мондани усулҳо ва шаклҳои таълимро талаб мекунад.

Аз ин рӯ, яке аз вазифаҳои ҷаҳонии тарбияи мутахассисони китобдорӣ ташаккули сифатҳои аз ҷиҳати касбӣ муҳими тамаркуз дар ҷараёни бузурги иттилоот, қобилияти зуд аз нав сохтани фаъолияти худ дар шароити муосир мебошад» [6, с. 3].

Аммо омӯзиши назария ва амалияи ташаккули фарҳанги касбии китобдорони оянда дар донишгоҳ, таҳлил ва муқоисаи ҳолати воқеӣ мутобиқи стандартҳои давлатии таҳсилот дар соҳаи фаъолияти китобхонавию иттилоотӣ имкон дод, ки зиддиятҳо дар байни китобшиносон ошкор карда шаванд:

- мунтазам тағйир ёфтани мазмуни тайёр кардани мутахассисони дорои маълумоти олӣ, зиёд шудани талаботи амалияи китобхона нисбат ба мутахассисоне, ки ба талаботи бозори меҳнат мувофиқанд ва қобилияти қонеъ гардондани ин эҳтиёҷоти коллеҷҳо ва мактабҳои олӣ;

-талаботи ҷомеа ва бозори меҳнат барои омода намудани китобдорон барои кор дар шароити доимо тағйирёбандаи хизматрасонии китобхонавӣ ва омодагии нокифояи низоми маорифи китобхона ба иҷрои ин талабот;

-байни талаботи афзоянда ба сифати тайёр кардани мутахассисони ба технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ нигаронидашуда ва усулҳои мавҷудаи таълим дар донишкадаҳои фарҳангӣ ва донишгоҳҳои илмҳои гуманитарӣ, дар факултетҳо ва кафедраҳои китобдории онҳо, ки ташаккули тамоюли касбии китобдоронро дар соҳаи маориф таъмин намекунанд донишҳои таълимӣ ва илмӣ дар сатҳи талаботи стандартҳо аст.

Ҳамин тавр, яке аз масъалаҳо ва вазифаҳои асосӣ ташаккули тамоюли касбии китобдори оянда пеш аз дохил шудан ба донишгоҳ, ҳангоми таҳсил ва баъди хатми муассисаи таълимӣ мебошад.

Интихоби довталабон ба донишгоҳҳои фарҳангу санъат, аз ҷумла дар шӯъбаҳои китобдорию иттилоотшиносӣ ва факултетҳои донишгоҳҳои гуманитарӣ аз ҷумлаи довталабоне, ки сатҳи кофии қобилиятҳои муошират, дониш, маҳорат, маҳорати муошират бо забони хориҷӣ ва маҳорати баланд доранд, дар замони технологияҳои коммуникатсионии иттилоотӣ, вазъи муосири иҷтимоию фарҳангии бозори меҳнат пурра мувофиқ нест.

Дар амалияи таълимӣ дар байни хатмкунандагони мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки ба ин ихтисос дохил мешаванд, ҳавасмандӣ ва малакаи муошират паст аст. Ва ин бошад, ба худмуайянкунии касбӣ таъсири манфӣ мерасонад. Зимнан, муваффақияти тарбияи донишҷӯ – китобдори оянда аз чунин омилҳо, аз қабили интихоби дурусти касб, мувофиқ ба шавқу завқи ӯ, таваҷҷуҳ ба фаъолияти китобдорӣ ва иттилоотӣ вобаста аст.

Тадқиқоти олимон нишон медиҳад, ки мафҳуми «ориентация» дар як қатор илмҳо истифода мешавад. "Касб / аз лотинӣ - шуғли расман муайяншуда, ихтисос - ман тиҷорати худро эълон мекунам /. - намуди фаъолияти меҳнатӣ, шуғле, ки таълими муайянро тақозо мекунад ва манбаи зиндагӣ мебошад.

«Тасвири мувофиқи роҳнамоии касбӣ ҳамчун як раванди равонӣ, ки аз ду тарафи ба ҳам алоқаманд иборат аст, ташаккул меёбад:

а) донишҷӯ дар бораи интихоби касби худ қарор қабул мекунад.

б) таъсир расондан ба равони хонандагон бо мақсади ташаккули ниятҳои касбӣ, интихоби касбе, ки ба шавқу ҳавас ва қобилияти шахс мувофиқ бошад ва дар айни замон ба талаботи ҷамъиятии муосир мувофиқ бошад» [13], ба назар гирифта шудааст.

Роҳнамоии касбии насли наврас кори муҳими давлатӣ буда, ба ҳалли масъалаҳои рушд додани хоҷагии халқ ва баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии аҳолии ҷумҳурӣ, тақсимоти якхелаи кадрҳои соҳаи хоҷагии халқ дар байни аҳолӣ ёрӣ мерасонад.

Аз ин рӯ, довталабоне, ки ба донишгоҳҳо дохил мешаванд ва бахусус, ба касби китобдорӣ ба интихоби касбӣ ниёз доранд.

То имрӯз омӯзгорон ва равоншиносон оид ба назария ва методологияи роҳбарии касбӣ

ба мактаббачагон (А.Е.Голоншток, Е.А.Климов, П.П.Костенков, А.Д.Сазонов, В.Ф.Сахаров, С.Н.Чистякова ва дигарон) таҳқиқоти махсуси амиқ гузаронидаанд.

Аммо таҷрибаи муосири тайёр кардани мутахассисон ва ҷалби довталабон ба донишгоҳҳо нишон медиҳад, ки нуфуз ва қабул ба ихтисосҳои табиб, ҳуқуқшинос, иқтисодчӣ, бонкдорӣ, касбҳои гуманитарӣ ва ғайра афзоиш ёфта, теъдоди довталабон ба ихтисосҳои марбут ба илмҳои дақиқ меафзояд, кам шуда истодааст.

Касби китобдор аз ҳама ҷолибтарин касбҳо аст. Аз ин хеле кам одамон, бахусус, ҷавонон огоҳанд. Аз ин рӯ, зарурат ба кори роҳнамоии касбӣ дар ин самт меафзояд.

Чуноне ки аз тадқиқоти олимон маълум мегардад, кори рохнамоии касбӣ системаи фаъолияти аз ҷиҳати илмӣ асосноки муассисахои таълимӣ ва корхонаю ташкилотҳои гуногун оид ба самти касбии ҷавонон ва азхуд намудани онҳо ба баъзе намудҳои меҳнат мебошад.

Ба ин кор бояд мактабҳо, донишкадаҳои олӣ, коллективҳои истеҳсолӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, муассисаҳои беруназмактабӣ ва маданияту истироҳат, махсусан оила машғул шаванд. Аммо дар амал на ҳама оилаҳо ба интихоби касби фарзандонашон гӯш медиҳанд. Баъзан волидайн он касбҳоро ба гардани онҳо бор мекунанд, ки имкон намедиҳад, ки дар оянда роҳи зиндагии худро интихоб кунанд.

К.Маркс дар ин бора хеле зебо гуфта буд: «Агар мо касберо интихоб карда бошем, ки барои он қобилиятҳои зарурӣ надорем, пас мо онро ҳеҷ гоҳ бошарафона иҷро намекунем ва ба зуди бо ҳисси шарм, боварӣ ҳосил кардан лозим меояд. Аз нотавонии худамон ва ба худ бигӯем, ки мо дар ҷаҳон махлуқҳои бефоида ҳастем..." [12].

Дар шароити муосир Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мутахассисони ояндаи соҳаи технологияҳои муосири иттилоотӣ, барномасозони соҳаи информатика, табибоне, ки бо таҷҳизоти замонавӣ кор карда метавонанд, ба омӯзгороне, ки бо чанд забон ҳарф мезананд ва аз имкониятҳои муосири таълимии иҷтимоӣ истифода мебаранд, ниёз доранд. технологияҳо, китобдорону библиографҳои ҳамаҷониба омодашуда, ки технологияҳои муосири иттилоотию коммуникатсионӣ ва забонҳои хориҷиро медонанд ва истифода бурда метавонанд ва ғайра. Бинобар ин кори роҳнамоии касбиро ба дараҷаи сифатан нав ташкил кардан ва принсипҳои онро ба роҳбарӣ гирифтан хеле муҳим аст.

Консепсияи «Маорифи миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2006), аз ҷумлаи ҳадафҳо ва вазифаҳои тарбияи шахсияти ҳамаҷониба инкишофёфта, беҳтар намудани роҳнамоии касбии мактаббачагон ва зарурати ташкили мунтазами ин таълимро вазифа гузоштааст, бо падару модарон ва аҳли ҷамъият якҷоя кор кунанд.

Дар ин масъала дар оила анъанаҳои дар ин ё он касбро ба назар гирифтан лозим аст. Ин ба мо имконият медиҳад, ки анъанаҳои беҳтарин ва сулолаҳои меҳнатиеро, ки дар ин ё он мамлакат кайҳо барпо карда шудаанд, инкишоф диҳем.

Донишгоҳҳо ва китобхонаҳо дар якҷоягӣ бо мактабҳо дар ду самт: корҳои иттилоотӣ-таълимӣ оид ба фаҳмонидани касбҳои гуногун ва ташкили фаъолияти эҷодӣ дар байни довталабон оид ба интихоби онҳо ба касбҳо бо назардошти майлу рағбатҳои онҳо кор мебаранд.

Кори иттилоотию тарбиявӣ системаи иттилоотӣ ва воситаҳои фаҳмондадиҳӣ, шаклу усулҳоро дар бар мегирад, ки китобхонаҳо бо ёрии онҳо хонандагонро бо касбҳои асосӣ шинос мекунанд. Мазмуни кори роҳнамоии касбӣ дар мактаб бо эҳтиёҷоти хочагии халқи мамлакат, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030, вазифаҳои мушаххаси рушди иҷтимоию иқтисоди ва гузаштан аз аграрию саноатӣ ба индустриалии кишвар муайян карда мешавад.

Ҳамин тавр, омӯхтан ва таҳқиқи масъалаҳои кори роҳнамоии касбӣ муҳим мебошад. Инак, дар рафти ин кор масъалаҳои оқилона интихоб кардани касб ҳал карда мешаванд, ки дар он ҳам вазифаю манфиатҳои шахсӣ, давлатӣ ва ҷамъиятӣ ҳал мешаванд. Аз ин рӯ, ҷузъҳои асосии он аз инҳо иборатанд: ҳадафҳо, вазифаҳо, самтҳо, инчунин шаклу усулҳои гузаронидани кори роҳнамоии касбӣ бо хонандагон, бо назардошти анъанаҳои миллии касбҳо ва ғайра.

Дар айни замон гурӯҳи усулҳои таълимӣ - касбӣ ва ташаккули самти касбӣ низ тағйир ёфтааст.

Дар ҷумҳурӣ низоми кори аз ҷониби Маркази тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мактабҳои олии кишвар оид ба маълумот оид ба самт ва ихтисоси онҳо, бартариҳои донишгоҳҳо, дастовардҳо, мавқеъ, мавқеъи онҳо дар ҷумҳурӣ ва ҷаҳон амалӣ карда мешавад, ки ҷомеа назорат мекунад.

Донишгоҳҳо дарҳои кушод ташкил карда, корҳои таблиғотӣ мегузаронанд. Ин кор аз ибтидои ҳар сол оғоз мешавад. Дар мактабҳои миёна ва техникумҳо, ки мутахассисони соҳаи фарҳанг ва санъат, хусусан китобдориро тайёр мекунанд, кори зиёде ба ҷо оварда мешавад. Дар ин самт аз чунин шаклу усулҳои кор дар рӯзҳои дарҳои кушода, вохуриҳо бо намояндагони касбу кори гуногун, собиқадорони фаъолияти китобдорӣ, экскурсияҳо ба беҳтарин китобхонаҳои ҷумҳурӣ ташкил карда шуда, истифода бурдани шаклҳои аёнии тарғиби касб ва ғайра истифода мешаванд.

Аммо, сарфи назар аз коре, ки дар ин фаъолият дар байни донишҷӯён ба ҷо оварда мешавад, камбудиҳои калон мавҷуданд, ки аз ҷумла:

- дар даҳсолаи охир роҳбарии муназзам ва ҳаматарафаи касбӣ ба назар намерасид, дар интихоби мутахассисони оянда, алалхусус, китобдорон анъанаҳои оилавӣ суст истифода мешаванд;

- аз ҷониби Маркази тестӣ пешниҳоди интихоби 10-12 самт ва ихтисос, ки имкон намедиҳад, касби мушаххасро дақиқ муайян намояд;

– беасос гузаштан аз як ихтисос ба ихтисоси дигар, ки бо сабаби надоштани холҳои тестӣ имкон намедиҳанд, ки ба мақсади интихоби касб ноил шаванд;

- надоштани имкони интихоби касб мувофиқи шавқу завқ ба ин касб кори хонандагонро дар самти касбӣ ба касби оянда мушкил месозад;

- паст шудани шавқу ҳаваси хонандагони ояндаи китобдорӣ ба касби интихобкардаашон ва омӯзиши фанҳои гуманитарӣ ва ғайра.

Ин ва дигар камбудиҳо ба интихоби касб таъсири манфӣ мерасонанд.

Ҳангоми пеш бурдани кори иттилоотию тарбиявии касбомузӣ, ба ақидаи мо, як қатор талаботи педагогиро ба назар гирифтан лозим аст, ки самараи кори дар ин самт гузарондашуда аз он вобаста аст.

Зеро дар панҷ соли охир фаъолияти Маркази ҷумҳуриявии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қабули довталабон ба коллеҷу донишгоҳҳо, ки интихоби беш аз даҳ самт ва ихтисосро пешниҳод мекунад, ба андешаи мо, корҳои роҳнамоии касбӣ дар низоми маориф хеле кам шуд.

Дар роҳнамоии касбӣ, ба андешаи мо, баъзе равишҳои назариявӣ заруранд:

1. Ақидаҳои устуворӣ ва тағйирнопазирии амалии сифатҳои фардӣ, ки усулҳо ва муваффақиятҳои фаъолият ба онҳо вобастаанд: таъкид ба он аст, ки аз як тараф, интихоби одамоне, ки ба кори муайян мувофиқтар аст, аз тарафи дигар дар бораи интихоби фаъолияте, ки ба сифатҳои инфиродии ин ё он шахс мувофиқанд.

2. Ақидаҳо оид ба ташаккули қобилият, боварӣ доранд, ки ҳар як шахс метавонад бо ин ё он тарз сифатҳои заруриро тавассути таълим дар гурӯҳи таълимӣ инкишоф диҳад.

3. Ин имкони таваҷҷуҳ ба ташаккули услуби инфиродии фаъолият бо назардошти таъсири муҳити зист мебошад, чунон ки И.С.Кон қайд кардааст: «дар баробари ба назар гирифтани шароити беруна, инкишофи субъект ва муҳити макроиҷтимоӣ» [8, с. 54].

Сарфи назар аз он, ки мактабҳои олии ҷумҳурӣ дар ин бобат корҳоро ба роҳ монда, барои бозомӯзии касби китобдор гурӯҳҳо ташкил мекунанд, ба шаҳру ноҳияҳо, мактабҳои миёна сафар мекунанд, корҳои тарғиботӣ мебаранд, бо муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касби (коллеҷҳо) алоқаи зич доранд, вале қабули довталабон аз рӯи ихтисоси китобдор бисёр чизҳоро ба худ меандозад.

Дар интихоби касби оянда хатогиҳои калон вуҷуд доранд. Довталабон дар бораи касби ояндаи худ тасаввуроти кофӣ надоранд ва намедонанд, ки довталабоне, ки ба ин ихтисос

дохил мешаванд, бояд чӣ гуна донишу малака дошта бошанд. Онҳо аз рӯи ихтисос огоҳ нестанд ва намояндагони намоёни ин касбро намешиносанд. Муҳаббати онҳо ба китоб ба қадри кифоя ташаккул наёфтааст.

Чунин манзарароро дар сатҳи таҳсилоти миёнаи касбӣ дар соҳаи фаъолияти китобдорию иттилоотӣ мушоҳида кардан мумкин аст. Аз рӯи натиҷаи Маркази ҷумҳуриявии тестӣ сеяки донишҷӯёни қабулшуда аз дигар кластерҳои ихтисосҳои ба ҳам алоқаманд ба ихтисоси фаъолияти китобдорӣ- иттилоотшинсӣ гузаронида шудаанд.

Таҳлили донишҷӯёне, ки дар се соли охир ба факултети китобдорӣ қабул шудаанд, нишон дод, ки бо гузаштан ба супоридани имтиҳонҳои дохилшавӣ аз тариқи Маркази тестӣ тамоюл ба ихтисоси оянда суст шудааст.

Ин бошад, сарфи назар аз он ки дар мактабҳои олии ҷумҳурӣ кори роҳнамоии касбӣ ташкил карда мешавад; барои фаҳмонда додани касби ояндаи китобдор гурӯҳҳо ташкил мекунанд; Онҳо ба шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ сафар карда, бо довталабон — китобдорони оянда ҳамкорӣ мекунанд. Ба шаҳру ноҳияҳо, ба мактабҳои миёна рафта, корҳои тарғиботӣ мебаранд, бо муассисаҳои маълумоти миёнаи касбӣ — техникумҳои фарҳанг ва санъат, ноҳияҳои Рудакӣ, Кӯлоб, омӯзишгоҳҳои педагогӣ ва ғайра алоқаи зич барқарор мекунанд.

Аммо сарфи назар аз коре, ки дар ин самт анҷом дода мешавад, қабули кадрҳо аз рӯи ихтисос ба талаботи замон ҷавобгӯ нест.

Аксар вақт довталабон ба донишгоҳҳое дохил мешаванд, ки моҳияти ихтисосро намефаҳманд, аз рӯи холҳояшон ба донишгоҳҳои бонуфузтар дохил намешаванд ва аз рӯи завқи худ ихтисос интихоб накардаанд. Гузашта аз ин, дар байни донишҷӯён нафароне низ ҳастанд, ки ҳадафашон аз хидмати ҳарбӣ дур шудан аст. Ин барои онҳо таҳсил дар донишгоҳро мушкил мекунад.

Довталабон дар бораи касби ояндаи худ тасаввуроти кофӣ надоранд, хусусиятхои иҷтимоию иқтисодии касб, пешомади инкишофи онро намедонанд. Онҳо тасаввуроти кам доранд, ки довталабоне, ки ба ин ихтисос дохил мешаванд, чӣ гуна дониш, малака ва қобилият доранд. Онҳо аз рун ихтисос огоҳ нестанд ва намояндагони намоёни ин касбро намешиносанд.

Ин боиси зиёд шудани шумораи донишҷӯёни факултетҳои китобдорӣ ва кафедраҳои донишгоҳҳои ҷумҳурӣ мегардад. Мушкилиҳои бо кор таъмин кардан ба миён меоянд.

Вобаста ба натиҷаи таҳлилҳо бояд тадбирҳои зерин роҳандозӣ карда шавад:

− корҳои фаҳмондадиҳиро дар самти интихоби касби китобдорӣ – иттилоотшиносӣ дар синфҳои болои ҷоннок ва дуруст ба роҳ мондан зарурият дорад;

− барои онҳое, ки маҳз касби китобдориро интихоб менамоянд имтиёзҳо муқарар карда шаванд;

− донишҷӯёни риштаи китобдорӣ барои таҷрибаомӯзӣ ба китобхонаҳои дорои базаи моддӣ-техникии ба талаботи замон мутобиқ ҷалб карда шаванд;

− ҳангоми фаъолияти корӣ китобдорон пайваста навгониҳои соҳаро омӯзанд ва саривақт аз бозомӯзии касбӣ гузаранд;

− барномаи давлатии ташаккули салоҳияти касбии китобдорон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шавад, то инки ба рафъи камбудиҳои касбии китобдорон мусоидат намояд;

− стандартҳои давлатии омоданамоии кадрҳои соҳаи китобдорӣ-иттилоотшиносӣ пурра таҷдиди назар карда шаванд.

Литература

1. *Абдумуминзода, С. Вопросы профессионально-педагогической компетентности студентов [Текст] // Молодежь в науке и культуре XXI века / С. Абдумуминзода. – Челябинск, 2017. – С. 300-303.*
2. *Абдумуминзода, С. Пути обогащение электронного фонда библиотек вузов и обеспечение его перспективы (на примере библиотека ТГИКИ имени М. Турсунзаде) [Текст] //*

Библиотечное дело в Таджикистане: книгаV1 / С. Абдумуминзода. – Душанбе: Аржанг, 2017. – С. 132-138.

3. *Абдумуминзода, С. Факторы формирования профессиональной компетентности студентов [Текст] // Молодежь в науке и культуре XXI.: материалымеждунар. науч.-творч. форума. 31 окт.–3 нояб. 2016 г. / Челяб. гос. ин-т культуры; сост. Е. В. Швачко / С.Абдумуминзода. – Челябинск, 2016. – 358 с.*
4. *Авгонов, К. Г. Основные направления библиотечного образования в Республике Таджикистан [Текст] / К. Авгонов. – Душанбе: Ирфон, 2013. – 180 с.*
5. *Библиотечное деятельность в годы независимости [Текст]: Сборник статей / Составитель К. Буриев., редактор С.Х. Шосаидов. – Душанбе: Образования и культура, 2012. – 225 с.*
6. *ГОСТ в облати библиотечно-информационной деятельности по специальности 1-23 01 11-03 [Текст] / Составители Б. Холов, Г. Махмудов. – Душанбе, 2015. – 48 с.*
7. *Казимова, Д. А. Основные тенденции подготовки специалистов библиотечного дела в современных условиях [Текст] / Д. А. Казимова, Г.Н.Манашова // Вестник КарГу. – 2009. – №4. - С.3. (59).*
8. *Кон, И.С. Психология ранней юности [Текст] / И. С. Кон. – М., 1989. – 255 с.*
9. *Кохан, Ф. В. Роль книги и библиотеки в истории культурной традиции государства Саманидов [Текст]: автореф… Дисс... на соискание ученой степениканд. ист. наук Ф. В. Кохан. – Душанбе, 2013. – 22 с.*
10. *Крупская, Н. К. О библиотечном деле [Текст] Ред.: Н.С.Карташов // Н.К. Крупская. – М.: Книга, 1985. – 557 с.*
11. *Майстрович, Т. В. Электронный документ как объект библиотечного дела [Текст] / Т. В. Майстрович. – М.: Пашков дом, 2004. – 247 с.*
12. *Маркс, К. Размышление юноши при выборе профессии [Текст] / К. Маркс. – Москва, 1978. – С.291 - 295.*
13. *Миралиев, А. Социально – педагогической аспекты профорентации [Текст] / А. Миралиев. – 2003. – 170 с.*
14. *Национальное концепция воспитания в Республики Таджикистан от 3 марта №94 [Текст]. – Душанбе, 2006. – 14 с.*

МАСЪАЛАҲОИ ОМОДАНАМОИИ МУТАХАССИСОНИ СОҲАИ КИТОБДОРӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

Дар мақола масъалаи ғанигардонии мундариҷа ва шаклҳои кори омодагии касбии донишҷӯён мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Таҳқиқи масъалаи мазкур дар шароити имрӯза аз аҳамияти баланде бархурдор аст ва барои тарбияи касбию фарҳангии китобдорони оянда судманд аст. Муаллиф таъкид менамояд, ки самти муҳими фаъолият, ки ба рушди кори китобдорӣ таъсир мерасонад, иттилоотонӣ мебошад. Исбот карда мешавад, ки довталабоне, ки ба донишгоҳҳо аз он ҷумла ба касби китобдорӣ шомил мешаванд, ба бозомӯзӣ ниёз доранд. Роҳбарии касбиро миёни наслҳои оянда кори муҳими давлатӣ меҳисобем, ки ба ҳалли масъалаҳои иқтисоди миллӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, тақсимоти дурусти кадрӣ мусоидат мекунад.

Калидвожаҳо: китобдор, ташаккул, фарҳанги касбӣ, касб, иттилоотонӣ, китобхона, роҳбарии касбӣ, масъалаҳо, донишҷӯён.

ПРОБЛЕМЫ ПОДГОТОВКИ СПЕЦИАЛИСТОВ БИБЛИОТЕЧНОГО ДЕЛА В ТАДЖИКИСТАНЕ

Статья посвящена обогащение содержания и форм работы по профессиональной направленности студентов. Автор утверждает, что важным направлением деятельности, влияющем на развитие библиотечного дела является информатизация. Доказывается, что абитуриенты, поступающие в вузы, и в частности, на профессию библиотекаря, нуждаются в профессиональном отборе. Профессиональная ориентация среди подрастающего поколения считается важным государственным делом, помогающим решить проблему развития национальной экономики и повышения уровня жизни населения в республике, равномерного распределения кадров в области народного хозяйствования по регионам страны.

Ключевые слова: библиотекарь, формирование, профессиональное культура, профессия, информатизация, библиотека, профессиональная ориентация, проблемы, студенты.

ISSUES OF TRAINING SPECIALISTS IN THE FIELD OF LIBRARIANSHIP IN TAJIKISTAN

The article is devoted to the enrichment of the content and forms of work on the professional orientation of students. The author claims that informatization is an important area of activity influencing the development of librarianship. It is proved that applicants entering universities, and in particular for the profession of a librarian, need professional selection. Professional orientation among the younger generation is considered an important state matter that helps to solve the problem of developing the national economy and raising the standard of living of the population in the republic, an even distribution of personnel in the field of national economy in the regions of the country.

Keywords: Librarian, formation, professional culture, profession, informatization, library, vocational guidance, problems, students.

Дар бораи муаллиф
Абдумуминзода Ситора
Номзади илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи кор бо магистр, аспирант ва унвонҷӯён Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 33
E-mail: abdumuminzoda91@mail.ru

Об авторе
Абдумуминзода Ситора
Кандидат педагогических наук, заведующий отделом работы с магистрами, аспиранты и соискатели
Институт философии, политологии и права имени А. Баховаддинова НАНТ
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 33
E-mail: abdumuminzoda91@mail.ru

About the author
Abdumuminzoda Sitora
Candidate of Pedagogical Sciences, Head of the Department for Work with Masters, Postgraduates and Applicants
Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A. Bakhovaddinov of the NAST
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 33
E-mail: abdumuminzoda91@mail.ru

ТДУ 392.12:37.02(575.3)

РАСМУ РУСУМ ВА АНЪАНАҲОИ ХАЛҚӢ ДАР ТАРБИЯИ ДУХТАРОН

Мамадносирова М. М.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ

Мо бо боварии калон гуфта метавонем, ки оинҳо ва расму русуме, ки доир ба таваллуд ва тарбияи кӯдак дар байни халқи тоҷик роиҷ аст, дар дигар халқияту миллатҳои олам айнан вуҷуд надорад. Ин расму русум ба он равона шудаанд, ки кӯдак солим ба воя расида, аз ҳар гуна балоҳои осмонӣ муҳофизат шуда, шароитҳо барои инкишофи дурусти вай муҳайё шавад. Кӯдак боигарии асосӣ дар хонаводаи тоҷик ба ҳисоб меравад. Дар урфият мегӯянд, ки “фарзанд – атои Худо”. Аз рӯи ақидаи ниёгони мо, зан – модар худои офаринанда ва паҳнкунандаи тухми одамизод дар дунё аст. Зани созанда, бунёдкор ва тарбиягар тамоми ҳаёти худро ба кӯдак дода, аз давраи таваллуд то ба балоғат расидан рисолати худро адо мекунад.

Дар тадқиқотҳои Р. Л. Неманов [8], А. Мардонов [7] пурра ба таври том оинҳои таърихие, ки вобаста ба таваллуди кӯдак аст, нишон дода шудааст. Агар хоҳед, ки кӯдак солим ва дарозумр бошад, ӯро дар асоси оинҳо ва расму русуми қадима ба воя расонед.

Аз қадим таваллуди кӯдак дар оила тоҷикон иди калон ба шумор мерафт. Агар кӯдак писар таваллуд мешуд, тирандозро даъват мекарданд, ӯ аз болои боми хона баромада, наздики равзанаи хона се бор тир меандохт, мақсад аз тирандозӣ дар он аст, ки кӯдак шикорчӣ шавад, болои гаҳвораи кӯдак бо ашёҳои аз чӯб тайёркарда (корд, шамшер, камон ва ғайра) ва агар кӯдак духтар таваллуд мешуд бо сӯзан, қайчӣ, ресмон, чархча, дук оро дода мешуд, Мақсад аз он иборат буд, ки духтар дар оянда дузанда, бофанда ва пазанда шавад, яъне баъди балоғат расидан ҳунарҳои занонаро ёд гирад. Дигар он ки ҳаёти ояндаи духтар хуб гардад, барои мустақил зиндагиро ташкил кардан омода бошад, ризқу рӯзиро пайдо кунад.

Таърихан аз насл ба насл расму русуми халқи тоҷик равнақу ривоҷ ёфта, барои солимии кӯдак пайваста ғамхориҳои зиёд ба харҷ дода мешуд бисёре аз мутафаккирон дар ин ақида буданд, ки солимии кӯдак ба муҳити хонавода вобаста аст. Бинобар ин гарчанде ба солимии кӯдак диққат дода мешуд ҳам, фавти кӯдак зиёд буд. Сабаби зиёди фавти кӯдак дар он замон аз он иборат буд, ки шароитҳои зиндагӣ, шароитҳои санитарӣ - гигиении (ҳифзисиҳагӣ) оила бад буд, чунки оилаҳои тоҷик серфарзанд буданд. Занҳои тоҷик 10-12 фарзанд ба таваллуд мекарданд, аммо аз сабаби надоштани шароитҳои хуб тарсу ҳарос онҳоро дар оила фаро мегирифт, ки мабодо кӯдакашро аз даст диҳад. Ғамхориҳо дар он замон нисбати занҳои ҳомиладор кам буд, аммо аз тарафи занҳои ҳомиладор низ дар он замон талаботҳо кам риоя карда мешуд. Инчунин аз рӯи расму русум баъзе чизҳоро иҷозат намедоданд, ба монанди: истодан дар пеши дар (таваллуд вазнин мешавад), сари роҳ нишастан (ба нутфа таъсир мерасонад), ё ин ки хӯрдани равғани моҳӣ (кӯдак гунг) мешавад. Дар зарфи 3 рӯз дашном додан, дар хона бо овози баланд гап задан мумкин набуд. мегардад, истифодаи расму русумҳо мақсадҳои хело хуб доштаанд, ҳамаи онҳо барои солимӣ ва рушди кӯдак мусоидат менамудаанд.

Дар онҳо фалсафаи тарбияи зиндагӣ, боварӣ ба бисёр чизҳои динӣ ҳамаи онҳо ба он равона карда шудаанд, ки кӯдак солим калон шавад, дар ғамхории падару модар бошад, аз рӯи намунаҳои табиат амал намуда, ватанро дӯст ва ҳивз намояд. Аз аёми таваллуд ба тарбия духтар аҳамияти ҷиддӣ дода мешуд, зеро ӯро тарбиятгари насли оянда ба ҳаёт тайёр мекарданд, ки ӯ тавонад хоҷагидор, кадбонуи хуб, чеҳрадаст ва модари хуб дар оила бошад.

Дар солҳои охир бешубҳа бо беҳтар шудани вазъи иқтисодӣ, иҷтимоӣ бисёр тағийротҳо дар урфу одатҳо расму русум, ки ба таваллуди кӯдак алоқамандӣ доштанд ба вуҷуд омада, бисёр элементҳои хуруфотпарастӣ аз байн рафтанд. Таъсироти калонро инкишофи вазъи

иқтисодӣ, иҷтимоӣ расонда шароитҳои хуб барои таввалуди кӯдак яъне таввалудхонаҳо, касалхонаҳо бунгоҳҳои тиббӣ ташкил шудаанд, ки маданияти халкро баланд бардоштанд.

Бо ҳамин мақсад мо байни занони ҳомиладор умуман занон пурсишномаҳо доир ба саволҳои зерин паҳн кардем:

- Кадом чизҳои хоси иҷозатдиҳанда ва маънкунандаро ҳангоми ҳомиладорӣ медонед?
- Кадом меъёрҳо барои ҳифзи кӯдак аз таълимоти динӣ медонед?
- Кадоме аз ин расму русумҳоро шумо имрӯз муҳим мешуморед?

Ин шахсонро ба ду гурӯҳ ҷудо кардем: якум, то синни 30-сола, дуюм аз 30-сола боло. Агар ба як савол ҷавоб доданд, яъне “суст медонад; ба ду савол “маълумоти кофӣ” дорад; ба се савол “хуб медонад”.

Аз одамони синну соли аз 30 боло ин хел натиҷа дод:

Намедонад – 45%

Суст медонад – 37, 9%

Маълумоти кофӣ доранд – 21, 2%

Хуб медонанд – 3, 2%

Аз ин ҷавобҳо, хушбахтона, маълум гардид, ки бисёр оинҳои пешқадам расму русум то ҳоло ҳам дар шакли нав бо баъзе тағйиротҳо аз тарафи модарон истифода мешуд. Мукамалтар он расму оинҳо ҳивз шудаанд, ки бештар ба хешу табор дастгирии якдигар дахл доранд. Масалан, хабаргирии кӯдаки навзод, ба модару кӯдак тӯҳфаҳо овардан ва оростани дастархон ва мақсади тавалуди кӯдак вуҷуд доранд.

Мо низ аз тарафи худамон баъзе тавсияҳоро барои занони ҳомиладор пешниҳод намудем:

- тамошо накардан ё камтар тамошо кардани телевизор ба мақсади зарар овардан ба модар ва тифл;
- истифода накардан аз телефонҳои мобилӣ;
- зиётар дар ҳавои тоза сайру гашт кардан;
- ғизоҳои сервитаминдорро истеъмол кардан;
- аз рангу бори косметикӣ истифода накардан;
- мӯи сарро набуридан (аз рӯи хуруфоти қадима яъне, кӯдак хушбахт намешавад);
- ҳеҷ гоҳ пеш аз таваллуд барои худ ва кӯдак либос харидан хуб нест;
- дар ҳомиладорӣ бофтан ва дӯхтан низ мумкин нест;
- ҳурмати калонсолон ва умуман ҳамаи аъзоёни оила ва гирду атроф;
- мӯи сари тифлро дар дарахт овехтан ба мақсади сарзабзу хуррам ва умри дароз дидан дар зиндагӣ доштан.

Бисёр чизҳои хубро оиди тарбияи духтарон аз таърихи тоҷикон гирифтан мумкин аст. Аз давраи қадим аҷдодони мо кӯшиш мекарданд, ки дар духтарон хислатҳои хуби инсондустӣ ба монанди: хоксорӣ, ҳушёрӣ, меҳмоннавозӣ, ҳисси баланди худшиносӣ, поквиҷдонӣ, росқавлӣ, ҳурмату эҳтироми калонсолон, ёрии якдигарӣ тарбия намоянд.

Ҳозир ақидае аст, ки одами фурутан, хоксор гӯё дар шароити ҳозира зиндагӣ карда наметавонад, аммо ин ақида нодуруст аст, чунки хоксорӣ хислати хуби инсон аст. Нақши калонро дар тарбияи духтарон дар оила тарбиягар, яъне падару модар, аъзои калонсоли оила мебозиданд. Дар оилае, ки якчанд наслҳо зиндагӣ мекунанд, хурдсолон аз калонсолон ҳам рафтор, ҳам кирдор ва ҳам касбу ҳунарро бевосита меомӯхтанд.

Чӣ хеле ки муаллифон В. Ф. Афанасеев, Д. А. Данилов, И. С. Партиягин, А. П. Оконешникова мегӯянд, тарбияи духтарон бояд аз хурдсолӣ сар шуда ҷараёни давомнок ва бефосила аз аёми таваллуд то охири умр бошад. Тарбияи кӯдаконро халқ ҳамчун ҷараёни бисёрҷабҳа ва дароз меҳисобид. Шаҳодати ин зарбулмасали зерин аст: “Ақлу хирад – баҳо надорад, тарбия – ҳудуд”. Одамон ҷиҳатҳои мушкилии тарбияро ба ҳисоб гирифта, аз наслҳо ба наслҳо методҳо, роҳҳо ва воситаҳои онро ҳамчун прогрессивӣ ва арзишманд ҳисобида ба мо мерос гузоштаанд.

Тарбия категорияи доимӣ буда, чӣ қадаре, ки ҷомеа вуҷуд дорад, он ҳам ҳамон қадар вуҷуд дошта метавонад.

Духтарон аз модарон ва аз момо, холаашон меомӯхтанд, чунки онҳо аз рӯи вазифаашон ба онҳо наздиканд. Аммо падару бобо низ дар тарбия дар канор наемонданд. Аз адабиёти бадеӣ ва дигар адабиётҳо маълум мегардад, ки ба тарбия на танҳо падару модар, бобо момо, балки хешу табор, ҳамсояҳо, шиносҳо, то ҳатто меҳмонҳо сару кор доштанд. Аммо мутассифона баъзан ҷазои ҷисмонӣ низ истифода бурда мешуд, ки аз ин духтарон низ дар канор набуданд. Дар баъзе оилаҳо аз таваллуди шудани духтар падарҳо ғамгин мешуданд, ҳатто боиси ҷудошавии оила низ мегардид. Аммо бо мурури замон ин нофаҳмиҳо аз байн рафтанд, имрӯз дар оилаҳо тоҷик баръакс ба дунё омадани духтар боиси хушию хурсандии падару модар ва дигар аъзои оила мегардад. Чӣ хеле ки шоир гуфтааст:

Машав ғамгин агар духтар бизодӣ,
Ки аз духтар бувад пайваста шодӣ [15, с. 262].

Ё ин ки дар халқ мақолҳои “Духтар ширини хонадон ва ба дил наздик”, “Духтарон модарони оянда” вуҷуд дорад, ки шаҳодати гуфтаҳои дар болоянд.

Бисёр шеърҳо ва сурудҳо дар васфи духтарони тоҷик сароида шудаанд.

Духтар ширинсухан,
Булбули боғу чаман.
Ғунчаи хандони ман,
Меҳрубонам Гулбаҳор.
Шоду хандон шав калон,
Рав ба мактаб ҳар замон.
Бо муҳаббат дарс хон,
Меҳрубонам Гулбаҳор.
Бар Ватанат доимо,
Хизмати бисёр намо.
Шод шавем аз ту мо,
Меҳрубонам Гулбаҳор [13, с. 152].

Дар ин шеър сухан дар бораи мақоми баланд доштани духтарон, зебогии вай, хушию хурсандӣ инъикос шудааст.

Дар тарбияи духтарон бевосита ҷиҳатҳои синну солӣ ва фардӣ, ҷисмонӣ ҳатман ба ҳисоб гирифта мешуд. Педагоги машҳур Н. К. Крупская гуфтааст: “Агар тарбияро хуб донӣ, кӯдакро низ хуб донистан мумкин аст ва медонӣ, ки ба ӯ чи кор бояд кард” [5, с. 112].

Вай он хислатҳоро ҷудо намуд, ки хоси ҳар як сину сол астанд ва дар ҷараёни таълим ба ҳисоб гирифтан лозим аст. Хулқу одобро дар кӯдак бояд тарбия намуд, чунки он замина дар ҳаёти ӯ нақш мебандад. Ин гуфтаҳои Н. К. Крупская дар фолкрор ва адабётҳои он давра инъикос шуда буданд.

Оғози тарбияи духтарон дар адабиёти классики тоҷик аз Қуръон сарчашма мегирад, чунки пеш аз ислом агар дар оила духтар таваллуд мешуд, ӯро зинда гӯр мекарданд, аммо инро Қуръон хотима бахшид ва барҳам дод. Мақсади асосӣ дар он аст, ки духтар модари оянда, зан соҳиби хонадон аст, дар оилаҳои тоҷикон духтаронро аз хурдсолӣ ба меҳнат кардан одат мекарданд, онҳо аз синни 6-солагӣ ба ресмонресӣ, нигоҳубини мурғон, аз синни 7-солагӣ дӯхтан, бофтан то 10-солагӣ бояд шустани дегу табақ, гов ҷӯшидан ва аз хурдсолон нигоҳубин карданро ёд мегирифтанд. Ӯ ба онҳо бозӣ карданро ёд медод, дар баъзе мавридҳо ҷазо ҳам медод. Ин маҳорату малакаҳо ба онҳо имконият медоданд, ки онҳо ҳамчун доя дар амалҳои дигар хизмат мекарданд.

Барои иҷрои ин гуна корҳо ба модар ёрӣ расонида, ба онҳо маслиҳатҳо дода мешуд. Бидуни иҷрои ин корҳо духтар ҳамчун ёрдамчии модар буда, боз дигар корҳои вазнинро, ки ба модар мушкил буд, иҷро мекард. Инчунин духтар ба чарогоҳ бурдан ва овардани рамаро ба зимма дошт. Ба онҳо алаф медод, оғилхонаро тоза мекард, хонаро мерӯфт, дегу табакро шуста ҷо ба ҷо мекард. Аллакай аз синни 5-6-солагӣ духтар ҳамаи он малакаҳои модарро, ки нисбати тарбияи тифли навзод, яъне гаҳворағунбонӣ, аллагӯӣ ва ҳамаи он корҳоеро, ки ба тарбияи тифл мансуб аст, иҷро мекард. Духтарон аз синни 5-7-солагӣ аз модаронашон ҳунари ресандагӣ ва бофандагиро ёд мегирифтанд. Ба онҳо дар печондани ресмон бо

ғалтакҳо ёрӣ мерасонданд ва аз синни 7-солагӣ аллакай бо дукчаҳо ресиданро машқ мекарданд. Дар Бадахшон бошад, духтарон на танҳо мересиданд, балки пашмро барои ресидан тайёр мекарданд. Дар бисёр минтақаҳо духтарон аз синни 10-солагӣ миёнбанд мебофтанд. Аз синни 14-15-солагӣ аллакай дар ҷӯробҳо, жемпер, калтачаҳо лавҳаҳои манзараҳо ҳар гуна суратҳоро тасвир намуда мебофтанд. Дар мактабҳои мусулмонӣ бачаҳо аз синни 5-6-солагӣ дар мактаби ибтидоӣ, аз синни 8-10-солагӣ дар синфҳои боло таҳсил мекарданд. Таълим ба духтарон ва писарон ба тариқи тафриқавӣ дода мешуд. Ба духтарон иҷоза дода намешуд, ки дар мадрасаҳои олӣ таҳсил кунанд.

Расму оини шарқ духтаронро аз ҷомеа дур месохт. Аз синни 9-солагӣ ба ӯ дар иҳотаи ҳамсолон будан манъ карда мешуд. Барои ҳамин ҳам духтаронро бибихалифаҳо дар хонаи худ тарбия мекарданд ва онҳоро аз чашмони одамони бегона пинҳон мекарданд. Аммо ин гуна маълумотгирӣ на ба ҳамаи духтарон хос буд, танҳо ба духтарони аз оилаҳои доро ва инро нависандаи тоҷик Ҷалол Икромӣ дар романи “Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро” чунин тасвир кардааст. Аз рӯи шароити мардикорӣ ба доя иҷозат дода мешуд, ки ду рӯз истироҳат кунад. Барои иҷрои вазифа ба ӯ самбӯсаи ҷавин, карамдор ва нон дода мешуд. Маънои он дар зарбулмасали “Ана ба ту кулчаю нон ва доя дар пушти чакдон” инъикос ёфтааст. Аз синни 12-солагӣ ҳамчун доя вазифа ба душ доштанд. Муносибати дояи хурдсол ба кӯдак хело самимӣ буд, онҳо бо забони ширин ва рафтори хуб бо кӯдакон муносибат ва муроҷиат мекарданд. Масалан,

Аз дастонат мегирам,
Ба кӯча мебарорам,
Очаҷонат меояд,
Дилу ҷонат меояд.
Ба ту кулча меорад
Ширу чака меорад,
Самбусаи алафин
Қанду печин меорад [13, с. 37].

Дар корҳои саҳро, полизкорӣ ва боғдорию чорводорӣ духтарон аз синни 9-11 ба модарони худ кӯмак мекарданд. Дар маҷмуъ духтарон бисёр корҳоро ёд гирифта, дар оянда ӯ ҳамчун шахси ба оила, ба меҳнат, ба тарбияи кӯдак ҳаматарафа тайёр мешуд. Дар ин кор пеш аз ҳама хизмати модар ва дигар аъзоёни калонсоли оила бағоят бузург аст.

Давраи аввал аз 5 то 8-солагӣ. Дар ин синну сол кӯдакон пойафзоли худӣ надоштанд – тобистон пойлуч мегаштанд ва зимистон дар хонаҳо менишастанд, ё ки “чоруқ” (чамус) мепӯшиданд. Дар солҳои аввал ягон фарқият дар тарбияи духтарон ва писарон дида намешуд. Онҳо дар оила якхела тарбия мегирифтанд ва нисбати онҳо якхела муносибат мекарданд. Дар амали онҳо озодии мутлақ буд, ба онҳо эҳтиёткорона муносибат мекарданд. Шавқу завқи онҳо бештар ба лухтакбозӣ ва бозиҳои серҳаракат буд. Духтарон бештар ба корҳо ва амалҳои модарони худ тақлид мекарданд. Оҳиста – оҳиста бо мурури замон вақте ки кӯдакон калон мешуданд, муносибат ба духтару писарон тағйир меёфт. Дар рафтори мадании онҳо тағйиротҳо мешуданд ва халқ ин синну солро яке аз ташаккулёбии сифатҳои хуби шахсӣ меҳисобиданд. Ҳамаи ин сифатҳо, корҳои вазнини духтарон бевосита дар фолклори халқ инъикос ёфтааст. Масалан, доир ба меҳнати вазнини духтарон ин мисраъҳо шаҳодат медиҳанд:

Дилакам зардоб шуд, аз чак-чаки бофандагӣ,
Дилакам пуроб шуд аз риштаҳои кандагӣ.

Давраҳои аввали шашсолагӣ ва инкишофи шахсро педагоги барҷастаи чех Я. А. Каменский “давраи мактаби модарӣ” меномид. Дар ҳақиқат ҳам ин давра давраи алоқамандии зич ба модар аст ва бисёр чизҳо ба ақл ва дониши ӯ вобаста аст. Хизматҳои падару модар дар тарбияи фарзанд аз ақлу дониш, заковати онҳо бевосита ба ояндаи ӯ таъсири худро мерасонад [4, с. 26-30].

Тарбия ин он маъноро надорад, ки доимо дар паҳлӯи кӯдак (аз ҷумла духтарон) бошӣ, ҳамаи кори ӯро назорат кунӣ, фаҳмонӣ, нақл кунӣ, маъно дар он аст, ки озодии кӯдакро

назорат кунӣ, ки кӯдак дунёро аз рӯи худаш фаҳмад, чашми ӯро ба дунёи нав кушодан, то ки ӯ чизи навро дарк кунад, фаҳмад, озодандеш бошад, ҷустуҷӯ кунад, ки ин ба инкишофи ояндаи ӯ ёрӣ расонад. Таврe тарбия дод, ки ӯ ба ҳама боварӣ ҳосил намояд ва ин боварӣ ба худ ба ӯ имконият медиҳад, ки ӯ мақоми худро дар ҳаёт дар оила ёфта тавонад, чунки худназораткунӣ дар ҳаёти инсон нақши калон бозида аз айёми кӯдакӣ ин қадами аввалин буда дар оянда дар ҳаёт ба ӯ ёрӣ мерасонад.

Аз яксола то 1,5-солагӣ духтар ба бисёр ашёҳои рӯзгор таваҷҷуҳ мекунад. Аз 1,5-2-солагӣ ӯ бояд ба меҳнати якҷояи падару модар тақлид мекунанд. Аз 2-3-солагӣ ӯ забон ёд мегирад ва мегӯянд, ки дар ин синну сол ӯ якчанд забонро аз худ карда метавонад. Аз 2–3-солагӣ ӯ давраи “якравӣ”-ро аз сар мегузаронад. Дар ин давра дар назди падару модарон ду вазифа меистад.

Духтарро озор додан ё рӯафтода кардан лозим нест, дар ӯ тарсу бимро пайдо набояд кард. Духтарро золим набояд кард, агар ба якравии вай баҳои нодуруст дода шавад, ӯ инро ҳис карда, одати худро давом медиҳад.

Аз 3 то 6-солагӣ аёми бедоршавии хаёлот (фантазия) фаъолияти роҳбарикунандаи ин давра – бозӣ, яъне кӯдакон бозиҳои мураккаби сюжетнокро иҷро мекунад, ин ҷо мо хаёлоти онҳоро мушоҳида мекунем. Дар бозиҳо зиракӣ ва ҳушёрӣ инкишоф меёбад. Дар ин аём ӯ дар гирду атрофи ҳамсолон бозӣ мекунад. Модарони ғамхор духтарони худро дар “ҷамъияти ҳамсолон” ворид месозанд. Ин истилоҳро Г. Н. Волков ба илм ворид сохт. Дар зери мафҳуми “школой сверетников” (мактаби ҳамсолон) кӯдакони кӯча ё ҳавлиҳои наздик ба шумор мераванд, ки якҷоя бозӣ мекунанд. Дар шаҳрҳо ва қишлоқҷойҳо то синни 14-солагӣ ин ҳамсолон бо бозиҳои гуногун ҷалб карда мешаванд. Аз ин рӯ, агар “мактаби модарӣ” нақши асосиро дар ташаккули кӯдак ҳамчун инсон бозида, аммо “мактаби ҳамсолон” нақши асосиро дар ташакули шахсияти ӯ мебозад [3, с. 107-108]. Давраи дуюм – давраи болу паркушоӣ. Дар ин синну сол духтарон алоҳида хоб рафта, кати махсуси худро дошта бошанд. Аз 8 то 12-солагӣ кори якҷоя бо падару модарон дар оила сар мешавад. Модарон духтаронашонро говҷӯшӣ, тайёр намудани ғизоҳои ширӣ ёд медоданд. Шарти асосии тарбияи духтарон ёд додани ҳунарҳои занона дар хонавода ба ҳисоб меравад. Инчунин духтаронро бо баъзе мушкилотҳои ҳаёт мутобиқ кардан лозим аст. Масалан, боду ҳавои хунук иқлими сард низ таъсир расонада, онҳо ба он бояд мутобиқ ва тоқатовар шаванд. Дар оилае, ки духтарон бисёранд ба онҳо вазифаҳои гуногун супорида мешавад. Модар кори духтаронро назорат мекунад ва ҳангоми иҷрои ин ё он кор бо ҳам суҳбат мекунанд, баъзан низоъҳо ба амал меоянд, афсонаҳо нақл мекунанд, шеър мехонанд, аммо ин амалҳо бо овози паст иҷро мешаванд. Аз рӯи нақлҳо, ривоятҳои сайёҳон бармеояд, ки духтарони тоҷик маҳоратҳои бои эҷодӣ – бадеӣ доранд. Духтарон аз мураҳо, аз ресмонҳо ҳар гуна чизҳоро сохта, ки диққати ҳамагонро ба худ ҷалб месозанд.

Давраи сеюм – давраи балоғатӣ.

Аз синну соли 13-16-солагӣ духтарон мустақилона кори хона ва ҳавлиро пеш мебаранд. Онҳо кадбонуи хона. Бо орою торо додани худ бештар диққат медиҳанд. Масалан, аз мураҳо ҳар гуна гарданбан, мӯйбанд тайёр мекарданд ва гарданбандро дар гардан овехта ва мӯйбандро дар мӯйҳояшон мебофанд. Дар гӯшҳо ҳалқаҳои нуқрагӣ ва дар дастҳо дастпонахои тиллоӣ баста худро оро медиҳанд. Мустақилона барои худ ва аъзоёни оила хӯрок мепазанд ва ҳар гуна либосҳо мебофтанд: чакан, пайпоқ, ҷӯроб, ҷома, токӣ ва ғайра. Аз ин ҷост, ки ба тарбияи ахлоқӣ, эстетикӣ ва тозагии духтарон диққати ҷиддӣ дода мешуд.

Хусусиятҳои хоси хислатҳои духтарони тоҷик – ин хоксорӣ, хулқу одоб, тоқатпазирӣ ва меҳнатдӯстӣ аст. Духтарон одатан камгап, камгӯй, эҳтиёткор, бофикру боҳӯш тарбия меёбанд. Онҳо ҳеҷ гоҳ якум шуда худро ба суҳбат бо одамони ношинос ҳамроҳ намесохтанд, агар ба саволи онҳо ҷавоб медоданд, чашм ва сарашонро хам мекарданд, бо ду – се калима ҷавоб медоданд, ба роҳгузарон гап намепартофтанд, бо овози баланд ханда намекарданд, ба ҷавонписарон нигоҳ намекарданд ва ғайра. Ин хислатҳои хуби духтарон ҳисоб мешуданд. Аммо имрӯз бадбахтона мушоҳида карда истодаем, ки қисме аз духтарони ноболиғ, ки то ҳоло бо балоғати ҷисмонӣ ва ахлоқӣ нарасида, алоқаи ҷинсии барвақтӣ мекунанд, машрубот

менӯшанд, сигор мекашанд, ки ин хеле проблемаи ҷиддӣ мебошад ва махсусан ин дар шаҳрҳо ба мушоҳида мерасад. Фолклори тоҷик ва классики тоҷик проблемаи тарбияи ахлоқии духтарони наврасро ҳаматарафа дар бар мегирад. Дар афсонаҳо шарафи духтарон боло нишон дода, хислатҳои манфӣ зери танқид гирифта мешуд. Ба духтарон доимо талқин мекарданд. “Шарафи духтарӣ – хушбахтиро эҳтиёт мекунад”, “Куртаро аз аввал эҳтиёт кун – шарафро аз кӯдакӣ”.

Давраи чорум – давраи камолот (17-18-солагӣ)

Духтар даруни хона

Модар ба ӯ намуна [14, с. 96].

Ба ин мақсад аз рӯи суҳбатҳо ва пурсишномаҳо ба саволи “Кадом тарафҳои манфии тарбияи духтаронро шумо метавонед дар замони ҳозира номбар кунед”? Бисёриҳо чунин хислатҳоро ба монанди: ҳавобаландӣ, худписандӣ, ҳурмату эҳтироми падару модар ва дигар аъзоёни калонсолро ба ҷо наовардан ва ба гапҳои онҳо гӯш накардан, таъсироти технологияи муосир, яъне филмҳои хусусияти фошиявӣ дошта, видиоҳо, ҳар гуна бозиҳои компютерӣ, ки хислатҳои манфӣ дошта, надоштани дониши кофӣ ва ғайраҳоро арзёбӣ намуданд. Аммо системаи тарбияе, ки аз қадим мерос мондааст то имрӯз моҳият ва мақсади худро гум накардааст ва имкониятҳои калонро барои ташаккули тарбияи духтарони наврас фароҳам месозад. Б. Н. Попов қайд намудааст, ки “Тарбияи оилавӣ имрӯз урфу одатҳои худро гум карда, ҷойро ба институтҳои ҷамъиятӣ дода истодааст” [10, с. 134]. Таъриҳ гувоҳ аст, аз қадимулайём духтарони наврасро аз синни ноболиғ (12-13) ба шавҳар медоданд. Гарчанде ки онҳо аз ҷиҳати физиологӣ ба ин тайёр набуданд. Аммо аз рӯи урфу одат онҳо дар хонаи шавҳар ба тамоми қонуну қоидаи он хонавада риоя мекарданд. Аз баски дар он замон имконияти таҳсил кардан надоштан, аз рӯи гуфтаҳои калонсолон амал мекарданд. Ба тарбияи фарзанд дар асоси расму оинҳои он замон амал мекарданд. Аз эҷодиёти даҳанакии халқ ва панду ҳикматҳои бузургон истифода мебурданд. Ба корҳои хоҷагидорӣ, зироаткорӣ, чорводорӣ ва боғдорӣ машғул буданд. Ба духтаронро аз хурдсолӣ ин корҳоро ёд медоданд. Тарбияи духтарон дар он замон вазнин буд. Духтарон бе иҷозати калонсолон ҳуқуқи аз хона ба берун баромадан надоштанд.

Ба ҳамин тариқ духтарон дар ин синну сол аз уҳдаи кори хона, хоҷагидорӣ баромада метавонистанд. Онҳоро дар ин синну сол ба оиладорӣ тайёр мекарданд. Дар асоси расму оинҳо духтарро ба шавҳар медоданд. Дар он замон дӯст доштан, ишқу муҳаббат изҳор кардан байни духтару писар вуҷуд надошт. Падару модар ё аъзои калонсоли оила ба хости худашон духтарро ба шавҳар медоданд. Дар он замон никоҳи хешу таборӣ авҷ гирифта буд. Ҳатто чунин анъанае мавҷуд буд, ки агар шавҳар аз дунё мерафт, аруси ҳамон хонаро ба бародари шавҳараш никоҳ мекарданд ё ки агар зан аз дунё мерафт хоҳарашро келини ҳамон хонадон мекарданд. Хушбахтона ин гуна расму русум ва анъанаҳо қариб аз байн рафтанд.

Дар фолклори тоҷик мо доир ба муҳаббат, ишқи духтарон маълумот пайдо накардем. Ба ҳаёти мустақил қадами нахуст гузоштани духтарон давраи ҳаёти духтарон буд, чунки ин қадам як бор дар ҳаёт ва то охири умр аст. Ҷудошавӣ дар оилаҳо тамом мушоҳида намешуд, чӣ қадаре, ки интихоб дуруст бошад, ҳамон қадар тақдири духтарон хуб мешуд. Духтарон ба ҳаёти мустақил қадам мондан тайёрмекарданд. Аз ин рӯ барои писрон синну соли издивоҷ аз 18 -19 оғоз мешуд, барои духтарон аз синни 16-17, аммо аз рӯи анъана синну соли издивоҷ барои писарон 22-23 барои духтарон аз 18-солагӣ муқаррар карда шудааст. Дар оила аввал апа баъд хоҳар ба шавҳар дода мешуд. Ба ин расму русум дар оила ҷиддӣ риоя карда мешуд.

Таваллуди кӯдаки якум дар оилаи тоҷик ин хурсандии калон аст. Ин яъне амалӣ шудани муроду мақсадҳои он оила аст, ки худо ато кардааст ва бисёр мақолҳои халқи тоҷик шаҳодати он аст, ки гуфтаанд: “Зани бебача – бурёи сари кӯча”, яъне зани бебача ба монанди дарахти беҳбара, “Асал ширин бача аз асал ширинтар”, “Хонаи бачадор бозор, хонаи бебача мазор” [14, с. 97]. Дар оилаи тоҷикон ҳурмати хурду калон, ҳурмати падару модар арзиши бузург дошт. Модар дар оилаи тоҷикон мақоми хоси худро дошта, ӯ ҳамчун шахси муқаддас, бузург дар оила ҳисоб мешавад. Зан ва мақоми ӯ аслан дар таърихи халқи тоҷик мақоми хоса дошта, соҳиби бахои баланд будааст.

Дар замони муосир аз рӯи нишондодҳои асосиасияи “Занони илми Тоҷикистон” бисёр бадбахтиҳоро духтарон дар синну соли аз 19 то 25-солагӣ аз сар мегузаронданд. Бисёр духтарони ҷавон барои ёрӣ ва дастгирии ҷамъияти “Занон дар инкишоф” муҳтоҷ астанд ва қисме аз духтарон ва занони ҷавон ба ин марказ мурочиат мекунанд. Чун қоида аксарияти духтарон на ин, ки дар кӯча ва аз тарафи одамони бешараф қурбон мешаванд, балки қурбони оилаи худ мегарданд. Занон ва духтарони ҷавон дар оила аз фишор овардани мардҳо хаста шуда, доир ба макони худ чӣ кор карданро намедонистанд. Заноне астанд, ки ба ин гуна шиканчаҳо тоб оварда зиндагӣ мекарданд. Зӯроварӣ дар оила ин бадбахтӣ барои худи духтарони ҷавон, наврасон ва кӯдакон ва тамоми ҷомеа мебошад. Духтарони ҷавоне, ки азобу уқубатҳои ҷазои ҷисмониро аз сар мегузарондан, рӯҳафтода шуда ҳаёти ӯ вазнину сангин мешавад. Ӯ дар худ бисёр чизҳоро аз даст дода, худро ҳамчун шахсият фаромӯш мекунад, ҳеҷ гоҳ модари хуб шуда наметавонад ва ҳеҷ гоҳ кӯдаки хубро тарбия кардан наметавонад. Агар ӯ худро бегуноҳ ҳисоб карда бошад ҳам, ӯро гунаҳкор ҳисоб мекунанд. Чӣ кор карданашро намедонад, ӯ медонад, ки муқобилият нишон дода наметавонад, гарчанде ба қувваи худ боварӣ дошта бошад.

Хулоса, мақсади банда дар мақола ба ҷиҳати назариявӣ диққат дода, барои асоснок намудан, коркард ва санҷиши озмоишии масъалаҳои тарбияи ахлоқии духтарони наврас дар педагогикаи халқи тоҷик нишон диҳам, ки дар он як қатор шартҳои ба ҳам алоқаманд ва аз нигоҳи педагогӣ асосноки такмили тарбияи оилавӣ, ки ба татбиқи расму анъанаҳои халқӣ дар раванди ташаккули ақидаҳои ахлоқии духтарони наврас нигаронида шудааст, муайян ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок гардид. Аз ин рӯ барои дуруст тарбия кардани духтарон ба модарон лозим аст, ки ба расму русум ва анъанаҳои халқӣ такя намуда, тарбияи духтаронро дар замони муосир дуруст ба роҳ монанд, то ки боиси пойдор ва мустаҳкам барпо намудани оила дар оянда гардад.

Адабиёт

1. *Афсонаҳои халқи тоҷик / Гирдоваранда Р. Амонов, Д. Обидов. - Душанбе, 2008. - 434 с.*
2. *Виноградов Г. С. Народная педагогика. - Махачкала, 1968. - 290 с.*
3. *Волков Г. Н. Идея о совершенной личности в народной педагогике // Советская педагогика. - 1971. - №10. - С. 105-110.*
4. *Каменский, Я. А. Избр. пед. соч.: В 2 т. / Я. А. Каменский. - М., 1982. –656 с.*
5. *Крупская, Н. К. О воспитания и обучения / Н. К. Крупская. – М.: Учпедгиз, 1946. – 304 с.*
6. *Лутфуллоев, М. Эҳёи педагогикаи аҷам / М. Лутфуллоев. - Душанбе, 1977. – 150 с.*
7. *Мардонова, А. Обычаи и обряды детского цикла у таджиков верховья Зеравшана в прошлом и настоящем / А. Мардонова // Советская этнография. – 1984. - №3. – С. 120-128.*
8. *Неменова, Р. Л. Таджики Варзоба / Р. Л. Неменова. - Душанбе, 1998. – 250 с.*
9. *Нуров, А. Арзишҳои миллӣ ва умумиинсонӣ ва нақши онҳо дар тарбияи ахлоқии насли наврас / А. Нуров. - Душанбе, 2004. - 215 с.*
10. *Попов, Б. Н. Семейная культура народов Северо-Востока России: традиции и инновации / Б. Н. Попов. - Новосибирск. Из. наук, 1993. – 274 с.*
11. *Рахимзода, Х. Влияние социальных институтов воспитания на подготовку старшеклассников к семейной жизни: дис. ... д-ра пед. наук / Х. Рахимзода. - Душанбе, 2002. - 324 с*
12. *Сайфуллаева, М. Мать и дочь в народной педагогике таджиков // Народная педагогика и современные проблемы воспитания: материалы Всесоюз. науч. -практ. конф. Ч. 4. / М. Сайфуллаева. – Чебоксары, 1991. - С. 17-19.*
13. *Свод таджикского фольклора. Пословицы. Том 4 / Редакторы Р. Амонов, И. Брагинского, И. Левина и др. – Душанбе, 1986. – 239 с.*
14. *Таджикские пословицы и поговорки. Том 2. / Сост. Б. Тилавов; под. ред. Р. Амонов. – Душанбе: Адиб, 1990. – 142 с.*
15. *Фозилов, М. Панду ҳикматҳо / М. Фозилов. – Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1967. - 479 с.*
16. *Фольклори тоҷик. Хрестоматия - Душанбе: Маориф, 1989. - 376 с.*

РАСМУ РУСУМ ВА АНЪАНАҲОИ ХАЛҚӢ ДАР ТАРБИЯИ ДУХТАРОН

Муаллиф дар мақолааш доир ба расму русум ва анъанаҳои халқӣ дар тарбияи духтарон қайд кардааст, ки тарбия аз оила сарчашма гирифта, муассиса густаришдиҳандаи он мебошад. Дар тарбия ба қонуну қоидаҳое, ки дар педагогикаи халқӣ нишон дода шудуда, такя намуда, дар алоқамандӣ ба педагогикаи муосир тарбияи духтарони наврасро ба роҳ мондан лозим аст. Дар замони ҳозира яке аз масъалаҳои асосӣ ин омӯхтан ва баҳо додан ба ҳамаи лаҳзаҳои инкишофи даврaҳои синнусолии таълим ва тарбия мебошад. Вазифаҳои асосии тарбияи ахлоқии духтарони наврас дар мактабҳои имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ин ташаккули эҷодии шахсияти фаъол, ки маҳорати дарккунӣ, ҳиссиёт ва баҳо додан ба ҳаёти реалӣ инчунин кордони хуб ва шахси фаъоли оила мебошад. Дар замони шуравӣ педагогикаи халқӣ ба таври кофӣ омӯхта нашуд. Хусусиятҳои миллии тарбия ба ҳисоб гирифта нашудаанд. Бояд қайд намуд, ки дар солҳои 20-ум педагогикаи халқиро географ ва этнограф Г. С. Виноградов тадқиқот карда буд. Вай нишон дод, ки педагогикаи халқӣ ҳамчун қисми таркибии маданияти педагогикаи халқ аст. Бояд зикр намуд, ки тарбияи модарӣ завқи бисёр тадқиқотчиёнро ба худ ҷалб кард. Педагоги бузурги чех Ян Амос Каменский ғояи мактаби модариро асоснок кард ва бештар ба таҷрибаи бои тарбияи оилавӣ такя кард. Ва ин анъанаҳо то ҳол ҳам моҳияти худро гум накардаанд. Ҳамин аст, ки имрӯз Пешвои муаззами миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдат Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон доир ба тарбия насли наврас ва ҷавонон ғамхориҳои пайваста намуда, барои дуруст ба роҳ мондани он чораҳои зарурирo андешиданд. Ин буд, ки соли 2015-ро “Соли оила” ва 3 декабри соли 1999, №5 «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа», ки аз тавсиби он 25 сол пур мешавад, далели ин гуфтаҳо мебошад.

Калидвожаҳо: расму русум, анъана, духтарон, тарбия, оила, модар, кӯдак, фарзанд, фолклор.

ОБЫЧАИ И НАРОДНЫЕ ТРАДИЦИИ В ВОСПИТАНИИ ДЕВОЧЕК

В статье об обычаях и народных традициях в воспитании девочек автор отмечал, что воспитание берет свое начало в семье, а школа её развивает и продолжает. В воспитании необходимо опираться на законы и правила, показанные в народной педагогике, а в связи с современной педагогикой необходимо налаживать обучение девочек-подростковых возрастов. В настоящее время одним из основных вопросов является изучение и оценка всех моментов развития возрастных периодов воспитания и обучения. Основной задачей нравственного воспитания девочек-подростковых возрастов в школах Республики Таджикистан сегодня является творческое формирование активной личности, способной воспринимать, чувствовать и оценивать реальную жизнь, а также хорошего профессионала и активного члена общества семьи. В советский период народная педагогика не была достаточно изучена. Национальные особенности образования не учитывались. Следует отметить, что в 20-е годы народной педагогикой занимался и изучал географ и этнограф Г. С. Виноградов. Он показал, что народная педагогика является неотъемлемой частью народно-педагогической культуры. Следует отметить, что материнское воспитание привлекало интерес многих исследователей. Великий чешский педагог Ян Амос Каменский основывал идею материнской школы и больше опирался на богатый опыт семейного воспитания. И эти традиции до сих пор не утратили своей сути. Именно поэтому сегодня великий лидер нации, основатель мира и единства, Президент страны Эмомали Рахмон постоянно заботится о воспитании подрастающего поколения и молодежи, принимает необходимые меры для его правильной реализации. Это было сделано в 2015 году - «Годом семьи», а свидетельством этих заявлений является № 5 «О мерах по повышению статуса женщины в обществе», 3 декабря 1999 году, которому исполнилось 25 лет со дня его принятия.

Ключевые слова: обычаи, традиции, девочки, воспитание, семья, мать, ребенок, дитя, фольклор.

CUSTOMS AND FOLK TRADITIONS IN THE EDUCATION OF GIRLS

In an article about customs and folk traditions in the upbringing of girls, the author noted that education originates in the family, and the school develops and continues it. In education, it is necessary to rely on the laws and rules shown in folk pedagogy, and in connection with modern pedagogy, it is necessary to establish the education of teenage girls. Currently, one of the main issues is the study and assessment of all aspects of the development of the age periods of education and training. The main task of moral education of teenage girls in schools of the Republic of Tajikistan today is the creative formation of an active personality capable of perceiving, feeling and evaluating real life, as well as a good professional and an active member of the family society. During the Soviet period, folk pedagogy was not sufficiently studied. National peculiarities of education were not taken into account. It should be noted that in the 20s, geographer and

ethnographer G. S. Vinogradov was engaged in and studied folk pedagogy. He showed that folk pedagogy is an integral part of folk pedagogical culture. It should be noted that maternal education has attracted the interest of many researchers. The great Czech teacher Jan Amos Kamensky founded the idea of a mother's school and relied more on the rich experience of family education. And these traditions still have not lost their essence. That is why today the great leader of the nation, the founder of peace and unity, President Emomali Rahmon constantly cares about the education of the younger generation and youth, takes the necessary measures for its proper implementation. This was done in 2015 - the "Year of the Family", and evidence of these statements is No. 5 "On measures to improve the status of women in society", December 3, 1999, which marked the 25th anniversary of its adoption.

Keywords: customs, traditions, girls, upbringing, family, mother, child, child, folklore.

Дар бораи муаллиф
Мамадносирова Мобегим Мирзомамадовна
Номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи педагогика ва психологияи синфҳои ибтидоӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121

Об авторе
Мамадносирова Мобегим Мирзомамадовна
Кандидат педагогических наук, старший преподаватель кафедры педагогики и психологии начальных классов
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121

About the author
Mamadnosirova Mobegim Mirzomamadovna
Candidate of Pedagogical Sciences, senior lecturer at the Department of Pedagogy and Psychology of Primary Schools
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121

ТДУ 37.017:821.161)

АРЗИШИ АДАБИЁТИ РУС ДАР ТАШАККУЛИ ҶАҲОНБИНӢ ВА ҶАҲОНФАҲМИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ БОЛОЙ

Назриева Ҷ. М.
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

Ташаккули ҷаҳонбинӣ ва ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои болоӣ вазифаи аввалиндараҷаи системаи маорифи муосир ба шумор рафта, ҷузъи муҳими талаботи иҷтимоии таълимро ташкил медиҳад. Маориф дар таҳким бахшидан ва ба сатҳи баланд бардоштани маънавиёт ва ахлоқи ҷомеа нақши созгор дорад. Ҷомеа танҳо дар он вақт қодир аст, ки ҳадафҳои бузурги миллӣ ба миён гузорад, ки системаи ягонаи талаботи ахлоқӣ дошта бошад. Ва натиҷаи ин талабот ҳаст, ки дар ҷомеа эҳтиром ба арзишҳои фарҳангӣ, тамаддун, эҳёи суннатҳои мардумӣ, санаҳои таърихӣ ва арҷгузорӣ ба муқаддасоти миллӣ сурат мегиранд.

Дар ин раванд, дар тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои болоӣ дарсҳои адабиёти рус, ки дар баробари машғулиятҳои забони тоҷикӣ мавқеи созгор доранд, нақши бузург ва арзиши беандоза дошта метавонанд.

Адабиёти рус яке аз сарчашмаҳои ғанӣ гардондани нутқи хонандагон, инкишоф додан ва малакаи муошират онҳо ба ҳисоб меравад. Адабиёт ҳамчун фанни таълимӣ дорои иқтидори бузурги тарбиявӣ буда, ба омӯзгор имкон медиҳад, ки на танҳо қобилияти зеҳнии хонандагонро инкишоф диҳад, балки барои баланд гардидани сатҳи ҷаҳонбинӣ, дарки маънои ҳаёт ва муайян кардани ҳадафҳои минбаъда замина гузорад.

Тавре, ки В.А. Коханова қайд мекунад: «Адабиёт як фанни асосии таълимӣ буда, симои маънавӣ ва дастурҳои ахлоқии насли наврасро ташаккул медиҳад. Он дар рушди ҳиссиёт, зеҳн ва эстетикаи хонандагон, дар ташаккули ҷаҳонбинӣ ва ҳувияти миллии онҳо мавқеи пешбаранда дорад, ки бе он инкишофи маънавии миллат ғайриимкон аст. Хусусияти адабиётро ҳамчун фанни мактабӣ моҳияти он муайян мекунад. Адабиёт оламро аз ҷиҳати эстетикӣ ҳифз карда, боигарӣ ва гуногунии мавҷудияти инсониро дар образҳои бадеӣ ифода мекунад. Таъсири адабиёт ба хонандагон бузург буда, онҳоро ба арзишҳои ахлоқию эстетикии миллату башарият ошно месозад» [14, с. 11].

Ҳадафҳои афзалиятноки омӯзиши фанни «Адабиёти рус» дар заминаи татбиқи Стандартҳои давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ гуногун ҳам бошанд, вале вазифаи асосӣ дар байни онҳо ин:

- ташаккули шахсияти аз ҷиҳати маънавӣ инкишофёфта;
- доштани ҷаҳонбинии башардӯстона;
- ташаккули ҳувияти миллӣ ва шуури шаҳрвандӣ;
- баланд гардидани ҳисси ватандӯстӣ;
- дарки маънои асарҳои адабиёти ҷаҳонӣ, мутолиа ва таҳлили онҳо;
- дарки моҳияти образҳои санъати калом дар асоси принсипҳои ягонаи шаклу мазмуни бадеӣ;
- дар ҳаёт татбиқ кардани фаҳмиш ва донишҳое, ки дар раванди дарсҳои адабиёти рус ба даст омодаанд, алоқаи бадеият бо ҳаёт.

Чунин низоми таълимро дар китобҳои дарсии мактабҳои муосир, махсусан дар машғулиятҳои адабиёти рус мушоҳида кардан мумкин аст.

Бояд гуфт, ки низоми дарки ҳиссиёти маънавӣ, ахлоқӣ ва эстетикӣ бо интихоби доираи воқеии метод ва усулҳои корбарӣ дар машғулиятҳо муайян карда мешавад. Шавқу ҳаваси хонандагонро барои мутолиа ва рӯй овардан ба китобхонӣ аз методҳое, ки омӯзгор дар раванди дарсҳо истифода мебарад, вобастааст.

Мусаллам аст, ки Барномаи таълимии муосири мактаб аз фанни адабиёти рус талқин бар он дорад, ки дар хонандагон малака ва маҳоратҳои мушаххаси марбут ба мавзуъ, таҳлил ва тафсири матни бадеӣ, инчунин истифодаи амалии онҳо дар раванди эҷоди баён, нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ ташаккул ёбанд.

Аз ин рӯ, дар ин раванд аз омӯзгор талаб карда мешавад, ки хусусиятҳои хонандагонро (дарки матни мавзуъ, нутқи бурро, сатҳи фаҳмиш ва ғайра) ба инобат гирифта, бо истифода аз маҳорати касбии худ машғулиятҳоро бароҳ монад [12, с. 14].

Яке аз вазифаи педагог дар синф аз он иборат аст, ки дар хонандагон зарурати фикр кардан, таҳлил ва хулосаҳои лозимӣ баровардан мебошад. Инчунин, омӯзгор бояд ба хонандагон фаҳмонида тавонад, ки адабиёти рус ёрирасони онҳо дар масъалаҳои бамиёномадаи таълимӣ гардида метавонад.

Дар баробари ин, ташаккул додани завқи мутолиаи асарҳои адабиёти рус ва дарк кардани қаҳрамонҳои он хонандагонро дар ҳаёт ёрӣ мерсонад. Яъне, хонандагон бо хондани асарҳо дар бораи қаҳрамонҳо ва тарзи зиндагии онҳо шинос шуда, бо азсаргузаронӣ ва таҳлили мантиқӣ дар шуури худ бархурд мекунанд.

Барномаҳо ва машғулиятҳои адабиёти рус дар мактабҳо хеле гуногунанд. Вале бештари дарсҳо, маҳз, ба тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои болоӣ нигаронида шудаанд. Баъзе аз он асарҳое, ки дар раванди машғулиятҳо гузаронида мешаванд, номбар мекунем: А.Н. Островский - драмаи «Раъду барқ»; Н.А.Некрасов - шеърҳо «Сегона», «Тасхираи ту ба ман писанд нест...», «Дируз, тахминан соати шаш...», «Ману ту одамони нодонем...», «Шоир ва шаҳрванд», «Элегия», «Кӣ дар Рус нағз зиндагӣ мекунад»; Ф. М. Достоевский - романи «Ҷиноят ва ҷазо»; Л.Н.Толстой - романи «Ҷанг ва сулҳ»; А.П. Чехов - ҳикояҳо «Донишҷӯ», «Ионич», «Бону бо саг», «Одам дар халта», «Боғи гелос»; А.А.Блок - «Шеърҳо дар бораи бонуи зебо», «Бегона», «О, баҳори беохиру бе канор...», «Дар майдони Куликово», «Дувоздаҳ»; С.А. Есенин - «Руси шуравӣ», «Бозгашт ба Ватан», «Анна Снегина», «Одами сиёҳ»; М.А.Булгаков - «Усто ва Маргарита», «Дили саг», «Гвардияи сафед»; А.А. Ахматова - «Дар мо таровати сухан ва соддагии ҳиссиёт...», «Хонанда», «Боғи тобистонӣ», «Ба шаҳри Пушкин», «Шамоли ҷанг», «Дар канори баҳр».

Тавре мушоҳида мегардад, гарчанде адабиёти рус ва омӯзиши он дар мактаб функсияҳои гуногун дошта бошад ҳам, мақсад ва ҳадафи он - аз ҳар ҷиҳат ташаккул додани хонандагон, баланд бардоштани сатҳи маърифат ва тарбияи маънавӣ-ахлоқии онҳо мебошад.

Асарҳои бадеӣ масъалаҳои ахлоқӣ, эстетика ва иҷтимоӣ хонандагони синфҳои болоиро матраҳ намуда, ба таҳияи стратегияи ҳаётан муҳимми онҳо саҳм мегузорад.

Дарсҳои адабиёти рус воситаи муҳимме ба шумор мераванд, ки дар он тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагон ҳалли худро ёфта, ҳисси меҳрубонӣ, саховатмандӣ, боварӣ ба худ, эътиқод ва қобилиятҳои эҷодӣ ташаккул меёбанд.

Адабиёт дар ташаккули ҷаҳонбинӣ ва тарзи зиндагии насли наврас нақши муҳим дорад. Агар хонанда шавқу завқ ба хондани асарҳои бадеӣ надошта бошад, тафаккури мантиқии ӯ инкишоф намеёбад. Вакте ки мо китоб мехонем бевосита онро таҳлил карда, мақсади муаллифро дарк ва мефаҳмем [11, с. 14].

Мусаллам аст, ки вазифаҳои ташаккули шахсияти хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ин ғанӣ гардонидани тафаккури онҳо бо ақидаҳо ва фаҳмишҳою дарки маънавиёт ва ахлоқ мебошад. Зеро, тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ шуур ва ҳиссиёти хонандагонро инкишоф дода, малака ва одатҳои рафторро ба танзим медарорад.

Баъзан хонандагон ҳанӯз ақидаҳои ахлоқӣ ва ҷаҳонфаҳмии дуруст надорад. Ҳарчанд, ки дар назди мактаб, оила ва ҷомеа тарбия меёбанд, вале дараҷаи азхудкунии дониш дар онҳо гуногун инкишоф меёбанд. Албатта, ин ба инкишофи умумии ҳиссети ботинӣ ва дарки маънои ҳастии хонандагон ва таҷрибаи ҳаётии онҳо алоқаманд аст.

Маврид ба зикр аст, ки тарбияи шахсияти бомаърифат, боодоб, хушахлоқ ва бофарҳанг, ки дар шароити ҷомеаи муосир ва ҷаҳони зудтағйирёбанда тавони амалӣ гардонидани неруи эҷодии худро дар заминаи рушди қобилиятҳои ҷаҳонфаҳмӣ дорад, моҳият ва судмандии фаъолияти арзишпазирии омӯзгори фанни адабиёти рус мебошад.

Тавре ки педагог Н.С. Табаров қайд мекунад: «Роҳи осон барои тарбия ва ташаккули ҷаҳонбинӣ вуҷуд надорад. Ин раванд бениҳоят мушкил ва дуру дароз аст. Кӯдакро дастгирӣ кардан дар овони хурдсолӣ дар аввал бениҳоят заҳмати зиёдро талаб мекунад, вале натиҷааш самарабахш буда, барои рушди шахс ва ҷомеа аз манфиат холӣ нест» [13, с. 34].

Проблемаи тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои болоӣ аз тарафи филологҳо, файласуфон, сотсиологҳо, фарҳангиён ва педагогҳо ба таври шоиста ва назаррас омӯхта шудааст. Вале ҳар давру замон консепсияи тарбияи худро дорад. Аз ин рӯ, омӯзиш ва таҳлили ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои болоӣ, махсусан дар шароити имрӯза аз манфиат холӣ нест.

«Яроқи» асосии педагог ин сухан, китоб ва ашёи аёнӣ ба шумор мераванд, ки таъсири онҳо дар тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагон басо муассир арзёбӣ мегардад.

Педагог, ки ҳар лаҳза бо китоб ру ба ру мегардад, барои тарбияи насли наврас маводи фаровон дастрас карда метавонад. Ва ин маводҳоро ӯ метавонад, дар раванди машғулиятҳо истифода барад.

Тавре муҳаққиқ И.А.Петраш мефармояд: «Аз ҷумлаи фанҳои гуманитарӣ, ки ба ташаккули шахсият бештар таъсир мерасонад, адабиёт аст, ки дорои имкониятҳои ғании маърифатӣ, ғоявӣ, педагогӣ ва эстетикӣ дорад. Адабиёт ҳамчун сарчашмаи дониш ва меъёрҳои ахлоқию эстетикӣ, посдори фарҳангу анъанаҳои ҷомеа дар ҳама давру замон яке аз ҷузъҳои асосии тарбия ва ташаккули шахсияти комил маҳсуб меёфт» [10].

Яке аз методҳои муассири таълимӣ, ки ҷанбаи тарбиявиро низ доро мебошад ин истифодаи матнҳои гуногуни бадеӣ мебошад. Ва барои дарки маъно ва муҳтавои матн истифода бурдан аз калимаҳои ҳаммаъно ва дар баъзан ҳолат муқобилмаъно ба манфиати кор хоҳад буд. Масалан: барои дарёфти маънои каломаҳои ҳамдардӣ, эҳтиром, ғамхорӣ, муҳаббат, самимият, нанг, номус, виҷдон, шараф, масъулият, уҳдадорӣ, поквиҷдонӣ, одоб, ахлоқ, ҳисси пушаймонӣ ва ғайра, калимаҳои муқобилмаъно ба мисли, бадрафторӣ, бадтинатӣ, беодобӣ, беадолатӣ, бешармӣ, беҳаёгӣ, беномусӣ, бешарафӣ ва ғайра равшантар ифода мекунанд.

Ба андешаи мо фаъолияти омӯзгор бо хонандагонро дар машғулитҳои адабиёти рус дар ду самт ба роҳ мондан самараи хуб медиҳад:

- дар раванди дарс ҳар як хонанда вазифадор карда шавад, ки вобаста ба мафҳумҳое, ки маънои дӯстӣ, самимият ва адолатро доранд, мустақилона андеша карда, сипас дар дафтар сабт кунанд ва баъдан ҳамаро бо натиҷаи фаъолияти худ шинос кунанд;

- дар раванди мубоҳиса он мафҳумҳое, ки хонандагон дар дафтарҳи худ таҳлил кардаанд як як ба тахтаи синф баромада, ба дигарон натиҷаи корро баррасӣ созанд.

Ин тарзи машғулиятҳо метавонанд, наврасонро ба моҳияти муносибатҳои инсонӣ, ки дар вожаҳои «дӯстӣ» - «рафиқӣ» - «муносибатҳои дӯстона» нуҳуфтаанд, ошно созанд.

Тавре педагог Каменская Л. Н. қайд мекунад: «Синни мактабӣ даврае маҳсуб меёбад, ки ба рушди ҳиссиёт ва ташаккули арзишҳои хонандагон замина гузошта, маънавёт, ахлоқӣ ва мавқеи шаҳрвандии онҳоро муайян месозад. Он чизе, ки дар айёми кӯдакӣ омӯхта мешавад, барои пайдо кардани таҷриба ва истифода дар ҳаёти минбаъда нақши созгор доранд. Таҷдиди эҳтиёҷоту ангезаҳо ва аз нав баҳодиҳии арзишҳо - нуктаҳои асосии гузариш аз синну сол ба синну сол мебошанд - таъкид кардааст Л.С.Виготский» [3, с. 3].

Дар ҳолатҳое, ки мафҳумҳо сифатҳои шахсӣ ва дарки амиқ ба моҳияти онҳо баррасӣ мешаванд, таҳлили муқоисавии хосиятҳои мусбат ва манфиро талаб мекунад. Масалан, ҳикояи А.С Пушкин «Духтари капитан» барои фаҳмиши чунин мафҳумҳои ахлоқӣ, ба мисли «шараф», «виҷдон», «нанг», «номус», «ифтихор», «иззат» ва «нафс» кумаки ҳамаҷониба менамояд. Таҳлили муқоисавии ин мафҳумҳо, яъне худпарастӣ, мағрурӣ, баднафсӣ, манманӣ ва беэҳтиромӣ ба хонандагон ёрӣ медиҳад, ки дар сурати мавҷуд набудани ҳисси таносуб хислату хосиятҳои мусбии инсонӣ метавонанд ба баръакси худ мубаддал шаванд. Инчунин, таҳлили ин мафҳумҳо ба хонандагон барои аз нав дида баромадани моҳияти муносибатҳо ва амалҳои одамон кумак мекунанд.

Агар романи «Духтари капитан»-и А.С. Пушкинро таҳлил намоем ошкор мегардад, ки ин асар дар бораи ахлоқ ва муносибаҳои инсонӣ эҷод гардидааст.

Ин романи ҷанбаҳои таърихӣ дошта, дар пасманзари ҳодисаҳои шуриши Емелян Пугачёв достони ишқ, садоқат ва вафодории қаҳрамонони асосӣ - Петр Гринев ва духтари капитан Маша нақл мешавад.

Дар баробари ин, масъалаҳои нобаробарии иҷтимоӣ, шаъну шараф, дӯстӣ, вафодорӣ, душвории интихоб ба миён гузошта мешаванд. Саршавии роман аз Гринев оғоз мегардад. Пётр Гринев дар дехаи Симбирск дар оилаи аскари ба истеъфобаромада Андрей Петрович ва дарбори камбағал Авдотя Васильевна таваллуд ёфтааст. Пётрро хизматгори содиқ Савелих ба воя расонид. Падараш дар синни 16-солагӣ Пётрро бо ҳамроҳии Савелич ба округи Оренбург таҳти фармондиҳии генерали шиносаш ба хизмат мефиристад. Дар роҳ мусофирон ба тӯфони барфӣ меафтанд ва роҳро гум мекунанд. Як шахси ношинос роҳро ба Пётр ва ҳамроҳони ӯ нишон медиҳад ва ба назди одамон мебарад. Гринев барои изҳори миннатдорӣ ба ӯ пустини худро, ки аз пусти харгӯш духташуда буд, медиҳад.

Дар Оренбург дӯсти падараш ҷавонро ба қалъаи Белогорск ба хизмат таъйин мекунад. Дар он ҷо Гринев бо афсар Алексей Швабрин шинос мешавад. Онҳо дарҳол дӯст мешаванд, вале баъдан аз барои духтари комендант Маша дар байни онҳо ҷанҷол сар мешавад. Пётр Швабринро ба муҳорибаи як ба як бо тапонча даъват мекунад ва дар он захмӣ мегардад.

Гринев аз Маша мефаҳмад, ки пештар Швабрин барои хостгорӣ кардан ба хонаи онҳо омада буд, аммо ҷавоби рад шунид. Духтар ба Гринев қавл медиҳад, ки ба ӯ ба шавҳар мебарояд. Аммо вақте ки Пётр дар як нома аз падару модари худ дуои хайр барои издивоҷ хост, падараш ин хоҳиши ӯро рад кард. Ба ҳамин дигар онҳо бо ҳам вонахӯрданд.

Моҳи октябри соли 1773 шуриши казокҳои бо сарварии Емелян Пугачёв оғоз гардид. Исёнгар худро императори эҳёшуда Пётри III эълон кард. Шуришгарон зуд қалъаи Белогорскро ишғол карда, комендантро ба дор овехтанд ва зани ӯро бо шамшер қатл карданд. Машаро бошад зане, ки дар калисо кор мекард, аз марг наҷот медиҳад.

Тамоми афсарон ва аскарони гарнизон, аз ҷумла Швабрин ба шуришгар Пугачёв ҳамроҳ гардиданд, аммо Гринев ин пешниҳодро рад кард. Пётрро Савелич аз марг наҷот дод. Ӯ худро дар пеши пои Пугачев мепартояд ва аз ӯ хоҳиш мекунад, ки ба ҷони ҷавони Пётр раҳм кунад. Савелич дар бадани Пугачёв он пустини аз пусти харгӯш дӯхташударо мебинад. Пугачёв ҳам ҷавонро шинохт ва бо ҳамин сабаб ӯро авф кард. Вай ба Пётр пешниҳод мекунад, ки бо ӯ ҳамроҳ шавад, вале ин даъватро Гринев рад мекунад. Дар ин асно, Пугачёв Швабринро коменданти қалъа таъйин мекунад. Дере нагузашта муҳосираи Оренбург аз тарафи шуришгарон сар мешавад. Маша ба Пётр мактуб навишта, изҳор медорад, ки Швабрин маҷбур карда истодааст, то ба ӯ хонадор шавад. Агар ин дархостро рад кунад, ба Пугачёв мегӯд, ки ӯ духтари кист. Гринев барои наҷот додани Маша ба қалъа бармегардад. Аммо дар роҳ ӯ ва Савеличро боз казакҳо дастгир мекунанд. Гринев ба Пугачёв мегуяд, ки Швабрин арӯсшавандаашро озобу укубат дода истодааст. Дар роҳ ба сӯйи қалъа Петр ба Пугачёв маслиҳат медиҳад, ки ба шоҳ таслим шуда, наҷот ёбад. Емелян ба ӯ достони калмиқҳоро дар бораи уқоб нақл мекунад. Аз уқоб мепурсанд, ки дарозумрии зоғро бо хӯрдани лоша мехоҳӣ ё кутоҳумрӣ вале хуни тозадоштаро, ки дар ҷавоб уқоб дуюминро интихоб мекунад.

Пугачёв хонадоршавии Маша ва Пётрро эълон медорад. Швабрин дар ноумедӣ афтода, ба Пугачёв мегӯяд, ки ӯ духтари капитан аст. Ба ин нигоҳ накарда, Пугачёв ошиқонро аз ҳам ҷудо намекунад. Петр тасмим мегирад, ки Машаро ба назди хешовандонаш ба Петербург барад. Дар роҳ полки гуссарҳо ба онҳо ҳамла мекунад. Пётр Машаро бо ҳамроҳии Савелич мефиристад. Пугачёвро дар роҳ ба сӯйи Москва дастгир мекунанд. Дере нагузашта фармон дар бораи боздошти Петр меояд. Швабрин ӯро ҳамчун ҷосуси Пугачёв нишон медиҳад. Гриневро ба Сибир бадарға мекунанд. Маша ба Санкт-Петербург меравад ва ба шоҳ дар бораи бегуноҳии Пётр ва авф кардани ӯ ариза пешниҳод мекунад. Екатерина II ба духтар бовар карда, ҷазоро бекор мекунад. Дере нагузашта ҷавонон издивоҷ мекунанд.

Тавре ки аз роман аён мегардад, дар ин ҷо ҳам муҳорибаҳои таърихӣ ва ҳам ишқу муҳаббати самимӣ ва ҳам душмании байни дӯстон нишон дода шудааст. Муаллифи он Пушкин А.С. тавонистааст, тамоми паҳлуҳои ҳаётии инсон ба мисли, ҷасорат, шарафмандӣ, меҳру муҳаббат доштан, самимӣ будан, рафоқат варзидан ва барои расидан ба мақсадҳои олии худ мубориза бурданро инъикос кардааст.

Ҳамин тариқ, дарси адабиёти рус барои хонандагони синфҳои болоӣ муҳитеро муҳайё месозад, то онҳо мавқеи худро дар баробари қаҳрамонҳои асарҳои нависандагони барҷасати рус муайян созанд ва ба ин васила, ҷаҳонбинӣ, таҷриба ва ҷанбаҳои маънавӣ-ахлоқиро тақвият бахшанд.

Мутолиаи асарҳои нависандагони классики рус имконият фароҳам меоранд, ки дар бораи арзишҳои инсонӣ, меъёрҳои иҷтимоӣ ва тарзи рафтору кирдори худ бори дигар андеша ронем. Таҳлили сюжет ва қаҳрамонҳо ба хонандагони синфҳои болоӣ шароит муҳайё месозанд, то дар онҳо ҳисси ҳамдардию ҳамдигарфаҳмӣ ва тафаккури интиқодию санҷишӣ инкишоф дода шавад.

Тавре ки педагог Лисакова Ж.А. қайд мекунад: «Нақши адабиёт барои муҳайё кардани майдони таърихию адабӣ дар байни хонандагони синфҳои болоӣ калон буда, дар ташаккули донишҳо, малакаи дарёфт ва дар амал татбиқ намудани онҳо саҳми назаррас дорад. Хонандагон зина ба зина донишҳоро дар бораи асарҳои нависандагон, ашъори назмӣ ва насрии онҳо танҳо дар раванди машғулиятҳои адабиёт гирифта метавонанд» [4, с. 6].

Омӯзиши эҷодиёти нависандагон ба монанди, А.С. Пушкин, Л. Толстой, Ф. Достоевский, А. Чехов ва дигарон ба хонандагони синфдои боло имкон медиҳанд, ки на танҳо ба олами пурғановати адабиёти рус фаро гирифта шаванд, балки барои дарки масъалаҳои баррасишавандаи машғулиятҳои таълимӣ ба мисли, адлу инсоф, меҳру муҳҳабат, шарму ҳаё ва ахлоқу бадахлоқӣ андеша намоянд. Яъне, машғулиятҳои адабиёти рус на танҳо малакаҳои адабиро инкишоф медиҳанд, балки ба ташаккули ҷаҳонбинӣ ва ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои болоӣ мусоидат мекунанд.

Адабиёт

1. *Гулмадов, Ф. Ҳамгироии ташаккули донишҳои ахлоқӣ ва рафтори мактаббачагони хурдсол / Ф. Гулмадов. – Душанбе: Ирфон. – 2014. – 297 с.*
2. *Давлатов, М. Оила ва рушди шахсияти фарзандон / М. Давлатов. – Душанбе: Ирфон, 2014. - 224 с.*
3. *Дружба в жизни и литературных произведениях: сборник эссе / под ред. Л. Н. Каменской. – Прага, 2017. – 60 с.*
4. *Лисакова, Ж.А. Литература и история в 11-м классе: межпредметная интеграция в процессе литературного образования: автореф. дисс. ...канд.пед.наук / Ж.А. Лисакова. – Волгоград, 2008. - 31с.*
5. *Лутфуллоев, М. Инсон ва тарбия / М. Лутфуллоев. - Душанбе, 2008. - 320 с.*
6. *Лутфуллозода, М. Чаҳоргонаи тарбия / М. Лутфуллозода. – Душанбе, 2022. – 398 с.*
7. *Маҳкамов, Д. Андешаҳои миллӣ ва тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯён [Матн] / Д. Маҳкамов, С.Усмонов. – Душанбе, 2022. - 256 с.*
8. *Наимов, З.Ҷ. Заминаҳои омӯзиш ва аҳамияти ташкили таълими инноватсионӣ дар шароити педагогии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ // Паёми ДТТ / З.Ҷ. Наимов, А. Ҳасанзода. – Душанбе, 2022. -№1(9). – С. 87 - 96.*
9. *Нематов, П. С. Низоми муосири тарбияи ахлоқии донишҷӯён ҳамчун муаммои иҷтимоӣ – педагогӣ // Паёми ДМТ / П. С. Нематов. -№6. –Душанбе, 2023. –С. 232 – 238.*
10. *Петраш, И.А. Нравственное воспитание средствами художественной литературы. - [Манбаи электронӣ]: http://elib.osu.ru/bitstream/123456789/113/1/2378-2382.pdf (Санаи мурочиат 10.09.2024)*
11. *Роль литературы и чтения в формировании мировоззрения и образа жизни подрастающего поколения: сборник статей и эссе составлен по материалам Всероссийской научно-практической конференции (28 марта – 28 апреля 2023года). – Сызрань, ГБПОУ «ГК г. Сызрани», 2023. – 209 с.*

12. *Сомова, Л.А. Методика обучения литературе: особенности художественной коммуникации: учеб. пособие / Л.А. Сомова. – Тольятти: Изд-во ТГУ, 2014. – 247 с.*
13. *Табаров, Н.С. Таъсири омилҳои гуногун дар раванди тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон / Н.С. Табаров // Паёмномаи фарҳанг. - 2023. - №1. - С. 34-41.*
14. *Технологии и методики обучения литературе: учеб. пособие / под ред. В.А. Кохановой. — М.: ФлИнтА, 2016. — 249 с.*
15. *Шитякова, Н.П. Духовно-нравственное воспитание школьников: проблемы, теории, технологии: учебное пособие / Н.П. Шитякова, И.В. Верховых. – Челябинск: Изд-во Челяб. гос. пед. ун-та, 2016. – 197 с.*

АРЗИШИ АДАБИЁТИ РУС ДАР ТАШАККУЛИ ҶАҲОНБИНӢ ВА ҶАҲОНФАҲМИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ БОЛОӢ

Дар мақола арзиш ва нақши адабиёти рус дар ташаккули ҷаҳонбинӣ ва ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои болоӣ нишон дода шудааст. Муаллиф қайд мекунад, ки ташаккули ҷаҳонбинӣ ва ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои болоӣ вазифаи аввалиндараҷаи системаи маорифи муосир ба шумор рафта, ҷузъи муҳими талаботи иҷтимоии таълимро ташкил медиҳад. Маориф дар таҳким бахшидан ва ба сатҳи баланд бардоштани маънавиёт ва ахлоқи ҷомеа нақши сорзгор дорад. Дар ин раванд, яъне дар тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои болоӣ дарсҳои адабиёти рус, ки дар баробари машғулиятҳои забони тоҷикӣ мавқеи созгор доранд, нақши бузург ва арзиши беандоза дошта метавонанд. Адабиёти рус яке аз сарчашмаҳои ғанӣ гардондани нутқи хонандагон, инкишоф додан ва малакаи муошират онҳо ба ҳисоб меравад. Адабиёт ҳамчун фанни таълимӣ дорои иқтидори бузурги тарбиявӣ буда, ба омӯзгор имкон медиҳад, ки на танҳо қобилияти зеҳнии хонандагонро инкишоф диҳад, балки барои баланд гардидани сатҳи ҷаҳонбинӣ, дарки маънои ҳаёт ва муайян кардани ҳадафҳои минбаъда замина гузорад. Адабиёт дар ташаккули ҷаҳонбинӣ ва тарзи зиндагии насли наврас нақши муҳим дорад. Агар хонанда шавқу завқ ба хондани асарҳои бадеӣ надошта бошад, тафаккури мантиқии ӯ инкишоф намеёбад.

Калидвожаҳо: адабиёти рус, арзиш, ахлоқ, маънавиёт, ҷаҳонбинӣ, ташаккул, сифат, тафаккур, инкишоф, педагог, иқтидор, таълим, тарбия, раванд, малака, муошират.

ЦЕННОСТ РУССКОЙ ЛИТЕРАТУРЫ В ФОРМИРОВАНИИ МИРОВОЗЗРЕНИЯ И МИРОВОПОНИМАНИЯ СТАРШЕКЛАССНИКОВ

В статье показано значение и роль русской литературы в формировании мировоззрения и мировопонимания старшеклассников. Автор отмечает, что развитие мировоззрения и мировопонимания старшеклассников является первостепенной задачей современной системы образования и является важной частью социальных требований образования. Образование играет важную роль в укреплении и повышении уровня духовности и нравственности общества. В этом процессе, то есть в духовно-нравственном воспитании старшеклассников, большую роль и огромное значение могут иметь уроки русской литературы, которые занимают гармоничное положение наряду с занятиями таджикским языком. Русская литература является одним из источников обогащения речи учащихся, развития и коммуникативных навыков. Литература как учебный предмет обладает большим воспитательным потенциалом и позволяет учителю не только развивать интеллектуальные способности учащихся, но и заложить основу для повышения уровня мировоззрения, понимания смысла жизни и определения дальнейших целей. Литература играет важную роль в формировании мировоззрения и образа жизни подрастающего поколения. Если ученику не интересно читать литературные произведения, его логическое мышление не будет развиваться.

Ключевые слова: русская литература, ценность, нравственность, духовность, мировоззрение, формирование, качество, мышление, развитие, педагог, способности, образование, обучение, процесс, умения, общение.

THE VALUE OF RUSSIAN LITERATURE IN THE FORMATION OF THE WORLDVIEW AND UNDERSTANDING OF HIGH SCHOOL STUDENTS

The article shows the importance and role of Russian literature in the formation of the worldview and understanding of high school students. The author notes that the development of the worldview and understanding of senior schoolchildren is a primary task of the modern education system and is an important part of the social requirements of education. Education plays an important role in strengthening and raising the level of spirituality and morality of society. In this process, that is, in the spiritual and moral education of high school students, Russian literature lessons, which occupy a harmonious position along with Tajik

language classes, can play a large role and have great significance. Russian literature is one of the sources of enrichment of students' speech, development and communication skills. Literature as an academic subject has great educational potential and allows the teacher not only to develop the intellectual abilities of students, but also to lay the foundation for raising the level of worldview, understanding the meaning of life and determining future goals. Literature plays an important role in shaping the worldview and lifestyle of the younger generation. If a student is not interested in reading literary works, his logical thinking will not develop.

Keywords: Russian literature, value, morality, spirituality, worldview, formation, quality, thinking, development, teacher, abilities, education, training, process, skills, communication.

Дар бораи муаллиф
Назриева Ҷамила Маҳмудовна
Унвончӯи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон
734063, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 126
E-mail: tabarov.nurullo@mail.ru

About the author
Nazrieva Jamilya Makhmudovna
Applicant for the Institute for Educational Development named after A. Jami of the Academy of Education of Tajikistan
734063, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Ayni, 126
E-mail: tabarov.nurullo@mail.ru

Об авторе
Назриева Джамиля Махмудовна
Соискатель Института развития образования имени А. Джами Академии образования Таджикистана
734063, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Айни, 126
E-mail: tabarov.nurullo@mail.ru

ТДУ 371.4+373+004+377

ЗАМИНАҲОИ МЕТОДОЛОГИИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИННОВАТСИОНӢ ВА НАҚШИ ИСТИФОДАИ ОНҲО ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ МУОСИР

Носиров С. Ш., Худойназаров М. А.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ш. Панҷакент

Аҳамияти илмию амалии технологияҳои инноватсионӣ ва истифодаи онҳо дар раванди тадриси муассисаҳои таълимӣ, ки дар осор ва пажӯҳишҳои илмии аксари олимони муосир бо истинод ба заминаю асосҳои назариявии он мавриди таҳқиқу таҳлил қарор гирифтаанду мегиранд, ба таври мушаххас зикр мешавад.

Технологияҳои инноватсионӣ чун раванди махсуси ташкили фаъолияти таълимию маърифатӣ дониста мешавад, ки маҳсули он дар гирифтани донишҳои зарурӣ ва ташаккули маҳорату малака, қобилиятҳои эҷодӣ ва ҷаҳонбинии илмии донишандӯзон зоҳир мегардад.

Айни замон яке аз омилҳои асосии самаранокии таълим ва ба даст овардани натиҷаҳои дилхоҳ истифодаи технологияҳои инноватсионӣ маҳсуб меёбад, ки он дар раванди таълими тамоми зинаҳои таҳсилот ба мушоҳида мерасад.

Ҷиҳати ошкор намудани хусусиятҳои технологияҳои инноватсионии соҳаи таълиму тарбия мо ба афкори педагогии олимони ватанию хориҷӣ такя намуда, нақш ва самаранокии истифодаи онҳоро дар ҷараёни дарсҳо, махсусан, дар зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ арзёбӣ намудем. Чунончи, аз рӯйи ақидаи педагогҳо ва психологҳо М.В. Кларин ва В.В. Гузеев нишонаҳои асосии технологияҳои инноватсионии таълим предметнокӣ ва воқеиятнокӣ, ки ба ташкил ва бароҳмонии босифати раванди таълимӣ-маърифатӣ рабт дорад, мебошад.

Истилоҳи “технология” ҳамчун раванди мураттабсозии сохтори таълими оптималӣ ва балоиҳадарории равандҳои таълим меънидод мешавад. Технология, ба андешаи В.А. Сластёнин ва Л.С. Подимова, балоиҳадарорию банақшагирии раванди педагогӣ, ташкил ва гузаронидани дарс бо таъмини шароитҳои мусоид барои омӯзгору хонандагон мебошад [15].

Дар назар бояд дошт, ки муносибати технологӣ 3 давраи рушдро паси сар кардааст:

- *давраи эмпирикии рушд,* яъне усули таҳқиқот бо овардани воқеият бе хулоса ва ҷамъбасти назариявӣ мебошад;

- *давраи алгоритмии рушд* – ҳамаҷониба балоиҳагирии алгоритмҳои муайяншудаи фаъолияти омӯзгорону хонандагон, ки қонуниятҳои объективии зуҳуроти табиат ва ҷомеаро эътироф мекунад;

- *давраи стохастикии рушд* – балоиҳадарорӣ ва беҳтарсози (оптимизатсия)-и алгоритмҳои эҳтимолии идоракунӣ дар ташкили фаъолияти таълимӣ-маърифатноксозии хонандагон.

Истилоҳи «технологияҳои инноватсионӣ» дар соҳаи таҳсилот ба таври васеъ истифода бурда мешавад. *Инноватсия* истилоҳест, ки нахустин объекту меъёр ва арзишҳою парадигмаҳои аз дигар соҳаҳои илму фарҳанг пайдо ё иқтибосшударо ифода мекунад.

Ҳамин тариқ, технологияҳои инноватсионӣ дар таҳқиқоти мо чун раванди вориднамоии воситаҳои нави таълим ба фаъолияти маърифатноксозӣ ба мақсади баланд бардоштани сатҳи сифати дониши хонандагон муайян карда мешавад.

Олимон Ю.К. Бабанский ва М.В. Кларин дар бораи назарияи муосири сохтори раванди таълим изҳори ақида намуда, онро оморӣ меноманд (коркард ва омӯзиши нишондиҳандаҳои миқдории рушд барои хулосаҳои илмиву амалӣ).

Гуфтан бамаврид аст, ки натиҷаи таъсири берунаро якранг пешгӯӣ кардан номумкин буда, ҳолати эҳтимолии системаи раванди таълим танҳо дар шакли спектори эҳтимолият муқаррар шудааст. Танҳо яке (ё якчанд) аз ин ҳолатҳо ба самти зарурии раванди технологӣ мувофиқат мекунаду халос. Ин барои балоиҳагирии механизмҳои эҳтимолияти технологияҳои раванди таълим басанда аст. Дар ҳолати риояи системаи зарурии сохтори

назариявии раванди таълим муяссар мегардад, ки эҳтимолияти бадастории натиҷаҳои банақшагирифта ҳисоб карда шавад.

Дар ин самт метавон андешаҳои Т.С. Назарова [10] ва А.Г. Гранитскаяро [4] оварда, ки ба фикри онҳо ба туфайли технологияи баланди муосир микропротсессорҳо тайёр карда мешаванд. Онҳо бо модулҳои назариявии техникӣ асоснок карда шудаанд. Эҳтимолияти муваффақияташон бошад, ҳамагӣ 3 фоиз аст.

Вақтҳои охир назарияи оморию зуҳурот ва раванди бо мавҷудияти номуайяниҳо асосёфта, ҳолати маконро тавсиф намуда, онро ба таркиби сохтори омӯхташаванда ворид месозанд. Ин гуна назарияҳоро назарияи эҳтимолият (назарияи стохастикӣ) меноманд.

Мафҳуми «стохастика» аз забони юнонӣ гирифта шуда, маънояш «соҳибмаҳорат дар дарёфт» мебошад. Чунин тавсифи раванд ё ҳама гуна пайдарҳамии воқеаҳо муайян арзёбӣ мегардад, ки онро ба истифодаи назарияи эҳтимолият рабт медиҳанд.

Дар илми педагогика назарияи эҳтимолият имкон медиҳад қонуниятҳои воқеӣ дар зуҳуроти тасодуфӣ дарёфт карда шаванд, ки дорои хусусиятҳои оморӣ мебошанд.

Модули назариявии дар заминаи бунёди онҳо асосёфта аз модулҳои динамикӣ ба таври принсипнокӣ фарқ мекунад. Аз ин рӯ, гуфтан ҷоиз аст, ки ивази модули назариявии балоиҳагирӣ ва таҳияи парадигмаи стохастикӣ ба моделикунонии эҳтимолии зуҳуроти муҳити иҳотакунанда афзалият медиҳад.

Технологияҳои дар заминаи балоиҳагирии эҳтимолӣ асосёфтаро метавон стохастикӣ (ё инноватсионӣ) ном бурд.

Асосҳои консептуалии дар назарияи таълим афзалиятдоштаро В.В. Гузеев ба се парадигмаи педагогӣ: эмпирикӣ, алгоритмӣ ва стохастикӣ ҷудо мекунад. Онҳо пайдарҳам ба вуҷуд омада, ҳар навбатиашон дар дохили қаблӣ бе таъзиқоварӣ ба якдигар мавҷудиятро идома медиҳанд ва рушд меёбанд [5, с. 101].

В.А. Якунин ва В. Оконь муносибати анъанавии методикии хусусиро чун тасвири номуайяни ҳадафи таълим, ки чун талаботи барнома ифода ёфта, дар ҳолати тасаввуроти хира оид ба вазъи таълимгирандагон, ки дар мафҳуми «пешрафт» корбаст шудааст, тавсиф мекунанд.

Раванди педагогӣ дар асоси ҷамъбаст, кушодан ва таҳкими таҷрибаи омӯзгорони нисбатан муваффақ, ки дар мавқеи прогрессивии педагогикаи муосир қарор доранду таҷриба ва илмро бо хулосаҳои нав ғанӣ мегардонанд, ташкил карда мешавад.

Фаъолияти педагогии намунавӣ аз нигоҳи дидактикию методӣ ва психологӣ таҳқиқ ва натиҷагирӣ карда шуда, тавассути он самаранокии фаъолияти таълимӣ-маърифатии хонандагон таъмин мегардад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки фаъолияти педагогии омӯзгори муваффақ таҳлил, тарғиб ва он ҳамчун намуна ҳатман ба дигар омӯзгорон тавсия карда шавад.

Дар фаъолияти таълимӣ пешгӯӣ ё худ интизорӣ аз методҳои истифодагардида муҳим мебошад. Пешгӯӣ чун яке аз намудҳои фаъолияти таълим, ба андешаи С.Л. Рубинштейн бо тавсифи «маҳсулоти асосӣ» ва ҳадафи он муайян карда мешавад.

Дониш, маҳорат ва малакаҳо «маҳсулоти асосӣ»-и фаъолияти маърифатноксозӣ ва пешгӯиро ташкил медиҳанд. Мақсад бошад, гирифтани маълумот дар бораи муносибати схоластикӣ, махсусан:

- аз ёд кардан;
- заминаи механикӣ дар таҷриба;
- ҷавобҳои якхелаи хонандагон дар дарсҳо мебошад.

В.И. Загвязинский ва Б.С. Гершунский хислатҳои хоси методикаи хусусиро муайян карда, таҷрибаи ғуншудаи омӯзгорони муваффақро гурӯҳбандӣ кардаанд. Ин таҷриба, ба андешаи онҳо, асосан, таркиби технологӣ ва ҳатто технологияи маҷмуии дохили муносибати методикаи хусусӣ маҳсуб меёбад.

Технологияҳои «самаранок»-и таълим чун усули ташкили системаи фаъолияти хонандагону омӯзгорон дар доираи сохтори иҷтимоӣ-фарҳангии маърифатӣ метавонанд бо

таҷҳизоти махсуси таълим ба роҳ монда шаванд. Омили муҳим дар заминаи истифодаи таҷҳизоти таълим инҳоянд:

- пурра қабул накардани технология;
- технология чун алгоритми иҷрои фаъолияти муайяни педагогӣ;
- назарияи маърифат (муҳтавои он ба инобат гирифта намешавад);
- технологияи педагогӣ чун микросохтор ба мақсади ҳосил намудани дониш, маҳорат ва малакаҳои хонандагон.

Таҷҳизоти таълимӣ бо муҳтаво, усул ва шаклҳо, ҳамчунин, бо муҳити иттилоотӣ-предметии таълим сахт алоқаманд аст, ки воситаҳои моддии таълим алоқаи муайяни онро ташкил медиҳанд.

Саҳми муайянро дар илми педагогика Ш.А. Амонашвили гузоштааст. Технологияи инсондӯстӣ-хусусиаш дар таҷрибаи мактабӣ асоснок ва санҷида шудааст. Дар ин технология мазмуну муҳтаво ва шарту принсипҳои кор бо бачагони 6-сола таҳқиқ гардидааст, ки ба ҳавасманд намудани хонанда ва барои ӯ аҳаммияти иҷтимоӣ доштан мусоидат мекунад. Аз ҷониби ӯ ҳадафи ҷалби бачагони 6-сола ба ҳаёти мактабӣ, фарқияти бачагони 6-сола аз 7-сола, имкониятҳои онҳо, сарчашмаҳои ихтилофҳо дар тарбия, муносибат ба хонанда ва хусусиятҳои таълим муайян карда шудааст.

Технологияи дар назардоштаи С.Н. Лисенкова низ аз аҳаммият орӣ нест. Чунончи, ӯ моҳияти таълимро бо истифодаи нуқтаҳои такягоҳӣ тавре шарҳу тавзеҳ медиҳад, ки таълим дар оянда барои кӯдак (инсон) пешдаст ва ёридиҳанда мегардад. Ӯ тарз ва тартиби идоракунии таълими мактаббачагони хурдсолро таҳия намудааст, ки ба ҳар як кӯдак аз муваффақиятҳои таҳсилаш хурсандӣ тақдим мекунад. Чунин муносибату рафтор бачагонро бо усулҳои таълим ва танзими фаъолияти маърифатнокии онҳо мусаллаҳ месозад [9].

Ба методҳои хусусии технологияҳои педагогӣ метавон “Технологияи таълим ба хониши оптималии мактаббачагони хурдсол”-и В.Н. Зайтсевро шомил сохт. Барои ноил шудан ба мақсад ӯ чунин унсурҳои технологиро истифода бурдааст: машқ, тренингҳо, омода намудани бачагон ба рушди забон, хониши оптималӣ, вусъат бахшидани суръати хониш, баланд бардоштани дониши имло, ташаккули маҳорату малакаҳои таълимӣ ва нигоҳдории онҳо дар давраи таътил ва ғайра [6].

Аксари олимону омӯзгорони соҳибтаҷриба, аз ҷумла В.В. Гузеев [5], Т.Т. Галиев [3] бар он назаранд, ки замони истифодаи методикаи хусусӣ гузаштааст ягон таҷрибаи беҳтарин педагогҳо таълими самаранокро кафолат намедиҳад, ки ба рушди фарҳанги интеллектуалии хонанда таъсир расонад.

Бояд гуфт, ки ҳар як омӯзгор дар методикаи таълим муносибати прагматикӣ дорад, ки аз истифодаи он донишҳои илмӣ ба таври механикӣ аз худ мешаванд. Дар чунин ҳолат талаботи принсипҳои дидактикии таълим (махсусан, дар ҷараёни таълим, тарбия, инкишоф) ба таври зарурӣ риоя намешаванд.

Парадигмаи эмпирикии таълим дар ташкили раванди тадрис камбудиҳои худро дорад, аз ҷумла:

- дар фаъолияти омӯзгорӣ муносибати синонимикӣ ба вуҷуд меояд, яъне таълим ба як самт равона карда мешавад (танҳо такрори як амал);
- омӯзгор аз таълими асосӣ дур шуда, нуктаҳои зарурӣ ва муҳим дар маводи таълимӣ мавриди таҳлил қарор намегиранд;
- усули вербалӣ (суҳбат, тасвир, мушоҳида, фаҳмонидану тавзеҳ додан) ба назар мерасад;
- маводи дидактикии ба мавзуи дарс номувофиқ истифода мешавад;
- таносуби фаъолияти омӯзгору хонанда ба ҳам мувофиқ намеояд, фаъолияти хонандагон камсамар мегардад;
- таълим хусусияти амалии беасоси илмиро касб мекунад.

Бояд гуфт, ки дар чунин ҳолат педагогҳои соҳибтаҷриба ақидаи назариётчиёнро рад мекунанд. Зеро олимони назариётчӣ дарк намекунанд, ки чӣ тавр ғояҳояшон дар амалияи таълим ё дар фаъолияти меҳнатию ҳаёти иҷтимоӣ истифода мешаванд. Омӯзгорон чунин

меҳисобанд, ки ҳамаи ин назарияҳо мушкилоту масъалаҳои аниқи ҳамарӯза дучор меомадаро ҳал карда наметавонанд.

Раванди таълим, ки дар он вазифаи муаллим аз омӯзонидану маълумот додан ва омӯхтану маълумот гирифтани хонанда, дарку фаҳмидани мавод, дар хотир гирифтани он ва нақл карда тавонистани донишҳои гирифтааш иборат мебошад, дар ниҳоди хонанда фаъолияти маърифатнокшавиро ташаккул диҳад ҳам, аммо фарҳанги интеллектуалии ӯро рушд намедиҳад.

Э.В. Иленков ташвиши худро аз хатари коҳиш ёфтани зеҳни хонандагон чунин изҳор медорад: «Маъюб шудани узви тафаккур назар ба ҳама гуна дигар узвҳои тани инсон осон буда, шифо бахшиданаш душвор аст. Баъдтар бошад, куллан номумкин мегардад. Яке аз роҳҳои вайрон намудани мағзи сар ва интеллект ба таври рӯякӣ аз ёд кардани дониш аст…» [7, с. 98].

Ин ба он оварда мерасонад, ки тафаккури хонанда суст рушд мекунад, мазмуну муҳтавои маводро хуб дарк намекунад ва ниҳоят, қобилияти муҳокамароniаш заиф мегардад.

Чунин ҳолат ба андешаронӣ таъсири манфӣ расонида, зеҳнро ташаккул намедиҳад. Новобаста ба ин, парадигмаи эмпирикӣ ҳангоми фаъолияти маърифатнокшавӣ ҷойи худро хоҳад дошт, зеро нақли маводи таълимӣ ва ба хотир гирифтани он системаи зарурии раванди таълим маҳсуб меёбад.

Гуфтаҳои болоро ҷамъбаст намуда, мо ба хулосаи зерин омадем: дар парадигмаи эмпирикӣ мафҳуми технология бо амалиёти кӯҳна, ки бо таъсири механикӣ ба иҷро мерасанд, муттаҳид мегардад. Дар ин парадигма рушди дониш, фарҳанги интеллектуалӣ ва ба таври васеъ огаҳ будани хонандаву омӯзгор кам ба мушоҳида мерасад.

Зикр кардан бамаврид аст, ки олими шинохта П.Я. Галперин дар заминаи теъдоди зиёди технологияҳои алгоритмӣ (технологияҳои пурраи азхудкунӣ, технологияҳои таълими модулӣ, технологияҳои сиклҳои таълим) консепсияе таҳия намуд, ки он ба пешравиҳои соҳаи таҳсилот мусоидат кард.

Мутобиқ ба парадигмаи мазкур мактаби анъанавӣ дар хонандагон муносибати алгоритмиро ба қабул ва шинохти ҷаҳон ташаккул медод ва ҳанӯз ҳам медиҳад. Омӯзгор ва хонанда ҳақиқатро дар шакли тайёру ҷамъбастиаш эътироф мекунанд. Он чӣ омӯзгор дар доираи барномаи таълимӣ ва адабиёти тавсияшуда дарс мегӯяд, ба сифати ҳақиқати ягона ва ниҳоӣ баррасӣ мегардад. Бачагон маводи таълимиро аз худ мекунанд ва дар хотир нигоҳ медоранд, масалан, бо ёрии нуқтаҳои такягоҳии В.Ф. Шаталов.

Азёдкунии маҷбурӣ тавассути амалҳои муайян самараи дуруст намедиҳад, балки хонандагонро хаста мекунад. Дар сурати амалҳои омехтаи дарсдиҳӣ мушкилот дар мувофиқат накардани тадриси маводи таълимӣ бо сатҳи қабули он аз ҷониби хонандагони гуногун ба миён меояд, ки аз рӯйи рушди фарҳанги интеллектуалӣ фарқ мекунад. Хонандагон дар баробари ин вазифаи додашударо аз рӯйи алгоритм иҷро мекунанд, аммо таҳлил карда наметавонанд, мустақилона усули ҳалли ин ё он вазифаҳоро дарёфт карда наметавонанд.

Тавре ки ишора шудааст: “Дар фаъолияти таълимӣ гурӯҳи зиёди маҳоратҳо мавҷуданд, ки ба принсипи дарки зуҳуроту ҳодисот асос ёфтаанд. Агар омӯзгор дар хонандагон маҳорати дарёфтани объектҳоро дар заминаи ҳамин қоидаҳо ташаккул диҳад, он гоҳ бояд ба онҳо пайдарҳамии муҳимми амалиётҳоро низ, ки онро алгоритми идрок меноманд, нишон диҳад” [11, с. 122].

Ба андешаи Ю.К. Бабанский, ба кӯдакон таҳлил ва муҳокима кардани ҳодисаю воқеаҳо, пешниҳод кардани фарзия, тафсир ва кӯшиши ҷамъбаст намудани маводро омӯхтан зарур аст. Муҳокимаи ҳодисаю воқеаҳо, дар навбати аввал, дар сатҳи тасаввуроти образнок бояд сурат гирад. Воқеаҳоро набояд порча-порча ва ба таври пароканда нақл кард, зеро кӯдак мазмуну муҳтавои онҳоро дарк намекунад ва то чӣ андоза аҳаммиятнок будани онҳоро низ намедонад.

Аммо, воқеаҳо агар дар ҳамбастагӣ дар манзараи умумӣ бо ягон фарзия ва ҷамъбасту хулосакунӣ баррасӣ шаванд, дар ин ҳолат кӯдак ба омӯзиши онҳо шавқ пайдо мекунад. Ӯ метавонад бе ягон мушкилӣ ҳаҷми муайяни маводи воқеиро аз худ намуда, дар баробари ин, интеллекташро инкишоф диҳад.

Дар парадигмаи алгоритмӣ боз як лаҳзаи муҳимро бояд қайд кард. Дар раванди машғулиятҳо омӯзгор ба кӯдакон донишу маълумотҳои таълимӣ медиҳад, вале аз онҳо барои худ чизе (агар аксуламали эҳсосиро ба инобат нагирем) намегирад. Дар парадигмаи нав (стохастикӣ) омӯзгор ба рушди маърифати зеҳнии хонандагон таъсири мусбат расонида, ҳамзамон, дар раванди ҳамкории якҷоя худаш пеш меравад. Омӯзгор дар дарс аз маълумоту пешниҳоди шогирдон фарзияҳои ҷолиб, иттилооти ғайричашмдошт ва ягон мулоҳизаҳои дигарро дар атрофи ин ё он маводи таълимӣ интизор мешавад. Аз ин бармеояд, ки дар парадигмаи стохастикӣ на танҳо фаъолияти хонандагон пурмаҳсул мешавад, балки самараи кори омӯзгор низ назаррас мегардад.

Ба парадигмаи алгоритмӣ метавон таълими барномавиро ворид сохт. Таҳқиқоти психологи амрикоӣ Б.Ф. Скиннерро метавон «идоракунии рафтор» номид. Ин рафтори мутлақ набуда, балки рафторест, ки аз сикли таълими барномавӣ бармеояд.

Сикли таълими барномавӣ аз 4 унсур иборат аст:

- қисми иттилоот;
- вазифаи санҷишӣ барои назорати азхудкунии ҳар як қисми иттилоот;
- ҷавоб ба худназорат аз болои дурустии иҷрои вазифаи санҷишӣ;
- маълумот дар бораи фаъолияти минбаъда, ки ба иҷрои дурусти вазифа алоқаманд аст [14, с. 116].

Дар сурати дуруст иҷро кардани супоришу вазифаҳо хонандагон ба азхудкунии қисми навбатии маводи таълимӣ мегузаранд.

Зимни амалиёт таҳлили қатъӣ дар асоси алгоритми банақшагирифташуда муҳим мебошад. Аҳаммияти ҳама гуна мафҳум тавассути тасвири амалиёти вақти ташаккулдиҳанда, истифодашаванда, истеъмол ва санҷиши он муайян карда мешавад. Агар мафҳум бо амалиётҳо алоқаманд набошад, пас он маъние намедиҳад. Агар муайянсозӣ тавассути он амалиёти роҳандозишуда сурат гирад, он гоҳ натиҷа танҳо тавассути мушоҳидаи эмпирикӣ ё ченак ба даст меояд.

Ба туфайли муайянсозии аҳаммияти ҳар як мафҳум тавассути тасвири амал ва ҷудо кардани аксуламал чун воҳиди ягонаи раванди омӯзонидан, таълими барномавиро метавон тавассути техникаю технологияҳои таълимӣ ба роҳ монд. Бо ёрии техникаю технологияҳо иттилоот коркард ва интиқоли он аз рӯйи як фармон амалӣ мешавад.

Б.Ф. Скиннер бо таълими барномавӣ, ки ҳосилнамоии донишу малакаҳои зеҳнӣ тариқи банақшадарорӣ сурат мегирад, маҳдуд нашудааст. Дар назарияи ӯ сабабу натиҷаҳо ва арзишҳо чун сохтори амал, ки ташаккули онҳоро барномасозӣ кардан мумкин аст, тасаввур карда мешавад ва он такрор ва вобастакунии тарзу усулҳои заруриро таъмин мекунад.

Дар парадигмаи стохастикӣ усулҳои истифодаи компютер дар раванди таълим тарзҳои амали якҷояро пурра тағйир медиҳанд. Мусаллам аст, ки компютер ҳамчун таҷҳизоти техникӣ барои ба роҳ мондани таълими инноватсионӣ дар замони муосир мусоидат мекунад. Дар ин раванд омӯзгору хонандагон муносибаташонро ба фаъолияти таълимӣ тағйир дода, натиҷаҳои дилхоҳро ба даст меоранд.

Маҳз донишҳои назариявии фанҳои тадрисшаванда, ки дар он, асосан, азхудкунии мафҳумҳои илмӣ, қоидаҳо ва ақидаҳо муҳиманд, дар омезиш бо амалҳои зеҳнӣ нақши муҳим мебозанд. Истифодаи донишҳои назарӣ дар ҷараёни дарс фаъолияти маърифатӣ ва ҷаҳонбинии илмии хонандагонро пурсамар мегардонад.

Ташаккули донишҳои назариявӣ, бахусус ташаккули мафҳумҳои илмӣ ба амалҳои зеҳнӣ таъсир расонида, маҳорату қобилиятҳои эҷодии хонандагонро дар амалияи таълим инкишоф медиҳад.

Имрӯз мутахассисони соҳа муносибат ва таълими алгоритмиро зери таҳлил қарор дода, мекӯшанд то нақши онро дар фаъолияти педагогию таълимӣ муайян созанд.

Азхудкунӣ ё истифодаи ин ё он технология дар раванди таълим ба алгоритм сахт иртибот дошта, дар он ҷойи эҷод вуҷуд надорад. Агар алгоритм набошад ва усули кор пайдо нашаваду натиҷа тахминӣ бошад, пас технологияи кӯшиши рӯякӣ маърифатшуда ё маърифатнашудаи бунёди он вуҷуд надорад.

Технологияҳои педагогӣ назар ба технологияҳои методикаи хусусии таълим вижагиҳои умумӣ доранд. Технологияҳои таълим аз технологияҳои педагогӣ бо он фарқ мекунанд, ки технологияҳои таълим роҳи азхудкунии маводи аниқи таълимиро дар доираи фанни муайян, мавзуъ, саволҳо ва методҳои интихобшуда инъикос менамоянд.

Парадигмаи стохастикӣ самти инноватсионӣ дар сохтори таълим аст. Ин назария дар эътирофи хусусиятҳои боэътимоди раванди таълим, эътибор додан ба шахсияти хонанда ва фаъолияти бароҳмонда: технологияҳои хусусӣ-банақшагирии И.С. Якиманская, таълими проблемавии И.Я. Лернер ва М.И. Махмутов ифода меёбад.

Ҷойи тавзеҳ додан аст, ки «Махсусан таълими проблемавӣ ба бедор намудани майлу рағбат ба донишомӯзию ҷустуҷӯи он, дарёфти роҳҳои ҳалли саволу масъала, мустаҳкаму ҳифзи донишҳои гирифта ва ниҳоят, рушди зеҳну қобилиятҳои эҷодӣ созгор мебошад. Таълими проблемавӣ аҳаммияту хусусиятҳои хосро доро буда, коргирӣ аз он дар амалияи таълим донишу маҳорати баланди омӯзгорро талаб намуда, ба дарс сифат ва мазмуни дигар зам мекунад» [11, с. 104].

Истифодаи парадигмаҳои технологӣ собит месозад, ки парадигмаи стохастикӣ дар замони муосир афзалият дошта, дар инноватсияи технологияҳои таълим барои рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагон зарур мебошад.

Барои натиҷаҳои таҳқиқотро ба сохтори ягонаи мукаммал ворид ва онҳоро дар амалия татбиқ намудан мушкилӣ пеш меомад. Бинобар ин, мо модули ягонаро барои татбиқи проблема таҳия намудем. Асоси модули моро ҷаҳонбинии илмии ҳар як хонанда ташкил медиҳад ва таълим барои рушди таҷрибаи субъектӣ ва сифатҳои шахсии ӯ ба роҳ монда мешавад.

Аз рӯйи маълумоти оморӣ солҳои 70-60-уми қарни гузашта парадигмаи эмпирикӣ дар амалияи таълим вуҷуд дошт. Педагогҳо таҷрибаи омӯзгорони навовар Ш. Амонашвили, С.М. Лысенкова, С. В. Зайтсев ва дигаронро дар ҳаҷми 75 фоиз истифода бурданд, аммо натиҷаи таълим самар наовард. Зеро таълим ба такрор ва ба таври механикӣ азёд кардани мавод асос меёфт. Кӯр-кӯрона нусхабардорӣ намудани таҷрибаи педагогии бегона ба рушди ҷаҳонбинии хонанда мусоидат накард.

Ба пиндори мо, дар замони имрӯзаи рушди маориф ва шароити технологияҳои инноватсионии таълим такрори мавод, ба таври механикӣ азёдкунии он ва истифодаи таҷрибаи бегона, аниқтараш, парадигмаи эмпирикии таълим зарурати то 15 фоиз ихтисор кардани ҳаҷми маводи такрорӣ ба миён омадааст.

Дар парадигмаи алгоритмӣ фаъолияти мафкуравии хонанда пешакӣ тарҳрезӣ мешавад. Ҷиҳати банақшагирии фаъолияти ҷаҳонбинии хонанда талаботи сахт гузошта мешавад. Чунин намуди таълим имконияти рушди ҷаҳонбинии илмии хонандаро маҳдуд месозад.

Аз ин рӯ, мо пешниҳод менамоем, ки дар раванди таълим ҳаҷми додани вазифаи мутобиқ ба парадигмаи алгоритмии таълим то 20 фоиз кам карда шавад. Ба ҷойи ин ҳаҷми парадигмаи стохастикиро то 65 фоиз зиёд кардан ба манфиати кор аст. Зеро он имкониятро барои рушди ҷаҳонбинии илмӣ мутобиқ ба қобилиятҳои шахсии хонанда фароҳам меорад.

Дар парадигмаи стохастикӣ технологияҳои инноватсионии таълим вазифаҳои муайянеро, ки мушкилоти рушди ҷаҳонбинии илмии хонандаро ҳал мекунанд, ба иҷро мерасонанд.

Баъди омӯзиши мафҳумҳои «технологияи педагогӣ» ва «технологияи инноватсионӣ» ва тавсифи муқоисавии онҳо назару пешниҳодамон нисбат ба хусусиятҳои раванди таълим дигар гардид.

Дар технологияҳои педагогии мавҷуда на ҳама вақт муносибати субъективӣ ба таълим ба инобат гирифта мешавад. Ба андешаи мо, на ҳама технологияҳои таълим имконияти рушд додани ҷаҳонбинии илмии хонандаро фароҳам меорад.

Ҳангоми азхудкунии технологияи педагогӣ ҳар як омӯзгори эҷодкор технологияи худро аз мақсади дарс оғоз намуда, то вазифаю сохтори он ва истифодаи усулҳои гуногуну воситаи таълим таҳия кард.

Азхудкунии таҷрибаи пешқадами омӯзгорони навовар «парадигмаи эмпирикӣ» ном дорад. Аз рӯйи маълумоти тахминии фаъолияти хонандагон ҳангоми ба нақшагирии он имконияти хонандагонро маҳдуд сохт, ки садди рушди сифатҳои шахсии онҳо гардид. Дар технологияҳои педагогӣ мушкилоти асосӣ алгоритмикунонии фаъолияти хонанда, аниқтараш, ҳама гуна фаъолияти маърифатии хонандагон чун алгоритми амал пешниҳод мегардид. Биноан, дар хонандагон тафаккури мантиқӣ ва иқтидори интеллектуалиашон ба таври нокифоя рушд мекард. Дар натиҷа ба хонандагон нисбати донистани қонуниятҳои умумӣ, зуҳурот ва принсипҳои тартиби маводи таълим кумак намекард. Аз ин рӯ, парадигмаи алгоритмӣ нисбати дар амал ба роҳ мондани муносибатҳои таълимии ба рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагон таъсиррасон мусоидат намекард.

Бо ин сабаб дар раванди истифодаи парадигмаи алгоритмӣ муносибатҳои таҳлилию аксиологӣ ва праксиологию синергетикӣ, ки қувваи такондиҳандаи рушди ҷаҳонбинии илмии хонанда аст, татбиқ шуда наметавонанд. Дар асарҳои М.И. Шилова ва Н.А. Завалко проблемаҳои рушди технологияи инноватсионӣ, ки фаъолияти омӯзгорро ба рушди таҷрибаи субъектии хонанда ва сифатҳои шахсии ӯ равона месозад, мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Маълумоти технология дар заминаи парадигмаи стохастикии таълим, ки ба рушди ҷаҳонбинии илмии хонанда таъсир мерасонад, асос ёфтааст.

Бояд гуфт, ки муттаҳидсозии мавзуъҳои таълимӣ барои ҳалли маҷмуи вазифаҳои умумӣ имконияти воқеӣ фароҳам оварда, доираи ҷаҳонбинии илмии хонандаро васеъ мегардонад.

Таълим бо назардошти муносибати гносеологӣ мутобиқ ба хусусиятҳои синнусолӣ ба рушди мустақилонаи маҳорати зеҳнӣ мусоидат мекунад. Аммо, чунин таълим танҳо дар доираи маҷмуи он дар сохтори фоизии таносуби ҳамтобеияти се парадигмаи номбаршуда натиҷа дода метавонад.

Таносуби парадигмаҳо на танҳо имконияти паси сар намудани таъсирҳои манфии функсионализм, ҳамзамон, сарфаи вақт, воситаҳо, баланд бардоштани самаранокии таълим ва сифати дарсдиҳӣ, ҷалби неруи муҳаққиқон ба самтҳои нисбатан муҳимро фароҳам меорад, аз ҷумла:

- муайян намудани раванди рушди илм дар зинаи ибтидоии маълумоти миёна;
- баланд бардоштани сатҳи назариявии таҳқиқот тибқи стандартҳои таълим;
- тафриқа (дефференсиатсия) ва ҳамгирои (интегратсия)-и фанҳо (алоқаи байнифаннӣ);
- аҳаммияти афзояндаи воситаҳои таъсиррасон ба рушди фарҳанги интеллектуалии хонандагон ҳангоми таълим дар зинаи ибтидоии маълумоти миёна;
- мураттабсозӣ ва мушаххасгардонии мафҳумҳо ва истилоҳоти алоҳидаи илмӣ.

Хуллас, аз омӯзишу таҳлилҳои асосҳои назариявии технологияҳои инноватсионӣ бармеояд, ки зиёдтар аз ҳама истифодаи парадигмаи стохастикӣ дар таълим ба самаранокии донишандӯзӣ ва рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагон мусоидат мекунад.

Адабиёт

1. *Амонашвили, Ш.А. Единство цели / Ш.А. Амонашвили. – М.: Просвещение, 1987. – 208 с.*
2. *Бабанский, Ю.К. Избранные педагогические труды / Ю.К. Бабанский. - М.: Педагогика, 1989. – 560 с.*
3. *Галиев, Т.Т. Системный подход к интенсификации учебного процесса / Т.Т. Галиев. – Алматы: Гылым, 1998. – 303 с.*
4. *Границкая, А.Г. Научить думать и действовать: Адаптивная система обучения в школе / А.Г. Границкая. - М.: Просвещение, 1991. – 173 с.*
5. *Гузеев, В.В. Системные основания образовательной технологии / В.В. Гузеев. - М.: Знание, 1995. – 135 с.*
6. *Зайцев, В.Н. Практическая дидактика. Уч. пособие для пед. специальностей ун-тов повышения квал. работ. Образования / В.Н. Зайцев. - М., 2000. – 212 с.*

7. *Ильенков, Э.В. Школа должна учить мыслить / Э.В. Ильенков. - М., 2009. – 236 с.*
8. *Кларин, М.В. Инновации в обучении: метафоры и модели / М.В. Кларин. - М.: Наука, 1997. – 223 с.*
9. *Лысенкова, С.Н. Опорные схемы и повышение эффективности обучения / С.Н. Лысенкова. – М.: МГИУУ, 1972. – 168 с.*
10. *Назарова, Т. С. Средства обучения: Технология создания и использования / Т.С. Назарова, Е.С. Полат. – М.: Изд-во УРАО, 1998. – 204 с.*
11. *Носиров, С. Ш. Асосҳои дидактикӣ-психологии ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагон Монография / С.Ш. Носиров. – Душанбе: Ирфон, 2023. – 350 с.*
12. *Оконь, В. Введение в общую дидактику / В. Оконь. – М.: Высшая школа, 1990. – 381 с.*
13. *Рубинштейн, С. Л. Основы общей психологии / С.Л. Рубинштейн. – М.: Учпедгиз, 1957. – 704 с.*
14. *Скиннер, Б. Ф. Программированное обучение / Б.Ф. Скиннер. – М.: Педагогика, 1952. – 324 с.*
15. *Сластёнин, В. А. Педагогика: инновационная деятельность / В.А. Сластёнин, Л.С. Подымова. – М., 1997. – 224 с.*
16. *Якунин, В. А. Обучение как процесс управления / В.А. Якунин. – СПб.: ЛГУ, 1980. –160 с.*

ЗАМИНАҲОИ МЕТОДОЛОГИИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИННОВАТСИОНӢ ВА НАҚШИ ИСТИФОДАИ ОНҲО ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ МУОСИР

Дар мақола асосҳои назариявӣ-методологии технологияҳои инноватсионӣ ва истифодаи онҳо дар раванди таълими муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Муаллифон дар такя ба ақидаҳои педагогии олимони ватанию хориҷӣ нақши технологияҳои инноватсиониро дар самаранокии тадриси фанҳои таълимӣ нишон додаанд. Тавсифи муқоисавии парадигмаҳои педагогӣ – эмперикӣ, алгоритмӣ ва стохастикӣ собит месозад, ки дар воқеъ, парадигмаи нав (стохастикӣ) ба рушди маърифати зеҳнии субъектони асосии ҷараёни педагогӣ – омӯзгору хонандагон таъсири мусбат мерасонад. Ниҳоят, дар парадигмаи стохастикӣ на танҳо фаъолияти хонандагон пурмаҳсул, балки самараи кори омӯзгор низ назаррас мегардад. Ҳамзамон, дар мақола таълими барномавӣ ва нақши он дар баланд бардоштани сатҳу сифати таълим ва самаранокии тадриси фанҳо собит карда шудааст. Гуфта шудааст, ки таълими барномавиро метавон тавассути техникаю технологияҳои таълимӣ ба роҳ монд. Бо ёрии техникаю технологияҳои муосир салоҳиятҳои зеҳнии хонандагонро ташаккул дода, онҳоро ҳамчун шахсияти давронсоз тарбия намудан мувофиқи мақсад аст. Ҳамин тариқ, бо назардошти заминаҳои методологии технологияҳои инноватсионӣ нақши истифодаи онҳо дар раванди таълими муосир асоснок арзёбӣ мешавад.

Калидвожаҳо: технологияҳои инноватсионӣ, парадигмаи эмпирикӣ, парадигмаи алгоритмӣ, парадигмаи стохастикӣ, принсипҳои дидактикӣ, модули назариявии балоиҳагирӣ, раванди педагогӣ.

МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ ПРЕДПОСЫЛКИ ИННОВАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ И РОЛЬ ИХ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ В ПРОЦЕССЕ СОВРЕМЕННОГО ОБРАЗОВАНИЯ

В статье исследованы методологические основы инновационных технологий и их использование в учебном процессе средних общеобразовательных учреждений. Опираясь на педагогические мнения отечественных и зурубежных ученых, авторы показали роль инновационных технологий в эффективности преподавания учебных предметов. Сравнительная характеристика педагогических парадигм – эмперической, алгоритмической и стохастической доказывает, что новая (стохастическая) парадигма оказывает положительное влияние на развитие интеллектуальных знаний основных субъектов педагогического процесса – учителя и учащихся. Наконец, в стохастической парадигме продуктивной становится не только деятельность учащихся, но и эффективность работы преподавателя. В статье также демонстрируется программное обучение и его роль в повышении уровня и качества образования, эффективности преподавания учебных предметов. Было сказано, что программное обучение может быть достигнуто с помощью технологий обучения. Целесообразно развивать интеллектуальные компетентности учащихся с помощью современных технологий обучения и воспитывать их как личностей, формирующих новую эпоху. Таким образом, с учетом методических основ инновационных технологий считается обоснованной роль их использования в современном образовательном процессе.

Ключевые слова: инновационные технологии, эмпирическая парадигма, алгоритмическая парадигма, стохастическая парадигма, дидактические принципы, теоретический модел проектирования, педагогический процесс.

METHODOLOGICAL PREREQUISITES OF INNOVATIVE TECHNOLOGIES AND THE ROLE OF THEIR USE IN THE PROCESS OF MODERN EDUCATION

The article examines the theoretical foundations of innovative technologies and their use in the educational process of secondary general educational institutions. Based on the pedagogical opinions of domestic and foreign scientists, the authors showed the role of innovative technologies in the effectiveness of teaching subjects. Comparative characteristics of pedagogical paradigms - empirical, algorithmic and stochastic proves that the new (stochastic) paradigm has a positive effect on the development of intellectual knowledge of the main subjects of the pedagogical process - the teacher and students. Finally, in the stochastic paradigm, not only the activities of students become productive, but also the effectiveness of the teacher. The article also demonstrates software-based learning and its role in improving the level and quality of education, the effectiveness of teaching subjects. It was said that software-based learning can be achieved with the help of learning technologies. It is advisable to develop students' intellectual competencies with the help of modern learning technologies and educate them as individuals who shape a new era. Thus, taking into account the methodological foundations of innovative technologies, the role of their use in the modern educational process is considered justified.

Keywords: innovative technologies, empirical paradigm, algorithmic paradigm, stochastic paradigm, didactic principles, theoretical design model, pedagogical process, cognitive activity, intellectual culture, scientific worldview of students.

Дар бораи муаллифон

Носиров Саъдулло Шукулоевич
Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов, 64/14
E-mail: nosirov1965@mail.ru

Худойназаров Меҳроҷидин Ашӯрович
Номзади илмҳои педагогӣ, устоди калони кафедраи педагогика ва психология
Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент
735500, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Панҷакент, хиёбони Рӯдакӣ, 106
E-mail: mehroj20@mail.ru

Об авторах

Носиров Саъдулло Шукулоевич
Кандидат педагогических наук, доцент кафедры гуманитарных дисциплин
Таджикский государственный финансово-экономический университет
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14
E-mail: nosirov1965@mail.ru

Худойназаров Мехрожидин Ашурович
Кандидат педагогических наук, старший преподаватель кафедры педагогики и психологии
Таджикский педагогический институт в городе Пенджикент
735500, Республика Таджикистан, г. Пенджикент, проспект Рудаки, 106
E-mail: mehroj20@mail.ru

About the authors

Nosirov Sadullo Shukuloevich
Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of Humanities
Tajik State University of Finance and Economics
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov, st. 64/14
E-mail: nosirov1965@mail.ru

Khudoinazarov Mehrozhidin Ashurovich
Candidate of Pedagogical Sciences, senior lecturer at the Department of Pedagogy and Psychology
Tajik Pedagogical Institute in Panjakent
735500, Republic of Tajikistan, Penjikent, Rudaki Avenue, 106
E-mail: mehroj20@mail.ru

ТДУ 338:802.0

ТАҲАММУЛПАЗИРӢ ҲАМЧУН АРЗИШИ УМУМИБАШАРӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ ТАЪЛИМИЮ ТАРБИЯВИИ ДОНИШҶӮЁН

Арбобова Т. А.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Дар шароити кунунӣ проблема ва инкишофи ғояи таҳаммулпазирӣ яке аз ниёзҳои воқеии ҷомеаи муосир мебошад. Алалхусус, ташаккули муносибатҳои нави иҷтимоию иқтисодӣ масъалаи илман асосноки мутобиқати таҳсилот ба он аҳамияти муҳим касб мекунад. Нобасомониҳои иҷтимоии даҳсолаи охири асри XX ва ибтидои асри XXI дар ҳама соҳаҳои муносибат, аз ҷумла дар бобати таҳаммулпазирӣ низ ҳодисаҳои манфиро ба миён оварданд.

Дар солҳои охир дар ҷомеа зиддиятҳои иҷтимоӣ вусъат ёфта, ахлоқи иҷтимоиро рӯ ба таназзул овард, фишор, зулму ситам ва эътирози иҷтимоӣ бештар ба назар мерасад. Мебояд, ин мушкилотро дар сатҳҳои гуногун ҳаллу фасл намуд. Аз як ҷониб, тадбирҳои сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодии байналмилалӣ, аз ҷониби дигар, чорабиниҳои педагогӣ-фарҳангӣ дар ҳаллу рафъи низову зиддиятҳо имкониятҳои муфидро эҷод хоҳанд намуд.

Таҳаммулпазирӣ аз истилоҳи лотинии “tolerantia” гирифта шуда, маънои “сабр, тоб овардан, шикебоӣ, қобилияти таҳаммул” карданро ифода мекунад.

Баҳри рафъ сохтани бархе аз ҳаводиси номатлуб дар ҷаҳони мутамаддин бо ташаббуси «Юнеско», соли 1995 «Эъломияи принсипҳои таҳаммулпазирӣ» қабул гардид. Тибқи муқаррароти муайянгардида, мафҳуми таҳаммулпазирӣ ҳамчун шакли махсуси эҳтиром, дарку эҳтироми фарҳанг ва тамаддуни ҷаҳон, шахсият ва инчунин шаклу тарзҳои зуҳуроти он ишора гардида, моҳияти байналмилалиро пайдо кард [5].

Қобили зикр аст, ки соли 2000 аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид «Эъломия Ҳазорсола» қабул гардид буд, дар он тамоюли таҳаммулпазирӣ ҳамчун арзиши бунёдӣ ва стратегияи афзалиятноки рушди инсоният дар қарни XXl муайян гардид. Тибқи эъломияи мазкур чунин арзишҳо, афзалиятҳо ва имкониятҳои муҳим дар мадди назар қарор дода шуд: ахлоқ ва дурнамои рафъ сохтани падидаҳои номатлуби зӯроварӣ, эҳтиром ва сабру таҳаммул нисбат ба одамон, арзишҳои маънавӣ, фарҳанг, муошират ва иртиботи мусбат ба ҳамсуҳбат, созиш ва ҳамкорӣ бо кулли инсоният [6].

Бо мақсади муайян намудани моҳияти мафҳуми таҳаммулпазирӣ олими рус В.А. Лекторский [9] чор модели таҳаммулпазириро пешниҳод мекунад:

1.Таҳаммулпазирии бепарвоӣ. Дар ин модел таҳаммулпазирӣ ҳамчун бепарвоӣ ба мавҷудияти ақидаҳо ва таҷрибаҳои гуногун баррасӣ карда мешавад.

2. Таҳаммулпазирӣ ҳамчун имконнопазирии ҳамдигарфаҳмӣ. Дар ин модел, таҳаммулпазирӣ ҳамчун эҳтиром ба дигаре амал мекунад, ки дар айни замон фаҳмидан бо он ҳамкорӣ кардан ғайриимкон аст.

3. Афв ба заъфи дигарон, ки бо каме нафрат нисбат ба онҳо омехта шудааст.

4. Вусъатёбии таҷрибаи худ ва муколамаи интиқодӣ. Қобилияти эҳтиром кардани мавқеи дигарон ва ҳамзамон тағйир додани мавқеи худ дар натиҷаи муколамаи интиқодӣ.

Дарки чунин таҳаммулпазирӣ ва гуногунандеширо В.А. Лекторский дар вазъияте, ки тамаддуни муосир бо он рӯ ба рӯ шудааст, самаранок мешуморад.

Аз ин лиҳоз, гузориш ва татбиқи масъалаи тарбияи таҳаммулпазирӣ дар шароити гуногунфарҳангии Тоҷикистон, яке аз тамоюли умда ва арзишманд ба ҳисоб рафта, моҳияти иҷтимоию фарҳангӣ ва сиёсиро доро мебошад.

Бешубҳа, дар шароити гуногунфарҳангӣ тибқи арзишҳои таҳаммулпазирӣ муттаҳид намудани ҷомеа, ҳимояи манфиатҳои шахсияти инсон аҳамияти хоса касб менамояд. Биноан, ин ғояи тарбияи шахсияти созандаву сулҳофар, ки бо ташвиқу тарғиби идеяҳои таҳаммулпазирӣ,

сулҳҳоҳӣ, ҳалли мусбат ва манфиатбахши масъалаҳои ҳаётӣ иртибот дорад, дар педагогикаи миллии халқи тоҷик ҷойгоҳи марказиро ишғол мекунад.

Фарҳанги таҳаммулгароии мардуми тоҷик иқтидори сулҳофариро доро мебошад ва ҳусни тафоҳум сарчашмаи воқеии ташаккули таҳаммулпазирро ташкил дода, дар миқёси давлатӣ ва ҳам дар ҷараёни педагогӣ татбиқ мегардад. Дар муассисаҳо ва марказҳои таълимию тарбиявӣ мебояд шароити якдигарфаҳмии фарҳангиро эҷод намуд. Махсусан дар шароити рушди иҷтимоишавии тамаддуни башар ба насли ҷавон шаклу тарзҳои мусолиҳаро бояд омӯзонд. Дар робита бо ин такмили мазмун, шакли тарбия, омӯзиши табиат, ҳамчунин усули ҳамкории таҳаммулпазирӣ яке аз вазифаҳои муҳим қарор хоҳад ёфт.

Баҳри амалӣ намудани ин ҳадафи мақсаднок, фароҳам овардани имконияту шароитҳои педагогӣ, ки ба хонандагон муносибат ва рафтору муошират таҳаммулпазириро меомӯзонад, амри муддаост. Ин гуна шароит натанҳо фарогири омилҳо ва ҳолатҳое, ки раванди самараноки ҳалли низоъҳо ба онҳо вобастагӣ доранд, балки фазоест, ки дар он раванди ташаккули таҳаммулпазирӣ амалӣ мегардад.

Вобаста ба ин самт ҳалли як чанд мухолифатҳое, ки барои равандҳои муосири таҳсилот дар хонавода ва муассисаҳои таълимию тарбиявӣ хос мебошад, муҳим мешуморем:

–миёни талаботи ҷомеа ва давлат нисбати ташаккули шахсиятҳои таҳаммулпазир ва нокифоя будани таҷрибаи амалии педагогӣ чун воситаи рушди таҳаммулпазирӣ;

–миёни нақши волидайн ва имконоти тарбиявии муассиаҳои таълимиву тарбиявӣ бо мақсади рафъи низоҳо ва татбиқи технологияи ташаккули таҳаммулпзирӣ;

–миёни суръати такмили технологияи нав ва омодагии мактаб ва хонавода ҷиҳати татбиқи он дар фаъолияти хеш.

Консепсияи таҳаммулпазирӣ имрӯз баҳри ташаккули салоҳияти иҷтимоию фарҳангии хонандагону донишҷӯён, ки зимни забонҳои хориҷӣ татбиқ мегардад, эҳтиром нисбати забонҳо, фарҳангу анъанаҳои миллату халқҳои дигарро фаро мегирад. Махсусан, сифатҳои таҳаммулпазирии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забонҳои хориҷӣ, онҳоро ба ҳамкории тарафайни фаъол дар муҳити бисёрфарҳангӣ сафарбар менамояд.

Таҳаммулпазирии донишҷӯ муносибати сабурона ба одамони дигар, эҳтироми ақидаи дигар, қобилияти гӯш кардан ва фаҳмидани шахси дигар мебошад. Махсусан ин тарзи муносибат дар муошират зоҳир мешавад ва аз худдорӣ, эҳтиром, фаҳмиш ва ҳамдардии одамони дигар иборат аст.

Самтҳои асосии тарбияи таҳаммулпазирии донишҷӯён аз инҳо иборат аст:

- муайян кардани мақсадҳои умумӣ ва вазифаҳои мушаххаси волидайн;
- инкишофи тасаввурот дар бораи фарҳанги халқҳои гуногун;
- муносибатҳои байналмилалӣ, намунаҳои рафтори таҳаммулпазирӣ [1, с. 240].

Баҳри ташаккули таҳаммулпазирии донишҷӯён аз шаклу равишҳои гуногуни фаъолияти омӯзишӣ истифода бурдан мумкин аст, масалан: лексия, суҳбат, семинарҳо, мубоҳиса, тренинг ва ғайраҳо. Дар рушди таҳаммулпазирии байнишахсии донишҷӯён нақши асосиро омӯзгор мебозад. Барои ташаккул додани таҳаммулпазирии донишҷӯён, бояд худи омӯзгор дорои чунин сифат бошад.

Дар рушди ғояҳои таълими бисёрфарҳангӣ олимон: Ю.В. Арутюнян, Г.Д. Даутова, В.А. Ершов, Н.М. Лебедева, В.В. Макаев, З.А. Малькова, Л.М. Мосолова, С.У. Наушабаева, М.Н. Кузьмин, саҳми арзанда доранд. Тамоюли психологии ҳамкории байнифарҳангӣ дар асарҳои Г. Лебон, Р. Бенедикт, М. Мид, Э. Сэпир, Б. Уорф баррасӣ гаштаанд.

Ба андешаи А.Г. Асмолова, И.А. Асташова, В.П. Бездухова, А.В. Кирьякова таҳаммулпазирӣ метавонад, ҳамчун "арзиши системаи иҷтимоию фарҳангӣ, як навъ меҳвари дохилии мавҷудияти иҷтимоӣ - психологӣ" баррасӣ карда шавад. Ин як падидаи мураккабест, ки муносибати инсонро ба худ ва ҳам муносибат ба муҳити иҳотакарда муайян мекунад. Берун аз муносибат бо инсон набояд дар бораи таҳаммулпазирӣ сухан ронд ва арзишҳо ҳамчун як навъ тамоюли рафторӣ, ки ҳадафи фаъолияти шахсро ифода мекунад, баромад мекунад [1, с. 242].

Тарбияи таҳаммулпазирӣ кори тамоми институтҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ мебошад, аммо вақте ки кӯдакон объекти он мебошанд, вазифаи асосӣ ва масъулияти он маҳз ба муҳити таълимӣ вобаста карда мешавад.

Қобили зикр аст, ки салоҳиятҳои муҳиме, ки таҳсилоти олии муосир барои омода намудани мутахассис ба дӯш дорад, рушди арзишҳои маънавӣ, афкори солим, идеалҳо, ҷаҳонбинии илмӣ, истеъдод ва қобилиятҳои маърифатӣ, созишу андешаи некбинона, муносибати шахсӣ ба одамон, ҳисси масъулияшиносӣ дар иҷрои фаъолиятҳои иҷтимоӣ иборат дониста мешавад.

Лозим ба ёдоварист, ки бо мақсади бартараф намудани мушкилоти таҳаммулпазирӣ ва муошрати созандаи байналмилалӣ, фаъолияту чорабиниҳои зарурӣ доир ба истифодаи забони хориҷӣ ҳамчун воситаи рушду ташаккули сифатҳои таҳаммулпазирии донишҷӯ дар муҳити бисёрфарҳангии макотиби олӣ ба қадри кофӣ ба нақша гирифта нашудааст.

Ҳамин тавр, бархе ихтилофоту зиддиятҳо боиси ба миён омадани мушкилот мегардад, муайян карда шудаанд:

- афзун гаштани талаботи ҷомеа нисбати ташаккули шахсияти таҳаммулпазир дар муҳити таҳсилоти бисёрфарҳангӣ ва таҳияи нокифояи мазмун, шаклҳо ва усулҳои истифодаи он дар макотиби олӣ;
- имкониятҳои таълимии забони хориҷӣ дар ташаккули шахсияти таҳаммулпазирии донишҷӯ ва ба таври самаранок ташкил накардани шароити илмӣ-педагогӣ.

Имрӯз дар таҷрибаи педагогии омӯзгорон бештар ихтилофот байни мазмуни таҳсилоти анъанавӣ ва талаботҳои нави ҷомеа нисбати сифатҳои шахсӣ ва ташаккули таҳаммулпазирии донишҷӯён дар муҳити макотиби олӣ ба назар мерасад. Бо назардошти шароит ва талаботҳои ҷомеаи мутамаддин тарбияи таҳаммулпазирӣ салоҳиятҳои муҳимро фаро мегирад, ки чунинанд:

- бо назардошти дарку талқини фарҳанги миллӣ, омӯхтану эҳтироми фарҳанги башар;
- густариши тасаввуроти донишҷӯён роҷеъ ба хусусиятҳои хоси фарҳанги башар;
- тарғиби муносибати мусбат ба фарҳанги башар;
- муҳайё намудани имконият ва шароит бо мақсади сомон бахшидан ба ҳамкории донишҷӯён бо фарҳангҳои халқҳои дигар;
- ташаккул ва инкишофи малакаи ҳамкории самаранок бо намояндагони фарҳангҳои гуногун;
- тарбияи донишҷӯён дар руҳияи таҳаммулпазирӣ, башардӯстӣ, муносибати инсондӯстона натанҳо ба инсон, балки ба табиат.

Ҳадафи муҳими макотиби таҳсилоти олӣ зимни тамоюли ҷомеаи муосир ташаккули шахси созандаву дурандеш, некбину ташаббускор, ки дар шароити вусъатёбии робитаҳои байналмилалӣ, ҳамгироии фазои маърифатию фарҳангӣ ба ҳисоб меравад, иборат аст. Тамоюли таҳаммулпазирӣ дар ниҳоди донишҷӯён ҷаҳони навро ташаккул дода, масъулиятпазиру бомулоҳиза, эҷодкору уҳдабаро, оқилу ҳассосро ба камол мерасонад.

Имрӯз омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар донишҷӯён сифатҳои инсондӯстӣ, махсусан таҳаммулгарову башардӯстро тарбия намояд.

Бешубҳа, дар шароити рушди иртиботи иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии байналмилалӣ донистану омӯхтани забони хориҷӣ зарур ва айни муддаост. Забони хориҷӣ дар муассисаҳои олӣ фазои фарҳангиро фароҳам оварда, тасаввуроту андешаҳои донишҷӯёнро ба фарҳанги маънавии халқу миллатҳои дигар равнақ бахшида, ҳисси худшиносӣ ва дарки арзишҳои миллию умумибашарии онҳоро густариш медиҳад.

Мақсади омӯзиши забони хориҷӣ тибқи парадигмаи нави таҳсилот аз тарғибу ташвиқи салоҳияти иҷтимоию фарҳангии донишҷӯён иборат аст, ки қобилиятҳои забономӯзӣ ва воситаҳои иртиботии забон, вазифаҳо, қонуниятҳои шароити муошират бо назардошти меъёрҳои иҷтимоии рафтор бо намояндагони фарҳангҳои дигар ба миён гузошта шуда, такомул дода мешавад. Зимни принсипи муколамаи намояндагони фарҳангҳои мухталиф дар раванди омӯзиши забони англисӣ авсофи муҳими башаргароии донишҷӯён рушду такмил

меёбад. Талаботи принсипи мазкур моҳияти муколамаеро ифода менамояд, ки мавриди сӯҳбат бо намояндаи фарҳанги дигар, шароити эҳтиром намудани нафари мутақобила ва арзишҳои миллии ӯро ба эътибор гирифта, равишҳои муросо намудан бо халқу миллатҳои мухталифро низ ташаккул медиҳад. Меъёри дигари принсипи муколамаи фарҳангҳо ба густариши шаклҳои нави созгорӣ ва равишҳои ҳалли муошират байнифарҳангиро дар донишҷӯён талқин мекунад.

Чунин бархӯрди нав арзишҳои маънавию фарҳангии ватанӣ, воқеъбинона арзёбӣ кардани фарҳанг, шаклу тарзи ҳаёти нав, хосиятҳои муҳимми фаъолияти касбиро фарогир буда, имконоти мутахассисро роҷеъ ба ҳодисаҳои нави ҷаҳони муосир ва ҳисси таҳаммулпазириро ташаккул медиҳад.

Қобили зикр аст, ки вусъат додани сатҳи таҳаммулпазирии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ ба ҳалли чунин вазифаҳо мусоидат мекунад:

- тарбияи башардӯстӣ ва иртиботи инсондӯстонаи байналмилалӣ;
- рушди ягонагии фарҳанги миллӣ ва башарӣ;
- мушаххас намудани хусусиятҳои умумӣ ва хоси анъанаҳо, маданият ва фарҳанги зиндагии мардуми ҷаҳон;
- муҳайё намудани муҳити муошират байналмилалӣ;
- фароҳам овардани шароити худшиносӣ зимни фазои бисёрфарҳангӣ.

Мавриди омӯзиши забони англисӣ қонуниятҳои назаррас дар донишҷӯён, аз қабили полилингвизм (бисёрзабонӣ), дурнамо, меъёри робитаи субъекту объект такмил ва ифшо мегардад.

1. Модели тарбияи таҳаммулпазирӣ.



Дар ҳолати татбиқи функсияҳои модели мазкур, муайян карда шудаанд:

Вазифаҳо:

1. Мутобиқсозӣ, иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ, фарҳангӣ, омӯзишӣ, иҷтимоӣ-тарбиявӣ.

Мундариҷа:

2. Мақсаднок, аксиологӣ, иттилоотӣ, коммуникатсионӣ, ташкилӣ, барномавӣ-стратегӣ.

Марҳилаҳо:

3. Рағбатонӣ-иттилоотӣ, ташхисӣ-таҳриркунанда, ҷамъбастӣ.

1. Вазифаи натиҷагирии таҳаммулпазирӣ аз тарғибу рушди таҷрибаи инсонӣ, ҳамкории мусбати иҷтимоӣ, ташкили фаъолияти иҷтимоӣ, иҷтимоишавӣ, арзёбии амалҳои одамон иборат аст.

2. Вазифаи муоширатӣ аз омодагӣ, ҳамкорӣ, муоширати созанда бо намояндагони фарҳангҳои гуногунӣ иборат аст.

3. Вазифаи психологӣ-педагогӣ аз фароҳам овардани муҳити муносиби психологӣ-педагогӣ, эътимод, иззату эҳтиром, дастгирӣ, рушди худшиносӣ, мухолифат нисбати омилҳои номусоид ва ҳолатҳои ғайриахлоқӣ иборат аст.

4. Вазифаи таҳаммулпазирии ташкилӣ аз муайянсозии муҳити муносиб, таъмини ҳамзистӣ, созишу ҳамкории намояндагони фарҳангҳои мухталиф, кафолати иҷтимоии дахлнопазирӣ, ба тариқи қонунӣ мушаххас намудани мавқеъ ва рафтору амалҳои шахсони алоҳида иборат аст.

Дар доираи татбиқи нишондодҳои матраҳгардида интихоби самараноки шаклу усулҳои таълим нисбати ташаккули шахсияти таҳаммулпазир, имконият, шароит, вазифаҳои таълим ва тарбия, самти касбии мутахассиси оянда ба эътибор гирифта мешавад.

Албатта, проблемаи ташаккули таҳаммулгарой дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ таъмини баъзе навъҳои стратегияҳои муоширатӣ, рушди ҷанбаҳои иҷтимой-маърифатӣ, салоҳиятҳои касбӣ бо назардошти норма ва муқаррароти муошират касбӣ, ки бо фарҳанги муоширатии намояндаи кишварҳои хориҷа мутобиқ аст, вусъату густариш додан иборат аст.

Баҳри ташаккули таҳаммулпазирӣ дар раванди таълими забонҳои хориҷӣ зарур аст: таъмини азхудкунии намудҳои стратегияҳои коммуникатсионӣ, рушди сатҳи маърифатӣ ва иҷтимоӣ; механизми салоҳияти касбиро дар асоси азхудкунии меъёрҳо ва қоидаҳои шинохтан ва татбиқи муошират касбӣ, ки ба фарҳанги хориҷии соҳаи гуманитарӣ хос аст, ташаккул диҳад.

Масоили мубраме, ки имрӯз тақозои замон мебошад, фароҳам овардани шароиту муҳити созанда, ки осоиштагию якдилии ҷомеаро таъмин мекунад ва ба ташаккули шахсиятҳои таҳаммулпазиру инсондӯст мусоидат мекунад.

Модели ташаккули таҳаммулпазирӣ аз ҷониби олимон дар чунин шакл арзёбӣ шудааст:

Қайд бояд намуд, ки таҳаммулпазирӣ таваҷҷуҳи тамоми қишрҳои ҷомеаро ба худ ҷалб намудааст. Новобаста ба ин, масъалаи мазкур ҳоло қисман омӯхта шуда, коркарди он дар тамоюли маҳдуд сурат гирифтааст.

Албатта дар чунин маврид, дар замони муосир, дастури мушаххаси таҳаммулпазирӣ тартиб дода, амалҳои ҳадафманд анҷом дода шавад, як қатор зиддиятҳо бартараф хоҳад шуд.

Имрӯз технологияи педагогӣ тибқи нишондодҳои таҳаммулпазирии донишҷӯён ташкил карда шуда, динамикаи инкишофи таҳаммулгароии онҳоро таъмин мекунад. Шароитҳои нави педагогӣ ва психологӣ имконияти инкишофёбии раванди таҳаммулпазирии донишҷӯёнро бештар вусъат дода, андешаҳои мусбат, майлу рағбатҳои омӯзишӣ, худшиносии онҳоро вусъат дода, ба ҳалли вазифаҳои мушаххаси таҳсилот ва ҷомеа равона карда мешавад. Дар чунин маврид муайян ва интихоби усулҳо, тартиби мундариҷаи омӯзиш, воситаҳо ва шаклҳои ташкили раванди таълиму тарбия, усулҳои назорат ва арзёбӣ, такмил ва коркарди назария ва амалияи педагогӣ, таъминоти илмию методии раванди тарбияи таҳаммулпазирӣ, таъмини арзишҳои хонаводаҳо, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва этникӣ, муайян кардани меъёру арзишҳои ҷомеа, коркард намудани муҳити таҳаммулпазирӣ дар муассисаҳои таълимӣ бояд мавриди тадқиқу баррасӣ қарор дода шавад.

Имрӯз арзёбии сатҳи таҳаммулпазирӣ тибқи нишондодҳои муқарраргашта амалӣ карда мешавад.

1.Таҳаммулпазирӣ дар сатҳи паст: дар сухан ва рафтор, стереотипҳои манфии мавҷудбуда, бегонапарастӣ, тамасхур ҳангоми муошират, сатҳи пасти ҳамдардӣ.

2. Таҳаммулпазирӣ дар сатҳи миёна: мавҷудияти андешаҳо ва муносибати некбинона, дифоъ накардани нуқтаи назари худ, дарк кардани андешаи дигарон.

3. Таҳаммулпазирӣ дар сатҳи баланд: танқиди назар намудан, ҳисси ҷавобгарӣ ва масъулиятшиносӣ, дарк ва ҳамдардӣ намудан, хушмуомилагӣ, таҳаммулпазирӣ мавриди дифоъ аз мавқеи худ ва фаҳмидани мавқеи дигар. Дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ принсипҳои ба шахс нигаронидашуда, шуурнокӣ ва эҷодкорӣ ба эътибор гирифта мешавад [12, с. 142].

Муҳим он аст, ки дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ хусусиятҳои таҳаммулпазирӣ, аз қабили: муттаҳидсозии донишҷӯён, ҳифзи фазои ягонаи иҷтимоию фарҳангии ҷомеа, рафъ сохтани низоъҳои этникӣ, миллӣ ва иҷтимоӣ, ҳифзи ҳуқуқи шахсият, баробарҳуқуқии фарҳангҳои миллӣ ва эътиқодҳои мухталиф ва маҳдудсозии нобаробарии иҷтимоӣ афзалият пайдо намояд.

Дар ин самт принсипҳои тарбияро қобили таваҷҷуҳ қарор додан ба маврид аст, ки хусусияти рушди ҳамаҷонибаи фаъолияту рафтори шоистаро дар худ инъикос мекунад, чунинанд: ташвиқи некхоҳӣ, сабр, муошират ва муносибати мусбат, нақши омӯзгор, танзими муҳити психологӣ, ҳавасмандонии худомӯзии донишҷӯён, истифодаи усулҳои инкишофдиҳандаи равандҳои маърифатӣ, худназораткунӣ ва худбаҳодиҳӣ.

Қобили зикр аст, ки таҷдид ва танзими омӯзиши забони хориҷӣ шарти муҳими ташаккули арзишҳои баланди иҷтимоӣ ба шумор меравад. Бо ин тарз озодии шахсият ва вусъати ҷаҳонибинии хусумат нисбат ба дигарон коҳиш ёфта, дар натиҷа эҳсоси сабру таҳаммул ҷузъи муҳими фазои маънавии макотиби таҳсилоти олӣ хоҳад ёфт. Ҳамин тавр, таҳаммулпазирии донишҷӯён дар раванди иҷтимоисозии шахсият бояд ҳамчун меъёри табиӣ ва муайянкунандаи усули рафтор ва тафаккури он баромад намояд.

Таҳаммулпазирӣ зимни се марҳила-огоҳӣ, даркнамоӣ ва мустақилият вусъат меёбад. Пеш аз ҳама, таъмини донишҳои заминавӣ роҷеъ ба таҳаммулгароӣ таъмин гашта, сипас муносибати шахсӣ, малакаҳои таҳаммулпазирӣ дар рафтору муносибат рушду такомул меёбад. Албатта, раванди ташаккули таҳаммулпазирӣ дар ҳар як марҳила бо ҳадафҳо, вазифаҳо, муҳтаво ва усулҳои худ тафовут доранд.

Раванди ташаккули таҳаммулпазирӣ дар марҳилаи огоҳӣ, тавассути роҳу равишҳои мухталиф, ба монанди: эссе, мусоҳиба, корҳои амалӣ, корҳои гурӯҳӣ, кор дар гурӯҳҳои хурд, ҳалли мушкилот дар ҷуфтҳо, намоиши видеоҳо, ба инкишофи қобилиятҳои коммуникативӣ, малакаҳои нутқӣ-монологӣ, муколамаҳо мавриди омӯзиши забони англисӣ мусоидат менамояд.

Раванди ташаккули таҳаммулпазирӣ дар марҳилаи даркнамоӣ дар донишҷӯён хусусиятҳои хоси ҳиссӣ-ҳамдардиро инкишоф медиҳад. Дар ин маврид усулҳои репродуктивӣ ва фаъоли омӯзиш, посух ба тариқи гузориши хаттӣ, худбаҳодиҳӣ, худтаҳлилкунӣ, таҳлили матнҳои аслӣ, намоиш ва муҳокимаи видеофилмҳо, нақл ва шарҳу тавзеҳ малакаҳои гуфтугӯӣ ва хаттиро инкишоф медиҳад.

Марҳилаи севвум рафтори таҳаммулпазирӣ дар шакли мустақилияти донишҷӯён ифода меёбад. Дар ин самт усулу шаклҳои омӯзиши забони англисӣ, аз қабили таҳлил, ҳисоботи хаттӣ, бозиҳои гуногуни дидактикӣ, нақшофарӣ, муколама, тарҷумаи матнҳо, гузориши омӯзиши проблемавӣ, фаъолияти лоиҳавӣ-эҷодӣ ба эътибор гирифта мешавад.

Зикр бояд намуд, ки ҳадафманд ва самаранок истифода намудани усулу равиш, шаклу воситаҳои омӯзишӣ ва тарбиявӣ, бо назардошти хусусиятҳои синнусолӣ, фардӣ, мотивҳои омӯзишӣ, шароит ва имконоти педагогӣ-психологӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ боиси равнақу такмили сифоти ҳаҷиби инсонӣ, чун: сабру таҳаммул, меҳрубонӣ, раҳму шавқат, дилсӯзӣ, ҳамдардӣ, мададрасонӣ, дӯстию рафоқат, ҳамдигарфаҳмӣ, якдилӣ, ҳамкории донишҷӯён хоҳад гашт.

Адабиёт

1. *Асмолов, А. Г. На пути к толерантному сознания / А. Г. Асмолов. - М., 2000. – 255 с.*
2. *Безотечество, Л. М. Формирование толерантности бакалавров – будущих педагогов профессионального обучения в образовательном процессе ВУЗА: дис. ... канд. пед. наук. / Л.М. Безотечество. – Красноярск, 2015. – 187 с.*
3. *Беспалько, В.П. Педагогика и прогрессивные технологии обучения / В. П. Беспалько. - М.: Педагогика, 1995. - 243 с.*
4. *Гюлен, Ф. Диалог и толерантность / Ф. Гюлен. - Минск: Четыре четверти, 2011. - 359 с.*
5. *Декларация принципов толерантности. Генеральной конференции ЮНЕСКО от 16 ноябри 1995.*
6. *Декларация тысячелетия Организации объединенных Наций. №55/2 Генеральной Ассамблеи от 8 сентября 2000 г.*
7. *Зорина, А.В. Технология личностно-ориентированного взаимодействия в формировании толерантности у студентов на занятиях по иностранному языку в поликультурном вузе / А. В. Зорина // Педагогика и психология. Теория и практике. – 2016. - Т. 4. - № 2. - С. 37-39.*
8. *Комаров, В. П. Воспитание толерантности у студентов университета / В.П. Комаров, О.В. Исаева // Вестник ОГУ. - 2003. - №4. - С. 112-118.*
9. *Лекторский, В. А., Кулешова О. В. Толерантность как философская проблема // Вестник культурологии. - 2012. - № 3. - С. 11-14.*
10. *Муртазина, Э. И. Развитие толерантности студентов на занятиях английского языка с использованием технологии развития критического мышления / Э. И. Муртазина // Вестник Марийского государственного университета. - 2018. - Т. 12. - № 1. - С. 76-82.*
11. *Педагогика толерантности // Высшее образование в России. - 2001. -№ 5. - С. 17-21.*
12. *Селевко, Г. К. Современные образовательные технологии / Г. К. Селевко. - М.: Педагогика, 1980. - 146 с.*
13. *Степанов, П. Как воспитать толерантность? / П. Степанов // Народное образование. - 2001. - № 9. - С. 91–97.*

ТАҲАММУЛПАЗИРӢ ҲАМЧУН АРЗИШИ УМУМИБАШАРӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ ТАЪЛИМИЮ ТАРБИЯВИИ ДОНИШҶӮЁН

Дар мақолаи мазкур сухан оиди таҳаммулпазирӣ, мафҳуми он ва мушкилоти таҳаммулпазирӣ дар ҷомеаи имрӯза ва соҳаи таҳсилот меравад. Таҳаммулпазирӣ ҳамчун падидаи серпаҳлу, ки аксари муаллифон дар бораи мавҷудияти якчанд паҳлуҳои таҳаммулпазирии ҳамдигарро пурра мекунанд, ба монанди тамаддунӣ, байналмилалӣ, этникӣ, иҷтимоӣ, инфиродӣ, низ дар мақола шарҳ дода шудааст. Муаллифи мақола оиди чор модели таҳаммулпазирии В.А. Лекторский, маълумоти муфассалро пешкаш намуда, вобастагии онҳоро ҷиҳати рушди салоҳияти иҷтимоию фарҳангии донишҷӯён, дарҷ намудааст. Ин шарҳи рушди **т**аҳаммулпазирии донишҷӯён ҳамчун муносибати сабурона нисбати дигарон, эҳтироми ақидаи дигар, қобилияти гӯш кардан ва фаҳмидани шахси дигар мебошад. Мақолаи мазкур ин тариқи ҷамъоварии фикру ақида ва мушоҳидаҳои олимону муҳаққиқони солаи психология, педагогига ва сотсиология, шарҳ додани таҳаммулпазирӣ ва таъсири он ба ташаккули салоҳияти иҷтимоию фарҳангии донишҷӯён ва қобилияти муошират онҳо, мебошад.

Калидвожаҳо: таҳаммулпазирӣ, фаъолияти таълимию тарбиявӣ, салоҳияти иҷтиоию фарҳангӣ, забонҳои хориҷӣ, ташаккули шахсият, қобилиятҳои муоширатӣ, таҳсилоти муосир, омодагии касбӣ,

ТОЛЕРАНТНОСТЬ КАК ОБЩАЯ ЦЕННОСТЬ В ОБРАЗОВАТЕЛЬНО-ПРОСВЕТИТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ СТУДЕНТОВ

В данной статье говорится о толерантности, ее понятии и проблемах толерантности в современном обществе и сфере образования. В статье также рассматривается толерантность как многогранное явление, большинство авторов которого сходятся во мнении о существовании нескольких дополняющих друг друга аспектов толерантности, таких как: цивилизационный, интернациональный, этнический, социальный и индивидуальный. Автор статьи также отмечает, о четырех моделях толерантности В.А. Лекторского, предоставив подробную информацию и их взаимосвязь с формированием социокультурной компетентности у студентов. Объяснить развитие толерантности у студентов как терпеливое отношение к другим, уважение к чужому мнению, умение слушать и понимать другого человека. Данной статьи представляют собой, путём сбора мнений и наблюдений ученых и исследователей сферы психологии, педагогики и социологии по вопросам

толерантности и ее влияния на формирование социокультурной компетентности студентов и их коммуникативных способностей.

Ключевые слова: толерантность, образовательная деятельность, социокультурная компетентность, иностранные языки, развитие личности, коммуникативные навыки, современное образование, профессиональная подготовка,

TOLERANCE AS COMMON VALUE IN TRAINING AND EDUCATIONAL ACTIVITIES OF STUDENTS

This article discusses tolerance, its concept and problems of tolerance in modern society and education. The article also examines tolerance as a multifaceted phenomenon, most authors of which agree on the existence of several complementary aspects of tolerance, such as: civilizational, international, ethnic, social and individual. The author of the article also notes the four models of tolerance of V.A. Lektorsky, providing detailed information and their relationship with the formation of socio-cultural competence in students. Of the article is to explain the development of tolerance in students as a patient attitude towards others, respect for someone else's opinion, the ability to listen and understand another person. In this article are presented by collecting opinions and observations of scientists and researchers in the field of psychology, pedagogy and sociology on issues of tolerance and its impact on the formation of students' socio-cultural competence and their communicative abilities.

Keywords: tolerance, educational activities, socio-cultural competence, foreign languages, personal development, communicative skills, modern education, professional training.

Дар бораи муаллиф
Арбобова Тутигул Анваровна
Муаллими калони кафедраи
умумидонишгоҳии забонҳои хориҷӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: arbobova_t@mail.ru

About the author
Arbobova Tutigul Anvarovna
Senior teacher of the wide-university chair of foreign languages
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: arbobova_t@mail.ru

Об авторе
Арбобова Тутигул Анваровна
Старший преподаватель
общеуниверситетской кафедры
иностранных языков
Таджикский государственный
педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан,
г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: arbobova_t@mail.ru

ТДУ 37.01.(091):008(575.3)

ПЕДАГОГИКАИ ХАЛҚӢ ҲАМЧУН НАМУНАИ АСОСИИ ТАШАККУЛИ ТАМАДДУНИ МИЛЛАТИ ТОҶИК

Ҳусенов Н. М.
Донишгоҳи давлати омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Педагогикаи халқӣ қисми ҷудонашавандаи фарҳанги халқи тоҷик мебошад. Суханони педагоги бузурги рус К.Д.Ушинский дар бораи он, ки «халқи рус чанд асре вуҷуд дошта бошад, тарбия низ ҳамон қадар аср вуҷуд дорад» [6, с. 111], ба халқҳои дигар низ ба пуррагӣ мансубанд. Ҳамзамон педагогикаи халқӣ чун падидаи маънавӣ дар асрҳои миёна таърихан пеш аз педагогикаи умумӣ ба вуҷуд омада, ба шаклҳои ибтидоии он таъсир расонидааст. Таҳлили таърихи афкори тарбиявии тоҷику форс нишон медиҳад, ки педагогикаи халқӣ зери таъсири фарҳанги халқӣ ба вуҷуд омадааст. Муаррихи педагогика М. Орифӣ барҳақ қайд мекунад, ки «як қатор мутафаккирони асримиёнагии тоҷику форс чун намояндагони педагогикаи расмӣ таҷрибаи бойи тарбияро, ки ҳамватанони мо ҳосил кардаанд, ба ҳисоб нагирифта наметавонистанд» [1, с. 34].

Муҳаққиқони фарҳанги миллӣ тоҷику форс таъсири ҳамдигарии педагогикаи расмӣ ва халқиро, ки ҳамдигарро пурра месозанду ғанӣ мегардонанд, нишон додаанд. Дар педагогикаи расмӣ таъсири мафкураи давлатӣ эҳсос мегардад ва педагогикаи халқӣ зери таъсири он дар умум орзую омоли халқ, тасаввуроти ӯро дар бораи тарбия ва таълим ифода мекунад.

Ҳанӯз дар солҳои 20-уми қарни XX яке аз аввалин муаллифони педагогикаи халқӣ Г.С. Виноградов навишта буд: «Душвор аст гуфтан, ки чаро халқшиносон ба масъалаҳое, ки ба идеалҳо, ақидаҳо; тарзу воситаҳои халқии тарбия ва таълим мансубанд, диққат надодаанд. Дар ин ҷода кори каме ба сомон расонида шудааст. Шахсе, ки доир ба педагогикаи халқӣ маълумоти умумӣ доданист, ба мушкилиҳои сершумор дучор мегардад» [7, с. 4].

Солҳои охир оид ба масъалаҳои гуногуни педагогикаи халқӣ, ки дар ҷодаи омӯзиши ёдгориҳои арзишноки педагогикаи халқӣ нақши калон доранд, як қатор тадқиқоти ҷолиб пайдо шудаанд. Мо дар назди худ мақсади пурра равшанӣ андохтан ба ҳамаи масоили ғояҳои тарбиявӣ дар ашъори сӯфиёнаи Шарқи асримиёнагиро нагузоштаем, зеро ки аксари масъалаҳои мероси ғании ғоявии ашъори сӯфиёна метавонанд ва бояд мавзуи тадқиқоти нави таърихию тарбиявӣ гарданд.

Белинский В.Г. ба мустақилияти фарҳанги тарбиявии халқҳо рағбати калон дошт. Ӯ оид ба ин масъала саволеро матраҳ менамояд, ки: «Мустақилияти хосси ҳар як халқ дар чист?» ва посух медиҳад, ки: «Дар тарзи афкору ақоид ба ашё дар дин, забон ва бештар дар расму оинҳое, ки танҳо ба он хос аст. Ин расму оинҳо аз либос, ки бо иқлими мамлакат алоқаманд аст, дар шаклҳои ҳаёти хонаводагӣ ва ҷамъиятӣ, ки сабабаш дар эътиқод ва фаҳмиши халқ ниҳон аст, иборат мебошад...» [2, с. 14-15].

Педагогикаи халқӣ, расму оинҳо, тарбия ва таълим низ чунин вижагиҳоро доранд. Маҳз барои ҳамин ҳам, пеш аз баррасии мазмуни педагогикаи халқӣ дар бораи гузашта, имрӯза ва ояндаи таърихие, ки ба баъзе аломатҳои хосси педагогикаи халқӣ асоснок гаштааст, якчанд сухан гуфтан лозим аст.

Ҷанбаи диалектии педагогикаи халқӣ дар назми тоҷику форс бо тарзи таърихӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ҳаёт, фарҳанг, расму оинҳо ва забони ғанӣ асоснок гаштааст.

Фарҳанги тоҷику форс ба рушди тамаддуни ҷаҳонӣ саҳми калон ва дар таърихи илму фарҳанг ва санъати ҷаҳонӣ нақши амиқ гузошт. Дар замонҳои қадим ҳунармандони моҳир дар ин минтақа қасру ибодатхонаҳо сохтаанд. Харобаҳои шаҳру деҳаҳое, ки замоне шукуфон буданд, то ҳол боқӣ мондаанд. Навъҳои паҳншудаи эҷодиёти шифоҳӣ – ривояту қиссаҳо, чистону зарбулмасалҳо, масал – чун шаклҳои хурди педагогикаи халқӣ, афсонаву достонҳо чун китобҳои дарсии ҳаёти халқ баррасӣ мегарданд.

Муносибати педагогикаи халқӣ ба кӯдакон чун объекту субъекти тарбия аҳаммияти калон дорад. Дар ин ҷо масоиле чун тавлиди кӯдак, муҳаббат ба кӯдакон, муносибат ба кӯдакони худу бегона, писархондӣ, вижагиҳои тарбияи духтарон ва ҳ.к. диққати моро ба худ ҷалб кардаанд.

Педагогикаи халқӣ бо методҳои тарбия ғанӣ гардонида шудааст. Хонанда бо методҳои гуногуни тарбия (намунаи шахсӣ, эътиқод, ёддиҳӣ, талаб, хоҳиш, маслиҳат, киноя, мазаммат, таҳсин, ҳавасмандӣ, муҷозот ва ҳ.к.) шинос мегардад.

Мазмуни тарбия ва таълими ғояҳои тарбиявии ашъори сӯфиёнаи Шарқи асримиёнагӣ дар мақолаи мавриди назар мавқеи марказиро ишғол менамояд. Тасаввуроти халқ дар бораи ташаккули шахсият ва тарбияи ақлии насли наврас хело бою гуногун аст. Чистонҳо, ҳисобкуниҳо, мушоҳидаҳои фонологӣ ва астрономӣ ҳамеша ба тарбияи донишдустӣ, рушди тафаккури мантиқии кӯдакон хизмат мерасонанд. Дар маркази тарбияи оилавӣ тарбияи меҳнатӣ меистад. Дар мақола на танҳо моҳияти тасаввуроти халқ дар бораи тарбия нишон дода шудааст, балки шаклу мазмун ва методҳои он аз нуқтаи назари педагогикаи илмӣ кушода дода шудааст.

Дар педагогикаи халқӣ тарбияи ахлоқии насли ҷавон бо кодекси ахлоқи оила алоқаманд аст. Дар фаҳмиши халқ муҳаббат ба ватан садоқат ба манфиатҳои халқ, ҳисси колективизм, ростқавлӣ, поквичдонӣ, хоксорӣ, вафодорӣ дар дӯстӣ ва муҳаббат сифатҳои асосии шахсияти хушахлоқ мебошад. Тасаввуроти халқӣ дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва зебошинохтии ҷавонон диққатҷалбкунанда аст. Педагогикаи халқӣ фаъолияти амалии меҳнаткашонро низ доир ба тарбия ва таълими насли ҷавон дар бар мегирад. Ин масъалаҳо бо назардошти анъанаҳои миллии тарбияи халқ низ баррасӣ мегарданд.

Педагогикаи халқиро бе халқ, бе шунидани “овози халқ” тасаввуркардан имконпазир нест. Бинобар ин, ҳикмат дар бораи тарбия ва таълим, ки дар ёдгориҳои педагогикаи халқӣ (қиссаҳо, афсонаҳо, ривоятҳо, чистонҳо, зарбулмасалҳо, масалҳо ва ғ.) ифода ёфтааст, асоси мақоларо ташкил мекунанд.

Сарфи назар аз дурустии афкори халқ дар бораи тарбия ва таълим, бояд ба ҳисоб гирифт, ки онҳо дар асоси педагогикаи номуташаккил ва воқеияти сода ба вуҷуд омада, пеш аз ҳама, донишҳоеро иникос мекарданд, ки ба таври эмпирикӣ андӯхта шудаанд. Бинобар ин, баъзе маҳдудиятҳои фалсафаи халқиро аз сар гузаронида, онҳо аз тасаввуроти барғалат озод набуданд. Ин ё он ҳақиқатро расман эълон ва чӣ кор кардану накарданро муайян намуда, халқ баъзан сабаби маҳз чунин рафтор карданро намедонист. Бинобар ин, дар мақола кӯшиш ба харҷ дода шуд, ки аз руй масъалаҳои асосии тарбияву таълим дар баробари тасаввуроти ҳаётӣ моҳияти ин ҳодисаҳо аз нуқтаи назари илми педагогика фаҳмонида шавад. Дар ин асос тавсияҳои педагогие, ки анъанаҳои пешқадами халқиро дар бар мегиранд, пешниҳод мегарданд.

Чернышевский Н.П. қайд кардааст, ки ёдгориҳои эҷодиёти халқ ҳиссиёт, расму анъанаҳо, орзую омоли халқро хело некахлоқона, баланду олӣ ифода намудааст, бинобар ин, орзуи халқ “тозаю зебо мебошад” [5, с. 137]. Омӯзиши зиндагӣ ва эҷодиёти халқ “барои тавсифи халқ”, бинобар ҷозибадорӣ, нафисӣ, назокат ва нодирии худ, ҳикмати халқ ба инсон таъсири калон мерасонад. Зарурат ба омӯзиши ёдгориҳои эҷодиёти халқ чун сарчашмаи маданияти халқ, аз ҷумла педагогиро ҳамаи педагогҳои пешқадам қайд кардаанд.

Вобаста ба ин, дар шароити дигаргун шудани мазмуни таҳсилот ҳар як омӯзгорро зарур аст, ки усулҳои башардӯстонаи таълимро амалӣ намуда, дониш, маҳорат ва малакаҳои методии худро давра ба давра такмил дода, роҳ, усул, тарз ва методҳои интерактивии таълимро, ки дар баланд бардоштани сифати таълим нақши калидӣ доранд, роҳандозӣ намояд. Омӯзгор бояд эҷодкор, навовар ва ҳамеша ба дарс тайёр бошад, зеро тайёрӣ ба дарс нисбат ба гузаронидани он (дарс) душвортар буда, он ҷузъи таркибии фаъолияти омӯзгор маҳсуб меёбад. Ҳангоми омода шудан ба дарс ҳар як омӯзгорро зарур аст, ки: а) қисмати ташкили дарсро ҳамаҷониба ба роҳ монда, хонандагонро барои омода шудан ба дарс тайёр намояд; б) мақоми дарсро дар системаи дарсҳои дигари омӯзиши ин ё он мавзуъ мушаххас намояд; в) алоқамандии мавзуи навро бо пайдарҳамии мавзуъҳои гузашта дар асоси талаботҳои принсипҳои дидактикӣ таъмин намояд; г) пеш аз гузаштани мавзуи нав роҳҳо ва методҳои мувофиқи шаклҳои таълимро муайян намояд; ғ) ба гуногунии маводи дидактикӣ ва самаранокии он таваҷҷуҳи махсус зоҳир намояд; д) аз дастовардҳои солҳои охири соҳаи илми методикаи таълим огоҳӣ дошта бошад; е) талаботҳои таълим, шаклҳои ташкили машғулиятҳои таълими ин ё он фанро донад; ё) усулҳои баррасии корҳои гуногун, аз ҷумла тарзи истифодаи барномаи таълим, китобҳои дарсӣ, сохт ва таркиби нақшаҳои кори муаллим (нақшаи мавзуӣ-тақвимӣ, нақшаи дарс), шаклҳои тартиб додан ва мавридҳои истифода бурдани машқу кортҳои таълимӣ ва дидактикӣ, варақаҳои таълимӣ ва истифода аз аёниятро мавриди гузаронидани дарсҳои забони тоҷикӣ ва ғайраро омӯзонида тавонад.

Чи тавре ки мушоҳида гардид, тайёрии омӯзгор ба дарс мафҳуми васеъ дошта, ҳар як омӯзгорро ҳушдор месозад, ки нисбат ба дарс омодагии ҳаматарафа дида, муносибаташро ҷиҳати босифат гузаронидани он (дарс) ҷиддӣ ба роҳ монад. Аз ин рӯ, омӯхтани фанни забони тоҷикӣ рушди салоҳиятҳои забондонии хонандагони синфҳои ибтидоӣ, ҳамкории судманди омӯзгорон ва донишҷӯёнро пешбинӣ менамояд.

Бояд гуфт, ки тайи чанд соли охир дар ҷумҳурӣ ҷиҳати беҳтар кардани раванди таҳсилот дар факултаҳои омӯзгории муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, махсусан ихтисосҳои “Таҳсилоти ибтидоӣ”, “Таҳсилоти ибтидоӣ-санъати мусиқӣ”, “Таҳсилоти ибтидоӣ-забон ва адабиёти тоҷик”, “Таҳсилоти ибтидоӣ-забони англисӣ” як қатор чорабиниҳо рӯйи кор омадаанд, ки дар маҷмуъ барои беҳтар намудани малакаҳои хониш ва навишти хонандагони синфҳои ибтидоӣ мусоидат менамоянд.

Махсусан, ба тасвиб расидани Стандартҳо оид ба татбиқи муносибати босалоҳият яке аз чорабиниҳои муҳимми ин тадбир ба шумор рафта, робитаи қавии ҳамаи тарафҳои манфиатдорро фаро мегирад. Натиҷаи ин тадбирҳо буд, ки мутахассисони синфҳои ибтидоӣ дар заминаи баргузории чорабиниҳои гуногуни маърифатӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ, аз ҷумла семинарҳо, мизи мудаввар, конференсияҳо, маҳфилҳои фаннӣ, курсҳои такмили ихтисос ва

монанди инҳо, инчунин дар заминаи лоиҳаву барномаҳои мухталиф бо усулҳои фаъоли таълим, таълими интерактивӣ, арзёбии ташаккулдиҳанда, таълими ҳамгиро ва амсоли инҳо шиносоӣ пайдо карда, онҳоро дар фаъолияти педагогӣ мавриди корбурд қарор додаанд.

Қайд кардан зарур аст, ки барои омӯзишу аз худ намудани мавзуъҳои грамматикаю имло ва ба ин васила инкишоф додан ва рушд ёфтани дониши хонандагони синфҳои ибтидоӣ ташкил ва гузаронидани машғулиятҳо, аз ҷумла корҳои мустақилона аҳаммияти калон дорад, чунки тамоми фаъолият ва заҳмати муаллим дар ҷараёни омӯзиши ин мавзуъҳо баҳри баланд бардоштани дониш, ҷаҳонбинӣ ва рӯз то рӯз такмил додани онҳо нигаронида мешавад. Ташкил намудани кори мустақилонаи донишҷӯ (КМД), роҳбарӣ намудан ба ин ҷараён кори ниҳоят мушкил ва масъулиятноки ҳар як омӯзгор мебошад. Бинобар ин, тарбияи фаъолнокӣ ва мустақилиятнокиро ҳамчун қисмати таркибии тарбияи донишҷӯён дида баромадан зарур аст. Ин вазифа дар назди ҳар як омӯзгор дар қатори вазифаҳои аввалиндараҷаи муҳим баромад менамояд.

Бояд ёдовар шуд, ки тайи чанд соли охир кори мустақилона на танҳо ҳамчун тарзи дар амал татбиқ намудани донишҳои гирифта ва ҳосил намудани маҳорату малака дониста мешуд, балки ин намуди кор яке аз роҳҳои босамари омӯзонидани мавзуъҳои грамматика ва имло маҳсуб меёбад. Ин аст, ки ҳангоми фаҳмонидан ва ёд додани қоидаю таърифоти грамматикӣ - имлоӣ омӯзгор, пеш аз ҳама, ба фаъолиятнокӣ, ташаббускорӣ, эҷодкорӣ, масъулиятнокӣ ва муташаккилии кори мустақилонаи донишҷӯён такя мекунад. Кори мустақилонаи донишҷӯ барои аз бар намудани асосҳои дониш ба донишҷӯён ёрӣ расонида, қобилиятҳои маънавию маърифатии онҳоро метезонад, дараҷаи фаъолияти мустақилияти онҳоро баланд бардошта, ба ин васила дар онҳо малакаҳои рушд додани қобилиятҳои зеҳниро тарбия менамояд.

Пас, кори мустақилона ба малакаҳои таҳқиқотии донишҷӯён чӣ гуна таъсир мерасонад? Ҳамаи маҳорату малакаҳои таҳқиқотӣ-марҳилаи амалӣ дар заминаи ташкили кори мустақилона барои рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва тафаккури эҷодии донишҷӯён таъсири мусбат мерасонад. Дар ин мавриди андешаи академик Лутфуллозода М. ҷолиби таваҷҷуҳ аст: Кори мустақилона яке аз тарзҳои самараноки фаҳмонидани мавзуъҳои грамматикӣ-имлоист. Пеши назар биёред, таълими грамматика ва имлоро дар синфҳои камкомплект! Дар ин гуна синфҳо, ки муаллим дар як вақт бо якчанд синф сару кор дорад, талабагон донишҳоро асосан бо роҳи ташкили хуби кори мустақилона мегиранд. Ҳақиқатан ҳам кори мустақилона қайд мекунад ӯ, барои аз худ намудани асосҳои дониш ба талабаҳо ёрӣ расонида, қобилияти фикрии онҳоро метезонад, дараҷаи фаъолияти мустақилияти бачаҳоро баланд бардошта, дар онҳо малакаҳои меҳнати фикриро тарбия менамояд” [10, с. 274].

Чи тавре ки мебинем, яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи корҳои мустақилонаи донишҷӯ боз дар он зоҳир мегардад, ки донишҷӯ тавассути он фаъолона амал карда, донишу ҷаҳонбинӣ ва фаҳмиши худро доир ба қоидаю таърифоти грамматикӣ- имлоӣ мунтазам инкишоф медиҳад. Пажӯҳишҳо собит намуданд, ки ҳангоми бонизом иҷро кардани корҳои мустақилона сифату самаранокии таълим афзуда, дараҷаи дониши донишҷӯён баланд гашта, малака ва маҳорати онҳо ташаккул меёбад ва қобилиятҳои маърифатӣ ва фикронии онҳо инкишоф меёбад. Аз ин ҷост, ки яке аз педагогони машҳури даврони шуравӣ Н. К. Крупская яке аз вазифаҳои мактабро дар он медид, ки бачаҳоро ба кори мустақилона одат кунонад: “Одаме, ки худаш хонда наметавонад ва танҳо чизҳои муаллим гуфтаро аз худ мекунад, ноуҳдабарост. Ба мо лозим аст насли наврасро тавре таълим диҳем, ки худаш мустақилона бо донишҳо мусаллаҳ гардад. Ин яке аз вазифаҳоест, ки бояд мактаб ҳал кунад” [8, с. 125].

Пас, моҳият ва аҳаммияти кори мустақилона дар чист? Кори мустақилонаи донишҷӯ ҳамчун кори нақшавии таълимӣ, тарбиявӣ, таълимӣ-таҳқиқотӣ, инчунин корҳои илмии таҳқиқотии ӯ фаҳмида мешавад, ки берун аз синфхона бо ташаббуси донишҷӯ ё бо супориши омӯзгор таҳти роҳнамоии методии устод анҷом дода мешавад. Инчунин, моҳияти кори мустақилона аз ҷониби олими соҳаи дидактика П. И. Пидакастий хеле хуб муайян шудааст: «Кори мустақилона – на шакли ташкили машғулиятҳои таълимӣ ва на усули таълим аст. Онро чун воситаи ҷалбкунии хонандагон ба амалиёти даркунии мустақилона, воситаи

мантиқӣ ва психологии даркунии таълим донистан мумкин аст. Кори мустақилона бе мавҷудияти масъалаҳои дар он аниқ ифодаёфта, дар ҳолатҳои беҳтарин нисбат ба характери амалиёти дарккунии хонандагон бетараф мемонад" [12, с. 140].

Аз ин ҷост, ки кори мустақилонаро чун воситаи ташкилу иҷро кардани амалиёти муайян дар вазъияти конкретӣ маҳсуб донистан ба мақсад мувофиқ аст, чунки он донишҷӯро барои аз худ намудани мавод, инчунин барои худомӯзӣ ва худмуаррифӣ, инкишофи салоҳиятҳои эҷодӣ-таҳқиқотӣ омода месозад. Аз тарафи дигар, кори мустақилонаи донишҷӯ ба хусусиятҳои хоси таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ вобастагӣ дорад, чунки таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ хусусияти амалӣ дорад. Барои ҳамин, ҳангоми таълим додани қойидаву таърифоти грамматикӣ –имлоӣ омӯзгор бояд ба рушди қобилиятҳои маънавию маърифатӣ, фаъолиятнокӣ, ташаббуси эҷодӣ, масъулиятнокӣ ва муташаккилии шогирдон таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намояд.

Бояд гуфт, навъҳои корҳои мустақилона бисёр буда, интихоби онҳо ба шаклҳои дарс, хусусияти маводи таълим ва мавзуъ, инчунин ба дараҷаи тайёрии донишҷӯ вобастагӣ дорад. Корҳои мустақилона ҳангоми дар аудитория (синфхона) такрор ёфтан мураккаб шуданаш мумкин аст. Зеро ин шакли кор имконият фароҳам меоварад, ки шогирдон донишҳои нав ба нав ҳосил намоянд. Бад -ин ҷиҳат, дар машғулиятҳои амалӣ омӯзгор метавонад аз шакл ва намудҳои гуногуни кори мустақилона самаранок истифода намояд, зеро корҳои мустақилона таҳти равандҳои таҳқиқотӣ фаъолияти донишҷӯро дарбар мегирад. Аз дигар тараф, "кори мустақилонаро ҳамчун қисми ҷудонашавандаи дарс мумкин аст дар вақти баёни мавзуи нав, мустаҳкам намудани донишҳои ҳосил карда, дар вақти такрори ҷамъбасткунанда ва дар вақти санҷиши вазифаи хонагӣ истифода барем" [10, с. 275].

Таълими мавзуъҳои грамматика ва имло талаб менамоянд, ки донишҷӯ пеш аз хондан ва аз худ намудани ин ё он мавзуъ якчанд машқҳои мустақилона гузаронида, онро дар нутқи хаттӣ ва шифоҳии худ амалан истифода барад. Яъне, агар омӯзгор ҳар як дарси худро, ки ҷабҳаи амалӣ дорад аз навъҳои гуногуни кори мустақилона оғоз намояд, ба натиҷаҳои хуб ноил мегардад. Бо назардошти ин, чор зинаи кори мустақилонаи донишҷӯ фарқ карда мешавад:

- омӯзишӣ;
- барқарорсозӣ;
- ҷустуҷӯйӣ;
- эҷодӣ

Зинаи омӯзишӣ. Дар марҳилаи омӯзишӣ донишҷӯён бо ҳамдигар мубоҳиса карда, маводи мавҷударо меомӯзанд. Баъдан, дар ин зинаи омӯзиш донишҷӯ оид ба мавзуи матраҳшаванда бо маълумот ва донишҳои нав мусаллаҳ мешавад. Масалан, ӯ ҳангоми омӯзиши мавзуи "Мавқеъ ва моҳияти грамматика ва имло дар таълими ибтидоии забони модарӣ" доир ба унсурҳои грамматика ва имло, ки дар нутқи навишторӣ ва гуфторӣ хонандагон заминаи асосӣ маҳсуб меёбад, маълумотҳои навро соҳиб мешаванд. Шинос гардидан бо унсурҳои грамматика ва имло дар зинаи омӯзишӣ ба донишҷӯён имконият медиҳад, ки онҳо далелҳои забониро таҳлилу таркиб намуда, бо якдигар муқоиса кунанд, баҳсҳо ороянд, маълумоти зарурӣ ва муҳимро дарёфта, фикрашонро мустақилона баён созанд. Ин марҳилаи кори мустақилона як навъ омодасозии донишҷӯ барои гирифтани донишҳои нав оид ба мавзуи мазкур аст.

Зинаи барқарорсозӣ. Ин марҳила омили таъсиррасонии раванди педагогӣ ба мавзуи кори мустақилона мебошад. Дар раванди барқарорсозӣ бо ёрии ҷараёни хотири эҷодии донишҷӯ маводи таълимӣ дар хотира нигоҳ дошта мешавад Донишҷӯ дар ин намуди кори мустақилона мушкилоти мавзуъҳои грарамматика ва имлоро номбар карда, роҳу усулҳои гуногуни таълимро интихоб менамояд; дар натиҷаи машғулият шогирдон стратегияи мувофикро истифода бурда, роҳҳои ҳалли мушкилоти таълимро мушаххас намуда, тарзу усулҳои гуногуни таълими маводро интихоб мекунанд.

Зинаи ҷустуҷӯйӣ. Дар ин марҳила таҳлили коркарди методӣ доир ба ҳалли мавзуи кори мустақилона ба нақша гирифта мешавад. Истифодаи самараноки сарчашмаҳои илмӣ-

методӣ ҳангоми маводи эҷодкардашудаи донишҷӯ барои такмил додани донишҳои нав ҳосикарда заминаи мусоид ба ҳисоб меравад. Дар ин марҳила донишҷӯён бо истифода аз адабиёти методӣ, сарчашмаҳои илмӣ-методӣ донишу ҷаҳонбинии хешро инкишоф дода, хусусият, тафовут ва умумиятҳои ин се унсури грамматикӣ (калима, ибора ва ҷумла)-ро муайян мекунанд. Роҳҳои ҳалли мушкилот дар таълими мавзуъҳои грамматика ва имлоро муайян карда, доир ба ҳалли душвориҳо дар таълими мавзуи матраҳшаванда воситаҳои мувофиқро ҷустуҷӯ мекунанд.

Зинаи эҷодӣ. Таҳлилу натиҷагирӣ оид ба маводи аз ҷониби донишҷӯ пешниҳодкардашуда дар марҳилаи мазкур дар назар дошта шудааст. Инчунин, фаъолияти мустақилонаи донишҷӯ дар раванди дарсҳои хусусияти амалидошта аз ҷониби омӯзгор арзёбӣ карда мешавад. Пас аз анҷоми ин корҳо масъалагузорӣ карда мешавад. Донишҷӯ натиҷаҳои роҳҳои ҳалли мушкилот дар таълими грамматика ва имлоро чунин арзёбӣ мекунанд. Грамматика ва имло назарияи забон буда, дар таълими ибтидоии забони модарӣ нақши асосӣ дорад. Вай нутқи навишторӣ ва гуфтории хонандаро ба низом медарорад. Дар ҷараёни таълими грамматика ва имло рағбати хонандагон нисбат ба забони модариашон мефзояд, онҳо соҳиби нутқи гуфторию навиштории дуруст гардида, ба ҳодисаҳои забон аз нуқтаи назари фаҳмиши мантиқ назар мекунанд ва маълумоти гирифтаашонро дар амал татбиқ карда метавонистагӣ мешаванд. Душвориҳои таълими грамматика ва имлоро номбар карда, роҳу усулҳои гуногуни таълимро интихоб менамоянд.

Бояд гуфт, ки мунтазам ташкил намудани корҳои мустақилонаи донишҷӯён бо ёрии машғулиятҳои амалӣ ва ҳалли машқу супоришҳо ба бошуурона ва амиқ аз худ намудани маводди таълимӣ мусоидат карда, маҳорату малакаҳои донишҷӯёнро инкишоф медиҳад. Аз ин рӯ, мундариҷа ва методикаи кори мустақилона аз он вобаста аст, ки омӯзгор чӣ тавр кори худро ташкил месозад ва мавқеи роҳбарикунандаро ишғол менамояд.Бо мақсади беҳтар кардани сифат ва самаранокии дарс муҳим аст, ки супоришҳои мустақилона пешакӣ дуруст интихоб карда шавад. Масалан, ҳангоми таълими мавзуи “Таълими калимаҳои ифодакунандаи амалу ҳаракат ва ҳолат” (феъл) аз ҷониби омӯзгор чунин корҳо бояд сурат гирад. Тавассути ташкил намудани кори мустақилона донишҷӯён бояд оид ба методикаи таълими калимаҳои ифодакунандаи амалу ҳаракат ва ҳолат (феъл), маълумот гирифта, усулу фаъолиятҳои таълими мувофиқро истифода бурда тавонанд. Дар раванди кори мустақилона муаллим супориш медиҳад, ки бо истифода аз матнҳои гуногун феълҳои амал, ҳолат, муносибатро ба таври мустақилона муйян намоянд ва дигар равандҳоро низ чун амал муқаррар созанд. Ё ин ки тавассути ҷумлаҳои алоҳида ҳангоми таълими мавзуи “ҳаракат ва амалиёти ашё” таваҷҷуҳи донишҷӯёнро, аввалан, ба калимаҳои ифодакунандаи ҳаракат ҷалб намудан мувофиқи мақсад аст ва кӯшидан лозим аст, ки ба ҳар як калимаи феълӣ дуруст савол гузошта, калимаҳои ифодакунандаи ҳаракати ашёро аз дигар амалиёти ашё фарқ карда тавонанд. Масалан: Кӣ Собир. Чӣ кор мекунад? Менависад. Чӣ? Фароштурук. Чӣ кор мекунад? Мепарад.

Чи тавре ки мушоҳида кардем, дарс ягон лаҳзае надорад, ки вай бе ташкил ва гузаронидани кори мустақилонаи донишҷӯ гузарад. Дар воқеъ, ворид кардани корҳои мустақилона ба низоми умумии дарсҳо боиси фаъол гардонидан ва рушди қобилиятҳои маънавию маърифатии донишҷӯён гардида, муносибати шууронаи онҳоро нисбат ба маводи таълим инкишоф медиҳад. Аз тарафи дигар, самаранокии таълими грамматика ва имло ба он вобаста аст, ки омӯзгор дар лаҳзаҳои гуногуни дарс аз кадом намуди корҳои мустақилона истифода мебарад ва чӣ тавр таваҷҷуҳи шогирдонро ба иҷрои онҳо роҳнамоӣ мекунад.

Ҳаминро бояд қайд намуд, ки аз ҷониби олимони соҳаи дидактика корҳои зиёде оид ба омӯзиш, таснифот ва умумикунонии намудҳои корҳои мустақилона пешниҳод гардидааст. Масалан, яке аз шаклҳои кори мустақилонаро ба ба аудиторӣ ва ғайриаудиторӣ ҷудо менамоянд**.**

Дар корҳои аудиторӣ омодагӣ ба дарси амалӣ, маърӯза, таҳлил, корҳои нақшаи омӯзиши мавзуъҳо ва баробари ин кор бо китобҳои дарсӣ ба нақша гирифта мешавад.

Корҳои ғайриаудиторӣ аз ҷониби донишҷӯ ба таври мустақилона иҷро карда мешавад. Дар ин шакли кор донишҷӯ эссе, реферат, маъруза, кори курсӣ ва ниҳоят рисолаи хатм таҳия месозад.

Бояд гуфт, ки ҳангоми иҷрои корҳои мустақилона чунин талаботҳо бояд ба инобат гирифта шавад:

-бо талаботи барномаи таълим мувофиқ будани мазмуни кори мустақилона;

- ба сатҳи омодагии касбии донишҷӯён мувофиқ бошад;

- арзёбии объективии кори мустақилонаи донишҷӯ аз ҷониби устод;

- хусусияти илмӣ-эҷодӣ доштани маводҳои таълимӣ ва ғ.

Дигаре аз усулҳои ташкили корҳои мустақилонаи донишҷӯ дастаҷаъмӣ (коллективӣ), гурӯҳӣ, фардӣ мебошад.

Шакли дигари кори мустақилона тафриқавӣ мебошад. Гурӯҳҳо аз рӯйи қобилиятҳои маънавию маърифатӣ, хусусияти эҷодидошта ба дараҷаҳои сатҳи паст, миёна ва баланд тафриқа карда мешаванд. Вобаста ба ин кори мустақилонаи тафриқавӣ гузаронида мешавад. Ниҳоят, арзёбии кори мустақилона роҳандозӣ мешавад**.**

Бо вуҷуди ин, ҳар як намуди кор мушкилоти худро дорад. Мушкилот дар раванди кори мустақилона иборат аз нарасидани маводҳои зарурӣ, инчунин мавҷуд набудани сарчашмаҳои лозимӣ, ки барои самаранок гузаронидани корҳои мустақилона мусоидат мекунанд, маҳсуб меёбад.

Ба андешаи инҷониб роҳҳои ҳалли ин мушкилот чунинанд:

-омода намудани дастуру воситаҳои таълимии мусоидаткунандаи самараноки ташкили кори мустақилона;

-мунтазам ташкили кори китобхонаи электронӣ

-мутасаддӣ дар самти роҳнамоии ташкили кори китобхонаи электронӣ;

ҷалби донишҷӯён ба китобхонаи донишгоҳ ва китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғ.

Ҳангоми ташкил ва гузаронидани кори мустақилона аз намунаҳои зерин истифода кардан мувофиқи мақсад аст:

-кор бо адабиётҳо;

-кор аз рӯйи намунаҳои кори мустақилонаи иҷрошуда;

-корҳои мустқилонаи вариантивӣ;

-кор оид ба системаоврии маводҳо оид ба мавзуи алоҳида:

-корҳои мустақилонаи эҷодӣ ва ғ.

Дар охир якчанд тавсияҳо барои самаранок гузаронидани кори мустақилона ба омӯзгорон пешниҳод карда мешавад:

- принсипҳои дастрасӣ ва системанокӣ, робитаи назария бо амалия, аз сода ба мураккаб, фаъолнокии эҷодӣ, муносибати тафриқавӣ ҳангоми ташкили корҳои мустақилонаи донишҷӯён зарурати бештар доранд.

-кори мустақилонаи донишҷӯён ба масъалаҳои рӯзмара мувофиқат намояд:

-кори мустақилона бояд ба фаъолияти таҳқиқотии донишҷӯён нигаронида шуда бошад.

Ҳамин тариқ, кори мустақилона яке аз тарзҳои самараноки фаҳмонидани мавзуъҳои грамматикӣ-имлоӣ буда, барои аз худ намудани асосҳои дониш ба донишҷӯён ёрӣ расонида, қобилияти фикрии онҳоро метезонад, дараҷаи фаъолияти мустақилияти бачаҳоро баланд бардошта, дар онҳо малакаҳои меҳнатии фикриро тарбия менамояд. Инчунин, яке аз шартҳои асосии талаботи раванди таълим ҷиҳати аз худ кардани мавзуъҳои грамматикаю имло ва инкишофи нутқ аз тарзи дурусти ташкил ва гузаронидани корҳои мустақилона вобастагии калон дорад.

Адабиёт

1. *Абдуллоев, И. Забони модарӣ: китоби дарсӣ барои синфи 2 / И. Абдуллоев, Ф.Икромова. - Душанбе: Полиграф групп, 2005. – 254 с.*
2. *Барнома аз фанни забони модарӣ барои синфҳои 1–4. – Душанбе, 2016.*
3. *Барномаи таълими фанни "Забони тоҷикӣ" барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. Душанбе, 2022. - 60 с.*

4. *Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Фонетика ва морфология. Ҷилди 1. Душанбе: Дониш, 1985.– 356 с.*
5. *Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми 1. Лексикология, фонетика ва морфология.– Душанбе, 1982.*
6. *Зиёев, М. Роҳнамои омӯзгор аз фанни «Забони модарӣ» (марҳилаи таълими савод ва инкишофи нутқ) барои омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ / М. Зиёев. - Душанбе: Маориф, 2016.*
7. *Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе: Матбуот, 2003.*
8. *Крупская, Н. К. Педагогика. Т. 6. / Н. К. Крупская. - М., 1980. - 512 с.*
9. *Лутфуллоев, М. Забони модарӣ. Китоби дарсӣ барои синфи 4. / М. Лутфуллоев, Ф. Шарифов, И. Абдуллоев. – Душанбе; Учебная литература, Сарпараст ва Самара. 2005. – 224 с.*
10. *Лутфуллоев, М. Осор.Ҷ. 4 Асосҳои таълими забони модарӣ / М. Лутфуллоев. - Душанбе: Сибириён, 2013. - 463 с.*
11. *Лутфуллозода, М. Методикаи таълими ибтидоии забони модарӣ / М. Лутфуллозода, И. Абдуллозода, М. Ҷалилова. - Душанбе, 2016. - 265 с.*
12. *Пидатский, П. И. Самостоятельная позновательяя деятельность школьников в обучении / П. И. Пидатский. - М.: Педагогика, 1980. - 240 с.*
13. *Пирназаров, А. Роҳҳои баланд бардоштани самаранокии корҳои мустақилонаи хонандагон аз математика дар синфҳои ибтидоӣ. Дастури методӣ / А. Пирназаров. - Душанбе. 2009. - 120 с.*

КОРИ МУСТАҚИЛОНА ҲАМЧУН ОМИЛИ РУШДИ МАЛАКАҲОИ ТАҲҚИҚОТИИ ДОНИШҶӮЁН

Дар мақола муаллиф дар хусуси кори мустақилона ҳамчун омили рушди малакаҳои таҳқиқотии донишҷӯён дар таълими забони модарии синфҳои ибтидоӣ маълумот дода, қайд мекунад, ки кори мустақилона яке аз тарзҳои самараноки фаҳмондани мавзуъҳои грамматикӣ-имлоӣ буда, барои аз худ намудани асосҳои дониш ба донишҷӯён ёрӣ расонда, қобилияти фикрии онҳоро метезонад, дараҷаи фаъолияти мустақилияти онҳоро баланд бардошта, дар онҳо малакаҳои меҳнати фикриро тарбия менамояд. Қайд кардан зарур аст, ки барои омӯзишу аз худ намудани мавзуъҳои грамматикаю имло ва ба ин васила инкишоф додан ва рушд ёфтани дониши хонандагони синфҳои ибтидоӣ ташкил ва гузаронидани машғулиятҳо, аз ҷумла корҳои мустақилона аҳаммияти калон дорад, чунки тамоми фаъолият ва заҳмати муаллим дар ҷараёни омӯзиши ин мавзуъҳо баҳри баланд бардоштани дониш, ҷаҳонбинӣ ва рӯз то рӯз такмил додани онҳо нигаронида мешавад. Ташкил намудани кори мустақилонаи донишҷӯ (КМД), роҳбарӣ намудан ба ин ҷараён кори ниҳоят мушкил ва масъулиятноки ҳар як омӯзгор мебошад. Бинобар ин, тарбияи фаъолнокӣ ва мустақилиятнокиро ҳамчун қисмати таркибии тарбияи донишҷӯён дида баромадан зарур аст. Ин вазифа дар назди ҳар як омӯзгор дар қатори вазифаҳои аввалиндараҷаи муҳим баромад менамояд. Ҳамзамон дар мақола доир ба навъ ва шаклҳои гуногуни кори мустақилона маълумот дода шудааст. Дар баробари ин, муаллиф доир ба мушкилот, талабот, тавсияҳо барои ба таври самаранок ташкил ва гузаронидани кори мустақилона маълумотҳои кофӣ пешниҳод намудааст.

Калидвожаҳо: кори мустақилона, грамматика, имло, маҳорат, малака, қобилиятҳои маърифатӣ, Стандарт, барнома, нишондоди методӣ, таълим, кори гурӯҳӣ, кори фардӣ, усулҳои таълим, самаранокии таълим, таҳқиқоти амал, усулҳои фаъоли таълим, гурӯҳҳои тафриқавӣ.

САМОСТОЯТЕЛЬНАЯ РАБОТА КАК ФАКТОР РАЗВИТИЯ ИССЛЕДОВАТЕЛЬСКИХ НАВЫКОВ СТУДЕНТОВ

Автор в статье анализирует и рассматривает влияние самостоятельной работы на исследовательские способности студентов при преподавании родного языка в начальных классов, и отмечает, что самостоятельная работа является одним из наиболее эффективных способов объяснения грамматических и орфографических тем, помогает учащимся освоить основы знаний, ускоряет их мыслительные способности, повышает уровень их самостоятельной деятельности, у них воспитывает навыки интеллектуального труда. Важно отметить, что организация и проведение учебной деятельности, в том числе самостоятельной работы, очень важна для изучения и освоения тем грамматики и орфографии, а это значит, что обеспечиваеть развития знаний учащихся младших классов, ведь весь труд и усилия учителя в процессе изучения данной темы направлены на увеличение знаний, кругозора и их каждодневного совершенствования. Организация самостоятельной работы учащихся (СРС) и руководство этим процессом – очень сложная и

ответственная задача каждого преподавателя. Поэтому необходимо рассматривать воспитание активности и самостоятельности как неотъемлемую часть воспитания учащихся. Эта задача является одной из важнейших задач для каждого учителя. При этом в статье представлена информация о различных видах и формах самостоятельной работы. В то же время автор предоставил достаточно информации о проблемах, требованиях, рекомендациях по эффективной организации и проведению самостоятельной работы.

Ключевые слова: самостоятельная работа, грамматика, орфография, навык, умения, познавательные способности, Стандарт, программа, методические указания, обучение, групповая работа, индивидуальная работа, методы обучения, эффективность обучения, исследование действия, активные методы обучения, дифференцированные группы.

INDEPENDENT WORK AS A FACTOR IN THE DEVELOPMENT OF STUDENTS' RESEARCH SKILLS

The author analyzes and considers the influence of independent work on students' research abilities when teaching their native language in elementary grades, and notes that independent work is one of the most effective ways of explaining grammar and spelling topics, helps students master the basics of knowledge, accelerates their thinking abilities, increases the level of their independent activity, and develops intellectual work skills in them. It is important to note that the organization and implementation of educational activities, including independent work, is very important for studying and mastering the topics of grammar and spelling, which means that it ensures the development of knowledge of primary school students, because all the work and efforts of the teacher in the process of studying this topic are aimed at increasing knowledge, horizons and their daily improvement. Organization of independent work of students (IWS) and management of this process is a very complex and responsible task for each teacher. Therefore, it is necessary to consider the education of activity and independence as an integral part of the education of students. This task is one of the most important tasks for each teacher. At the same time, the article provides information on various types and forms of independent work. At the same time, the author provided sufficient information on the problems, requirements, recommendations for the effective organization and implementation of independent work.

Keywords: independent work, grammar, spelling, skill, abilities, cognitive abilities, Standard, program, methodical instructions, training, group work, individual work, teaching methods, teaching effectiveness, action research, active teaching methods, differentiated groups.

Дар бораи муаллиф
Ғаффоров Абдушукур Одинашоевич
Доктори илмҳои филологӣ, профессор,
мудири кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: gafforovabdusukur@gmail.com

Об авторе
Гаффоров Абдушукур Одинашоевич
Доктор филологических наук, профессор,
заведующий кафедрой методики начального образования
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан,
г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: gafforovabdusukur@gmail.com

About the author
Gafforov Abdushukur Odinashoevich
Doctor of Philological Sciences, Professor,
Head of the Department of primary education methods
Tajikistan State Pedagogical University named after S. Aini
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki, 121
E-mail: gafforovabdusukur@gmail.com

ТДУ 372.851, 378.147

ИБТИДОИ ТАЪЛИМИ ТИПИ ДОДАҲО ДАР ЗАБОНИ БАРНОМАСОЗИИ PYTHON

Назаров А. П., Наботзода Г. С.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Забони барномасозии Python (Питон, баъзан Пайтон мехонанд) дорои намудҳои гуногуни типи додаҳо мебошад, аз ҷумла типи додаҳои ададӣ, рамзӣ, сатрӣ, рӯйхатҳо, луғатҳо, кортежҳо, маҷмуъҳо ва типии мантиқӣ [1], [2], [3]. Типи додаҳоро пайдарпай ва системанок таълим додан зарур аст [1], [4]. Намудҳои типи додаҳоро дар Python ба инҳо тақсим кардан мумкин аст: қиматҳояшон (ё бузургиашон) тағйирёбанда (маҷмуъҳо, рӯйхатҳо, луғатҳо) ва тағйирнопазир (кортежҳо, рамзҳо, сатрҳо, ададҳо) [1], [2]. Дар дигар забонҳои барномасозӣ низ мавҷуданд ва истифода бурда мешаванд [6].

Типи додаҳои забони барномасозии Python -ро ба ду категорияи додаҳо ҷудо мекунанд – а) типи додаҳои дохилӣ, ки намудҳои дарунсохт ном мебаранд ва онҳо тариқи худкор истифода карда шуда, ягон модули иловагиро пайваст намекунанд; б) намудҳои махсус, ки барои амалиёт бо онҳо ҳатман бояд модули мушаххасро пайваст кунанд. Ба намудҳои махсуси типи додаҳо, масалан, ***datetime*** таърихи рӯз (сана ва вақт) ва ***deque*** (навбати дуҷониба) дохил мешаванд [3].

Ҳама намудҳои типи додаҳои дарунсохти Python -ро, ки дар сархати якум номбар шудаанд, метавонем ба гурӯҳҳои зерин тақсим кунем:

1) Ададӣ - ададҳои бутун, ҳақиқӣ, комплексӣ. Барои ҳисобҳои дақиқтарин бо ададҳои даҳӣ дар Python, модули ***decimal*** -ро истифода мебаранд, (типи додаҳои ***Decimal***). Барои амалиёт бо ададҳои ратсионалӣ (касрҳо) модули ***fractions*** -ро (типи додаҳои каср ***Fraction***) истифода мебаранд.

2) Сатрҳо - пайдарпайии аломатҳо мебошанд, ки бо Юникод (Unicode) рамзгузорӣ шудаанд. Агар аломат якто бошад, типи додаи рамзӣ ҳисобида мешавад. Қимати онҳо ё зери ду аломати нохунак “…”, ё зери ду аломати апостров ’…’ навишта мешаванд.

3) Мантиқӣ (ё булевӣ) - қиматҳои мантиқии True (ҳақ, рост) ва False (дурӯғ, нодуруст) -ро қабул карда метавонанд.

4) ***NoneType*** – қиматаш ***null*** аст, ки қимати холии бетараф ном мебаранд ва ба дигар забонҳои барномасозӣ монанд аст [6], [8].

5) Типи пайдарпаиҳо - рӯйхатҳо, кортежҳо, диапазонҳо.

6) Типи луғатҳо - сохтори додаҳо ба монанди "калид: қимат".

7) Типи маҷмуъ – типи додаҳое мебошанд, ки аъзоҳояш дорои қимати аниқ мебошанд. Ба маҷмуъҳои қиматашон тағйиребанда ***set*** ва тағйирнопазири ***frozenset*** тақсим карда мешаванд.

8) Типи байтӣ – ***bytes*** (байтҳо), ***bytearray*** (сатри байтии тағйирёбанда), ***memoryview*** (таъмини дастрасӣ ба маълумоти дохилии объект).

Тағйирёбандаҳоро дар забони барномасозии Python бо ҳарфҳои лотинӣ, ё ақалан рамзи аввалаш ҳарфу давомаш рақамҳо шуда метавонанд. Номи хурдтарин аз як ҳарф иборат аст. Рамзи “_” –ро дар аввал, ё дар дохили ном, ё дар танҳоӣ низ истифода бурдан мумкин аст. Ҳарфҳои алифбои дигар забонҳоро низ дар номгузории тағйирёбандаҳо истифода бурдан мумкин аст. **Асосаш он аст, ки регистри ҳарфо (хурдӣ ё калонӣ) ҳатман ба инобат гирифта мешаванд**. Масалан: G, u, pPr, W1, Rq3, k_a, S, s, X, x, қ, ӣ, Ҷҳ, Юю, _, П_и, tR_y, ... Аз ин ҷо маълум мегардад, ки тағйирёбандаҳои S ва s ду тағйирёбандаи гуногунанд. Ё худ тағйирёбандаҳои tt, Tt, tT ва TT тағйирёбандаҳои гуногунанд.

Дар ибтидои таълими барномасозӣ типи додаҳои ададиро таълим дода, баъдан типи додаҳои рамзию сатриро меомӯзонанд. Омӯзгори фаннӣ ба хонандагон тарзу усулҳои ишорат ва тавсифи типи додаҳои ададиро меомӯзонад [8].

Типи додаҳои ададӣ бо калимаҳои калидии ***float*** ва ***int*** тавсиф карда мешаванд. ***float*** типи ададии ҳақиқӣ ва ***int*** типи ададии бутунро тавсиф мекунад. Калимаи ***int*** калимаи кӯтоҳкардашудаи ***integer*** - бутун гирифта шудааст. Ҳангоми навиштани қимати (бузургии) типи ададии ҳақиқӣ қисми бутн аз қисми касрӣ бо аломати нуқта “.” ҷудо карда мешаванд. Масалан 184, -652, 536, 410, -753 – мисоли ададҳои бутун, ки қимати типи додаҳои ададии бутун мегарданд; 32.01, -65.14, -6.3, 87,27 – мисоли ададҳои ҳақиқӣ, ки қимати типи додаҳои ададии ҳақиқӣ мегарданд. Омӯзгори фанниро зарур аст, ки ба хонандагон фарқияти ду ададӣ, масалан, 5 ва 5. (ё 5.0) –ро дуруст фаҳмонад. Ин яке аз салоҳиятҳои мавзуӣ ҳисобида мешавад. Навишти 5 ададӣ бутунро ифода мекунад, навишти -5 низ ададӣ бутунро ифода мекунад. Навиштҳои 5. ё 5.0 ададӣ ҳақиқиро ифода мекунанд, навиштҳои -5. ё -5.0 низ типи ададии ҳақиқиро ифода мекунанд.

Ҳангоми қиматгузорӣ ба тағйирёбандаҳо навишти y=3.2, Tq=71, I=-31.7, i=87, Xd=-14, C=-56.14, Пл=-7, It=-7.0, Kj=-9. –ро истифода мебаранд. Аз навиштҳои овардашуда навиштҳои y=3.2, I=-31.7, C=-56.14, It=-7.0 тағйирёбандаҳои типашон ададии ҳақиқиро ифода мекунанд. Аз навиштҳои овардашуда навиштҳои Tq=71, i=87, Xd=-14, Пл=-7 тағйирёбандаҳои типашон ададии бутунро ифода мекунанд. Ин тарзи тавсифкунӣ ва муайянкунии типи додаҳои ҳар як тағйирёбанда ҳисобида мешавад, ки омӯзгор онро ба хонандагон меомӯзонад. Дар ин тарзи навиштҳо истифодабарии калимаҳои ***float*** ва ***int*** шарт нест, система худаш тариқи худкор генератсия намуда, муайян менамояд.

Давоми омӯзиши типи додаҳои ададӣ ба омӯзиши номгӯйи амалҳои математикӣ, ки бо онҳо иҷро кардан мумкин аст, бахшида мешавад. Бо тағйирёбандаҳои типашон ададӣ амалҳои арифметикии ҷамъ ва тарҳ, зарб ва тақсим, амали бадараҷабардорӣ иҷро карда мешаванд. Дар баробари ин амалҳои тақсими бутун ва бақия аз тақсим истифода карда мешаванд ва омӯзгори фаннӣ ин амалҳоро ба хонандагон меомӯзонад. Беҳтараш он аст, ки дар раванди таълим омӯзгор ҷадвалеро тайёр намуда, бо истифода аз он амалҳои арифметикиро ба хонандагон бо мисолҳо омӯзонад. Ин ҷо чунин як ҷадвалро меорем (Ҷадвали 1).

Ҷадвали 1. Номгӯйи амалҳои арифметикӣ ва аломати онҳо

Номи амал	Аломат	Бартарият	Мисолҳо
Ҷамъ	+	4	2.3+5; d+3.2; -5.7+S
Тарҳ	-	4	2.3-5; d-3.2; -5.7-S
Зарб	*	3	2.3*5; d*3.2; -5.7*S
Тақсим	/	3	2.3/5; d/3.2; -5.7/S
Тақсими бутун	//	2	2.3//5; d//3.2; -5.7//S
Бақия аз тақсим	%	2	2.3%5; d%3.2; -5.7%S
Бадараҷабардорӣ	**	1	A**b; 2**8; -3**4; 5**(-2); 3.2**3

Омӯзгор ба хонандагон мефаҳмонад, ки типи додае, ки пас аз иҷрои амали тасим “/” ҳосил мешавад, ҳамавақт типи ададии ҳақиқӣ мегардад. Масалан: 10/2, тавре мебинем, ҳам тақсимшаванда ва ҳам тақсимкунанда ҳар ду ададӣ бутун (натуралӣ) мебошанд, вале ҷавобаш 5.0 мегардад, яъне 10/2=5.0 типи ададии ҳақиқӣ гардид. Дар иҷрои амали бақия аз тақсим бошад, агар ҳам тақсимшаванда ва ҳам тақсимкунанда ҳар ду ададӣ бутун бошанд, пас натиҷа типи ададии бутун мегардад. Дар боқимонда ҳолатҳо типи қимати амали бақия аз тақсим типи ададии ҳақиқӣ мегардад. Масалан: 8%7.1=0.9000, 11%2=1, 8%3=2, 11%2.3=1.80001.

Таълими аломатҳои дар *Ҷадвали 1* овардашуда салоҳиятҳои мавзуи зикргардидаро кушода, таълими дурусти аломатҳои мазкур ба хонандагон салоҳиятнокӣ ё муносибати

босалоҳият ба таълимро тавзеҳ мебахшанд. Бо мақсади боз ҳам айёнитар гардонидани раванди таълими типи додаҳо ва ташаккул додани донишу малакаи онҳо дар доираи амалҳо бо типи додаҳои ададӣ омӯзгори фаннӣ метавонад аз муҳити кории забони барномасозӣ истифода барад (

Расми). Истифодаи чунин замимаҳо яке аз воситаҳои электронии муосири таълим ба ҳисоб мераванд. Дар

Расми аломати >>> истифодабарандаро барои дохил намудани сатр даъват менамояд. Маҳз истифодабаранда дар рости ин аломатҳо сатрро ҳарфчинӣ мекунад. Масалан, танҳо навиштан ва дохил намудани сатри 11%2.3 кифоя аст. Дар натиҷа дар экран ҷавоби қимати ифода инъикос мегардад. Яъне амал зуд иҷро мегардад ва ин имконоти реҷаи калкуляторӣ ҳисобида шуда, дар он салоҳиятҳои мавзуӣ инъикос меёбанд.



Расми 1. Муҳити кории реҷаи калкулятории забони Python

Акнун аз расми 1 ҳамчун воситаи электронии таълим истифода карда, омӯзгор ба хонандагон якчанд амалҳоро бо истифода аз аломатҳои амалҳои арифметикии дар ҷадвали 1 буда мефаҳмонад. Намунаи чунин амалҳо ва қимати онҳо дар расми 2 оварда шудааст.



Расми 2. Намунаи иҷрои баъзе аз амалҳои арифметикӣ

Хонандагон бо типи додаҳои ададӣ дар курси математика низ шинос ҳастанд, вале ҳамчун ададҳо ва намудҳои онҳо истифода мекарданд. Чун дигар забонҳои барномасозӣ, забони барномасозии Python дорои типи додаҳои рамзӣ мебошад. Типи додаҳои рамзӣ ба хонандагон омӯзонида мешавад. Қимати чунин типи додаҳо ё зери аломатҳои апостроф ‘…’, ё зери аломатҳои нохунак “...” навишта мешавад. Типи додаҳои рамзӣ метавонад аз як ҳарф, ё як рақам, ё дилхоҳ як рамзи услубӣ ё арифметикӣ иборат бошад. Масалан: ‘у’, “T”, “2”, ‘#’, ‘+’, “-“,’қ’, ‘П’, ‘u’, ‘J’. Омӯзгори фаннӣ бояд ба хонандагон омӯзонад, ки қиматҳои типашон рамзии ‘r’ ва “r” бо ҳам баробаранд, ‘R’ ва “R” бо ҳам баробаранд. Аммо қиматҳои типашон рамзии ‘r’ ва “R”, ‘R’ ва “r”, ‘r’ ва’R’, “r” ва “R” бо ҳам баробар нестанд, чунки регистри ҳарфҳо дар забони Питон ба ҳисоб гирифта мешавад.

Пас аз ба хонандагон омӯзонидани типи додаҳои рамзӣ, омӯзгор ба хонандагон типи додаҳои сатриро меомӯзонад ва дар ин замина донишҳои муайянеро ташаккул медиҳад. Ҳангоми дохил намудани мафҳуми типи додаҳои сатрӣ, ба хонандагон мефаҳмонанд, ки ҳангоми бо ҳам часпонидани (ҷамъкунии) ду ва зиёда рамз, дар натича сатр ҳосил мешавад. Дар баъзе мавридҳо сатрро матн низ мегӯянд. Яъне сатр аз ду ва зиёда ҳарф, ё рақам, ё дилхоҳ рамзи услубӣ ё арифметикӣ иборат буда метавонад. Дар омехтагӣ низ бо ин типи додаҳои рамзӣ, типи додаҳои сатриро ҳосил мекунанд. Монанд ба типи додаҳои рамзӣ қимати типи додаҳои сатриро ё зери аломатҳои апостроф ‘…’, ё зери аломатҳои нохунак “...” менависанд. Масалан: “2547”, ‘Нонпаз’, “Python”, ‘-635,14’, “Мактаби хусусӣ”, ‘Адади 85,3’, “Донишгоҳи давлатии омӯзгорӣ”, “Забони барномасозии насли нав”. Қимати бузургии рамзӣ метавонад танҳо аз як холигӣ “ “ ва қимати бузургии сатрӣ метавонад танҳо аз холигиҳо “ “ иборат бошад. Дар ин маврид чунин бузургиҳоро бузургиҳои холӣ меҳисобанд.

Тағйирёбандаҳои типашон рамзӣ ва сатриро монанд ба типи додаҳои ададӣ ишорат мекунанд. Масалан: k=’5’, f=”s”, Df=“2547”, uy1=‘Нонпаз’, w=“Python”, Po=‘-635,14’, S=“Мактаби хусусӣ”, v=‘Адади 85,3’, q=“Донишгоҳи давлатии омӯзгорӣ”, m=“Забони барномасозии насли нав”. Агар қимати чунин тағйирёбандаҳо дар зери нохунакҳо ё апострофҳо танҳо холигиҳо бошанд, пас қимати чунин тағйирёбандаҳо холӣ ҳисобида мешаванд.

Забони барномасозии Python имкон медиҳад, ки дар доираи типи додаҳои рамзӣ ва сатрӣ амалҳои ҷамъ ва зарбро татбиқ намоем. Аммо тарзи иҷрои ин ду амал дар муқоиса бо типи ададҳои ададӣ фарқкунандаанд. Тарзи иҷрои амалҳои ҷамъ ва зарбро омӯзгори фаннӣ бо мисолҳо ба хонандагон меомӯзонад. Амали ҷамъи рамзҳо ва сатрҳоро амали часпонидан меноманд (конкатенатсия). Масалан: “Забон”, “и”, ‘барномасозӣ’ → “Забон”+“и”+ ‘барномасозӣ’=“Забонибарномасозӣ”, “Забон” + “и” + ” “ + ‘барномасозӣ’= “Забони барномасозӣ”. Мо ин ҷо ҳамчун намунаи мисолҳо танҳо матнҳо бо забони тоҷикиро овардаем. Аммо матнҳои дилхоҳ забони муоширатиро истифода кардан мумкин аст. Омӯзгори фанниро зарур аст, ки ба хонандагон чунин мисолҳоро омӯзонад: “d”+”14”=”d14”, “14”+”d”=”14d”, “Ман”+‘зара’ =”Манзара”, ‘зара’+“Ман” = ”зараМан” ва бо ҳамин ба хонандагон мефаҳмонад, ки ҳангоми иҷрои амали ҷамъ дар доираи типи додаҳои рамзӣ ва сатрӣ ҷойи ҷамъшавандаҳоро иваз кардан мумкин нест. Ин як фарқият аст, ки хонандагон омӯхта, дар ёд мегиранд.

Амали зарб байни типи додааш рамзӣ ё сатрӣ бо адади натуралӣ иҷро карда мешавад. Дар ин маврид қимати типи рамзӣ ё сатрӣ бо ҳамон миқдоре, ки адади натуралӣ нишон медиҳад, бо ҳам часпонида мешавад. Ин амалро репликатсия мегӯянд. Масалан: “роҳ”*4 ё 4*“роҳ”, натиҷааш “роҳроҳроҳроҳ” мегардад; h=”Python”, 3*h=”PythonPythonPython” ё h*3= ”PythonPythonPython”. Яъне ҳангоми иҷрои амали зарби адади натуралӣ ва тағйирёбандаи типи додааш рамзӣ ё сатрӣ, ҷойи онҳоро иваз кардан мумкин аст, дар мисоли мо 3*h=h*3. Вале иҷрои амали зарб байни ду ё зиёда тағйирёбандаҳои типи додаашон рамзӣ ё сатрӣ имкон надорад. Яъне амали “Pos” * ”King” ё ”King” * “Pos” маъно надорад ва иҷро намегардад. Ба хонандагон боз як фарқияти дигарро бо мисолҳо фаҳмонидан мувофиқи мақсад аст. Масалан, ҳангоми ёфтани қимати ифодаи 3*(”Манбаъ”+”Пойгоҳ”) ё (”Манбаъ”+”Пойгоҳ”)*3, чун қоида аввал амали дохили қавс иҷро шуда, ”Манбаъ Пойгоҳ” ҳосил мешавад. Баъдан онро се маротиба зиёд мекунанд: ”Манбаъ Пойгоҳ Манбаъ Пойгоҳ Манбаъ Пойгоҳ”. Аз курси математика медонем, ки дар ин маврид қавсҳоро кушодан мумкин аст: 3*”Манбаъ”+3*”Пойгоҳ”, лекин қимати ифодаи охирон дар барномасозӣ бо забони Питон ба “Манбаъ Манбаъ Манбаъ Пойгоҳ Пойгоҳ Пойгоҳ” баробар мегардад. Пас чунин хулоса мебарорем, ки қимати ифодаҳои 3*(”Манбаъ”+”Пойгоҳ”) ва 3*”Манбаъ”+3*”Пойгоҳ” дар барномасозӣ бо ҳам баробар нестанд.

Бо мақсади баланд бардоштани сифати таълими амалҳо бо бузургиҳо ва тағйирёбандаҳои типашон рамзию сатрӣ омӯзгори фанниро зарур аст, ки ин амалҳоро бевосита бо истифода аз муҳити кории калкуляторӣ (

Расми) дар реҷаи ҳақиқӣ нишон диҳад [7]. Ин татбиқи воситаҳои электронии таълим дар раванди таълим ба ҳисоб меравад [8]. Бо ин мақсад дар

Расми намунаи иҷрои баъзе аз амалҳо оварда шудаанд.

```
>>> 'Деҳа'+'и '+'Ромит'
'Деҳаи Ромит'
>>> t="Забон"; h='Питон'
>>> t+'и барномасозии '+h
'Забони барномасозии Питон'
>>> 3*t
'ЗабонЗабонЗабон'
>>> h*4
'ПитонПитонПитонПитон'
>>>
```

```
>>> a='258'; b='-354.21'; c="21,47"
>>> a+b+c
'258-354.2121,47'
>>> d="Хона";s='Ҳуҷра'
>>> 2*(d+s)
'ХонаҲуҷраХонаҲуҷра'
>>> (d+s)*2
'ХонаҲуҷраХонаҲуҷра'
>>> 2*d+2*s
'ХонаХонаҲуҷраҲуҷра'
>>> d+s; s+d
'ХонаҲуҷра'
'ҲуҷраХона'
```

Расми 3. Намунаи иҷрои баъзе аз амалҳо бо додаҳои типашон рамзию сатрӣ

Раванди таълими типи додаҳо, пас аз ташаккул додани донишҳо оид ба онҳо, бо омӯзиши баъзе аз функсияҳои табдилдиҳии типи додаҳо давом меёбад. Ба хонандагон баъзе аз функсияҳои табдилдиҳии типи додаҳоро меомӯзонанд. Зеро дар оянда ҳангоми таълими операторҳои дохилкунӣ зарур мегарданд. Масалан, агар қимати тағйирёбандаи *j=”-23.14”* бошад, пас типи тағйирёбандаи j типи сатрӣ аст. Онро ба типи ададӣ табдил додан мумкин аст, зеро дохили апострофҳо матни шаклаш ададӣ навишта шудааст. Шакли адад ба адади ҳақиқӣ монанд аст. Барои ба типи ададии ҳақиқӣ табдил додани типи сатрӣ аз функсияи *float* истифода мебаранд. Тарзи истифодабарии онро ба хонандагон меомӯзонанд. Тарзи табдилдиҳияш *float(j)* аст. Масалан навишти *v=float(j)* маънои онро дорад, ки типи қимати *j* ба типи ададии ҳақиқӣ табдил дода шуда, ба тағйирёбандаи *v* бахшида мешавад. Пас *v=-23.14* мегардад. Агар хоҳем, ки типи сатрӣ ё рамзӣ ба типи ададии бутун табдил ёбад, аз функсияи *int* истифода мебаранд. Масалан, агар қимати тағйирёбандаи типаш сатрии *k=’2468’* бошад, пас қимати функсияи *int(k)* ба *2468* баробар мегардад. Вале агар *y=’11.874’* бошад, пас *int(y)* иҷро намегардад ва хатогӣ эълон мегардад. Барои раҳоӣ ёфтан аз ин ҳолат, дар аввал типи *y* –ро ба типи ададии ҳақиқӣ табдил медиҳанд. Баъд ба типи ададии бутун табдил медиҳанд: *int(float(y))*. Натиҷааш ба *11* баробар мегардад (қисми касрияш партофта мешавад).

Амали баръакс, яъне ба типи сатрӣ ё рамзӣ табдил додани типи ададӣ бо функсияи *str* иҷро карда мешавад. Масалан, агар қимати ададии *f=23.57* бошад, пас қимати *str(f)* ба *“23.57”* баробар мегардад. Ё худ, агар қимати ададии *t=7561* бошад, пас қимати *str(t)* ба *“7561”* баробар мегардад.

Типи додаҳои ададии ҳақиқиро ба типи додаҳои ададии бутун ва типи додаҳои ададии бутунро ба типи додаҳои ададии ҳақиқӣ табдил додан мумкин аст. Барои иҷрои ин амалҳо аз ҳамон функсияҳои *float* ва *int* истифода мебаранд. Масалан, агар *b=-63.87* бошад, пас типи он ададии ҳақиқӣ аст. Ҳангоми ба типи ададии бутун табдил додан *int(b)=-63* мегардад. Агар типи ададии бутун *q=6810* бошад, пас *float(q)=6810.0* мегардад.

Дар охири мавзуъҳои таълимдодашуда ба хонандагон боз як функсияро омӯзонидан ба мақсад мувофиқ аст. Ин функсия барои муайян намудани типи тағйирёбанда ё бузургӣ истифода бурда мешавад, ва бо калимаи *type* навишта мешавад. Масалан, барои маълум намудани типи тағйирёбандаи *h*, ин функсияро дар шакли *type(h)* менависанд (қимати *h* бояд то ин дам маълум бошад). Агар дар реҷаи калкуляторӣ (Расми 1) иҷро кунем, пас аз иҷрои функсияи *type(h)* дар экран матни *<class 'float'>* инъикос мегардад. Ин маънои онро дорад, ки типи тағйирёбандаи *h* типи ададии ҳақиқӣ аст. Ҳангоми эълон гардидани *<class 'int'>*, типи тағйирёбандаи *h* типи ададии бутун аст. Агар типаш сатрӣ ё рамзӣ бошад, пас матни *<class 'str'>* эълон мегардад. Баъзе мисолҳоро меорем:

```
>>> a = -13.05; n=657
>>> type(a); type(n)
<class 'float'>
>>> a = “3.65”; b=’Room’
>>> type(a); type(b)
<class 'str'>
<class 'str'>
```

Дар қисми ҷамъбасти мавзуъҳо оид ба типи додаҳо омӯзгори фаннӣ ба талабагон баъзе аз хосиятҳои табдилдиҳии типи додаҳоро фаҳмонида метавонад. Зеро на ҳамавақт бузургии як тип ба типи дигар табдил дода мешавад. Албатта, табдили типи додаҳо дар доираи муайяни бузургиҳо сурат мегирад, масалан, сатри дорои аломатҳои алифбоӣ (ҳарфӣ) ва рамзиро (бе рақамӣ) ба типи ададӣ табдил додан ғайриимкон аст. Аммо дилхоҳ типи ададиро ба типи сатрӣ ё рамзӣ табдил додан имкон аст. Дар оянда ба хонандагон типи додаҳои мураккаб, аз ҷумла рӯйхат, маҷмуъ, луғат омӯзонида шуда, роҳҳо ва усулҳои табдил додани рӯйхат, сатр, маҷмуъ ба луғат омӯзонида мешавад. Ин ҳама коркардҳои иловагиро талаб мекунад, ки онҳоро баъдтар омӯхта метавонанд.

Доир ба типи додаҳо хонандагон бояд чиҳоро донанд? Бояд донанд, ки ҳар як бузургӣ ё тағйирёбанда типи додаи худро дорад, ки аз тарафи система генератсия карда мешавад. Тағйирёбандаҳо бо тип ва қиматашон дар хотираи компютер барои истифода ва ҳисоби минбаъда нигоҳ дошта мешаванд. Ҳар як тағйирёбанда дар матни барнома дорои тип аст ва бо истифода аз типаш маълум карда мешавад, ки он чӣ гуна қиматҳоро қабул карда метавонад. Вобаста ба тип ва қиматаш муайян карда мешавад, ки он тағйирёбанда чӣ қадар хотираро банд мекунад. Оид ба типи додаҳои сатрӣ хонандагон бояд донанд, ки дар онҳо маълумоти матнӣ ё пайдарпаии байтҳо нигоҳ дошта мешаванд.

Хулоса. Тавре аз номи мақола ва маводи дар матни он буда бармеояд, мақола ба методикаи таълими ибтидоии типи додаҳо дар барномасозӣ бахшида шудааст. Дар мақола методика ва пайдарҳамии таълими типи додаҳои одитарин, аз қабили типи додаҳои ададӣ, рамзӣ ва сатрӣ коркард шудааст. Дар раванди таълими типи додаҳо аз реҷаи калкулятории муҳити кориаш истифода бурдан мувофиқи мақсад буда, сатҳу сифати таълимро баланд мебардорад. Он ҳамчун воситаи айёнӣ ва электронии таълим ҳисобида мешавад. Забони барномасозии Python боз дорои дигар номгӯйи типи додаҳо аст. Онҳо дар мавзуъҳои минбаъда пайдарҳам омӯхта мешаванд. Омӯхтани онҳо ба барномасозони оянда имконоти зиёдеро ҳангоми навиштани матни барнома фароҳам меорад [7]. Дар мавзуъҳои оянда, ҳангоми таълими массивҳо, хонандагон мефаҳманд, ки ҳар як ҳарф ё рамзи дар матни типи сатрӣ буда ҳамчун як аъзои массиви динамикии типаш рамзӣ қабул карда мешавад.

Адабиёт

1. *Комилиён, Ф. С. Барномаи таълими фанни «Технологияи иттилоотӣ» барои синфҳои 5-11-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. [Матн] / Ф.С. Комилиён, Б.Ф. Файзализода, И.М. Саидзода, Ш. Х. Тағоев. – Душанбе: ҶДММ «Бобек», 2024. – 112 с.*
2. *Қосимов, И. Л. Асосҳои барномасозӣ дар Python ва маҷмуи мисолу масъалаҳо [Матн] / И.Л. Қосимов// Васоити таълимӣ. Душанбе – 2021. 160 с.*
3. *Дэвид, Бизли. Python [Текст] / Дэвид Бизли / Подробный справочник// Пер. с англ. – СПб.: Символ-Плюс, - 2010. – 864 с.*
4. *Кривоплясова, Е.В. Методика обучения основам программирования на языке Python [Текст] / Е. В. Кривоплясова, В. Ю. Нефёдова, А. В. Прилепина // Журнал "Информатика в школе" – 2020, - № 3 (156). С. 24-30.*
5. *Комилиён, Ф.С. Технологияи иттилоотӣ (Китоби дарсӣ, синфи 10) [Матн] / Ф.С. Комилиён, М. Саидзода, И.Л. Қосимов // Душанбе – 2024. -272 с.*
6. *Назаров, А.П. Барномасозӣ ва дизайни барномавӣ дар забони PascalABC.Net (Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни МТОК ва МТМК) [Матн] / А.П. Назаров // – Душанбе, ҶДММ "Меҳроҷ Граф" – 2021 с. – 756 с.*
7. *Арабов, М.Қ. Татбиқи воситаҳои визуалӣ ва имкониятҳои графикии забони Python барои баланд бардоштани қобилияти зеҳнии хонандагони МТМУ [Матн] / М.Қ. Арабов, Ш.У. Умарзода // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ, - 2021, №3-4 (7-8). – С. 195-201.*
8. *Назаров, А.П. Методикаи таълими информатика (Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни МТОК ва МТМК) [Матн] / А.П. Назаров // – Душанбе, ҶДММ "Меҳроҷ Граф" – 2019 с. – 462 с.*
9. *Абдукаримов, М.Ф. Маҷмуаи масъалаҳо барои барномасозии компютерӣ [Матн] / А.П. Назаров, М.Ф. Абдукаримов // Душанбе: «Офсет-Империя», 2016. - 192 с.*
10. *Назаров, А.П. Сборник задач для компьютерного программирования [Текст] / А.П. Назаров, М.Ф. Абдукаримов, Мирзоев С.Х. // Душанбе: Типография филиала МГУ имени М.В. Ломоносова в г. Душанбе, 2017. - 241 с.*

ИБТИДОИ ТАЪЛИМИ ТИПИ ДОДАҲО ДАР ЗАБОНИ БАРНОМАСОЗИИ PYTHON

Забони барномасозии Python ҳамчун забони барномасозии ба объект нигаронидашуда номгӯйи зиёди типи додаҳоро доро мебошад. Дар раванди таълими барномасозӣ дар ин забон зарур аст, ки типи додаҳои он бо пайдарҳамии аз ҷиҳати методӣ асоснок таълим дода шаванд. Ибтидои таълими типи додаҳо аз омӯзиши типи додаҳои ададӣ ва рамзию сатрӣ оғоз мегирад. Дар кори мазкур методикаи таълими ибтидоии типи додаҳо дар мисоли типи додаҳои ададӣ ва рамзию сатрӣ коркард карда мешавад. Тарзи ишорат ва тарзи табдилдиҳӣ аз як тип ба типи дигар таълим дода мешавад. Нақши реҷаи калкулятории муҳити кории забони барномасозии Python дар баландбардории сифати таълим ошкор карда шудааст. Функсияҳои табдилдиҳие, ки дар кори мазкур барои таълим додан оварда шудаанд, минбаъд дар равандаи таълими оператори дохилкунӣ ва дигар мавзуъҳо истифода мешаванд. Дар ин маврид технологияҳои табдилдиҳии як типи додаҳо ба дигар тип нақши муҳим дошта, зарурат ба таълими онҳо ба хонандагон ба миён омадааст. Бо мақсади дар оянда ба мушкилӣ дучор нашудан дар раванди таълим, таълими функсияҳои табдилдиҳӣ ва технологияи истифодаи онҳо дар кори мазкур дида баромада мешаванд. Дар охири кор хулоса оварда шудааст.

Калидвожаҳо: тип, типи додаҳо, ададӣ, сатрӣ, рамзӣ, таълим, хонанда, омӯзгор, барномасозӣ, забони барномасозӣ, Python.

НАЧАЛО ОБУЧЕНИЯ ТИПАМ ДАННЫХ В ЯЗЫКЕ ПРОГРАММИРОВАНИЯ PYTHON

Язык программирования Python, как объектно-ориентированный язык программирования, имеет большой набор типов данных. В процессе обучения программированию на этом языке необходимо, чтобы тип данных на нем преподавался в методически обоснованной последовательности. Начало обучения типам данных начинается с изучения числовых, символьных и строковых типов данных. В данной работе разрабатывается методика начального обучения типу данных на примере числового, символьного и строкового типов данных. Учат, как обозначаить и как преобразовывать один тип в другой. Была продемонстрирована роль режима калькулятора рабочей среды языка программирования Python в повышении качества обучения. Представленные в данной работе функции преобразования для обучения будут использоваться далее в процессе обучения оператору ввода и другим темам. В этом случае важную роль играют технологии преобразования одних типов данных в другие, и возникает необходимость обучения им учащимся. Во избежание в дальнейшем проблем в образовательном процессе в данной работе рассматривается преподавание функций преобразования и технология их использования. В конце работы делается вывод.

Ключевые слова: тип, тип данных, числовой, строковой, символьный, обучение, ученик, учитель, программирование, язык программирования, Python.

STARTING LEARNING DATA TYPES IN THE PYTHON PROGRAMMING LANGUAGE

The Python programming language, as an object-oriented programming language, has a large set of data types. In the process of learning to program in this language, it is necessary that the data type in it be taught in a methodologically sound sequence. Getting started with learning about data types starts with learning about numeric, character, and string data types. This paper develops a methodology for initial data type training using the example of numeric, character and string data types. They learn how to designate and how to convert one type to another. The role of the calculator mode of the Python programming language workbench in improving the quality of learning was demonstrated. The transformation functions for training presented in this paper will be used further in the process of teaching the input operator and other topics. In this case, technologies for transforming one type of data into another play an important role, and there is a need to teach them to students. In order to avoid problems in the educational process in the future, this paper examines the teaching of transformation functions and the technology of their use. At the end of the work a conclusion is drawn.

Keywords: type, data type, numeric, string, character, learning, student, teacher, programming, programming language, Python.

Дар бораи муаллифон

Назаров Аҳтам Пулотович
Доктори илмҳои педагогӣ, профессор,
мудири кафедраи технологияи
информатсионӣ ва коммуникатсионӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: ahtam_69@mail.ru

Наботзода Гуландоми Саидмуҳиддин
Магистранти соли якуми таҳсил, ихтисоси
информатика
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
х. Рӯдакӣ, 121

Об авторах

Назаров Ахтам Пулотович
Доктор педагогических наук, профессор
заведующий кафедрой информационных и
коммуникационных технологий
Таджикский государственный
педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан,
г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: ahtam_69@mail.ru

Наботзода Гуландоми Саидмухиддин
Магистрант первого года обучения по
специальности информатика
Таджикский государственный
педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан,
г. Душанбе, пр. Рудаки, 121

About the authors

Nazarov Ahtam Pulotovich
Doctor of Pedagogical Sciences, Professor,
Head of the Department of Information and
Communication Technologies of Sadriddin Ayni
Tajik State Pedagogical University named
after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe,
Rudaki Ave., 121
E-mail: ahtam_69@mail.ru

Nabotzoda Gulandomi Saidmuhiddin
First year master's degree, specialization in
informatics
Tajik State Pedagogical University named
after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe,
Rudaki Ave., 121

ТДУ 378.02:514

АРЗЁБИИ РАВАНДИ ҲАМГИРОИИ НАЗАРИЯВИЮ ТАЪРИХӢ ДАР ТАЪЛИМИ ГЕОМЕТРИЯИ ОЛИИ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ ПЕДАГОГӢ

Нугмонов М., Норов Р. С.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Ҳамгироии назариявию таърихӣ дар таълими геометрияи олии муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ барои омӯзгори ояндаи математика, ки дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ бояд ба фаъолият оғоз намояд, яке аз масъалаҳои мубрами таҳқиқот дар соҳаи методикаи таълим математика ба шумор меравад. Омӯзиши таърихи геометрия дар ҳамгироӣ бо фанҳои сикли геометрӣ (геометрияи аналитикӣ, геометрияи проективӣ, геометрияи дифференсиалӣ, геометрияи созиш) раванди азбаркунии маводи омӯхташаванда, сохтори мантиқии фанҳо, пайдоиши мафҳумҳои омӯхташаванда, мақоми мутафаккирони барҷаста дар офариниш ва сохторбахшии назарияҳои геометриро барои донишҷӯён ташаккул дода, дар навбати худ, барои омӯзиши фанни “Таърихи математика”, ки дар курсҳои болоӣ омӯхта мешавад, роҳнамоӣ мекунад.

Аз ин нуқтаи назар, арзёбии раванди таълими назариявию таърихӣ дар таълими геометрияи олии муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ яке аз масъалаҳои асосии таҳқиқоти гузаронидашудаи мо мебошад [3] .

Озмоишҳои таҳқиқотӣ бо истифодаи комплекси методҳои назариявӣ ва эмпирикӣ ба амал бароварда шуда, бо натиҷаҳои кори озмоишӣ тасдиқ карда шуданд. Методҳои асосии таҳқиқоти назариявӣ - таҳлили муқоисавии системавӣ, мантиқӣ, проблемавӣ, истилоҳотӣ, усулҳои умумисозии моделсозӣ, тарҳрезӣ ва ғайра буданд. Аз усулҳои эмпирикӣ мушохида, пурсиш, суҳбат, таҳлили ҳуҷҷатҳо ва натиҷаҳои фаъолияти субъектҳои таълим, тафтиши ҳамдигарӣ ва ғайра истифода шудаанд. Маълумоти эмпирикии ба даст овардашуда ба коркарди математикӣ тасдиқ карда шуданд [11].

Таҳқиқоти озмоишӣ ва арзёбии он дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ гузаронида шуд. Барои ташкили озмоиш гурӯҳи озмоишии донишҷӯён (164 нафар) ва гурӯҳи назоратӣ (75 нафар) ҷудо карда шуданд. Санҷишҳо дар марҳилаи ибтидоӣ нишон доданд, ки байни ин гурӯҳҳо аз ҷиҳати сатҳи омодагии донишҷуён дар омӯзиши ҳамгироии назариявию таърихӣ дар таълими геометрияи олии муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ барои омӯзгори ояндаи математика амалан фарқияти назаррас вуҷуд надорад. Пас аз озмоиши таҳқиқотӣ бошад ин фарқият дар байни гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ ба куллӣ фарқ мекунад, яъне гурӯҳҳои озмоишӣ маводи таърихиро дар ҳамгироии маводи назариявӣ хуб азхуд кардаанд [7; 8]

Барои арзёбӣ мо методҳои мушоҳида, анкета, тест, ташхиси компютерӣ ва суҳбат истифода бурдем, ки эътимоднокии натиҷаҳои озмоиши ташаккулёбандаро таъмин менамоянд.

Вариантҳо, саволномаҳо ва ҷавобҳо дар ҷадвалҳои поёнӣ ҷой дода шудаанд.

Кори санҷишии № 1 аз фанни «Таърихи математика (геометрия)»
Модули 1 – «Геометрияи аналитикӣ»

Варианти 1	Геометрияи аналитикӣ (Модули 1. Ҳамворӣ)	Ҷавобҳо
Саволномаи дараҷаи якуми мураккаб		
1	Асосгузори геометрияи аналитикӣ кадом олим аст?	A) Ферма; B) Лагранж; C) Монж;D) Гилберт; E) Нютон.
2	Системаи координатаҳоро кадом олим ихтироъ кардааст?	A) Декарт; B) Лагранж; C) Монж; D) Гилберт;

		E) Нютон.
3	Кадом олим аксиоматикаи геометрияро дохил кардааст?	A) Гилберт; B) Лагранж; C) Монж; D) Ферма; E) Нютон.
4	Аксиоматикаи ихтирокардаи Вейл дар бораи чист?	A) Вектор; B) хати рост; C) порча;D) нур; E) фигура.
5	«Арифметика» асари кадом олим аст?	A) Диофант; B) Лагранж; C) Монж; D) Ферма; E) Нютон.
Саволномаи дараҷаи дуюми мураккаб		
6	Аввалин поягузори геометрияи Юнонӣ кадом олим буд?	A) Фалес; B) Пифагор; C) Евклид; D) Архимед; E) Афлотун.
7	Нютон чанд намуди хатҳои каҷи тартиби 3-ро муайян намудааст?	A) 72; B) 70; C) 71; D) 73; E) 75.
8	Китобҳои 1-6 “Ибтидо” ба чӣ бахшида шудааст?	A) хоосияти шаклҳои ҳамворӣ; B) хосияти шаклҳои фазо; C) хосияти шаклҳо; D) секунунҷаҳо; E) хатҳо.
Саволномаи дараҷаи сеюми мураккаб		
9	«Ибтидо» аз чанд китоб иборат аст? A)	A) 13 -то; B) 14 -то; C) 15 -то; D) 16 -то; E) 18 -то.
10	«Номбаркуниҳои хатҳои каҷи тартиби се» асари кадом олим аст?	A) Нютон; B) Тейлор; C) Пифагор; D) Лагранж; E) Гаусс.

Варианти 2	Геометрияи аналитикӣ (Модули 2. Ҳамворӣ)	Ҷавобҳо
Саволномаи дараҷаи якуми мураккаб		
1	Кунҷҳои назди асоси секунҷаи баробарпаҳлӯ баробаранд, теоремаи кист?	A) Фаллес; B) Тейлор; C) Пифагор; D) Лагранж; E) Гаусс.
2	Нуқта он аст,ки қисм надорад, чиро ифода мекунад?	A) Таъриф; B) Теорема; C) Аксиома; D) Лемма; E) Хулоса.
3	Асосгузори давраи сеюми тараққиёти математика кӣ буд?	A) Афлотун, Аристотел; B) Пифагор, Фаллес; C) Фаллес; D) Афлотун; E) Архимед.
4	72 намуди хатҳои каҷро дар геометрияи аналитикӣ кадом олим муайян намудааст?	A) Нютон; B) Тейлор; C) Пифагор; D) Лагранж; E) Гаусс;
5	Калимаи абссисаро кадом олим ба илм ворид кардааст?	A) Эйлер; B) Тейлор; C) Пифагор; D) Лагранж; E) Гаусс.
Саволномаи дараҷаи дуюми мураккаб		
6	Теорема оид ба таърифи секунҷа,ки бо як тараф ва ду кунҷи ба ин тараф часпида муайян мешавад, теоремаи кист?	A) Пифагор; B) Лагранж; C) Гаусс; D) Тейлор; E) Фаллес.
7	Ҷадвали зарб(карат)-ро кадом олим офаридааст?	A) Пифагор; B) Лагранж; C) Гаусс; D) Тейлор; E) Фаллес.
8	Аввалин олиме, ки ҳисобкунии дарозии давраро ба миён гузоштааст?	A) Архимед; B) Пифагор; C) Евклид; D) Аристотел; E) Фалес.
Саволномаи дараҷаи сеюми мураккаб		
9	Кашфи методи координатӣ ба кадом олим тааллуқ дорад?	A) Декарт; B) Фалес; C) Ал-Хоразмӣ; D) Ибни Сино; E) Арасту.

10	«Пангеометрия» асари кадом олим аст?	A) Лобочевский;B) Ферма; C) Остроградский; D) Паскал; E)Черишев.

Кори санҷишии № 2 аз фанни «Таърихи математика(геометрия)»
Модули 1 – «Геометрияи аналитикӣ (фазо)»

Варианти 1	Геометрияи аналитикӣ (Модули 1. Фазо)	Ҷавобҳо
Саволномаи дараҷаи якуми мураккаб		
1	Асосгузори геометрияи аналитикӣ кадом олим аст?	A) Декарт; B) Лагранж; C) Монж; D) Гилберт; E) Нютон.
2	Геометрияи ихтирокардаи Лобачевский чӣ гуна геометрия аст?	A) Гиперболикӣ; B) аналитикӣ; C) элементарӣ; D) одӣ; E) номуайян.
3	Аввалин пирамидаҳо дар кадом мамлакатҳо ба чашм мерасид?	A) Миср; B) Юнон; C) Вавилон; D) Хитой; E) Ҳиндустон.
4	Кашфиёти панҷ бисёркунҷаи мунтазам (тетраэдр, гексаэдр, оксаэдр, додекаэдр, икосаэдр) ба кӣ таалуқ дорад?	A) Пифагор; B) Тейлор; C) Фаллес; D) Гаусс; E) Лагранж.
5	Аввалин истифодабарандаи паргор дар геометрия кист?	A) Фаллес; B)Тейлор; C) Пифагор; D) Лагранж; E) Гаусс.
Саволномаи дараҷаи дуюми мураккаб		
6	Аввалин олиме, ки хатогии постулати панҷуми «Ибтидои»-и Евклидро исбот кардааст?	A) Эйлер; B) Лагранж; C) Монж; D) Гилберт; E) Нютон.
7	Калимаи ординатаро кадом олим ба илм ворид кардааст?	A) Лобачевский; B) Лагранж; C) Монж; D) Гилберт; E) Нютон.
8	Аввалин олиме, ки ба оғози системаи координатаҳои фазои дар геометрияи аналитикӣ ибтидо гузоштааст?	A) Клеро; B) Лагранж; C) Монж; D) Гилберт; E) Нютон.
Саволномаи дараҷаи сеюми мураккаб		
9	Калимаи ординатаро кадом олим ба илм ворид кардааст?	A) Эйлер; B) Лагранж; C) Монж; D) Гилберт; E) Нютон.
10	Кадом олим геометрияро ба методи аксиоматикӣ овардааст?	A) Гилберт; B) Лагранж; C) Монж; D) Эйлер; E) Нютон.

Варианти 2	Геометрияи аналитикӣ (Модули 2. Фазо)	Ҷавобҳо
Саволномаи дараҷаи якуми мураккаб		
1	«Геометрия» асари кадом олим аст?	A) Декарт;B) Лагранж; C) Монж; D) Гилберт; E) Нютон.
2	«Таҳқиқот оиди хатҳои каҷи каҷиашон дуухела» асари кадом олим аст?	A) Клеро; B) Лагранж; C) Монж; D) Гилберт; E) Нютон.
3	Ҳамвориҳоро бо секунҷаҳо, чоркунҷаҳо, панҷкунҷаҳои мунтазам иҳота кардан мумкин аст ба кадом олим тааллуқ дорад?	A) Пифагор; B) Фаллес; C) Афлотун, Аристотел; D) Афлотун; E) Аристотел.
4	Мувофиқи он гурӯҳи муайяни тағйиротҳо дар асоси геометрияи ин ё он фазо гузошта мешаванд-ин андешаи кадом олим аст?	A) Клейн; B) Лагранж; C) Монж; D) Гилберт; E) Нютон.
5		
Саволномаи дараҷаи дуюми мураккаб		
6	Калимаи координатаро кадом олим ба илм ворид кардааст?	A) Эйлер; B) Лагранж; C) Монж; D) Гилберт; E) Нютон.

7	«Асосҳои геометрия» асари кадом олим аст?	A) Гилберт; B) Лагранж; C) Монж; D) Эйлер; E) Нютон.
8	«Ибтидои нави геометрия бо назарияи пурраи параллелиҳо» асари кадом олим аст?	A) Лобочевский; B) Ферма; C) Остроградский; D) Паскал; E)Чернишев.
Саволномаи дараҷаи сеюми мураккаб		
9	Вакте, ки геометрия ба сохтори фазо асос ёфта, бо системаи муайяни аксиомаҳо муайян карда мешавад, ин андешаи кадом олим аст?	A) Гилберт; B) Лагранж; C) Монж; D) Эйлер; E) Нютон.
10	Маънои ортогонал чист?	A) перпендикуляр; B) параллел; C) баробар; D) ҳамҷоя; E) нимбуранда.

Кори санҷишии № 1 аз фанни «Таърихи математика (геометрия»
Модули 1 – «Геометрияи проективӣ»

Варианти 1	Геометрияи проективӣ (Модули 1. Геометрияи проективӣ)	Ҷавобҳо
Саволномаи дараҷаи якуми мураккаб		
1	Геометрияи проективӣ кадом аср арзи ҳастӣ намудааст?	A) XIX: B) XX: C) XXI: D) XII: E) XVIII.
2	Асосгузори геометрияи проективӣ кадом олим аст?	A) Понселе; B) Нютон; C) Монж; D) Штаут; E) Кели.
3	Порчаро проектиронӣ карда кадом шаклро ҳосил намудан мумкин аст?	A) Нур; B) Давра; C) Доира; D) Ромб; E) Куб.
4	Олимони кадом далати имрӯза поягузори геометрияи проективӣ шудаанд?	A) Фаронса; B) Миср; C) Олмон; D) Италия; E) Хитой.
5	«Геометрияи мавқеъ» кадом сол нашр шудааст?	A) 1803; B) 1800; C) 1801; D) 1802; E) 1804.
Саволномаи дараҷаи дуюми мураккаб		
6	«Шаклҳои Штайнер» мақолаи кадом олим аст?	A) Штайнер; B) Сингер; C) Кант; D) Шолс; E) Дезарг.
7	Асосгузори илми геометрияи проективии Россия кадом олимро ном бурдан мумкин аст?	A) Лобачевский; B) Погорелов C) Андреев D) Чебышев;E) Лобан.
8	Корҳои кадом олим дар сохтанҳои фазои проективӣ дар асоси маҷӯи ададҳои комплексӣ мебошад?	A) Картан; B) Кант; C) Риман; D) Клеро; E) Сино.
Саволномаи дараҷаи сеюми мураккаб		
9	Корҳои кадом олим дар сохтанҳои фазои проективӣ дар асоси аксиоматика мебошад?	A) Штаутба; B) Дезарг; C) Кант; D) Риман; E) Фалес.
10	Агар табдилдиҳии проективии хати рост дорои се нуқтаҳои беҳаракат бошад, ин чӣ хел табдилдиҳӣ мешавад?	A) Хаттӣ; B) Ғайрихаттӣ; C) Инверсия; D) Параллелкӯчонӣ; E) Айниятӣ.

Варианти 2	Таърихи математика (геометрия) (Модули 2. Геометрияи проективӣ)	Ҷавобҳо
Саволномаи дараҷаи якуми мураккаб		
1	«Усули умумии тасвири объектҳо дар перспектива» мақолаи кадом олим аст?	A) Дезарг; B) Шарл; C) Кели; D) Монж; E) Хаём.

2	Агар давраро проектиронӣ намоем кадом шакл ҳосил мешавад.	A) Эллипс; B) Давра; C) Кура; D) Сфера; E) Доира.
3	«Геометрияи мавқеъ» асари кадом олим аст?	A) Карно; B) Шарл; C) Дезарг; D) Монж; E) Нютон.
4	Дар мақолаи «Шаклҳои Штайнер» олим кадом мафҳумро бо роҳи исбот пайдо кардааст?	A) Чоркунҷаи пурра; B) секунҷаи пурра; C) панҷкунҷаи пурра; D) Давра; E) Репер.
5	«Ҳисоби барисентрикӣ» асари кадом олим аст?	A) Мёбиус; B) Кант; C) Кардано; D) Нютон; E) Сингер.
Саволномаи дараҷаи дуюми мураккаб		
6	Дар геометрия Лобачевский бо кадом тахалус маъруф аст?	A) Коперники геометрия; B) Олим; C) Маъруф; D) Математик; E) Авлиё.
7	К. А. Андреев кадом сол узви АИ Россия шудааст?	A) 1884; B) 1882; C) 1883; D) 1885; E) 1881.
8	Дар геометрияи проективӣ олимони кадом давлатҳо бисёртар кор кардаанд.	A) Франсия ва Германия; B) Англия ва ИМА; C) Шветсия ва Кипр; D) Россия ва Хитой; E) Япония ва Тайван.
Саволномаи дараҷаи сеюми мураккаб		
9	Асосгузори геометрияи проективӣ баъд аз Понселе кадом олим аст?	A) Дезарг; B) Кант; C) Кардано; D) Нютон; E) Сингер.
10	Корҳои кадом олим дар сохтанҳои фазои проективӣ дар асоси маҷӯи ададҳои комплексӣ мебошад?	A) Штуди; B) Кант; C) Риман; D) Клеро; E) Сино.

Кори санҷишии № 1 аз фанни «Таърихи математика (геометрия»
Модули 1 – «Созишҳои геометрӣ»

Варианти 1	Созишҳои геометрӣ (Модули 1. Созишҳои геометрӣ)	Ҷавобҳо
Саволномаи дараҷаи якуми мураккаб		
1	Кадом олим соли 1672 бо ёрии паргор сохтанҳои геометриро омӯхта нишон додааст.	A) Дани Мохар: B) Архимед: C) Арасту: D) Пифагор: E) Рени.
2	Муаллифи китоби «Геометрияи паргор» кист?	A) Понселе; B) Лоренцо Маскерони; C) Монж; D) Штаут; E) Кели.
3	Бахши геометрия, ки бо як паргор сохтанҳои геометриро меомӯзад чӣ номида мешавад.	A) Геометрияи ҳамворӣ; B) Геометрияи дифференсиалӣ; C) Геометрияи хаткашак; D) Геометрияи паргор; E) Геометрия.
4	Мафҳуми асосии геометрияи созиш кадом мафҳум мебошад?	A) Асбоб; B) Сохтани фигураи геометрӣ; C) Исбот; D) Тадқиқ; E) Таҳлил;
5	Ҳамаи фигураҳои геометрии сохташаванда дар кадом ҳамворӣ мехобанд?	A) асосӣ; B) ёрирасон; C) аффинӣ; D) проективӣ; E) бисёрченака.
Саволномаи дараҷаи дуюми мураккаб		
6	Ҳамаи масъалаҳо бо созиш алоқаманд бо паргор ва хаткашак ҳалшаванда мумкин аст танҳо бо як паргор	A) 1890; B) 1870;

	ҳал шавад ”. Ин тасдиқот бо роҳи оригиналӣ бо ёрии инверсия кадом сол исбот карда шудааст?	C) 1882; D) 1889; E) 1891.
7	Давраи воҳиди чанд марказ дорад?	A) 3; B) 5; C) 1; D) 10; E) 7.
8	Табдилдиҳие, ки дорои масофаи байни нуқтаҳоро нигоҳ дошта мешавад, чӣ ном дорад?	A) Ҳаракат; B) Масофа; C) Порча;D) Нуқта; E) Нур.
Саволномаи дараҷаи сеюми мураккаб		
9	Геометри швейтсарягӣ Якоб Штейнер мақолаи "Созишҳои геометрӣ бо ёрии истифодабарии хати рост ва давраи беҳаракат"-ро аз чоп бароварда, ки дар он тадқиқоти пурраро бо ёрии як хаткашак нишон додааст кадом сол ба нашр расонидааст?	A) 1830; B) 1825; C) 1833; D) 1834; E) 1835.
10	Ҳамаи масъалаҳо бо созиш алоқаманд бо паргор ва хаткашак ҳалшаванда мумкин аст танҳо бо як паргор ҳал шавад ”. Ин тасдиқот бо роҳи оригиналӣ бо ёрии инверсия аз тарафи кадом олим исбот карда шудааст.	A) Адлер; B) Апер; C) Декарт; D) Нютон; E) Виет.

Варианти 2	Таърихи математика (геометрия) (Модули 2. Созишҳои геометрӣ)	Ҷавобҳо
Саволномаи дараҷаи якуми мураккаб		
1	Дани Мохар кадом сол бо ёрии паргор сохтанҳои геометриро омӯхта нишон додааст.	A) 1672; B) 1673; C) 1674; D) 1675; E) 1670.
2	Созишҳои геометрӣ диққати олимонро дар кадом асрҳои пеш аз мелодӣ ба худ ҷалб карда буд?	A) 1-2; B) 2-3; C) 3-4; D) 4-5; E) 5-6.
3	Яке аз асбобҳои дақиқ сохтанҳоро иҷрокунанда кадом асбоб аст?	A) Хаткашак; B) Транспортир; C) Паргор; D) Қалам; E) Хаткашаки бетақсимот.
4	Табдилдиҳие, ки дорои масофаи байни нуқтаҳоро нигоҳ дошта мешавад, чӣ ном дорад?	A) Гомотетия; B) Чоркунҷа; C) Масоҳат; D) Давра; E) Доира.
5	Олим Мор паргорро кадом сол яке асбобҳои асосии доир ба сохтан аст гуфта исбот кардааст;	A) 1672; B) 1673; C) 1670; D) 1687; E) 1645.
Саволномаи дараҷаи дуюми мураккаб		
6	Созишҳои геометрӣ аз чанд марҳила иборат аст?	A) 2; B) 6; C) 4; D) 3; E) 5.
7	Давраи нав ва ба сатҳи баланд расидани созишҳои геометрӣ кадом асрҳоро дар бар мегирад?	A) 17-19; B) 14-17; C) 14-16; D) 19-20; E) 20-21.
8	Олим Мор зодаи кадом давлати имрӯза аст?.	A) Франсия; B) Англия; C) Дания; D) Россия; E) Шветсия.
Саволномаи дараҷаи сеюми мураккаб		
9	Кадом олим паргорро яке асбобҳои асосии доир ба сохтан аст гуфта исбот кардааст;	A) Мор; B) Кант; C) Кардано; D) Нютон; E) Сингер.
10	Бахши геометрия, ки бо як хаткашак сохтанҳои геометриро меомӯзад, чӣ номида мешавад.	A) Геометрияи хаткашак; B) Геометрияи аналитикӣ; C) Геометрияи элементарӣ; D) Геометрия; E) Математика.

Корҳои санҷишии гузаронидашуда ба меъёрҳои таҳияшуда мувофиқат карданд, ки дар он миқдори супоришҳо барои ҳар як гурӯҳ якхела буд (10 вазифа). Супоришҳо аз рӯи системаи 10-балӣ баҳогузорӣ карда шудаанд.

Баҳои «5» ба 100-90% корҳои иҷрошуда (ин мувофиқи меъёрҳои интихобшуда 10 ҷавоби дуруст аст), барои 89-75% ҷавобҳои дуруст (9-7) баҳои «4» гузошта шуд, баҳои «3»

барои 74- 50% (аз 7 то 5 ҷавоби дуруст), барои 49-0% (аз 5 то 1 ҷавоби дуруст) баҳои «2» гузошта шуд (нигаред ба ҷадвал).

Сифати азхудкунии маводи пешниҳодшуда аз ҷониби донишҷӯён пешниҳод карда шуд, ки аз рӯи шумораи корҳо бо баҳои 8-10 баҳо дода шавад. Фоизи азхудкунӣ ва сифати азхудкунии донишҷӯён, гурӯҳҳои озмоишӣ ва санҷишӣ чунин буд (тибқи гурӯҳҳо).

	«5»	«4»	«3»	«2»	Миқдори донишҷӯ
Гурӯҳҳои озмоишӣ	34	33	40	23	$n_o = 130$
Гурӯҳҳои санҷишӣ	11	10	21	18	$n_c = 60$
Миқдори ҷавобҳои дуруст	45	43	61	41	



Фоизи азхудкунӣ (гурӯҳҳои математика):

$\omega_o = \frac{15+11+8}{40} \cdot 100\% = 85\%;$ $\omega_c = \frac{3+4+6}{18} \cdot 100\% = 72\%.$

Сифати азхудкунӣ (гурӯҳҳои математика)::

$\vartheta_o = \frac{15+11}{40} \cdot 100\% = 65\%;$ $\vartheta_c = \frac{3+4}{18} \cdot 100\% = 39\%;$

$T = \max(S_c - S_o) = 0{,}328.$

$W_{1-\alpha} = \lambda_\alpha \cdot \sqrt{\frac{n_c+n_o}{n_c \cdot n_o}}$, $\alpha = 0{,}05$ и $\lambda = 1{,}26$. $W_{1-\alpha} = \lambda_\alpha \cdot \sqrt{\frac{18+40}{18 \cdot 40}} = 0{,}284.$



Фоизи азхудкунӣ (гурӯҳҳои математика-информатика)

$\omega_o = \frac{10+12+17}{50} \cdot 100\% = 78\ \%;$ $\omega_c = \frac{3+3+8}{20} \cdot 100\% = 70\%;$ Сифати азхудкуни (гурӯҳҳои математика-информатика)

$\vartheta_o = \frac{10+12}{50} \cdot 100\% = 44\%;$ $\vartheta_c = \frac{3+3}{20} \cdot 100\% = 30\%;$

$T = \max(S_c - S_э) = 0{,}420.$

$W_{1-\alpha} = \lambda_\alpha \cdot \sqrt{\frac{n_c+n_o}{n_c \cdot n_o}}$, $\alpha = 0{,}05$ и $\lambda = 1{,}26$. $W_{1-\alpha} = \lambda_\alpha \cdot \sqrt{\frac{24+52}{24 \cdot 52}} = 0{,}247.$



Фоизи азхудкунӣ (гурӯҳҳои маматематика– физика):

$\omega_o = \frac{9+10+15}{40} \cdot 100\% = 85\%;$ $\omega_c = \frac{5+3+7}{22} \cdot 100\% = 68{,}19\%;$

Сифати азхудкунӣ (гурӯҳҳои маматематика– физика):

$\vartheta_o = \frac{9+10}{40} \cdot 100\% = 47{,}5\%;$ $\vartheta_c = \frac{5+3}{22} \cdot 100\% = 36{,}36\%;$

$T = \max(S_c - S_o) = 0{,}361.$

$W_{1-\alpha} = \lambda_\alpha \cdot \sqrt{\frac{n_c+n_o}{n_c \cdot n_o}}$, $\alpha = 0{,}05$ и $\lambda = 1{,}26$. $W_{(1-\alpha)} = \lambda_\alpha \cdot \sqrt{\frac{22+40}{22 \cdot 40}} = 0{,}265.$



Коркарди омории натиҷаҳои кори санҷишӣ гурӯҳҳо тибқи методи Колмогоров-Смирнов гузаронда шуд [1]. Маълумоти гирифташуда ба ҷадвал дохил карда мешавад (ба ҷадвал нигаред).

Озмоишҳо дар гурӯҳҳои курси 1-ум ва 2-юми се ихтисос (математика, математика-информатика, математика-физика)-и Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ гузаронида шуд.

Натиҷаҳо	«5»		«4»		«3»				«2»			«1»	Миқдори донишҷӯён
Миқдори ҷавобҳои дуруст	11	10	9	8	7	6	5	4	3	2		0	
Гурӯҳҳои озмоишии математика	12	8	10	8	5	3	3	4	3	0		0	$n_o = 56$
Гурӯҳҳои саҷишии математика	2	1	3	4	4	3	3	1	3	1		0	$n_c = 25$
Гурӯҳҳои озмоишии математика-информатика	10	7	10	4	7	6	3	2	2	1		0	$n_o = 52$
Гурӯҳҳои саҷишии математика-информатика	4	1	2	1	2	3	3	2	2	2		0	$n_c = 24$
Гурӯҳҳои озмоишии	7	3	8	7	15	5	3	2	2	2		0	$n_o = 56$

мате-матика-физика													
Гурӯҳҳои санҷишии математика-физика	2	1	2	2	3	2	4	3	3	2		0	$n_с = 26$

Аз ҷадвали маълумоти озмоишӣ мо арзиши омори меъёри

$T = \max((S_с - S_о) = 0{,}435$-ро пайдо мекунем[1] .

Қимати муҳими $W_{1-\alpha}$-и омори санҷишӣ яктарафа бо формулаи

$W_{1-\alpha} = \lambda_\alpha \cdot \sqrt{\frac{n_к + n_э}{n_к \cdot n_э}}$, ки дар ин ҷо ҳангоми $\alpha = 0{,}05$ ва $\lambda = 1{,}26$ будан [1],

$W_{(1-\alpha)} = \lambda_\alpha \cdot \sqrt{\frac{75+164}{75 \cdot 164}} = 0{,}139$ пайдо мешавад .

Маълум аст, ки T>$W_{(1-\alpha)}$ [1]. Мувофиқи қоида, ин чунин маъно дорад, ки донишҷӯёни гурӯҳҳои озмоишӣ дар ҳамаи мавридҳо маводро назар ба донишҷӯёни гурӯҳҳои назоратӣ бештар азхуд кардаанд.

Гурӯҳҳои математика.

	$f_о$	$f_с$	$\sum f_о$	$\sum f_с$	$S_о = \frac{\sum f_о}{n_о}$	$S_с = \frac{\sum f_с}{n_с}$	$S_с - S_о$
11	9	3	40	18	1	1	0
10	5	1	37	17	0,925	0,9444	0, 0194
9	8	2	33	16	0,825	0, 8889	0,06389
8	5	3	26	15	0, 65	0,8333	0,1833
7	4	3	18	14	0,45	0,7778	0,3278
6	2	2	13	11	0,325	0,6111	0,2861
5	2	2	10	8	0,25	0,4444	0,1944
4	3	1	7	5	0,175	0,2778	0, 1028
3	2	2	3	4	0,075	0,2222	0,1472
2	0	1	0	1	0	0,0567	0,0567
1	0	0	0	0	0	0	0
0							
$n_о = 40$ $n_с = 18$							

Гурӯҳҳои математика-информатика.

	$f_о$	$f_с$	$\sum f_о$	$\sum f_с$	$S_о = \frac{\sum f_о}{n_о}$	$S_с = \frac{\sum f_с}{n_с}$	$S_с - S_о$
11	9	4	50	20	1	1	0
10	7	1	47	19	0,94	0, 95	0,01
9	9	2	35	18	0,7	0, 9	0,2
8	4	1	25	17	0,5	0, 85	0,35
7	7	2	21	16	0,42	0, 8	0, 38
6	6	1	14	14	0,28	0,7	0, 42
5	3	3	8	11	0,16	0,55	0,39
4	2	2	5	8	0,1	0,4	0,3
3	2	2	3	6	0,06	0,3	0,24
2	1	1	1	4	0,02	0,2	0,18
1	0	1	0	2	0	0,1	0,1
0							
$n_о$ =50 $n_с$ =20							

Гурӯҳҳои математика-физика.

	$f_о$	$f_с$	$\sum f_о$	$\sum f_с$	$S_о = \frac{\sum f_о}{n_о}$	$S_с = \frac{\sum f_с}{n_с}$	$S_с - S_о$
11	6	2	40	22	1	1	0
10	2	1	37	21	0,925	0,994546	0,069546

9	6	2	36	20	0,9	0,9091	0,0091
8	5	2	28	19	0,7	0,8079	0,10769
7	10	3	21	18	0,525	0,73077	0,20577
6	5	2	16	15	0,4	0,68182	0,28182
5	3	3	11	14	0,275	0,63636	0,36136
4	2	2	8	10	0,2	0,45455	0,25455
3	1	2	6	7	0,15	0,318182	0,16812
2	2	2	4	4	0,1	0,18182	0,08182
1	1	1	2	2	0,025	0,09091	0,06591
0							
$n_o = 40$ $n_c = 22$							

Ҳамин тариқ, дар охири марҳилаи озмоиш, системаи ташаккулдиҳии дониш, малака ва маҳоратҳои дахлдор оиди ҳамбастагии назариявю таърихӣ дар таълими геометрияи донишҷӯёни факултети математикаи муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ, дар шароити низоми кредитии таҳсилот, муайян карда шуд ва натиҷаи зарурӣ ба даст омад.

Ҳамгироии назариявию таърихӣ собит намуд, ки донишҷӯён маводи таърихиро ҳангоми омӯзиши маводи назариявии геометрӣ ба хубӣ азбар кардаанд ва моҳияти ин гуна раванди таълимро дарк менамоянд.

Дар баробари ин, озмоиши педагогӣ нишон дод, ки дар баробари азхудкунии маводи назариявии геометрӣ донишҷӯён дорои салоҳиятҳои таърихии ба геометрияи назариявӣ ҳамгиро пайдо карданд. Инро натиҷаҳои корҳои санҷишӣ ва рейтингӣ, ки донишҷӯён дар ҳар як гурӯҳи озмоишию назоратӣ мустақилона иҷро кардаанд, нишон доданд.

Натиҷаи озмоиши педагогӣ инчунин нишон дод, ки фардикунонии таълими таърихи геометрия дар низоми кредитии таҳсилот бештар дар машғулиятҳои мустақилонаи таҳти роҳбарии омӯзгор ва дар кори мустақилонаи донишҷӯён, ки дар нақшаи таълимӣ пешбинӣ шудааст, гузаронида шавад, барои тайёр кардани омӯзгорони оянда мавқеи муҳим мебозад.

Адабиёт

1. *Грабарь М.И., Краснянская К.А. Применение математической статистики в педагогических исследованиях. Непараметрические методы. - М.: Педагогика, 1977. - 106 с.*
2. *Норов Р. С. Принсипҳо ва методҳои дар таълими геометрия истифода кардани маводи таърихӣ // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2022. - №3. - С. 307-314.*
3. *Норов Р. С. Масоили методологии истифодаи маводи таърихӣ дар таълими геометрия // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2022. - №3. - С. 377-322.*
4. *Норов Р. С. Ташаккули тафаккур ва қобилияти эҷодии донишҷӯён тавассути истифодаи маводи таърихӣ дар дарсҳои геометрия // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2023. - №2. - С. 95-100.*
5. *Норов Р. С. Проблемаи омӯзиши ҳамбастагии назариявию таърихии геометрияи олӣ дар муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2024. - №4. - С. 317-322.*
6. *Нугмонов М., Норов Р. С., А. Раззоков. Использование исторических элементов в процессе преподавания высшей геометри // Материалы республиканской научно-практической конференции «Проблемы преподавание история математики в средней и высшая школе». – Душанбе: Сабрина К, 2011. - С.8-10.*
7. *Саторов А., Норов Р. С., Фатхуллоев К., Кенҷаев Г. Ақидаҳои Ибни Сино оиди таълими геометрия // Материалы международной научно-практической конференции «Современые проблемы обучения математике, физике и информатике в средней и высшей школе». - Душанбе: Сифат, 2016. - С. 200-201.*
8. *Саторов А., Норов Р. С., Ходжаев А. Роҷеъ ба истифодаи таърихи табдилдиҳиҳои геометрӣ дар раванди таълим // Материалы международной научно-практической конференции «Современые проблемы обучения математике, физике и информатике в средней и высшей школе». - Душанбе: Сифат, 2016. - С. 202-204.*
9. *Нугмонов М. Аз таърихи се масъалаи машҳури замони қадим доир ба созиш // Материалы республиканской конференции «Проблемаҳои муосири математика ва тайёрии касбӣ-*

методии омӯзгори математика дар мактаби олии педагогӣ» / М. Нугмонов, Р. С. Норов, А. Раззоков – Душанбе: ТГПУ им. С. Айнӣ, 2018. - С. 91-97.

10. *Норов Р. С., Қурбонов Ш. Ҳамгироии истифодабарии маводҳои таърихии геометрияи аналитикӣ ва проективӣ дар раванди таълими геометрия // Маводи конф. илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Таҳлили комплексӣ ва тадбиқҳои он». –Бохтар: ДДБ ба номи Носири Хусрав, 2022. - С. 346-348.*
11. *Нугмонов М., Норов Р. С., Раззоқов А. Истифодаи маводи таърихи дар раванди таълими геометрияи олӣ // Маводи конференсия илмии байнанмилалӣ дар мавзуи «Проблемаҳои муосири методикаи таълими математика ва фанҳои табиӣ риёзӣ». - Душанбе: ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, 2021. - С.203-211.*

АРЗЁБИИ РАВАНДИ ҲАМГИРОИИ НАЗАРИЯВИЮ ТАЪРИХӢ ДАР ТАЪЛИМИ ГЕОМЕТРИЯИ ОЛИИ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ ПЕДАГОГӢ

Дар мақолаи мазкур масъалаи арзёбии ҳамгироии назариявию таърихӣ дар таълими геометрияи олии муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ барои донишҷӯёни ихтисосҳои математика пешниҳод шудааст, ки яке аз масъалаҳои мубрами таҳқиқоти гузаронидаи мо дар соҳаи методикаи таълим математика ба шумор меравад. Омӯзиши таърихи геометрия дар ҳамгироӣ бо фанҳои сикли геометрӣ раванди азбаркунии маводи омӯхташаванда, сохтори мантиқии фанҳо, пайдоиши мафҳумҳои омӯхташаванда, мақоми мутафаккирони барҷаста дар офариниш ва сохторбахшии назарияҳои геометриро барои донишҷӯён ташаккул дода, дар навбати худ, барои омӯзиши фанни “Таърихи математика”, ки дар курсҳои болоӣ омӯхта мешавад, роҳнамоӣ мекунад. Озмоишҳои таҳқиқотӣ бо истифодаи комплекси методҳои назариявӣ ва эмпирикӣ ба амал бароварда шуда, бо натиҷаҳои кори озмоишӣ тасдиқ карда шуданд. Барои арзёбӣ мо методҳои мушоҳида, анкета, тест, ташхиси компютерӣ ва суҳбат истифода бурдем, ки эътимоднокии натиҷаҳои озмоиши ташаккулёбандаро таъмин менамоянд. Ҳамин тариқ, дар охири марҳилаи озмоиш, системаи ташаккулдиҳии дониш, малака ва маҳоратҳои дахлдор оиди ҳамбастагии назариявю таърихӣ дар таълими геометрияи донишҷӯёни факултети математикаи муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ, дар шароити низоми кредитии таҳсилот, муайян карда шуд ва натиҷаи зарурӣ ба даст омад. Ҳамгироии назариявию таърихӣ собит намуд, ки донишҷӯён маводи таърихиро ҳангоми омӯзиши маводи назариявии геометрӣ ба хубӣ азбар кардаанд ва моҳияти ин гуна раванди таълимро дарк менамоянд.

Калидвожаҳо: арзёбӣ, озмоиши педагогӣ, донишҷӯ, омӯзгори ояндаи математика, ҳамгироии назариявию таърихӣ, геометрияи олӣ, донишгоҳи омӯзгорӣ, низоми кредитии таҳсилот.

ОЦЕНКА ПРОЦЕССА ТЕОРЕТИЧЕСКОЙ И ИСТОРИЧЕСКОЙ ИНТЕГРАЦИИ ПРИ ПРЕПОДАВАНИИ ВЫСШЕЙ ГЕОМЕТРИИ В ПЕДАГОГИЧЕСКОМ ВУЗЕ

В данной статье представлен вопрос оценки теоретико-исторической интеграции в преподавании высшей геометрии в вузе для студентов математических специальностей, который является одним из важнейших вопросов наших исследований в области методики преподавания математики. Изучение истории геометрии в интеграции с предметами геометрического цикла формирует у студентов процесс усвоения изучаемого материала, логическую структуру предметов, возникновение изучаемых понятий, статус выдающихся мыслителей в создании и структурировании геометрических теорий и, в свою очередь, направляет изучение предмета «История математики», изучаемого в старших курсах. Исследовательские испытания проводились с использованием комплекса теоретических и эмпирических методов и были подтверждены результатами испытательной работы. Для оценки использовались методы наблюдения, анкетирования, тестирования, компьютерной диагностики и интервью, обеспечивающие достоверность результатов формирующего теста. Таким образом, в конце этапа тестирования была определена система формирования соответствующих знаний, умений и навыков по теоретической и исторической интеграции в геометрическом образовании студентов математического факультета вуза и достигнут необходимый результат. Теоретико-историческая интеграция доказала, что студенты хорошо усвоили исторический материал при изучении теоретического геометрического материала и поняли суть такого рода учебного процесса.

Ключевые слова: оценивание, педагогический эксперимент, студент, будущий учитель математики, теоретико-историческая интеграция, высшая геометрия, педагогический вуз, кредитная система обучения.

EVALUATION OF THE PROCESS OF THEORETICAL AND HISTORICAL INTEGRATION IN THE TEACHING OF HIGHER GEOMETRY IN PEDAGOGICAL UNIVERSITY

This article presents the issue of assessing theoretical and historical integration in the teaching of higher geometry at a university for students of mathematical specialties, which is one of the most important issues of our research in the field of methods of teaching mathematics. The study of the history of geometry in integration with the subjects of the geometric cycle shapes in students the process of mastering the material being studied, the logical structure of the subjects, the emergence of the concepts being studied, the status of outstanding thinkers in the creation and structuring of geometric theories and, in turn, guides the study of the subject "History of Mathematics" studied in senior courses. Research tests were carried out using a set of theoretical and empirical methods and were confirmed by the results of the test work. For the assessment, methods of observation, questionnaires, testing, computer diagnostics and interviews were used to ensure the reliability of the results of the formative test. Thus, at the end of the testing stage, a system for the formation of appropriate knowledge, skills and abilities in theoretical and historical integration in geometric education of students of the university's mathematics department was determined and the necessary result was achieved. Theoretical-historical integration proved that students learned historical material well when studying theoretical geometric material and understood the essence of this kind of educational process.

Keywords: assessment, pedagogical experiment, student, future mathematics teacher, theoretical and historical integration, higher geometry, pedagogical university, credit education system.

Дар бораи муаллифон

Нугмонов Мансур
Профессори кафедраи методикаи таълими математика
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: nugmonov@mail.ru

Норов Раҷабалӣ Саломович
Муаллими калони кафедраи методикаи таълими математика
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: norov41@mail.ru

Об авторах

Нугмонов Мансур
Профессор кафедры методики преподавания математики
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: nugmonov@mail.ru

Норов Раджабали Саломович
Старший преподаватель кафедры методики преподавания математики
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: norov41@mail.ru

About the authors

Nugmonov Mansur
Professor of the Department of Methods of Teaching Mathematics
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: nugmonov@mail.ru

Norov Rajabali Salomovich
Senior lecturer at the Department of Methods of Teaching Mathematics
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: norov41@mail.ru

ТДУ 37.01:372.8:54 (575.3)

ИСТИФОДАИ УСУЛИ «СОАТИ РЕГӢ» ДАР ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ ХИМИЯВӢ ВА САМАРАНОКИИ ОН ДАР ИНКИШОФИ ҚОБИЛИЯТИ МАЪРИФАТИИ ХОНАНДАГОН

Бобозода У. Х., Бандаев С. Г., Бобозода М. У.
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав,
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон

Ҳалли масъалаҳои химиявӣ яке аз роҳҳои асосии аз худ кардани донишҳои химиявӣ ба ҳисоб рафта, аз хонанда доштани дониши чуқури химиявиро талаб мекунад. Донистани роҳҳои гуногуни ҳалли масъалаҳои химиявӣ, аз шахс доштани донишро аз фанҳои гуногун талаб менамояд [2, с. 3].

Истифодаи ҳалли масъалаҳо дар раванди таълими химия дар ҳалли масъалаҳои дидактикии зерин мусоидат менамояд: мустақилият ва фаъолии хонандагонро таъмин менамояд; дониш, маҳорат ва малакаи хонандагонро мустаҳкам мекунад; таълими химияро бо ҳаёт алоқаманд менамояд; алоқамандии назарияро бо амалия дар таълими фан таъмин менамояд; барои сарфаҳм рафтан ба аҳамияти амалӣ ва техникии фанни химия ёрӣ мерасонад; дар ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ ва фикрандӯзии мантиқии хонандагон саҳми арзанда мегузорад.

Ҳангоми ҳалли масъалаҳо дар хонандагон хислатҳои меҳнатдӯстӣ, истодагарӣ, устуворӣ, суботкорӣ ва ҳисси ҷавобгарӣ ташаккул меёбанд. Ҳалли масъалаҳои ҳисобӣ дар омӯзиши химия мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Барои ҳал кардани масъалаҳо, хонанда бояд дониши хуби назариявии фанро дошта бошад. Ҳалли масъалаҳои химиявӣ аз шахс дар баробари аз фанҳои гуногун доштани дониш, инчунин бештар доштани дониши хуби риёзӣ ва физикавиро талаб мекунад.

Тарзи ҳалли масъалаҳои химиявӣ бо истифодабарии усулҳои гуногун аз хонандагон доштани дониши физикавӣ ва математикии мактабиро талаб мекунад, дар ин ҳолат хонандагон роҳи ҳалли онро тезтар сарфаҳм мераванд [7, с. 6].

Ягон таҳқиқоти химиявӣ бе истифодаи усулҳои физикавӣ ва таҳлилҳои химиявӣ бе истифодаи ҳисобҳои математикӣ анҷом дода намешавад [6, с. 18].

Ҳангоми ҳалли масъалаҳо бояд: шарти масъаларо бо диққат хонем, нақшаи ҳалли масъаларо фикр карда бароем, қиматҳои додашудаи масъаларо дуруст истифода барем, воҳидҳоро ба ҷадвали ягонаи ҳисобкунӣ орем, масъаларо ҳал намоем ва дурустии онро бо гузаронидани санҷиш тасдиқ намоем.

Масъалаҳои химиявӣ бо роҳҳо ва усулҳои гуногун ҳал мешаванд. Ин роҳҳо ва усулҳо дар ҳалли масъалаҳои химиявӣ бо истифодабарии: формулаҳои физикавӣ; муодилаҳо, баробарӣ ва нобаробариҳои математикӣ; усули стехиометрӣ; таносуб; усули «Соати регӣ» ва ғайра мебошанд [3-4].

Омӯзиши роҳҳои ҳалли масъалаҳои химиявӣ аз тарафи хонандагон чор қисматро дар бар мегирад:

− Онҳо бояд роҳҳои ҳалли масъаларо, ки аз тарафи омӯзгор дар синф баён мегардад, бодиққатона гӯш диҳанд;

− Аз тахтаи синфӣ навиштаи омӯзгорро дар дафтарашон зебо навишта гиранд;

− Дар хона аз дафтарашон роҳи ҳалли навиштаашонро бо диққат аз назар гузаронида, ба хотир оранд;

− Ин масъаларо дар дафтари дигар аз нав худашон ҳал намоянд.

Аз ин чор амал, ду амалаш (1-ум ва 2-юм) дар синф ва ду амали дигараш (3-юм ва 4-ум) дар хона иҷро мешаванд.

Дар байни усулҳои гуногун истифодаи усули «Соати регӣ» дар ҳалли масъалаҳои химиявӣ самараноктар аст, чунки дар вақти истифодаи ин усул ҳам вақт сарфа мешавад ва ҳам ҳаҷми кор камтар мегардад. Барои исботи ин ақида масъалаи якум ва дуюмро бо ду роҳ ҳал менамоем.

Масъалаи 1-ум. Ба 200 г маҳлули 10%-а чанд грамм намак илова кунем, ки маҳлули 20%-а ҳосил шавад?

Ҳал: *Роҳи 1-ум. Бо усули истифодаи таносуб ва формулаҳо*

А). Массаи намакро дар маҳлули аввала меёбем.

200г маҳлул----------100% маҳлул

x_1 г намак----------10% намак

$$x_1 = \frac{200 \cdot 10}{100} = 20\text{г намак}$$

Б). Массаи намаки иловашавандаро бо x_2 ифода намуда, бо истифодаи формулаи зерин онро меёбем.

$$\omega\% = \frac{(20_{\text{г намак}} + x_2) \cdot 100}{200_{\text{г маҳлул}} + x_2} = 20\%$$

$$(20_{\text{г намак}} + x_2) \cdot 100 = (200_{\text{г маҳлул}} + x_2) \cdot 20$$

Барои сода шудани муодила ҳар ду тарафи баробариро ба 20 тақсим мекунем.

$$(20_{\text{г намак}} + x_2) \cdot 5 = (200_{\text{г маҳлул}} + x_2)$$

$100+5x_2=200+x_2$

$4x_2 = 100$

$$x_2 = 25 \text{ г намак илова мекунем.}$$

Роҳи 2-юм. Бо усули «Соати регӣ»



$80_{г(10\%)}$ + $10_{г(100\%,\text{ намак})} = 90_{г}$ (20%, маҳлул)

$200_{г(10\%)}$ $x_г$ (100%, намак)

$$x = \frac{200 \cdot 10}{80} = 25 \text{ г намак илова мекунем.}$$

Масъалаи 2-юм. Дар омехтаи кристаллогидратҳои сулфати мис (II) ва сулфати оҳан (II) ҳиссаи массаи об бо фоиз ба 41,59% баробар аст. Ҳиссаи массаи кристаллогидратҳоро дар омехта бо фоиз ёбед.

Ҳал:

Роҳи 1-ум (бо истифодаи формулаҳо)

Формулаи зеринро истифода мебарем.

$$\omega_1 \cdot \omega^* + \omega_2 \cdot \omega^{**} = \omega_{H_2O} \qquad (1)$$

Дар ин ҷо:

ω_1—ҳиссаи массаи об дар кристаллогидрати 1-ум

$$\omega_1 = \frac{5 \cdot M_{(H_2O)}}{M_{(CuSO_4 \cdot 5H_2O)}} = \frac{90}{250} = 0{,}36$$

ω_2-- ҳиссаи массаи об дар кристаллогидрати 2-юм

$$\omega_2 = \frac{7 \cdot M_{(H_2O)}}{M_{(FeSO_4 \cdot 7H_2O)}} = \frac{126}{278} = 0{,}4524$$

ω^*-- ҳиссаи массаи кристаллогидрати 1-ум дар омехта
ω^{**}-- ҳиссаи массаи кристаллогидрати 2-юм дар омехта
ω_{H_2O}—ҳиссаи массаи об дар омехта=0,4159 (бо фоиз 41,59%)
Ҳамаи ин қиматҳоро ба формулаи (1) гузошта ҳосил мекунем.

$$0{,}36 \cdot \omega^* + 0{,}4524 \cdot \omega^{**} = 0{,}4159 \quad (2)$$

Ҳиссаи массаи кристаллогидратҳоро дар омехта бо формулаи зерин меёбем.

$$\omega^* + \omega^{**} = 1 \quad (3)$$

Аз ин формула:

$$\omega^{**} = 1 - \omega^*$$

Ба формулаи (2) мегузорем.

$$0{,}36 \cdot \omega^* + 0{,}4524 \cdot (1 - \omega^*) = 0{,}4159$$

Қавсро мекушоем.

$$0{,}36\omega^* + 0{,}4524 - 0{,}4524\omega^* = 0{,}4159$$

Аз ин ҷо:

$$0{,}0924\omega^* = 0{,}0365$$

$$\omega^* = \frac{0{,}0365}{0{,}0924} = 0{,}395$$

$\omega^* = 0{,}395$ яъне 39,5% $CuSO_4 \cdot 5H_2O$

$\omega^{**} = 1 - \omega^* = 1 - 0{,}395 = 0{,}605$ яъне 60,5% $FeSO_4 \cdot 7H_2O$

Роҳи 2-юм (бо истифодаи усули «Соати регӣ»)

Фоизи обро дар кристаллогидраҳои $CuSO_4 \cdot 5H_2O$ ва $FeSO_4 \cdot 7H_4O$ меёбем.

$$\omega_1 = \frac{5 \cdot M_{(H_2O)} \cdot 100}{M_{CuSO_4 \cdot 5H_2O}} = \frac{90 \cdot 100}{250} = 36\%\ \text{об}$$

$$\omega_2 = \frac{7 \cdot M_{(H_2O)} \cdot 100}{M_{FeSO_4 \cdot 7H_2O}} = \frac{126 \cdot 100}{278} = 45{,}3\%\ \text{об}$$

Аз рӯи шарти масъала фоизи обро дар омехта дониста (41,59% об) аз усули «Соати регӣ» истифода бурда, фоизи купороси мис ва купороси оҳанро дар омехта меёбем.



$$X = \frac{3,7 \cdot 100}{9,3} = 39,8\%\ \ CuSO_4 \cdot 5H_2O$$
$$У = \frac{5,6 \cdot 100}{9,3} = 60,2\%\ \ \ FeSO_4 \cdot 7H_4O$$

Санҷиш:

$39,8\%\ \ CuSO_4 \cdot 5H_2O + 60,2\%\ \ \ FeSO_4 \cdot 7H_4O\ = 100\%$ омехта

Яъне дар 100г омехта 39,8г $CuSO_4 \cdot 5H_2O$ ва 60,2г $FeSO_4 \cdot 7H_4O$ ҳаст.

Массаи обро дар таркиби кристаллогидратҳо меёбем.

M($CuSO_4 \cdot 5H_2O$)= 160 + 90 = 250

X_1------39,8

$$X_1 = \frac{90 \cdot 39,8}{250} = 14,3\text{ г } H_2O$$

M($FeSO_4 \cdot 7H_4O$)= 152 + 126 = 278

X_2------60,2

$$X_2 = \frac{126 \cdot 60,2}{278} = 27,3\text{г } H_2O$$

X_1+X_2=14,3+27,3=41,6г H_2O дар 100г омехтаи кристаллогидратҳо, яъне 41,6% H_2O

Масъалаи 3-юм. Массаи SO_3 ва H_2SO_4-ро дар 28,5г олеум ҳисоб кунед, ки агар ҳиссаи массаи S дар олеум 33,68%-ро ташкил диҳад.

Ҳал:

Фоизи сулфурро дар SO_3 ва H_2SO_4 меёбем.

$$\omega_1 = \frac{A_{(S)} \cdot 100}{M_{SO_3}} = \frac{32 \cdot 100}{80} = 40\%\ S$$
$$\omega_2 = \frac{A_{(S)} \cdot 100}{M_{H_2SO_4}} = \frac{32 \cdot 100}{98} = 32,65\%\ S$$

Аз усули «Соати регӣ» истифода бурда, массаи SO_3 ва H_2SO_4 –ро дар 28,5г олеум меёбем.

SO_3.....H_2SO_4

40%----------32,65%

33,68%S

1,03г----+----6,32г = 7,35г олеум

X----------У--------28,5г олеум

$$X = \frac{1,03 \cdot 28,5}{7,35} = 4\text{г } SO_3$$
$$У = \frac{6,32 \cdot 28,5}{7,35} = 24,5\text{г } H_2SO_4$$

Санҷиш:

Массаи сулфурро дар SO_3 ва H_2SO_4 меёбем.

S---------SO_3

M(SO_3)=32+16·3=32 + 48 = 80

X---------4г

$$X = \frac{32 \cdot 4}{80} = 1,6\text{г } S$$

S--------H_2SO_4

$M(H_2SO_3)=2+32+16\cdot4=2+32+48=98$

У---------24,5г

$$У=\frac{32\cdot24,5}{98}=8г\ S$$

Х+У=1,6г+8г=9,6г S

Таносуб тартиб дода фоизи сулфурро дар олеум меёбем.

28,5г олеум----------100%

9,6г S----------Х%

$$Х=\frac{9,6\cdot100}{28,5}=33,68\%\ S$$

Масъалаи 4-ум. Ба 1000 г маҳлули 5%-аи сулфати калий, чанд грамм зоки $KAl(SO_4)_2\cdot12H_2O$ илова кунем, ки ҳиссаи массаи сулфати калий дар маҳлул ду маротиба зиёд шавад. Ҳаҷми газеро (ш.м.), ки аз таъсири сулфиди калийи барзиёдатӣ бо маҳлули ҳосилшуда, хориҷ мешавад, ёбед.

Ҳал: Фоизи $К_2SO_4$ – ро дар зоки $KAl(SO_4)_2\cdot12H_2O$ меёбем.

$$\omega\%=\frac{К_2SO_4\cdot100}{2\cdot М(KAl(SO_4)_2\cdot12H_2O)}=\frac{174\cdot100}{2\cdot474}=18,35\%\ К_2SO_4\ дар\ зок$$

Бо истифодаи усули «Соати регӣ» массаи зоки иловашавандаро меёбем. Аз рӯи шарти масъала фоизи бояд 2 маротиба зиёд шавад. (5% буд, бояд 10% шавад)



$$Х=\frac{1000\cdot5}{8,2}=598,8\ г\ зоки\ KAl(SO_4)_2\cdot12H_2O\ илова\ мекунем.$$

Массаи $AI_2(SO_4)_3$-ро дар зок меёбем.

2·474----------342

$2KAl(SO_4)_2\cdot12H_2O=К_2SO_4+AI_2(SO_4)_3+24H_2O$

598,8г----------Хг

$$Х=\frac{598,8\cdot342}{2\cdot474}=216\ г\ AI_2(SO_4)_3$$

Намаки $AI_2(SO_4)_3$ аз асоси заиф ва кислотаи қавӣ таркиб ёфтааст, аз ин рӯ муҳити маҳлулаш турш аст. Аз рӯи шарти масъала намаки изофавии иловашавандаи $К_2S$ аз асоси қавӣ ва кислотаи заиф ҳосил шудааст, аз ин рӯ муҳиташ ишқорӣ мебошад. Ин ду намак агар дар маҳлул якҷоя бошанд, онҳо ба ҳамдигар мусоидат мекунанд ва гидролиз пурра то охир мегузарад. Муодилаи гидролизи пурраро навишта, таносуб тартиб дода, ҳаҷми гази хориҷшавандаи H_2S-ро меёбем.

342г----------3· 22,4л

$AI_2(SO_4)_3+3К_2S+6H_2O=2AI(OH)_3+3К_2SO_4+3H_2S$

216г----------Хл

$$X = \frac{216 \cdot 3 \cdot 22,4}{342} = 42,44 \text{ л } H_2S \text{ хориҷ мешавад.}$$

Масъалаи 5-ум. 600 г SO_3- ро дар чанд грамм маҳлули 64%-аи H_2SO_4 ҳал кунем, ки олеуми 35%-а ҳосил шавад?

Ҳал: 1.Фарз мекунем, ки 100 г маҳлули 64%-аи H_2SO_4 дода шудааст.

Дар 100 г маҳлули 64%-а----------64 г H_2SO_4 ҳаст.

Массаи обро меёбем.

100 г маҳлул-64 г H_2SO_4=36 г об

Аз рӯйи муодилаи реаксияи байни об ва SO_3 таносуб тартиб дода, масса SO_3-и бо об ба реаксия дохилшавандаро меёбем.

18-----80

$H_2O+SO_3=H_2SO_4$

36г----X

$$X = \frac{36 \cdot 80}{18} = 160\text{г } SO_3$$

100 г маҳлули 64%-аи H_2SO_4+160 г SO_3=260 г H_2SO_4-и 100%-а

ҳосил мешавад.

Кислотаи сулфат дар олеум нақши ҳалкунандаро мебозад, аз ин рӯ онро (ҳалкунандаро) 0%-а ҳисобида, SO_3-и ҳалшавандаро 100%-а меҳисобем ва олеуми 35%-а ҳосил мекунем.

Бо усули «Соати регӣ» ҳал мекунем.



65 г (H_2SO_4)----------35г (SO_3)

260 г (H_2SO_4)----------Хг (SO_3)

$$X = \frac{260 \cdot 35}{65} = 140\text{г } SO_3 - \text{и дар кислотаи } H_2SO_4 \text{ ҳалшаванда}$$

160г SO_3-и бо об ба реаксия дохилшаванда+140г SO_3-и дар H_2SO_4 ҳалшаванда=300г SO_3 (ҳамагӣ)

Дар 100г маҳлули 64%-аи H_2SO_4----------300г SO_3-ро ҳал мекунем.

X----------600г SO_3 (аз шарти масъала)

$$X = \frac{100 \cdot 600}{300} = 200 \text{ г маҳлули } 64\% - \text{аи } H_2SO_4$$

Ҷавоб: Дар 200 г маҳлули 64%-аи H_2SO_4, 600 г SO_3-ро ҳал кардан лозим аст.

Масъалаи 6-ум. Омехтаи гидрид ва фосфиди металли ишқориро, ки массаи моддаҳо дар омехта баробаранд, бо об таъсир карданд. Дар натиҷаи реаксия омехтаи газие ҳосил шуд, ки зичиаш нисбат ба гази карбонат ба 0,2 баробар аст. Металли номаълумро ёбед.

Ҳал: Муодилаи реаксияи байни моддаҳо ва обро менависем.

$MeH+H_2O=MeOH+H_2$

$Me_3P+3H_2O=3MeOH+PH_3$

Массаи миёнаи омехтаи газҳоро меёбем.

Дода шуда аст:

Д=0,2

$M(CO_2)$=44 г/мол

$M_{миёнаи\ омехтаи\ газҳо}$=Д·$M(CO_2)$=0,2·44=8,8

Бо истифодаи усули «Соати регӣ» ҳаҷми газҳоро дар омехта меёбем.



Массаи гидрид (MeH)-ро бо «Х» ва фосфид (Me_3P)-ро бо «У» ифода мекунем.

Аз рӯйи муодилаи реаксияҳо таносуб тартиб медиҳем.

Me+1----------22,4л

$MeH+H_2O=MeOH+H_2$

Х----------25,2л

Аз ин таносуб «Х»-ро меёбем.

$$X=\frac{(Me+1)25,2}{22,4}=1,125(Me+1)$$

3Me+31----------22,4л

$Me_3P+3H_2O=3MeOH+PH_3$

У----------6,8л

Аз ин таносуб «У»-ро меёбем.

$$У=\frac{(3Me+31)6,8}{22,4}=0,3036(3Me+31)$$

Аз шарти масъала Х=У аст, аз ин рӯ гузориш намуда, чунин муодиларо ҳосил мекунем.

1,125(Me+1)=0,3036(3Me+31)

Муодиларо ҳал намуда, металлро меёбем.

Me=39 К

Ҷавоб: Металл калий будааст.

Масъалаи 7-ум. Ҳисоб кунед, ки барои ҳосилкунии маҳлули 10%-а, ба 200 мл маҳлули 96%-аи спирти этил (зичиаш 0,8г/мл) ҳаҷман чӣ қадар об илова кардан лозим аст?

Ҳал: Дода шуда аст:

V=200 мл

ρ=0,8г/мл

$m_{мах}$=?

$m_{маҳлул}=\rho\cdot V=0,8\cdot200=160$ г маҳлули 96%-а

Бо усули «Соати регӣ».

96%----------0%

10%



10г (96%) + 86г (0%) = 96г(10%)

160г (96%)———----Хг (0%)

$$X=\frac{160\cdot86}{10}=1376 \text{ г об}$$

$$V=\frac{m}{\rho}=\frac{1376}{1}=1376 \text{ мл об}$$

Санҷиш:

160 г(маҳлул)——100% (маҳлул)

X————————96% спирт

$$X = \frac{160 \cdot 86}{100} = 153{,}6 \text{ г спирт}$$

160 $г_{маҳлул}$+1376 г об=1536 $г_{маҳлул}$————100%

153,6 $г_{маҳлул}$————X%;

X=10%

Масъалаи 8-ум. Барои ҳосилкунии 200мл маҳлули 20%-аи КОН зичиаш 1,186г/мл, чанд мл маҳлули 50%-аи КОН зичиаш 1,511г/мл ва чанд мл маҳлули 10%-аи КОН зичиаш 1,090 г/мл гирифтан лозим аст?

Ҳал: Массаи маҳлули (20%-аи) ҳосилшавандаро меёбем

V=200мл

ρ=1,186г/мл

m=ρV=1,186г/мл·200 мл=237,2г (20%)

Бо усули «Соати регӣ» массаи маҳлулҳои 50%-а ва 10%-аи гирифташавандаро меёбем.



10г (50%) + 30г (10%)=40г (20%)

m_1----------m_2----------237,2г (20%)

m_1=10·237,2/40=59,3г (50%-а)

m_2=30·237,2/40=177,9г (10%-а)

$m_1 + m_2$ = 59,3г (50%-а) + 177,9г (10%-а) =237,2г (20%-а)

$$V = \frac{m}{\rho} = \frac{237{,}2}{1{,}186} = 200 \text{ мл маҳлули } 20\% - \text{а}$$

Ҳаҷми маҳлули 50%-аро меёбем.

V_1=m/ρ=59,3/1,511=39,25 мл маҳлули 50%-а

Ҳаҷми маҳлули 10%-аро меёбем.

V_2=m/ρ=177,9/1,090=163,2мл маҳлули10%-а

V_3= V_1+V_2=39,25мл + 163,2 мл =202,45мл (деффекти ҳаҷм)

Масъалаи 9-ум. Ба 150 г маҳлули 10%-а чанд грамм маҳлули 50%-а илова кунем, ки маҳлули 20%-а ҳосил шавад?



30г(10%)----+-------10г(50%)=40г(20%)

150 г(10%)----------X

$$X = \frac{150 \cdot 10}{30} = 50\text{г } (50\% - \text{а})$$

Адабиёт

1. *Артемов, А. В. Школьные олимпиады. Химия / А.В. Артемов, С. С. Дерябина. – М., 2009. - 210 с.*
2. *Бандаев, С. Г. Ҳалли машқ ва масъалаҳо аз химияи органикӣ / С.Г. Бандаев, Д. Муродов. – Душанбе, 2019. - 208 с.*
3. *Бобоев, У.Х. Ҳалли масъалаҳои химиявӣ бо усули «Соати қумӣ» / У.Х. Бобоев, М. У. Бобоев, С. Г. Бандаев // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. - Душанбе 2012. - № 2 (45).- С. 28 - 35.*
4. *Бобоев, У. Х. Ҳалли масъалаҳои ҳисобӣ дар омӯзиши кимиё бо истифодаи формулаҳои риёзӣ ва физикӣ / У.Х. Бобоев // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав. - Бохтар, 2024. - № 3. - С. 57-61.*
5. *Бобоев, У. Х. Истифодаи усули саволнома барои муайян кардани дараҷаи қобилиятҳои маърифатии хонандагонити муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва таъсири омилҳои У. Х. Бобоев, С. Г. Бандаев, М.У. Бобоев // Паёми донишгоҳи миллӣ. – Душанбе, 2022.- № 7. - С. 311-339.*
6. *Кузьменко, Н. Е. Химия. 2400 задач для школьников и поступающих в вузы / Н.Е. Кузьменко, В.В. Еремин. - Дрофа, 1999. – 560 с.*
7. *Лабий, Ю. М. Решение задач по химии с помощью уравнений и неравенств / Ю.М. Лабий. - М.: Просвещение, 1987. – 80 с.*

ИСТИФОДАИ УСУЛИ «СОАТИ РЕГӢ» ДАР ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ ХИМИЯВӢ ВА САМАРАНОКИИ ОН ДАР ИНКИШОФИ ҚОБИЛИЯТИ МАЪРИФАТИИ ХОНАНДАГОН

Ҳалли масъалаҳои ҳисобӣ дар омӯзиши химия мавқеи асосиро ишғол мекунад. Истифодабарии усулҳои гуногун дар ҳалли масъалаҳои душвори химиявӣ, алоқамандии байни фанҳоро дар дарс таъмин намуда, дар инкишофи хусусиятҳои зеҳнии хонандагон ёрӣ мерасонад ва дар раванди таълими химия дар ҳалли масъалаҳои дидактикӣ мусоидат менамояд. Истифодаи усули нави ҳалли масъалаҳои ҳисобӣ бо номи «Соати регӣ» дар раванди таълими химия метавонад вазифаҳои зеринро иҷро намояд: бо ёрии онҳо чунин сифатҳои дониши хонандагон, ба монанди пайвастагӣ, амиқӣ, огоҳӣ, тоқатпазирӣ ташаккул меёбанд; нақши онҳо дар инкишофи тафаккури системавию эҷодии хонандагон, ташаккули фаъолияти маърифатӣ, мустақилият ва шавқу рағбат ба табиати донишомӯзии онҳо муайян карда мешавад. Ҳалли масъалаҳои ҳисобӣ бо усули «Соати регӣ» ҳадафҳои маърифатӣ, инкишофдиҳӣ ва тарбиявиро дар бар мегирад, бо ёрии ин усул роҳи масъала кӯтоҳ мегардад ва вақт сарфа мешавад.

Калидвожаҳо: ҳалли масъалаҳо, соати регӣ, таълим, сатҳи дониш, касбияти омӯзгор, маводи таълимӣ, технологияи муосир, инкишофи тафаккури системавию эҷодии хонандагон, ташаккули фаъолияти маърифатӣ.

ПРИМЕНЕНИЕ МЕТОДА «ПЕСОЧНЫЕ ЧАСЫ» В РЕШЕНИИ ХИМИЧЕСКИХ ЗАДАЧ И ЕГО ЭФФЕКТИВНОСТЬ В РАЗВИТИИ ПОЗНАВАТЕЛЬНЫХ СПОСОБНОСТЕЙ УЧАЩИХСЯ

Решение расчетных задач занимает основное место в изучении химии. Использование различных методов при решении сложных химических задач обеспечивает превосходство между дисциплинами на уроке, способствует развитию интеллектуальных качеств учащихся и помогает в решении дидактических задач в процессе обучения химии. Применение нового метода решения вычислительных задач, получившего название «Песочные часы", в процессе обучения химии может выполнять следующие задачи: - с их помощью формируются такие качества знаний учащихся, как связность, глубина, осведомленность, терпимость; - определяется их роль в развитии системно-творческого мышления учащихся, формировании познавательной деятельности, самостоятельности и интереса к характеру их обучения. Решение расчетных задач методом "Песочных часов" включает в себя познавательные, развивающие и воспитательные цели, с помощью этого метода путь решения проблемы сокращается и экономится время

Ключевые слова: решения задач, песочные часы, уровень знаний, профессионализм преподавателя современные технологии, развитие системного и творческого мышления учащихся, формирование познавательной деятельности.

THE APPLICATION OF THE HOURGLASS METHOD IN SOLVING CHEMICAL PROBLEMS AND ITS EFFECTIVENESS IN THE DEVELOPMENT OF COGNITIVE ABILITIES OF STUDENTS

Solving computational problems occupies a central place in the study of chemistry. The use of various methods in solving complex chemical problems ensures superiority between disciplines in the classroom, promotes the development of students' intellectual qualities and helps in solving didactic tasks in the process of teaching chemistry. The use of a new method for solving computational problems, called the "Hourglass", in the process of teaching chemistry can perform the following tasks: - with their help, such qualities of students' knowledge as coherence, depth, awareness, tolerance are formed; - their role in the development of students' system-creative thinking, the formation of cognitive activity, independence and interest in the nature of their education. Solving computational problems using the "Hourglass" method includes cognitive, developmental and educational goals, with the help of this method, the way to solve the problem is reduced and time is saved.

Keywords: problem solving, hourglass, level of knowledge, teacher's professionalism, modern technologies, development of students' systematic and creative thinking, formation of cognitive activity.

Дар бораи муаллифон

Бобозода Убайдулло Холмирзо
Муаллими калони кафедраи методикаи таълими фанҳои табиатшиносӣ
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав
735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67

Бандаев Сирочиддин Гадоевич
Доктори илмҳои химия, профессори кафедраи химияи органикӣ ва биология
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121

Бобозода Муҳаммадисо Убайдулло
Номзади илмҳои химия, декани факултети стоматология
МТФ Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон
Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи К. Сеткина 2
E-mail: bmu.251288@mail.ru

Об авторах

Бобозода Убайдулло Холмирзо
Старший преподаватель кафедры методики преподавания естественных наук
Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава
735140, Республика Таджикистан, г. Бохтар, улица Айни, 67

Бандаев Сироджиддин Гадоевич
Доктор химических наук, профессор каф. органической и биологической химии
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121

Бобозода Мухаммадисо Убайдулло
Кандидат химических наук, декан стоматологического факультета
Медико-социальный институт Таджикистана
Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Клары Сеткиной, 2
E-mail: bmu.251288@mail.ru

About the authors

Bobozoda Ubaidullo Kholmirzo
Senior lecturer at the Department of Methods of Teaching Natural Sciences
Bokhtar State University named after Nosir Khusrav
735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar, Aini street, 67

Bandaev Sirojiddin Gadoevich
Doctor of Chemical Sciences, Professor
Department of Organic and Biological Chemistry
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121

Bobozoda Muhammadiso Ubaidullo
Candidate of Chemical Sciences, Dean of the Faculty of Dentistry
Medical and Social University of Tajikistan
E-mail: bmu.251288@mail.ru

ТДУ 372.331:004

ТАШАККУЛИ ФАЪОЛИЯТИ ИЛМӢ-ТАДҚИҚОТИИ ДОНИШҶӮЁН ДАР ДАРСҲОИ ЛЕКСИЯИ ПРОБЛЕМАВӢ АЗ ФАННИ МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ БИОЛОГИЯ

Баротзода К. А., Бандаев С. Г.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Лексия яке аз шаклҳои асосии ташкили таълим дар донишгоҳҳои олӣ ва мусаллаҳ намудани донишҷӯён бо низоми донишҳо ва маҳорати амалӣ, воситаи муҳими тайёр намудани омӯзгорони оянда ба фаъолияти касбӣ ва дар онҳо ташаккул додани маҳорату малакаҳои мустақилона маълумотгирӣ ҳисоб мешавад.

Лексия нисбат ба китоби дарсӣ ва дигар шаклҳои донишгирии донишҷӯён бо он фарқ мекунад, ки маводи он ба донишҷӯён дар шакли шавқовар ва инкишофдиҳанда дастрас карда мешавад. Лексия комёбиҳои илм ва техникаро фаро мегирад, донишҷӯёнро на танҳо бо иттилооти навтарин, балки дар шакли дастрас баён намудани дониш шинос менамояд. Лексия донишҳои ҳосилшударо дар инкишоф нишон дода, робитаи онҳоро бо ҳаёт ошкор месозад.

Дар баробари ин, лексия ширкати донишҷӯёнро ба раванди таълим дар раванди таҳсилоти касбӣ ба низом медарорад, диққаташонро мутамарказ менамояд, онҳоро маҷбур месозад, ки якбора фаъолияти якчанд анализаторҳо (шунавоӣ, биноӣ), таҳлилкунандаҳо ва имкониятҳоро ба кор баранд. Лексия донишҷӯёнро ба олами адабиёти ба ҳамон фан вобаста шинос намуда, онҳоро ба кори бонизоми эҷодӣ ҷалб намуда, нисбат ба фанни омӯзишӣ ҳавасманд мегардонад. Ҳамин тавр, лексия барои мустақилона ва ба таври эҷодӣ маълумотгирии донишҷӯён роҳбалад маҳсуб мегардад.

Дуруст аз худ намудани мазмуни лексия аз тайёрии пешакии донишҷӯ ба лексия вобастагӣ дорад. Аксар вақт донишҷӯён ба моҳияти он сарфаҳм нарафта, ба лексия пешакӣ тайёрӣ намебинанд, маводи дар китоби дарсӣ додашударо пешакӣ аз назар намегузаронанд.

Донишҷӯ бояд пеш аз лексия ба мақсади пайдо кардани тасаввурот дар бораи мазмуни умумии лексияи оянда, дуруст дарк карда тавонистани мазмуну моҳияти он, фарқ кардани маводи китоби дарсӣ аз маводи тавассути лексия додаи омӯзгор барномаи таълимӣ ё маводи китоби дарсиро таҷлили назар намояд. Ин ба донишҷӯ имконият медиҳад, ки масъалаҳои дар китоби дарсӣ доданашударо муайян намуда, дар рафти лексия ба онҳо бештар эътибор диҳад [1; 3].

Кор дар болои лексия чунин маънӣ дорад, ки ба таври системанок ҳар рӯз баъд аз дарс конспект ва фишурдаи аз лексия навишташударо, аз назар гузаронда, онро аз нав кор карда баромадан лозим аст. Ин амал барои пурмазмун ва мантиқан дурусту фаҳмо гардидани он баъзе чизҳоро аниқ кардани мафҳумҳо мадад мерасонад. Имконият пайдо мешавад, мазмуни лексияро васеъ намуда, баъзе маводҳо ба он илова карда шавад.

Ташкилу баргузаронидани лексияҳои хушсифат дар донишгоҳи педагогӣ ба сифати дарси муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ таъсир мерасонад. Маънои ин гуна лексия аз он иборат аст, ки вай ба донишҷӯ дар бораи омӯхтани илми муайян мадад расонида, доир ба фан, мавзуъҳо маълумоти аниқ медиҳад, донишҳои пештар гирифташударо васеъ ва такмил медиҳад, чаҳонбинии илмии донишҷӯён, инчунин техника ва методикаи гузаронидани лексияҳоро ташаккул медиҳад.

Омӯзгор дар рафти муаррифии курси методикаи таълими биология асосҳои илмӣ-назариявӣ ва мавқеи фанни омӯхташавандаро бо таҷрибаи татбиқи он моҳирона пайваст менамояд. Ҳангоми азхуд намудани маводи лексионӣ донишҷӯён сифатҳои психологӣ: диққат, гӯш кардану дарк намудан, таҳлили хулосабароӣ, хулосаву ҷамъбасткунӣ, дар фикр алоқаманд намудани далелу рақамҳо, ҳодисаву воқеаҳо ва ғайраҳоро аз худ менамоянд.

Инчунин, гузаронидани лексия ба омӯзгор имкон медиҳад, ки ба донишҷӯ намунаҳои баёни дақиқи асоснок ва мантиқии ҳадафҳо, муҳокимаҳоро нишон дода ба ҳам мувофиқат

намудан, робитаи мантиқии онҳоро пешниҳод кунад ва мувофиқи тасвирҳо, схемаҳо, нақшаи мавзуъ хулосабарориро омӯзонад. Дар курси методикаи таълими биология ҳар як лексия дар низоми машғулиятҳои таълимӣ мавкеи худро дорад, ки дар он мутақобилаи мақсадҳои дидактикии лексия ҳамчун муқаддима, муқаррарот ва ҷамъбасткунӣ дар маҷмуъ баррасӣ карда шавад. Ҳар намуди лексияҳо вобаста ба сохтор, методҳои пешниҳоди мавод ва хусусияти хулосаву ҷамъбастҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд [3, с. 11].

Намуди лексия ва роҳҳои ташкилу баргузории интихоби он аз маводи таълимӣ ва ҳалли масъалаҳои тарбиявӣ вобаста аст. Донишҷӯ бояд худро ба дарки лексия тайёр кунад, то ки якчоя бо омӯзгор фикр карданро ёд гирад ва маводи навро бошуурона аз худ кунад.

Саволе ба миён меояд, ки тайёрии пешакӣ барои дарки мазмуни лексия чӣ гуна аст? Аввалан, бояд таъкид кард, ки муносибати психологӣ ба ин кор хеле муҳим аст ва зарурати мунтазам иҷро кардани он дарк карда шавад.

Дуюм, дар ибтидои лексия тавсия дода мешавад, ки маводи пештараи лексия, яъне мухтасар хотиррасон карда шавад, то ки дар заминаи маводи қаблан омӯхташуда фаъолияти мақсадноки маърифатию амалӣ барқарор карда шавад. Инчунин тавсия карда мешавад, ки донишҷӯён ба иҷрои супоришҳои кори мустақилона, интихоби муайяни адабиётҳои ба барнома дохил карда шуда, шинос гарданд. Ва дар охир, марҳилаи навбатӣ иҷрои кори мустақилона бо маводи лексия алоқаманд карда мешавад.

Лексияҳо аз фанни методикаи таълими биология бояд ба талаботи зайл ҷавобгӯ бошанд:

- сохтори аниқу возеҳи маводи омӯхташаванда;
- дастрас будан барои дарки донишҷӯён;
- дар донишҷӯён бедор кардани шавқи муайяни маърифатӣ;
- инъикос намудани тамоили ҳозираи инкишофи методикаи таълими биология;
- дар мазмун ва рафти лексия ворид намудани маводи тасвирӣ (ҷадвалҳо, амсилаҳо, расмҳо, диаграммаҳо ва ғайраҳо);
- роҳнамоӣ намудан дар бедор кардани шавқи донишҷӯён ба корҳои мустақилонаи тадқиқотӣ.

Ин талабот барои баланд бардоштани фаъолияти илмӣ-тадқиқотии донишҷӯён дар лексияҳо бо мақсади ташаккул додани шавқу рағбати онҳо ба омӯзиши методикаи таълими биология ва рушди малакаҳои тадқиқотӣ заруранд. Аз ин рӯ, омӯзгорро зарур аст, ки дар матни лексия барои донишҷӯён бояд пешакӣ саволҳои проблемавӣ омода ва пешниҳод намояд. Барои баҳогузорӣ ба донишҷӯён, ки дар раванди он худи эшон низ фаъолона иштирок мекунад, масъалаҳои хусусияти проблемавидоштаро ба миён мегузорад, самтҳои гуногуни тадқиқотро нишон медиҳад, нуқтаи назари олимон-методистони алоҳидаро шарҳ медиҳад.

Лексия оид ба методикаи таълими биология бояд фаъолияти маърифативу мустақилонаи донишҷӯёнро рушд диҳаду роҳнамоӣ кунад, ҷаҳонбинии илмии онҳоро ташаккул диҳад. Омӯзгор бояд мазмуни методикаи таълими фан ва самтҳои асосии тадқиқотии ин соҳаро аниқ донад.

Мо истисно намекунем, ки шаклҳои анъанавии гузарондани лексияҳо дар раванди ташаккули маҳорати тадқиқотии донишҷӯён низ муфид буда метавонанд, аммо лексияҳои таҳиякардаи мо ба монанди: лексияҳои проблемавӣ, визуалӣ, лексияҳои бинарӣ дар амал санҷида шудаанд, ки дар иҷрои вазифаҳои гузошташуда нақши калон мебозанду самараноканд. Масалан, лексияи проблемавӣ хусусияти масъалагузорие дорад, ки дар мазмуни маводи омӯхташудаванда робитаи гуфтугӯии байни омӯзгор ва донишҷӯён бояд баръало зоҳир гардад.

Пеш аз оғози лексия ба донишҷӯён саволҳои проблемавӣ пешниҳод карда мешавад, ки пешакӣ аз ҷониби омӯзгор омода мешаванд. Дар ҷараёни лексия барои муҳокима якчанд дақиқа вақт ҷудо карда мешавад. Мақсади асосии муҳокима омода кардани донишҷӯён ба дарки мазмуну мӯҳтавои лексия мебошад. Донишҷӯён дар дарс асоснок кардани интихоби шакл, метод, навъҳои санҷишу салоҳиятҳои соҳибгаштаи хонандагон ва ғайраро меомӯзанд. Донишҷӯён дар ҷараёни муҳокима имкон пайдо мекунанд, ки нуктаи назари худро баён намоянд. Пас аз қисми муқаддимавии лексия, омӯзгор тавассути методҳои муосир мазмуну

муҳтавои мавзуъро баён мекунад. Бояд қайд кард, ки донишҷӯён бояд пешакӣ ба чунин лексияҳо омода шаванд. Донишҷӯён ба ин кор омода нестанд, бинобар ин барои мутобиқ шудан вақт лозим аст. Чи тавре ки донишҷӯён қайд мекунанд, ин шакл ба онҳо имкон медиҳад, ки мубоҳисаро омӯхта, дар он иштироку фикрҳои худро дуруст баён кунанд. Ҳамчунин ин барои ташаккулёбии донишҳои амалии донишҷӯён аз фанни методикаи таълими биология ёрӣ мерасонад.

Дар лексияҳо истифода бурдани вазъияти омӯзиши проблемавӣ ва методҳои фаъоли таълим ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки:

- мустақилона вазифаҳои мушкилотро таҳия намоянд;
- фарзия таҳия карда, роҳи ҳалли онро пешниҳод намоянд;
- дар асоси маълумоти зарурӣ маводро таҳлил ва коркард кунанд;
- хулосаҳои зарурӣ бароварда, вариантҳои имконпазири дар амал татбиқ намудани онҳоро нишон диҳанд;
- ҷанбаҳо ва марҳилаҳои ҳалли масъалаи методиро ошкор созанд.

Ҳангоми омӯзиши мушкилот омӯзгор набояд маводро дар шакли тайёр пешниҳод намояд, балки дар назди донишҷӯён масъалаҳои хусусияти проблемавидоштаро гузораду мувофиқи онҳо эшонро барои ҷустуҷӯи роҳу воситаҳои ҳалли мушкилот бедор созад. Ҳадафи лексияи анъанавӣ маҳв кардани майлу рағбати донишҷӯён барои мустақилона ҷустуҷӯ кардани роҳҳои ҳалли мушкилот нест. Дар лексияи анъанавӣ самти репродуктивии «аз дониш ба масъала» бартарӣ дораду дар лексияи проблемавӣ стратегияи эҷодии «аз масъала ба дониш».

Бо истифода аз шаклҳои фаъоли таълим пайдоиши шавқу завқи маърифатии донишҷӯёнро барои ҷустуҷӯи дониш мушоҳида кардан мумкин аст, ки одатан дар раванди тадқиқоти илмӣ ба вуҷуд меояд. Аз ин рӯ, лексияҳои проблемавиро ҳамчун воситаи бедоршавӣ ва инкишоф додани малакаҳои тадқиқотии донишҷӯён муаррифӣ кардан мумкин аст [1, с. 5].

Лексияи проблемавӣ ба вазъияти проблемавӣ асос меёбад, ки онро ба вазифаи проблемавӣ табдил додан мумкин аст. Табиист, ки ҳангоми ҳалли масъалаи проблемавӣ саволҳои тавсифоти зайл дошта ба миён меоянд: «Ин муамморо чӣ тавр ҳал кардан мумкин аст? Шумо ин муамморо чӣ гуна шарҳ дода метавонед?». Чунин саволҳо барои пайдо кардани роҳи ҳалли мушкилот бо истифода аз восита ва методҳои гуногун кӯмак мекунанд.

Омӯзгор роҳҳои ҳалли масъаларо медонад, аз ин рӯ вазифаи ӯ аз он иборат аст, ки донишҷӯёнро ба ҷустуҷӯи ҳалли масъала ҳидоят намояд.

Самаранокии методҳои проблемавии таълими биология ба шартҳои зерин вобаста аст: ҳавасмандии донишҷӯён барои дастгирии бо мушкилот; дар ҳар марҳала дастгирию ҳавасмандии донишҷӯён; таъмин намудани фаъолияти маърифатии донишҷӯён; аҳамияти иттилооти дастрасшуда барои ҳалли масъала.

Қобилияти банақшагирии мушкилот ва идоракунии раванди ҷустуҷӯи ҳалли он яке аз фаъолияти асосии омӯзгор аст, ки ба азхудкунии технологияи омӯзиши мушкилот ва методҳои ҳалли он вобаста аст.

Омӯзгор бояд мушкилотро ба нақша гирифта, раванди ҷустуҷӯи ҳалли онро идора карда тавонад. Ин на танҳо донишҳои назарияи омӯзиши проблемавӣ, балки азхуд намудани технологияи азхудкунии он ва азнавсозии шаклҳои анъанавии фаъолияти методиро талаб мекунад. Самаранокии лексия аз истифодаи якҷояи методҳои анъанавӣ ва проблемавии мавод дар асоси маводи гузашта вобаста аст.

Лексияҳо бо унсурҳои баёни мушкилот имкон медиҳанд, ки баъзе масоили таълимӣ ҳал карда шаванд. Ба монанди:

- донишҷӯён аз рӯи методика маводи омӯхташавандаро мустақилона аз худ мекунанд;
- ба донишҷӯён имкон медиҳанд, ки ба фаъолияти тадқиқотӣ машғул шаванд;
- дар донишҷӯён малакаҳои зарурии ҳалли мушкилот (вазифаҳои мушкилот) ва ҳалли онҳо ташаккул меёбанд.

Ҳангоми гузаронидани лексия оид ба методикаи таълими биология сохтори дақиқи мавод дар мадди аввал гузошта мешавад, то донишҷӯён ба методикаи таълими биология ҳамчун илм шавқу рағбат дошта бошанд.

Баъзе методистҳо тавсия медиҳанд, ки барои хондани лексияҳои проблемавӣ, ба ҷузъ аз сохтори мантиқан пайдарпайи мундариҷа, шаклҳои гуногуни баҳодиҳии ҳиссиётии падидаҳо, рӯйдодҳо ва дастурҳои ташкили раванди таълимро ба монанди: «биёед, пайравӣ кунем», «кӯшиш намоед, ки фикр кунед», «таҳлил кунед», «тасаввур намоед, ки...» ва ғайраҳо истифода карда шаванд.

Матни лексияи проблемавӣ бояд нишондодҳоеро фаро гирад, ки марҳилаҳои раванди таълим ва тадқиқотро пешакӣ муайян намоянд: «таҳлили фарзия», «санҷидани кифоя будани шароит», «ба танзим даровардани мушкилот», «пешниҳоди мушкилот», «интихоби методҳои тадқиқот», «гузаронидани тадқиқот», «санҷидани самаранокии тадқиқот», «ҷамъбаст кардани натиҷаҳои тадқиқот», «хулосабарорӣ» ва ғайра. Чунин дастурҳо барои идора кардани мантиқи тафаккур, роҳнамоии фикр, ташкили фаъолияти ҷустуҷӯи равонии донишҷӯён мусоидат мекунанд. Зимни лексия баён кардани фикру мулоҳизаҳое, ки арзишмандии онҳо пурра собит нашудаанд ва далелҳоеро, ки ҳалли масъаларо тасдиқ мекунанд, истифода бурдан фоиданок аст.

Дар ҷараёни лексия саволҳои проблемавӣ ва супоришҳои эҷодӣ пешниҳод карда мешаванд, ки ба шунавандагон ҳамчун супоришҳои назоратӣ ҳисоб меёбанд. Иҷрои ин супоришҳоро лектор барои минбаъд такмил додани лексия ба назар мегирад. Ин метод дар таълим самаранок аст, зеро он ба донишҷӯён барои дарки маводи таълимӣ таҳти роҳбарии омӯзгор кӯмак мерасонад.

Проблема ин савол ё масъалаест, ки барои мукаммал гардонидани донишҳои хонандагон ба миён гузошта шуда, онҳоро ба фикркунӣ, ҷустуҷӯй ҳидоят менамояд. Дар МТМУ-и муосир ба мақсади инкишоф додани фаъолияти эҷодии хонандагон аз таълими проблемавӣ истифода мебаранд. Вазъияти проблемавӣ аз донишҳои ноустувор ба вуҷуд меояд. Агар хонандагон савол ё масъаларо пурра донанд ва ё тамоман надонанд, вазъияти проблемавӣ ба миён намеояд. Таълими проблемавӣ раванди мақсадноки таълим буда, бо ҳамкории омӯзгор ва хонанда асос ёфтааст. Пешакӣ мустақилона фикр кардани фаъолияти ҷустуҷӯй ва ҳалли проблемаҳо мебошад. Ташкил ва идоракунии технологияи проблемавӣ аломатҳои хоси худро дорад [1; 3].

Зимни ба вуҷуд овардани вазъияти проблемавӣ талаботи зеринро риоя кардан зарур аст:

а) омӯзгор ҳақиқатро дар шакли тайёр надиҳад, балки муаммоеро ошкор созад ва нишон диҳад, ки ин ба тавлиду рушди тафаккури мантиқии хонанда мусоидат мекунад;

б) вазъияти проблемавӣ аз як ҷиҳат ба хонандагон дастрас, вале бо андозаи зарурӣ мушкил ҳам бошад, ки фаъолияти маърифатиро бедор намояд.

Зимни таълими проблемавӣ методҳои шифоҳӣ, аёнӣ ва амалӣ истифода бурда мешавад. Таълими проблемавӣ он вақт истифода бурда мешавад, ки агар хонандагон бо супориши омӯзгор мустақилона ягон амалиёти муайянеро иҷро карда тавонанд ва зимни онҳо донишҳои нав ҳосил кунанд. Дарси проблемавӣ на фақат барои азхудкунии мавзуи нав инчунин дар лаҳзаҳои такрорию ҷамъбастӣ, пурсиши вазифаи хонагӣ ва мустаҳкамкунӣ низ истифода бурда мешавад. Корҳои амалии проблемавӣ - тадқиқотӣ, лабораторӣ, ки дар рафти он хонандагон мустақилона масъалаҳои зиёдеро ҳал мекунанд, дар ҷараёни таълим аҳамияти калон дорад. Ин намуд корҳои тадқиқотиро дар қитъаи таълимӣ-таҷрибавӣ низ бурдан мумкин аст.

Дарсҳои проблемавӣ бештар ба мақсади инкишоф додани фаъолияти эҷодии таълимӣ истифода карда мешавад, ки он барои мустақилона азхуд кардани донишҳо мувофиқат мекунад.

Таълими проблемавӣ асосан се вазифаро иҷро мекунад:

1. Азхуд кардани дониш ва дар амал истифода кардани он;
2. Пайдо кардани қобилияти фикркунӣ;
3. Ташаккул додани фаъолияти эҷодкории хонандагон.

Омӯзиши проблемавиро дар таълими ҳамаи фаслҳои биология, дар раванди кор бо китоб, ҷавобҳои шифоҳӣ, тамошои диафилмҳо, кинофилмҳо, баёни мавзуи нав, мустаҳкамкунӣ, такрори мавзуъҳои гузашта ва бобҳо ташкил кардан мумкин аст.

Дарсҳои проблемавӣ аз рӯи нақшаи зерин мегузаранд: **проблема → ситуатсия** (муаммо) **→ҷустуҷӯ→ гипотеза** (фарзия, фикрҳои тахминӣ) **→ исботи гипотеза → санҷиши ҳал → ҳалли дуруст**, ки онро дар омӯзиши мавзуи «Сохт ва инкишофи устухонҳо» чунин тасвир кардан мумкин аст [1,2,12]**.**

Ҳалли проблемавӣ дар машғулияти дарсии «Сохт ва инкишофи устухонҳо»



Дар таълими проблемавӣ ба талаботҳои зерин бояд риоя кард:

1. Проблемаи таълимӣ бояд бо маводи омӯхташаванда алоқаманд бошад.
2. Дар он савол аз корҳои мустақилона, корҳои амалию лабораторӣ истифода бурда шаванд.
3. Таълими проблемавӣ роҳҳои ҷӯяндагӣ ва ҳалли онро нишон диҳад.
4. Проблемаи гузошташуда содда набошад, ҳалли он бояд қобилияти фикрӣ ва эҷодии хонандаро инкишоф диҳад.
5. Мавзуъҳои проблемавӣ бояд масъалаҳои ба хонандагон шинос бударо, ки ба ҳаёт алоқаманд аст, дар бар гирад.
6. Саволҳо, мисолҳо, супоришҳо, ки аз тарафи омӯзгор пешниҳод карда мешавад, бояд ба фикри эмотсионалии хонандагон таъсир расонад.

Вазъияти проблемавӣ, аз як тараф, хонандаро ба шавқ меоварад, аз тарафи дигар, дониш ва таҷриба барои ҳалли он кифоягӣ намекунад. Аз ин лиҳоз хонанда ба муаммои сарбастае гирифтор мешавад ва ӯ барои ҳалли проблемаи пешниҳодшуда маҷбур аст, ки донишҳои навро аз худ намояд.

Зимни омӯзиши зоологияи синфи 8 дар мавзуи «Синфи хазандагон» [2; 8] проблемаи зеринро ба хонандагон пешниҳод нмудан лозим аст: Барои чӣ морҳо зимни ҳаракат алвонҷ мехӯранд?

Баъди фикрҳои тахминии хонандагон ҳалли дурусти проблемаро пешниҳод менамоям, ки чунин аст: Морҳо пой надоранд. Аз ин рӯ дар бадани онҳо ғадудҳои махсуси лағжанда ҳосил шуда, боиси ҳаракат мешаванд. Инчунин пӯст ва бадани мор ҳалқачаҳои мусалсал дорад, ки зимни ҳаракат онро алвонҷ медиҳанд.

Инчунин аз рӯи назарияи физика барои ҳаракат кардани ҷисмҳои ҷондор такягоҳ лозим аст. Морҳо зимни ҳаракат аз ҳисоби баданашон нуқтаҳои такягоҳ ҳосил намуда, алвонҷ мехӯранд. Ин нуқтаҳо аз акиб ба пеш ҳаракат карда, вақти алвонҷхӯрдан ҷой иваз менамоянд.

Суръати ҳаракат паст бошад, миқдори нуқтаҳои такягоҳ кам шуда, дар масофаҳои калон воқеъ мешаванд. Агар суръати ҳаракат афзояд, мор сарашро боло бардошта, ҷойивазкунии нуқтаҳои такягоҳро зиёд мекунад. Дар ин ҳол масофаи байни онҳо хурд мешавад, шумораи алвонҷхӯрӣ меафзояд ва ҳаракат тез мешавад.

Зимни таълими зоологияи синфи 8 дар мавзуи «Гуногунии парандаҳо вобаста ба омилҳои муҳити зист» [2; 8] проблемаи зеринро ба хонандагон пешниҳод намуд: Барои чӣ мурғобӣ, турнаҳо ва дигар парандагон бо таври ҳосилшавии кунҷ парвоз мекунанд?

Баъди пешниҳоди муаммо ва фарзияҳои гунлгуни хонандагон ҳалли дурусти проблема чунин пешниҳод карда мешавад: Ҳаво ба бадан мисли об ба тани киштӣ таъсир мекунад. Пайваста ба самти шамол ва таъсири он паранда ба тарзи кунҷ парвоз мекунад ва ин боиси камшавии муқовимат мегардад.

Зимни таълими зоологияи синфи 8 дар мавзуи «Ширхӯрони сумдор» [2; 8] проблемаи зерин ба хонандагон пешниҳод карда мешавад: Чаро сатҳи пои ҳайвонҳои биёбонӣ ҳамвору васеъ ва ҳайвонҳои хӯрди шохдори кӯҳӣ (бузу гӯсфанд) хурд аст?

Баъди ҷавобҳои нопурраи хонандагон ҳалли дурусти он чунин пешниҳод мегардад: Биёбон аз регу қумзор иборат аст. Барои озод ҳаракат кардан ҳайвонҳо дар биёбон душворӣ мекашанд, чунки рег ба сатҳи пой таъсир расонда, ҳаракатро мунтазам мекунад. Дар ин ҳолат қувваи вазнинӣ ба ҳама нуқтаҳои сатҳи пой таъсир намуда, фишор ҳам дар сатҳ якхела мешавад. Аз тарафи дигар пойҳо бо мурури вақт ва инкишофи организм васеъ ва ҳамвор мегарданд.

Ҳайвонҳои кӯҳӣ (бузу гӯсфанд) бошанд, қисми зиёди ҳаёти худро дар болои сангу харсангҳо ва қисми камашро дар замини сахт мегузаронанд. Аз ин рӯ, аксари онҳо меҷаҳанд ва боиси таъсири ками вазнинӣ ва қатъшавии деморфизатсия гардида, боиси хӯрд шудани кафи пойи ҳайвонҳои кӯҳӣ мегардад. Инчунин қувва танҳо ба девори пой таъсир расонда, фишор дар ҳамаи нуқтаҳои сатҳ ба амал меояд.

Вобаста ба ин ва ҷои зист сатҳи пои ҳайвонҳо тағйир ёфтааст.

Зимни омӯзиши зоологияи синфи 7 дар мавзуи «Синфи ҳашаротҳо» [2; 7] ба хонандагон проблемаи зерин гузошта мешавад: Галилео Галилей навиштааст, ки асп аз баландӣ афтад, пояш мешиканад (аз баландии 4-5 м), аммо мӯрча ва ҳашаротҳо аз баландии осмон ҳам афтанд, ҳеҷ ҳодисае рӯй намедиҳад. Барои чӣ афтидани ҳашаротҳо ва дарандаҳои хурд аз баландии зиёд ба замин хавфнок набуда, аммо афтидани ҳайвонҳои калон хавфнок аст?

Дар охир фикрҳои тахминии хонандагонро ҷамъбаст намуда, аз робитаи биология бо физика истифода бурда, роҳҳои дурусти проблема чунин шарҳ дода мешавад: Бо хӯрд будани андозаи тана ҳаҷми он тағйир меёбад. Муқовимати ҳаракат дар ҳаво аз қисми бадани ҳайвон вобастагӣ дорад. Аз ин ҷиҳат ҳайвоноти андозааш хурд нисбат ба ҳайвонҳои ҷуссаашон калон муқовимати калонро доранд.

Аз мисолҳои дар боло овардашуда хулоса бароварда гуфтан мумкин аст, ки «Проблема» ин ҳал кардани вазифаи дар назди хонанда гузошташуда дар шаклҳои гуногун мебошад, ки вай пеш ба хонанда маълум нест, лекин хонанда дар бораи он тасаввурот дорад ва дар натиҷаи ҷустуҷӯ онро ҳал мекунад. Саволҳоеро, ки хонанда пешакӣ медонад, проблема шуда наметавонад [1, с. 4].

Омӯзгор барои ба миён овардани вазъияти проблемавӣ аз усулҳои саволгузорӣ, пешниҳоди корҳои мустақилона, супориши озмунӣ истифода бурда, муҳокимаи коллективиро барои ҳалли он ташкил мекунад. Хонандагон ба таҷриба ва донишҳои андӯхтаи худ такя намуда, тахминан фарзияҳои худро нисбат ба ҳалли масъала пешниҳод менамоянд.

Бартарии омӯзиши проблемавӣ нисбат ба дигар намудҳои таълим дар он аст, ки дар хонандагон эҷодкорӣ, мустақилона кор кардан, фикрронӣ, корҳои тадқиқотӣ – илмӣ ва истифодаи робитаи байнифаннӣ инкишоф меёбад.

Адабиёт

1. *Баротзода, К. А. Методикаи таълими биология. Китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олӣ / К.А. Баротзода, М. Шарипов. - Душанбе:ҶДММ «Бебок». - 2024. – 328 с.*
2. *Барномаи таълими фанни биология дар синфҳои 5-11. Барнома барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ / Султонов С., Давлатзода С.., Баротзода К.А., М. Ғайратов. - Душанбе: Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2018. - 110 с.*
3. *Бережков, Е. В. Формирование методологической культуры учителя / Бережков Е.В. // Педагогика. – 1996. – №4. – С. 14-18.*

4. *Бруновт, Е. П. Самостоятельные работы учащихся по биологии / Е. П. Бруновт, А. Е. Богоявленская, Е. Т. Бровкина. – М.: Просвещение. – 1984.*
5. *Вербицкий, А.А. Активное обучение в высшей школе: контекстный подход / А.А. Вербицкий. – М.: Высшая школа. – 1991. – 207.*
6. *Верзилин, Н.М. Об определении и классификации методов обучения // Советская педагогика / Н.М. Верзилин. – 1957. – № 8. – С. 37-45*
7. *Маҳмадзиёев, А. Зоология. Китоби дарсӣ барои синфи 7-уми МТМУ / А. Маҳмадзиёев. - Душанбе.: Маориф. - 2023. - 249 с.*
8. *Сатторов, Т. Зоология. Китоби дарси барои синфи 8-уми МТМУ / Т. Сатторов. - Душанбе: Маориф,2019. - 324 с.*
9. *Свиридова В. С. Научно-исследовательская работа студентов педагогического колледжа как средство формирования их готовности к педагогической деятельности / В. С. Свиридова //: дисс. ... канд. пед. Наук / В. С. Свиридова. – Кемерово. – 2002. – 226 с.*
10. *Селевко, Г. К. Кассификации образовательных технологий / Г. К. Селевко // Высшее образование в России. – 2006. – №4. – С. 87 - 92.*
11. *Сельдемирова, Р. А. Формирование готовности студентов педагогического колледжа к исследовательской деятельности в системе дошкольного образования: дис. ... канд. пед. наук / Р.А. Сельдемирова // – Новокузнецк. – 2004. – 342 с.*
12. *Устоев, М. Биология. Китоби дарси барои синфи 9-уми МТМУ / М. Устоев. - Душанбе: Маориф, 2023. -240 с.*

ТАШАККУЛИ ФАЪОЛИЯТИ ИЛМӢ - ТАДҚИҚОТИИ ДОНИШҶӮЁН ДАР ДАРСҲОИ ЛЕКСИЯИ ПРОБЛЕМАВӢ АЗ ФАННИ МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ БИОЛОГИЯ

Дар мақола муаллифон оиди ташаккули фаъолияти илмӣ-тадқиқотии омӯзгорони оянда дар дарсҳои лексияи проблемавӣ маълумот пешниҳод намудаанд. Муаллифон қайд намудаанд, ки лексия тафаккури илмӣ ва фарҳангиро дар донишҷӯён инкишоф медиҳад. Лексия яке аз шаклҳои асосии ташкили таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ ва мусаллаҳ намудани донишҷӯён бо низоми донишҳо ва маҳорати амалӣ, воситаи муҳими тайёр намудани омӯзгорони оянда ба асосҳои назариявии тайёрии касбӣ-методӣ ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва дар онҳо ташаккул додани маҳорату малакаҳои мустақилона маълумотгирӣ ҳисоб мешавад. Ҳамин тариқ лексия дар донишҷӯён тафаккури педагогиро тарбия намуда, онро ташаккул медиҳад ва баъдан ба таҳқиқоти илмӣ асос мегузорад. Инчунин, гузаронидани лексия ба омӯзгор имкон медиҳад, ки ба донишҷӯ намунаҳои баёни дақиқи асоснок ва мантиқии ҳадафҳо, муҳокимаҳоро нишон дода ба ҳам мувофиқат намудан, робитаи мантиқии онҳоро пешниҳод кунад ва мувофиқи тасвирҳо, схемаҳо, нақшаи мавзуъ хулосабарориро омӯзонад. Дар курси методикаи таълими биология ҳар як лексия дар низоми машғулиятҳои таълимӣ мавқеи худро дорад, ки дар он мутақобилаи мақсадҳои дидактикии лексия ҳамчун муқаддима, муқаррарот ва ҷамъбасткунӣ дар маҷмуъ баррасӣ карда мешавад. Бояд кайд намуд, ки ҳар як лексия вобаста ба сохтор, методҳои пешниҳоди мавод ва хусусияти хулосаву ҷамъбастҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Калидвожаҳо: лексия, методикаи таълими биология, эҷодкорӣ, фикркунӣ, муаммо, фаъолияти илмӣ-тадкикотӣ, донишҷӯён, хонандагон.

ФОРМИРОВАНИЕ НАУЧНО-ИССЛЕДОВАТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ СТУДЕНТОВ НА ПРОБЛЕМНЫХ ЛЕКЦИОННЫХ ЗАНЯТИЯХ ПО ДИСЦИПЛИНЕ МЕТОДИКА ПРЕПОДАВАНИЯ БИОЛОГИИ

В статье авторы представили информацию о формировании научно-исследовательской деятельности будущих преподавателей на проблемных лекционных занятиях. Авторы отмечают, что лекция развивает у студентов научное и культурное мышление. Лекция считается одной из основных форм организации обучения в педагогических высших учебных заведениях и вооружения студентов системой практических знаний и умений, важным средством подготовки будущих педагогов к теоретическим основам профессионально-методической подготовки к научно-исследовательской работе и формированию у них навыков и умений самостоятельного обучения. Таким образом, лекция воспитывает у студентов педагогическое мышление, формирует его, а затем закладывает основу для научных исследований. Кроме того, проведение лекции позволяет преподавателю предоставить студенту примеры точного обоснованного и логического изложения целей, изложения обсуждений и их соответствия, их логической связи, научить делать выводы по картинкам, схемам, схемам темы. В курсе методики преподавания биологии каждая лекция имеет свою позицию в системе учебных занятий, где взаимодействие дидактических целей лекции рассматривается как

введение, положение и заключение в целом. Следует отметить, что каждая лекция отличается друг от друга структурой, методами представления материала и характером выводов и обобщений.

Ключевое слово: лекция, методика преподавания биологии, творчество, мышление, загадка, научно-исследовательская деятельность, студенты, учащихся.

FORMATION OF STUDENTS' RESEARCH ACTIVITIES IN PROBLEM-BASED LECTURE CLASSES IN THE DISCIPLINE METHODS OF TEACHING BIOLOGY

lectures on the discipline methods of teaching biology In the article, the authors provided information on the formation of research activities of future teachers in problematic lecture classes. The authors note that the lecture develops students' scientific and cultural thinking. The lecture is considered one of the main forms of organizing education in pedagogical higher educational institutions and equipping students with a system of practical knowledge and skills, an important means of preparing future teachers for the theoretical foundations of professional and methodological training for research and the formation of their skills and abilities of independent learning. Thus, the lecture educates students in pedagogical thinking, forms it, and then lays the foundation for scientific research. In addition, the lecture allows the teacher to provide the student with examples of accurate, reasoned and logical presentation of goals, presentation of discussions and their correspondence, their logical connection, and teach them to draw conclusions from pictures, diagrams, and topic diagrams. In the course of biology teaching methods, each lecture has its own position in the system of training sessions, where the interaction of the didactic objectives of the lecture is considered as an introduction, position and conclusion as a whole. It should be noted that each lecture differs from each other in its structure, presentation methods, and the nature of its conclusions and generalizations.

Keywords: lecture, methods of teaching biology, creativity, thinking, mystery, research activity, students, students.

Дар бораи муаллифон

Баротзода Камолиддин Ашур
Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи биологияи умумӣ ва методикаи таълими биологияи
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
730043 Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе хиёбони Рудакӣ, 121

Бандаев Сироҷиддин Гадоевич
Доктори илмҳои химия, профессори кафедраи химияи органикӣ ва биология
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121

Об авторах

Баротзода Камолиддин Ашур
Кандидат педагогических наук, доцент кафедры общей биологии и методики преподавания биологии
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121

Бандаев Сироджиддин Гадоевич
Доктор химических наук, профессор каф. органической и биологической химии
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121

About the authors

Barotzoda Kamoliddin Ashur
Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the
Department of General Biology and Methods of Teaching Biology
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121

Bandaev Sirojiddin Gadoevich
Doctor of Chemical Sciences, Professor
Department of Organic and Biological Chemistry
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121

ТДУ 372.851.378.147

РОҲҲОИ САБУКГАРДОНИИ МЕҲНАТИ ИСТИФОДАБАРАНДАГОНИ ПРОТСЕССОРИ МАТНИИ WORD ЗИМНИ КОРБАРӢ БО РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

Назаров А.П., Ҷумаев Ҷ.А.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Таҳриргарҳои матнӣ, аз ҷумла Notepad, Sublime Text, Foton, Notepad++ барои ҳарфчинӣ, тайёр намудан ва таҳрири мустақилонаи иттилооти матнӣ пешбинӣ шудаанд. Имконоти онҳо маҳдуданд ва дар замони муосир бештар аз протсессорҳои матнӣ истифода мебаранд. Протсессорҳои матнӣ [1, с. 117], аз ҷумла MS Word, AbiWord, OO Writer, LibreOffice Writer, NeoOffice дар баробари имконоти таҳриргарони матнӣ метавонанд на танҳо матнро таҳрир кунанд, балки башаклдарорӣ ва намоишҳоро низ таҳрир кунанд, пайвандгузориҳо ва иқтибосовариҳоро татбиқ кунанд. Инчунин истифодабарандагон метавонанд ба матн ҷадвалҳо, расмҳо, формулаҳо ва ғайраро дохил кунанд. Айни замон аз протсессорҳои матнӣ бештар протсессори матнии MS Word (кутоҳ Word) истифода бурда мешавад [1, с. 124], [2]. Мо низ дар кори мазкур аз ҳамин протсессори матнӣ (масалан варианти 2013) истифода карда, оид ба баъзе аз мушкилиҳо ва роҳҳои ҳалли онҳо мавод меорем. Ҷиҳати техникӣ танҳо компютер зарур аст, ки дар он барномаи Word насб шудааст.

Коркарди технологияи самараноки кор бо адабиёт ва рӯйхати адабиёт дар протсессори матнии Microsoft Word; технологияи коркардшаванда ва пешниҳод мегардида ба истифодабарандагон ва корбарон имкон медиҳад, ки дар оянда кори худро бо ҳуҷҷатҳои матнӣ зимни дохилкунии рӯйхати адабиёт ва пайвандгузориҳо ба адабиёт ба таври назаррас сабук, осон ва сода кунанд. Ба истифодабарандагон ва корбарони Microsoft Word технологияи пуркувватеро коркард ва пешниҳод мекунем, ки то кор бо ҳуҷҷатҳо ва адабиёти дар ҳуҷҷат воридшавандаро осонтар ва самараноктар гардонанд.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки новобаста аз дастовардҳо дар самти истифодабарии Word, истифодабарандагон ҳоло ҳам ба мушкилиҳои зиёде рубарӯ мешаванд [3]. Бисёре аз истифодабарандагон ва корбарон аз имконот, хусусиятҳо ва вазифаҳои гуногуни Microsoft Word [5], ки метавонанд ба онҳо барои зудтар ва беҳтар омода кардани ҳуҷҷатҳо зимни корбарӣ бо рӯйхати адабиёт кӯмак расонанд, бехабаранд. Хусусан ҳангоми тайёр намудани мақолаҳо, диссертатсияҳо, рефератҳо ва монанд ба инҳо, ки дорои рӯйхати адабиёт мебошанд ва аз дохили матн ба номи адабиёт муроҷиатгузорӣ (пайвандгузорӣ) карда мешаванд [6]. Ин мубрамии кори мазкурро нишон медиҳад ва зарурат ба баланд бардоштани маҳсулнокии кори истифодабарандагон ва корбарони Microsoft Word дар муҳити муосири сохтан ва корбарӣ бо рӯйхати электронии адабиёт мебошад, ки дар он самаранокии кор бо адабиёт ва истинодоварӣ аз матни ҳуҷҷат ба онҳо нақши калидӣ мебозад. Эҷод ва навиштани ҳама гуна мақолаи илмӣ, ҳатто як мақолаи одии донишҷӯӣ ё дигар, бидуни рӯйхати адабиёт маъно надорад. Дар баробари ин бидуни истинодоварӣ аз матни асосӣ ба адабиёти истифодашуда, ё ба ақидаҳои эътирофшуда, ё корҳое, ки муаллиф бо онҳо розӣ аст, ё ӯ кӯшиш мекунад, ки онҳоро рад кунад, ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, рӯйхати истинодҳо, пайвандгузориҳо ва адабиёт ҷузъи ҷудонашавандаи ҳама гуна кор, дастур, китоб ё нашрияи илмӣ мебошад. Одатан рӯйхати адабиёт аз рӯйи алфавит ҷобаҷогузорӣ карда мешавад, ё аз рӯйи тартиби бонавбат ба онҳо пайвандгузорӣ кардан. Аммо ҳангоми эҷоди рӯйхати адабиёт ва дуруст тарҳрезии он, гузоштани пайвандҳо ба адабиёти дар рӯйхат буда мушкилиҳо ва нозукиҳои зиёде пайдо мешаванд. Масалан, мақола қисман ё пурра тайёр гардидааст. Дар охири он рӯйхати адабиёт тариқи дастӣ тайёр ва ҷойгир карда шудааст (Расми 1), мо ин ҷо дар назар надорем, ки рӯйхат дуруст тайёр карда шудааст ё не). Аз дохили матн ба адабиётҳо истинодоварӣ ё пайвандгузориҳо низ тариқи дастӣ гузошта шудаанд (Расми 2). Аммо аксар вақт пас аз таҳрир, воридкунии тағйирот ва иловаҳо дар матни мақола, рӯйхати адабиёт ва

пайвандгузориҳо ба адабиёт, зарур мегардад, ки ҳама истинодовариҳо ва пайвандгузориҳои дар матн бударо дастӣ тағйир дода, аз нав дуруст кунем. Ин кор мушкилиҳои зиёдеро ба миён оварда, вақти зиёдро талаб менамояд, яъне заҳматталаб аст. Инчунин шояд тағйиротҳо ба пайвандгузориҳои дохили матн бударо фаромуш кунем, ё нодида монем, ё нодуруст ислоҳ кунем. Масалан, дар расми 3 намунаи тағйирёфтаи рӯйхати адабиёт оварда шудааст. Акнун ба ҳалли ин мушкилӣ шурӯъ мекунем.

Адабиёт

1. *Комилиён, Ф.С.* Барномаи таълими фанни «Технологияи иттилоотӣ» барои синфҳои 5-11-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. [Матн] / Ф.С. Комилиён, Б.Ф. Файзализода, И.М. Саидзода, Ш.Х. Тағоев. – Душанбе: ҶДММ «Бобек», 2024. – 112 с.
2. *Дэвид Бизли*. Python [Текст] / Дэвид Бизли / Подробный справочник// Пер. с англ. – СПб.: Символ-Плюс, - 2010. – 864 стр.
3. *Кривоплясова, Е.В.* Методика обучения основам программирования на языке Python [Текст] / Е. В. Кривоплясова, В. Ю. Нефёдова, А. В. Прилепина // Журнал “Информатика в школе” – 2020, - № 3 (156). Стр. 24-30.
4. *Назаров, А.П.* Барномасозӣ ва дизайни барномавӣ дар забони PascalABC.Net (Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни МТОК ва МТМК) [Матн] / А.П. Назаров // – Душанбе, ҶДММ “Меҳроҷ Граф” – 2021 с. – 756 саҳ.
5. *Арабов, М.Қ.* Татбиқи воситаҳои визуалӣ ва имкониятҳои графикии забони Python барои баланд бардоштани қобилияти зеҳнии хонандагони МТМУ [Матн] / М.Қ. Арабов, Ш.У. Умарзода // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ, - 2021, №3-4 (7-8). – С. 195-201.

Расми1. Намунаи рӯйхати адабиёт

Забони барномасозии Python (Питон, баъзан Пайтон мехонанд) дорои намудҳои гуногуни типи додаҳо мебошад, аз ҷумла типи додаҳои ададӣ, рамзӣ, сатрӣ, рӯйхатҳо, луғатҳо, кортежҳо, маҷмуъҳо ва типии мантиқӣ [1], [2], [3]. Типи додаҳоро пайдарпай ва системанок таълим додан зарур аст [1], [4]. Намудҳои типи додаҳоро дар Python ба инҳо тақсим кардан мумкин аст: қиматҳояшон (ё бузургиашон) тағйирёбанда (маҷмуъҳо, рӯйхатҳо, луғатҳо) ва тағйирнопазир (кортежҳо, рамзҳо, сатрҳо, ададҳо) [1], [2]. Дар дигар забонҳои барномасозӣ низ мавҷуданд ва истифода бурда мешаванд [6].

Расми 2. Намунаи истинодовариҳо (пайвандгузорӣ)

Протсессори матнии Word [1], [2], [5] дорои имконоти бузурге мебошад, ки барои тартиб додани рӯйхати электронии ададбиёт дар корҳои илмӣ ва дигар мақолаю китобҳо ёрӣ мерасонад. Меҳнати истифодабарандагонро сабук ва осон мегардонад. Протсессори матнии Word 2013 дорои банди менюи “Пайвандгузорӣ” (“Ссылка”) мебошад. Лентаи он дорои банди номаш “Ном” (“Названия”) мебошад (Расми 4). Дар Расми 4 намунаи ду банди менюи “Пайвандгузорӣ” оварда шудааст. Зеро агар бо экрани хурд дар компютер кор барем, пас номи матнии он тугмаҳои амрӣ намоён намегарданд.

Коркарди рӯйхати электронии адабиёт хусусиятҳои худро доро мебошад. Дар монографияи [6, с. 143] тавсия дода шудааст, ки ҳангоми тайёр намудани дилхоҳ мақола ва ё китоб аз оғози кор сар карда дар як саҳифаи охирон рӯйхати адабиётро пешакӣ ҷой додан зарур аст. Номи ин қисмати мақола ва ё китобро, масалан, “Адабиёт” номгузорӣ мекунем. Акнун ҳангоми навиштани мавод номи адабиёти якум пайдо шуд ва бояд онро ба рӯйхат илова намуда, аз маводи матн ба он истинод оварда, пайвандгузорӣ кунем. Мегузарем ба қисми “Адабиёт” –и сохтаамон. Курсори матнии протсессори матнии Word –ро дар ҷойи лозима, ки бояд рақами 1 –ро (рақами адабиёти якум) нависем, ҷойгир мекунем. Ба лентаи “Ном” (Расми 4) дохил шуда, дар он тугмаи “Гузоштани ном” (“Вставить название”)–ро

пахш мекунем. Дар экран равзанаи шакли муколамагӣ бо номи матнии “Ном” (“Название”) кушода мешавад (Расми 5).

Адабиёт

1. *Комилиён, Ф.С.* Барномаи таълими фанни «Технологияи иттилоотӣ» барои синфҳои 5-1|1-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. [Матн] / Ф.С. Комилиён, Б.Ф. Файзализода, И.М. Саидзода, Ш.Х. Тағоев. – Душанбе: ҶДММ «Бобек», 2024. – 112 с.
2. *Қосимов, И.Л.* Асосҳои барномасозӣ дар Python ва маҷмӯи мисолу масъалаҳо [Матн] / И.Л. Қосимов// Васоити таълимӣ. Душанбе – 2021. 160 саҳ.
3. *Дэвид Бизли*. Python [Текст] / Дэвид Бизли / Подробный справочник// Пер. с англ. – СПб.: Символ-Плюс, - 2010. – 864 стр.
4. *Кривоплясова, Е.В.* Методика обучения основам программирования на языке Python [Текст] / Е. В. Кривоплясова, В. Ю. Нефёдова, А. В. Прилепина // Журнал “Информатика в школе” – 2020, - № 3 (156). Стр. 24-30.
5. *Комилиён, Ф.С.* Технологияи иттилоотӣ (Китоби дарсӣ, синфи 10) [Матн] / Ф.С. Комилиён, М. Саидзода, И.Л. Қосимов // Душанбе – 2024. -272 саҳ.
6. *Назаров, А.П.* Барномасозӣ ва дизайни барномавӣ дар забони PascalABC.Net (Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни МТОК ва МТМК) [Матн] / А.П. Назаров // – Душанбе, ҶДММ “Меҳроҷ Граф” – 2021 с. – 756 саҳ.
7. *Арабов, М.Қ.* Татбиқи воситаҳои визуалӣ ва имкониятҳои графикии забони Python барои баланд бардоштани қобилияти зеҳнии хонандагони МТМУ [Матн] / М.Қ. Арабов, Ш.У. Умарзода // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ, - 2021, №3-4 (7-8). – С. 195-201.
8. *Назаров, А.П.* Методикаи таълими информатика (Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни МТОК ва МТМК) [Матн] / А.П. Назаров // – Душанбе, ҶДММ “Меҳроҷ Граф” – 2019 с. – 462 саҳ. (А4).

Расми 1. Намунаи рӯйхати адабиёт бо иловааш



а) Экрани калон б) Экрани хурд

Расми 4. Лентаи “Ном”

Номгузорӣ аз се қисм иборат аст: “имзо”, “рақам” ва “ном” [6, с. 68]. Агар барои сохтани рӯйхати электронии адабиёт бори аввал шурӯъ карда бошем ва хоҳем, ки имзояш “Адабиёт” бошад [4], пас дар Расми 5 тугмаи амрии “Сохтан...” –ро пахш мекунем. Шакли муколамагии “Номи нав” дар экран кушода мешавад (Расми 6). Дар майдони матнии “Ном” номи имзоро дастӣ менависем, яъне “Адабиёт”. Тугмаи амрии ОК –ро пахш мекунем. Гашта Расми 5 кушода мешавад ва дар майдони “Ном” номи “Адабиёт 1” меистад. Ин маънои онро дорад, ки номгузорӣ ба адабиёт акнун оғоз шудааст. Дар рӯйхати электронии адабиёт бояд танҳо рақам гузошта шавад. Пас дар майдони “Хориҷкунии имзо аз ном” рамзи √–ро мегузорем. Дар охир тугмаи амрии ОК –ро пахш мекунем. Мебинем, ки рақами 1 гузошта мешавад. Метавонем онро ба шакл дарорем, яъне ҳуруф, андоза ва шакли зуҳуршавиашро тағйир диҳем ва дигар кунем. Аз ҳама беҳтараш шаклашро пурра тоза карда (муайян карда, бо пахши тугмаи амрии “Несткунии ҳама шакл”, “Удалить все форматирование”), шакли қолабии дар ҳуҷҷати матн бударо мегузорем. Пас аз он аломати нуқтаро гузошта, боз аз як холигӣ гузошта, номи адабиётро тибқи талабот пурра менависем. Ҳаминтавр адабиёти якум тариқи худкор рақамгузорӣ карда шуда, номаш пурра навишта шуд.



Расми 5. Равзанаи “Ном”



Расми 6. Номи нав

Мушкилии аввал ҳалли худро ёфт. Акнун мегузарем ба қисми ҳарфчинии маводи матн, ба он ҷое ки ба адабиёти якум истинодоварӣ ва пайвандгузорӣ намудан зарур буд. Аввал қавси “[“ –ро мегузорем. Ба лентаи “Ном” (Расми 4) дохил шуда, дар он тугмаи “Пайванди пайваста” (“Перекрестная ссылка”) –ро пахш мекунем. Дар экран равзанаи шакли муколамагӣ бо номи матнии “Пайванди пайваста” кушода мешавад. Аз майдони рӯйхатҳои “Типи пайвандгузорӣ” адабиёти рақамашро 1 –ро интихоб мекунем. Аз майдони рӯйхатҳои “Гузоштани пайванд ба” банди “Қисми доимӣ ва рақам” –ро интихоб мекунем [7]. Дар охир тугмаи амрии “Гузоштан” –ро пахш мекунем. Рақами 1 тариқи худкор гузошта мешавад. Қавси порчагии “]”–ро дастӣ мегузорем. Ҳаминтавр технологияи сохтани рӯйхати электронии адабиётро коркард намудем ва дар равандии ҳарфчинии матни ҳуҷҷат рӯйхатро пурра менамоем. Мушкилии дуюм низ ҳалли худро ёфт.

Технологияи коркардшуда ба истифодабарандагон сабукиҳои зиёдеро фароҳам оварда, корашонро осонтар мегардонад [1], [3]. Дар раванди ҳарфчинии матн ва умуман кор бо матн, агар истинодоварӣ ба адабиёти нав ба миён ояд, пас он адабиётро фавран ба рӯйхати адабиёт бо истифода аз ҳамин технология илова намудан зарур аст. Пас аз илова намудан, аз матни ҳуҷҷат ба он адабиёт бо истифода аз ҳамин технология пайвандгузорӣ менамоянд. Новобаста аз он, ки адабиёти нав аз давоми адабиёти мавҷуда дохил карда мешавад, ё дар байни онҳо ҷойгир кардан зарур бошад, ҳатман аз ин технология истифода бурдан зарур аст. Баъди иҷрои ин кор бо иҷрои амали комбинатсионии Ctrl + A ё бо дигар тарз ҳамаи маводи ҳарфчиншударо муайян мекунем. Як маротиба тугмаи функсионалии F9 –ро пахш мекунем. Ҳама рӯйхати адабиёт бо пайвандгузориҳои ба он пайваста буда тариқи худкор навсозӣ ва дуруст карда мешаванд [6, с. 83].

Аз рӯйхати электронии сохташудаи адабиёт дилхоҳ адабиётро бо технологияи анъанавӣ хориҷ намудан (нест намудан) мумкин аст. Агар аз матни ҳуҷҷат ба ин адабиёти аз рӯйхат хориҷшуда пайвандгузорӣ нашуда бошад ва истинод оварда нашуда бошад, пас ҳеҷ мушкилӣ ба миён намеояд. Амали Ctrl + A ва пахши тугмаи функсионалии F9 –ро бо навбат иҷро мекунем, ҳама рақамгузориҳо ва пайвандгузориҳо тариқи худкор навсозӣ ва дуруст мегарданд. Аммо агар аз матни ҳуҷҷат ба адабиёти аз рӯйхат хориҷшуда пайвандгузорӣ шуда бошад ва истинод оварда шуда бошад, пас як мушкилӣ ба миён меояд. Зеро баъди иҷрои амали Ctrl + A ва пахши тугмаи функсионалии F9, дар он ҷои матни ҳуҷҷат, ки пайвандгузорӣ ба адабиёти аз рӯйхат хориҷшуда гузошта шудааст, он пайвандгузорӣ ба ибораи “Ошибка! Источник ссылки не найден.” иваз карда мешавад, яъне нест намегардад. Агар пайвандгузорӣ ба адабиёти аз рӯйхат хориҷшуда якчандто бошад, пас чунин ибора дар ҳама он ҷойҳо пайдо мешавад. Алҳол ин мушкилӣ роҳи ҳалли худро тариқи худкор наёфтааст. Ин ибораҳоро бо технологияи қаблӣ тариқи дастӣ нест мекунанд.

Хулоса. Дар кори мазкур технологияи сохтан ва истифодабарии рӯйхати электронии адабиёт эҷод карда шуд. Технологияи коркардшудаи сохтани рӯйхати электронии адабиёт ва корбарӣ бо адабиёт аз дохили матни ҳуҷҷат меҳнати истифодабарандагон ва корбарони протсессори матнии Microsoft Word –ро осон гардонд. Натиҷаҳои кори мазкурро дар амалияи корбарӣ бо протсессори матнии Microsoft Word васеъ истифода бурдан мумкин аст. Иловатан аз сарчашмаҳои 7-10 дастрас намудан мумкин аст.

Адабиёт

1. *Назаров, А.П. Методикаи таълими информатика. Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ [Матн] /А.П. Назаров / Душанбе: ҶДММ Меҳроҷ Граф, – 2019. - 462 с.*
2. *Несен, А.В. Microsoft Word 2010. От новичка к профессионалу (+ CD-ROM) / А.В. Несен - М.: Солон-Пресс, 2016. - 320 с.*
3. *Назаров, А.П. Технологияи сабукгардонии меҳнати истифодабарандагони протсессори матнии Word [Матн] / А.П. Назаров // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Серияи 2. Педагогика ва психология, назария ва методикаи таълим. 2022. №3 (13). - С. 181-188.*
4. *Как сделать подпись под рисунком или таблицей в MS Word [Электронный текст] / https://bussoft.ru/tekstovyiy-redaktor-word/kak-sdelat-podpis-pod-risunkom-ili-tablitsey-v-ms-word.html*
5. *Шагаков, К.И. Краткий самоучитель Word и Excel / К.И. Шагаков. - М.: Эксмо, 2015. – 958 с.*
6. *Назаров, А.П. Назария ва амалияи сабукгардонии меҳнати истифодабарандагони протсессори матнии Microsoft Word (Монография) [Матн] /А.П. Назаров // Душанбе: ҶДММ Баҳманруд, – 2023. - 170 с.*
7. *Урок 29. Название объекта [Электронный текст] / https://prooffice24.ru/name-of-objects/*
8. *Сухов А. Подписи рисунков и таблиц в Ворде [Электронный текст] / https://dzen.ru/a/ZrNBSywnYGpZrReU*
9. *Создание списка литературы, цитат и ссылок [Электронный текст] / https://support.microsoft.com/ru-ru/office/*
10. *Как сделать список литературы в Ворде [Электронный текст] / https://yaaspirant.ru/spisok-literatury/kak-sdelat-spisok-literatury-po-alfavitu-v-vorde*

РОҲҲОИ САБУКГАРДОНИИ МЕҲНАТИ ИСТИФОДАБАРАНДАГОНИ ПРОТСЕССОРИ МАТНИИ WORD ЗИМНИ КОРБАРӢ БО РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

Кори мазкур ба коркарди технология ва омӯзиши роҳҳои гуногуни сабукгардонии меҳнати истифодабарандагон ва корбарони протсессори матнии Microsoft Word дар таҳия ва таҳрири самараноки ҳуҷҷатҳо равона гардида, зимни сохтани рӯйхати электронии адабиёт ва истинодоварии ба онҳо кӯмак мерасонанд. Бояд қайд кард, ки айни замон истифодабарандагон ва корбарони протсессори матнии Microsoft Word дар ин самт ба мушкилиҳои зиёде дучор мегарданд. Аз ҷумла, пас аз оне ки рӯйхати адабиёт тайёр гардидааст ва истинодовариҳо ба адабиёт аз дохили кор нишон дода шуда бошанд. Аксар мавридҳо зарурат ба илова намудани адабиёт ба рӯйхати тайёр буда ва ё хориҷ намудани адабиёт аз рӯйхат ба миён меояд. Аммо агар ҳама ин корҳо тариқи дастӣ иҷро шуда бошад, пас зарурат ба аз нав рақамгузории дастӣ ба адабиёт ва истинодҳои оварда шуда ба миён меоянд. Тавре мебинем, кор беҳад душвор мегардад ва вақти зиёдеро талаб менамояд. Ҳама ин мушкилиҳоро ба инобат гирифта, дар кори мазкур технологияи худкоркунӣ ва худрақамгузории адабиёт коркард карда мешаванд. Кори мазкур ҳам аҳамияти назариявӣ ва бештар аҳамияти амалӣ дорад. Таваҷҷуҳ ба усулҳои амалӣ равона карда шудааст, ки метавонанд кор бо рӯйхати адабиёти истифодашударо хеле осон кунанд, аз ҷумла истифодаи пайвандҳои пайваста, истинодоварӣ, худкор ҷойгир кардани истинодоварӣ дар матн, ворид кардани адабиёти нав ба рӯйхат ва инчунин хориҷ намудани адабиёт аз рӯйхат. Ҳар як технология ва роҳи ҳалли мушкилии пешниҳодшуда ба беҳтар гардонии раванди кор ва раванди кории истифодабарандагону корбарон зимни сохтани рӯйхати электронии адабиёт равона карда шудааст, ки ҳосилнокии онҳоро баланд мебардорад ва кор бо адабиётҳоро беҳтару сабуктар мекунад.

Калидвожаҳо: протсессори матнӣ, истифодабаранда ва корбар, меҳнат, мушкилӣ, сабукгардонӣ, осон, Word, адабиёт, рӯйхати адабиёт, павандгузорӣ, истинодоварӣ.

ПУТИ ОБЛЕГЧЕНИЕ ТРУДА ПОЛЬЗОВАТЕЛЕЙ ТЕКСТОВОГО ПРОЦЕССОРА WORD ПРИ РАБОТЕ СО СПИСКОМ ЛИТЕРАТУРЫ

Данная работа направлена на разработку технологий и изучение различных способов облегчения труда пользователей текстового процессора Microsoft Word в разработке и эффективном редактировании документов, помогая при создании электронных списков литературы и ссылок на них. Следует отметить, что в настоящее время пользователи текстового процессора Microsoft Word сталкиваются со многими проблемами в этой области. В частности, после того, как ручнҷм способом составлен список литературы и указаны ссылки на литературу в работе. Во многих случаях возникает необходимость добавить литературу в готовый список или удалить литературу из списка. Однако если всю эту работу выполнять вручную, то возникает необходимость вручную перенумеровать цитируемую литературу и ссылки. Как мы видим, работа становится чрезвычайно сложной и трудоемкой. Учитывая все эти проблемы, в данной работе разрабатывается технология автоматической и самонумерации литературы. Данная работа имеет как теоретическое, так и практическое значение. Основное внимание уделяется практическим методам, которые могут значительно упростить работу со списком использованной литературы, включая использование перекрестных ссылок, создание ссылок, автоматическое размещение ссылок в тексте, включение новой литературы в список, а также удаление литературы из списка. Каждая предлагаемая технология и решение проблемы направлены на улучшение рабочего процесса и процесса работ пользователей при создании электронный список литературы, что повышает их производительность и делает работу с литературой лучше и легче.

Ключевые слова: текстовый процессор, пользователь, труд, проблема, легкость, простота в использовании, Word, литература, список литературы, ссылка, цитирование.

WAYS TO FACILITATE THE WORK OF USERS OF THE WORD WORD PROCESSOR WHEN WORKING WITH A LIST OF REFERENCES

This work is aimed at developing technologies and exploring various ways to facilitate the work of users of the Microsoft Word word processor in the development and effective editing of documents, helping to create electronic literature lists and links to them. It should be noted that currently users of the Microsoft Word processor face many problems in this area. In particular, after the list of references has been compiled manually and references to the literature in the work have been indicated. In many cases, it becomes necessary to add literature to the finished list or remove literature from the list. However, if all this work is done manually, then it becomes necessary to manually renumber the cited literature and references. As we can see, the work becomes extremely complex and labor-intensive. Taking into account all these problems, this work develops a technology for automatic and self-numbering of literature. This work has both theoretical and practical significance. The focus is on practical methods that can greatly simplify the work with the list of references, including the use of cross-references, link creation, automatic placement of links in the text, the inclusion of new literature in the list, as well as the removal of literature from the list. Each proposed technology and solution to the problem is aimed at improving the workflow and user experience when creating an electronic list of references, which increases their productivity and makes working with literature better and easier.

Keywords: word processor, user, labor, problem, ease, ease of use, Word, literature, list of references, link, citation.

Дар бораи муаллифон

Назаров Аҳтам Пулотович
Доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири кафедраи технологияи информатсионӣ ва коммуникатсионӣ Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: ahtam_69@mail.ru

Ҷумаев Ҷамшед Абдураҳмонович
Магистри соли якуми кафедраи технологияи информатсионӣ ва коммуникатсионӣ Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121

Об авторах

Назаров Ахтам Пулоатович
Доктор педагогических наук, профессор, заведующий кафедрой информационных и коммуникационных технологий
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: ahtam_69@mail.ru

Ҷумаев Ҷамшед Абдураҳмонович
Магистр первого года обучения, специальность информатика
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121

About the authors

Nazarov Ahtam Pulotovich
Doctor of Pedagogical Sciences, Professor, Head of the Department of Information and Communication Technologies
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: ahtam_69@mail.ru

Jumaev Jamshed Abdurakhmonovich
Magister of the Department of Information and Communication Technologies
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121

ТДУ 372.851

ИНКИШОФИ ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДИИ ХОНАНДАГОН ҲАНГОМИ ИСБОТИ ФОРМУЛАИ РЕШАҲОИ МУОДИЛАҲОИ КВАДРАТӢ БО МЕТОДИ ДОХИЛ НАМУДАНИ ТАҒЙИРЁБАНДАИ НАВ

Маҳкамов М.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Ҳалли муодилаҳои квадратӣ мавзуи муҳим дар алгебраи синфи 8-уми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад. Дар китоби дарсии алгебра барои синфи 8-ум бо намудҳои гуногуни муодилаҳои квадратӣ шинос шуда, ҳалли онҳоро аз рӯи формулаи решаҳои муодилаи квадратӣ амалӣ мекунанд.

Умуман, муодилаҳои квадратии нопурра ва ислоҳшуда алгоритмҳои гуногуни ҳал доранд, ҳангоми омӯзиши ин мавзуъ нишон додан лозим аст, ки формулаи решаҳо барои ин ҳолатҳо татбиқ карда шуда, онҳо одатан пеш аз ҳосил кардани решаҳои муодилаи квадратии умумӣ омӯхта мешаванд [9, с. 11].

Самтҳои инкишофи фаъолияти эҷодии хонандагон ҳангоми ҳалли муодилаҳои квадратӣ яке аз малакаҳои калидӣ буда, на танҳо дар курси математикаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, балки дар таҳсилоти минбаъдаи дар коллеҷҳо ва донишгоҳҳо низ муфид аст.

Маҳорати ҳал карда тавонистани муодилаҳои квадратӣ ҳамчун замина барои ҳал намудани дигар навъи муодилаҳо ва системаи онҳо (ратсионалию касрӣ, ирратсионалӣ, дараҷаҳои олӣ) хизмат мекунад.

Барои ҳал кардани ҳама гуна муодилаи квадратӣ хонандагон бояд донанд:

- формулаҳои зарби мухтасар;
- ёфтани формулаи дискриминанти муодилаи квадратӣ;
- ёфтани формулаи решаҳои муодилаи квадратӣ;
- алгоритми ёфтани решаҳои муодилаи квадратӣ.

Зимни ҳал кардани муодилаҳои квадратӣ бояд хонандагон тавонанд:

- формулаҳои суммаи квадрати дуузва ва фарқи квадратҳоро татбиқ кунанд;
- муодилаҳои квадратии нопурраро ҳал кунад;
- дохил намудани тағйирёбандаи нави мувофиқро интихоб кунанд;
- муодилаҳои пурраи квадратиро ҳал кунанд;
- муодилаҳои квадратии ислоҳшударо ҳал кунанд;
- хатогиҳои муодилаҳои ҳалшударо ёфта, онҳоро ислоҳ кунанд;
- санҷиш гузаронанд.

Ҳал кардани ҳар як муодила аз чор зинаи асосӣ иборат аст:

−истифодаи тағйирёбандаи навро уҳдабаро бошанд;

−табдил додани муодилаи матлуб ба муодилаи соддатарин;

ҳалли муодилаҳо бо истифода аз қоидаҳо, формулаҳо ё алгоритмҳои маълум;

ҷустуҷӯи алгоритми тарзҳои нави ҳалли муодила.

Ҳангоми омӯхтани мавзуи «Муодилаҳои квадратӣ» муодилаҳои нопурра, пурра ва ислоҳшуда интихоби тағйирёбандаҳои нав ба назар гирифта мешаванд. Барои омӯзиши ин мавзуъ китобҳои дарсии мактабҳои гуногун, аз қабили А. Е. Абилкасимова, Б. Алиев, И. Г. Арефьева, О. Г.П., Бевз, А.Г. Мордкович, С.М. Макаричев, Ю.М. Колягин, М.И. Башмаков, А.Н. Шинибековро таҳлил намудем [1, с. 6; 8; 12; 14].

Аммо ин ба системаи аллакай ташаккулёфтаи дониш, малака ва маҳорати хонандагон кам таъсир расонида, онро бо мазмуни мундариҷаи нави воқъӣ пурра мегардонад.

Барои фаъол намудани хонандагон ҳангоми омӯзиши муодилаҳои квадратӣ марҳилаҳои зеринро ҷудо кардан иконпазир аст, ки онҳо фавран ба амал меоянд:

Марҳилаи I: Интихоби гузориши мувофиқ;

Марҳилаи II: Татбиқ намудани гузориш;

Марҳилаи III: Ҳалли муодилаҳои пурраи квадратӣ;

Марҳилаи IV: Ҷустуҷӯи тарзҳои имконпазир.

Назарияи муодилаҳо дар курси алгебраи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ яке аз маяки асосиро ишғол мекунад. Бинбар ин барои омӯзиши муодилаҳо нисбат ба дигар мавзуъҳои курси математикаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва таҳсилоти касбӣ бештар вақт ҷудо карда шудааст, ки он дар таълими математикаи хонандагон ҷойгоҳи муҳим дорад. Ин аз он сабаб аст, ки аксари масъалаҳои матнии ба ҳаёт вобаста буда, ба намудҳои гуногуни муодилаҳои хаттӣ ё ки квадратӣ оварда ҳал карда мешаванд.

Донистани назария ва амалияи муодилаҳои квадратӣ имкониятҳои ҳалли муодилаҳоро бо методҳои дар курси алгебра омӯхташуда ба таври назаррас васеъ карда, муодилаҳои ратсионалӣ, биквадратӣ, ирратсионалӣ, нишондиҳандагӣ, логарифмӣ ва тригонометрӣ ба муодилаҳои квадратӣ оварда ҳал карда мешаванд. Дар маҷмуъ, метавон гуфт, ки азхудкунии мавзуи муодилаҳои квадратӣ хонандагонро ба зинаи сифатан нави азбаркунии мундариҷаи курси алгебраи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳидоят мекунад.

Аз ин рӯ, муодилаҳои квадратӣ дар самти муодилаҳо ва нобаробариҳо мавқеи махсусро дар курси алгебра ишғол мекунад. Бинобар ин, омӯзиши ҳалли муодилаҳои квадратӣ дар ҷаҳони муосир муҳим аст, зеро муодилаҳои квадратӣ дар бахшҳои гуногуни математика, дар ҳалли масъалаҳои муҳими амалӣ васеъ истифода мешаванд.

Муодилаҳои квадратӣ яке асосҳои курси алгебраи мактабӣ ба назар расида, онҳо дар бисёр ҷанбаҳои ҳаёти ҳаррӯза нақши ҳайратангез доранд. Татбиқи муодилаҳои квадратӣ марбут ба ҳаракат, тарроҳӣ, молия ва ҳатто ҷаҳони табииро дар бар мегиранд.

Шаклҳои аркҳои шевои биноҳо одатан бо назардошти принсипҳои аз муодилаҳои квадратӣ баровардашуда таҳия карда мешаванд. Ин муодилаҳо ба муҳандисон дар ҳисоб кардан кӯмак мекунанд. Иқтидори борбардории дастгоҳҳо, таъмини устувории он ва пешгирии нокомии фалокатбор ба ҳалли муодилаҳои квадратӣ меорад. Масалан, шакли арки пулро бо истифода аз муодилаи квадратӣ моделсозӣ кардан мумкин аст, ки ба муҳандисон имкон медиҳад, ки чӣ қадар вазнро бехатар нигоҳ доранд.

Барои самаранок пайдо кардани роҳҳои гуногуни алгоритми решаҳои муодилаҳо, аввал бояд формулаҳо, методҳо ва намудҳои ҳалли муодилаҳои квадратиро азхуд кард, ки ин равандро куллан осон мекунанд.

Тарзҳои ҳалли муодилаҳои квадратӣ сазовори таваҷҷуҳ мебошанд, зеро баъзеи онҳо дар китобҳои дарсии алгебраи мактаб инъикос наёфтаанд. Азхудкунии баъзе аз ин тарзҳо ба мо кӯмак мекунад, ки вақтро сарфа кунем ва муодилаҳоро самаранок ҳал кунем.

Истифодаи формулаи решаҳои муодилаи квадратӣ, ки ба дискриминант асос ёфтааст дар алгебраи синфи 8-ум ва ҳам дар фаъолияти касбӣ ба осонӣ татбиқ карда мешавад. Агар хонандагон тарзҳои ҳалли муодилаҳои квадратӣ ва намудҳои онҳоро мушаххас омӯзанд, гуфтан мумкин аст, ки яке аз тарзи осонтарин ва зудтарин барои онҳо формулаи дискриминант (ё решаҳои муодилаи квадратӣ) мебошад. Чунки ин намуд формула гуногунҷабҳа ва васеъ истифодашаванда мебошад. Он ба хонандагон имкон медиҳад, ки миқдор ва намуди решаҳоро муайян карда, қиматҳои дақиқи онҳоро пайдо кунанд.

То шиносоӣ ба формулаи решаҳои муодилаи квадратӣ, хонандагон тарзҳои “Ҷудо кардани квадрати пурра”, “Ба ҳамзарбҳо ҷудокунӣ” ё “Гурӯҳбандӣ” ва баъди шиносоӣ “Тарзи графикӣ” ва “Дохил кардани тағйирёбандаи нав”-ро дар раванди дарс истифода мекунанд.

Тарзи ҷудо кардани квадрати пурра бештар барои истифода бурдани формулаҳои зарби мухтасар ва сода кардани муодилаҳо истифода бурда шуда, ҳангоми баробариро бо осонӣ ба намуди квадрати пурра табдил додан самаранок аст.

Тарзи ба ҳамзарбҳо ҷудокунӣ ё гурӯҳбандӣ барои муодилаҳое, ки ҳамчун ҳосили зарби ду ифодаи хаттӣ ифода карда шаванд, самаранок мебошанд. Ин тарз ёфтани решаҳои муодилаи квадратиро осон карда, барои фаҳмидани сохтори баробарӣ кӯмак мекунад.

Тарзи графикӣ тасвири айёнии ҳалли муодиларо таъмин мекунад, ки ба хонанда имкон медиҳад, ки нуқтаҳои буриши графики функсияро бо тири абсисса x ба таври айёнӣ бинад. Ин тарз барои санҷиши ҳалҳо ва таҳлили ҳолати (намуди) функсия муфид аст.

Бо тарзи дохил кардани тағйирёбандаи нав ё гузориш хонандагон баробарии мураккабро ба шаклҳои содатар табдил дода, барои решаҳои онҳоро ба осонӣ пайдо кардан, имконият пайдо мекунанд.

Ҳар яке аз ин методҳо бартариҳои худро доранд ва метавонанд вобаста ба масъалаи мушаххас ва хусусиятҳои он тарзҳои мувофиқ интихоб карда шаванд. Татбиқ намудани методҳои гуногуни ҳалли муодилаҳои квадратӣ имкониятҳои математикиро васеъ намуда, ба доираи васеи ҳалли масъалаҳо ҳам дар математикаи назариявӣ ва ҳам амалӣ кӯмак мекунад.

Қариб ҳамаи хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ қобилияти ҳал кардани муодилаҳои квадратиро доранд. Аммо аксар вақт хонандагон барои ёфтани решаҳои муодила, танҳо тарзи ҳисоб кардани дискриминанти решаҳои муодилаи квадратиро истифода мебаранд. Боз тарзҳои дигари ҳалли муодилаҳои квадратӣ мавҷуданд, ки ба хонанда имкон медиҳанд, ки бисёр муодилаҳоро хеле зуд ва ратсионалӣ ҳал кунад. То ҳол дар математика зиёда аз 40 тарзи ҳалли муодилаҳои квадратӣ маълум аст [10, с. 220-302].

Тарзҳои гуногуни ҳалли муодилаҳои квадратӣ, омили ташаккули тафаккури эҷодии хонандагон буда, ҳамаи онҳо барои ҳал кардани муодилаҳо мувофиқ буда, ҳар кадоми он тарзҳо беназиранд. Истифодаи баъзе тарзҳои ҳалли муодилаҳои квадратӣ ба сарфаи вақт мусоидат мекунад, ки онҳо ҳангоми ҳалли супоришҳо дар корҳои назоратӣ ва имтиҳонҳо муҳим аст.

Хулоса, формулаи решаҳои муодилаи квадратӣ метавонад бо якчанд тарзҳои гуногун дар амал татбиқ карда шавад. Аммо дар ҳар сурат, ҷудо кардани квадрати пурра аз сеузваи квадратии ax^2+bx+c $(a\neq 0,\ b\neq 0)$, ки муодиларо ба намуди дуузва табдил медиҳад, муҳим мебошад. Инчунин бе формула ҳисоб кардани решаҳои муодилаи квадратӣ низ барои хонандагон ҷолиб буда, он барои бо тезӣ ёфтани ҳалли он ба толибилмон кӯмак мекунад.

Дар ин гузориш боз як тарзи исботи нави решаҳои муодилаҳои квадратиро бо дохил намудани тағйирёбандаи нав (т**арзи чилу якум,** 17.12.2024**)** муфассал баррасӣ мекунем.

Масъалаи якум. Муодилаи квадратии $ax^2+bx+c=0$ $(a\neq 0,\ b\neq 0)$-ро бо дохил намудани тағйирёбандаи нав ҳал мекунем.

Ҳал. Дар муодилаи квадратии матлуб, гузориши $x=\dfrac{y}{2a}$-ро татбиқ карда, онро табдил медиҳем:

$$a\cdot\left(\frac{y}{2a}\right)^2+b\cdot\frac{y}{2a}+c=0;\ a\cdot\frac{y^2}{4a^2}+\frac{b\cdot y}{2a}+c=0;$$

$$\frac{y^2}{4a}+b\cdot\frac{y}{2a}+c=0 \text{ ё ки } y^2+2by+4ac=0. \qquad (1)$$

Баъд аз дар муодилаи додашуда, татбиқ намудани гузориши $x=\dfrac{y}{2a}$, тарафи чапи муодилаи ҳосилшударо бо тарзи гурӯҳбандӣ ба квадрати пурра ҷудо намудан, мувофиқ мегардад.

Бинобар ин ба тарафи чапи муодилаи (1) b^2-ро ҷамъ ва тарҳ мекунем:

$$y^2+2\cdot y\cdot b+b^2-b^2+4ac=0.$$

Ду узви охири муодилаи мазкурро ба тарафи рост мегузаронем:

$$y^2+2\cdot y\cdot b+b^2=b^2-4ac$$

Дар тарафи чапи муодила формулаи квадрати дуузва

$$a^2+2\cdot a\cdot b+b^2=(a+b)^2$$

-ро татбиқ мекунем:

$$(y+b)^2 = b^2 - 4ac. \qquad (2)$$

Ҳангоми $b^2 - 4ac > 0$ будан, аз ҳар ду тарафи (2) решаи квадратӣ гирифта, пайдо мекунем:

$$y + b = \pm\sqrt{b^2 - 4ac};$$

$$y = -b \pm \sqrt{b^2 - 4ac}. \qquad (3)$$

Акнун ба тағйирёбандаи ибтидоӣ бармегардем. Азбаски $x = \frac{y}{2a}$ аст, аз он қимати $y = 2ax$-ро ёфта, ба (3) мегузорем:

$$2ax = -b \pm \sqrt{b^2 - 4ac}$$

ё ки

$$x_{1,2} = \frac{-b \pm \sqrt{b^2 - 4ac}}{2a}.$$

Масъалаи дуюм. Муодилаи квадратии $7x^2 + 9x - 406 = 0$-ро бо дохил намудани тағйирёбандаи нав ҳал мекунем. Дар муодилаи квадратии додашуда, гузориши $x = \frac{y}{2 \cdot 7}$-ро татбиқ карда, онро табдил медиҳем:

$$7 \cdot \left(\frac{y}{2 \cdot 7}\right)^2 + 9 \cdot \frac{y}{2 \cdot 7} - 406 = 0;$$

$$7 \cdot \frac{y^2}{4 \cdot 7^2} + 9 \cdot \frac{y}{2 \cdot 7} - 406 = 0;$$

$$\frac{y^2}{4 \cdot 7} + 9 \cdot \frac{y}{2 \cdot 7} - 406 = 0;$$

$$y^2 + 2 \cdot 9 \cdot y - 4 \cdot 7 \cdot 406 = 0. \qquad (4)$$

Акнун муодилаи (4)-ро бо ду тарз ҳал мекунем.

Тарзи якум. Татбиқи формулаи фарқи квадратҳо. Тарафи чапи муодилаи матлубро ба намуди фарқи квадратҳо табдил медиҳем:

$$y^2 + 2 \cdot y \cdot 9 + 9^2 - 9^2 - 11368 = 0;$$

$$\left(y^2 + 2 \cdot y \cdot 9 + 9^2\right) - (81 + 11368) = 0;$$

$$(y+9)^2 - 11449 = 0;$$

$$(y+9)^2 - 107^2 = 0;$$

$$(y + 9 - 107)(y + 9 + 107) = 0;$$

$$(y - 98)(y + 116) = 0.$$

Аз ин ҷо $y - 98 = 0$ ё ки $y + 116 = 0$ шуда, $y_1 = 98$ ва $y_2 = -116$ мешавад.

Тарзи дуюм. Татбиқи квадрати дуузва. Тарафи чапи муодилаи ҳосилшударо ба тарзи гурӯҳбандӣ ба квадрати пурра ҷудо мекунем:

$$y^2 + 2 \cdot y \cdot 9 + 9^2 - 9^2 - 11368 = 0;$$

$$\left(y^2 + 2 \cdot y \cdot 9 + 9^2\right) - (81 + 11368) = 0;$$

$$(y+9)^2 - 11449 = 0;$$

$$(y+9)^2 = 107^2;$$

$$y + 9 = \pm\sqrt{107^2};$$

$$y = -9 \pm 107. \qquad (5)$$

Акнун ба тағйирёбандаи ибтидоӣ бармегардем. Аз ифодаи $x=\frac{y}{2\cdot 7}$, қимати $y=14\cdot x$-ро ёфта, ба муодилаи (5) мегузорем:

$14\cdot x=-9\pm 107$ ё ки $x_{1,2}=\frac{-9\pm 107}{14}$.

Аз ин ҷо $x_1=-8\frac{2}{7}$ ва $x_2=14$ мешавад.

Масъалаи сеюм. Муодилаи квадратии овардашудаи $x^2+px+q=0$-ро низ бо дохил намудани тағйирёбандаи нави $x=\frac{y}{2}$ бо зуддӣ ба кварати пурра ҷудо намуда, решаҳои онро ёфтан имконпазир аст.

$$\left(\frac{y}{2}\right)^2+p\cdot\frac{y}{2}+q=0;$$

$$\frac{y^2}{4}+\frac{py}{2}+q=0;$$

$$y^2+2py+4q=0;$$

$$y^2+2\cdot y\cdot p+p^2-p^2+4q=0;$$

$$(y+p)^2-\left(p^2-4q\right)=0;$$

$$(y+p)^2-\left(\sqrt{p^2-4q}\right)^2=0;$$

$$\left(y+p+\sqrt{p^2-4q}\right)\left(y+p-\sqrt{p^2-4q}\right)=0.$$

Аз ин ҷо $y+p+\sqrt{p^2-4q}=0$ ё ки $y+p-\sqrt{p^2-4q}=0$ шуда, $y_1=-p-\sqrt{p^2-4q}$ ва $y_2=-p+\sqrt{p^2-4q}$ мешавад.

Решаҳои муодиларо муттаҳид намуда, $y_{1,2}=-p\mp\sqrt{p^2-4q}$-ро пайдо қимати $x=\frac{y}{2}$-ро меёбем:

$$x_{1,2}=\frac{y_{1,2}}{2}=\frac{-p\mp\sqrt{p^2-4q}}{2}=-\frac{p}{2}\mp\sqrt{\frac{p^2-4q}{4}}=-\frac{p}{2}\mp\sqrt{\frac{p^2}{4}-q}$$

ё ки

$$x_{1,2}=-\frac{p}{2}\mp\sqrt{\frac{p^2}{4}-q}.$$

Акнун ҳалли масъалаҳои матнии ба ҳаёт вобастабударо намоиш медиҳем:

Масъалаи чорум. Масоҳати росткунҷа ба 144 см^2 баробар буда, яке аз тарафҳои он аз тарафи дигараш 7 см дарозтар аст. Дарозии тарафҳои ин росткунҷаро ёбед?

Ҳал. Агар дарозии тарафи хурди росткунҷаро бо x ишора кунем, дарозии тарафи дуюмаш ба $x+7$ см баробар хоҳад шуд. Азбаски масоҳати росткунҷа ба ҳосили зарби тарафҳои он баробар аст, бинобар ин муодила зеринро тартиб медиҳем:

$x(x+7)=144$ ё ки $x^2+7x-144=0$.

Акнун дар муодилаи ҳосилшуда $x=\frac{y}{2}$-ро татбиқ карда, онро ҳал мекунем:

$$\left(\frac{y}{2}\right)^2+7\cdot\frac{y}{2}-144=0;$$

$$\frac{y^2}{4}+7\cdot\frac{y}{2}-144=0;$$

$y^2+2\cdot 7\cdot y-576=0;$

$y^2+2\cdot 7\cdot y+7^2-7^2-576=0;$

$(y+7)^2-625=0;$

$(y+7)^2=625;$

$y+7=\pm\sqrt{625};$

$y+7=\pm 25;$

$y=-7\pm 25$

Аз ин ҷо $y_1=-7+25=18$ ва $y_2=-7-25=-32$ мешавад. Азбаски тарафи росткунҷа адади манфӣ шуда наметавонад, пас $y=18$ мешавад.

Акнун ба тағйирёбандаи ибтидоӣ баргашта, қимати x-ро меёбем:

$x=\frac{y}{2}=\frac{18}{2}=9.$

Пас, дарозии як тарафи росткунҷа ба $x=9$ ва тарафи дигари он ба $x+7=9+7=16$ баробар будааст.

Санҷиш: $9\cdot 16=144$ см^2 мебошад. **Ҷавоб:** 9 *см*; 16 *см.*

Масъалаи панҷум. Дилоро аз як тарафи картони квадратшакл, росткунҷаи бараш 6 сантиметрро бурида гирифт. Масоҳати қисми боқимондаи картон ба 68800 см^2 баробар гардид. Масоҳати картони квадратшаклро муайян кунед?

Ҳал. Агар дарозии ибтидоии тарафи квадрат x сантиметр бошад, пас аз буридани як қисми картон, бари росткунҷа ба $x-6$ см баробар мешавад. Азбаски масоҳати росткунҷаи боқимондаи картон ба 6880 см^2 баробар аст, пас, муодилаи зеринро тартиб медиҳем:

$x(x-6)=6880$ ё ки $x^2-6x-6880=0.$

Муодилаи ҳосилшударо бо тарзи квадрати пурра ҷудокунӣ ҳал мекунем:

$x^2-2\cdot 3x+3^2-3^2-6880=0;$

$(x-3)^2-6889=0;$

$(x-3)^2-83^2=0;$

$(x-3-83)(x-3+83)=0;$

$(x-86)(x+80)=0.$

Аз ин ҷо $\left[\begin{array}{l} x-86=0, \\ x+80=0 \end{array}\right.$ ё $\left[\begin{array}{l} x=86, \\ x=-80 \end{array}\right.$ мешавад. Аммо $x=-80<0$ шарти масъаларо қонеъ намекунад. Пас, масоҳати аслии картон ба $S=86^2=7396$ см^2 баробар мешавад. **Ҷавоб:** 7396 см^2.

Дар ҷараёни тадқиқот муайян карда шуд, ки азхудкунии методҳои ҳалли муодилаҳои квадратӣ аз ҷониби хонандагон ҳамчун воситаи асосии ҳалли масъалаҳои амалии математикӣ ва масъалаҳои мураккаби душвор яке аз ҳадафҳои асосии омӯзиши курси алгебра мебошад. Барои баланд бардоштани сатҳ ва ҳавасмандгардонии таълими хонандагони синфи 8-ум бояд миқдори кофии тарзҳо ва методҳои самараноки таълим истифода бурда шаванд. Пас, дар курси алгебраи синфи 8-ум қобилияти зуд ва дуруст ҳал карда тавонистани муодилаҳои квадратӣ нақши бузург доранд.

Дар натиҷаи татбиқи тарзҳои гуногуни ҳалли муодилаҳои квадратӣ, ҳар як хонанда бояд қодир бошад, ки муодилаҳои квадратӣ ва муодилаҳои ба онҳо овардашавандаро аз тарзҳо, методҳо ва формулаҳо истифода бурда, аз уҳдаи ҳал кардани онҳо баромада тавонад.

Адабиёт

1. *Абылкасымова, А. Е. Алгебра: Электронное приложение. Пособие для учителей 8 кл. общеобразоват. Шк / А. Е. Абылкасымова, Т. П. Кучер. - Алматы: Мектеп, 2018. – 202 с.*
2. *Алиев, Б. Алгебра. Китоби дарсӣ барои синфи 8. / Б. Алиев. – Душанбе: "Маориф ва фарҳанг", 2005. - 328 с.*
3. *Алимов, Ш. А. Алгебра. 8 класс: учеб. для общеобразоват. учреждений, 17-е изд. / Ш. А. Алимов, Ю. М.Колягин, Ю. В. Сидоров. - М.: Просвещение, 2010. - 255 с.*
4. *Алимов, Ш.А., Халмухамедов А.Р., Мирзоахмедов М.А. Алгебра: учебник для 9 классов общеобразовательных школ // Ш. А. Алимов. - Ташкент: ИПТД „O'qituvchi", 2019. - 240 с.*
5. *Арефьева, И. Г. Алгебра. Учебное пособие для 8 класса учреждений общего среднего образования с русским языком обучения / И. Г. Арефьева, О. Н. Пирютко. – Минск: «Народная асвета», 2018. - 276 с.*
6. *Бевз, Г.П. Алгебра: Проб. Підруч. Для 7-9 кл. серед. Шк. – Доп. М-вом освіти України / Г.П. Бевз. – К.: Освіта, 1998. - 319 с.*
7. *Епишева, О. Б. Учить школьников учиться математике: Формирование приёмов учебной деятельности: Кн. для учителя / О. Б. Епишева, В. И. Крупич. - М.: Просвещение, 1990. - 128 с.*
8. *Макарычев, Ю.Н. Алгебра: Китоби дарсӣ барои синфи 8-ум мактаби миёна / Зери таҳрири С.А. Теляковский / Ю.Н. Макарычев, Н.Г. Миндюк, К.И. Нешков, С.Б. Суворова. – Д.: Маориф, 1993. - 240 с.*
9. *Маҳкамов, М. 36 тарзи ҳалли муодилаҳои квадратӣ / М. Маҳкамов. - Душанбе: Маориф, 2021. - 180 с.*
10. *Маҳкамов М. Методҳои ҳалли масъалаҳо аз алгебра. Дастури илмию-таълимӣ. Нашри дуюм, бо тағйироти куллӣ / / М. Маҳкамов. – Душанбе: Матбаа, 2024. – 1136 с.*
11. *Методика и технология обучения математике. Курс лекций: пособие для вузов / под ред. Н.Л. Стефановой, Н.С. Подходовой. – М.: Дрофа, 2005. – 416 с.*
12. *Мордкович, А. Г. Алгебра. 8 класс. Учебник .-2-е изд., стереотип / А. Г. Мордкович, В. Семенов, Л. А. Александрова, Е. Л. Мардахаева. - М.: Просвещение, 2021. - 384 с.*
13. *Фридман, Л.М. Учитесь учиться математике: Кн. для учащихся / Л.М. Фридман. - М.: Просвещение, 1985. - 112 с.*
14. *Шыныбеков, А.Н. Алгебра: Учебник для 8 класса общеобразовательной школы / А.Н. Шыныбеков, Д.А. Шыныбеков, Р.Н. Жумабаев. – Алматы: Атамура, 2018. - 208 с.*

ИНКИШОФИ ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДИИ ХОНАНДАГОН ҲАНГОМИ ИСБОТИ ФОРМУЛАИ РЕШАҲОИ МУОДИЛАҲОИ КВАДРАТӢ БО МЕТОДИ ДОХИЛ НАМУДАНИ ТАҒЙИРЁБАНДАИ НАВ

Дар ин мақола масъалаи ташаккули малакаҳои алгоритмии инкишофи фаъолияти эҷодии хонандагон ҳангоми исботи решаҳои муодилаҳои квадратӣ бо методи дохил намудани тағйирёбандаи нав баррасӣ шудааст. Дар он оид ба назария ва амалияи ҳалли муодилаҳои квадратӣ ва тарзҳои гуногуни ҳал бо дохил кардани тағйирёбандаи нав ва татбиқи муодилаҳои квадратӣ дар ҳаёт вобаста ба ҳаракат, тарроҳӣ, молия, сохтмон ва устувории он, моделсозӣ ва ғайра маълумоти мухтасар оварда шудааст. Дар мақола қайд карда шудааст, ки то имрӯз 40 тарзи ҳалли муодилаҳои квадратӣ маълум аст. Аз ин лиҳоз дар мақолаи мазкур алгоритми тарзи 41-уми ҳалли муодилаҳои квадратӣ ва исботи он бо дохил намудани тағйирёбандаи нави $x = \frac{y}{2a}$ оварда шудааст.

Калидвожаҳо: алгебра, исбот, синфи 8-ум, масъала, решаҳо, сеузваи кваратӣ, муодилаҳои квадратӣ ва овардашуда, дискриминант, тарз, формула, тағйирёбандаи нав.

РАЗВИТИЕ ТВОРЧЕСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ УЧАЩИХСЯ ПРИ ДОКАЗАТЕЛЬСТВЕ ФОРМУЛЫ КОРНЕЙ КВАДРАТНЫХ УРАВНЕНИЙ ВВЕДЕНИЕМ НОВОЙ ПЕРЕМЕННОЙ

В данной статье рассматривается проблема формирования алгоритмических навыков развития творческой деятельности учащихся при доказательстве корней квадратных уравнений методом введения новой переменной. Содержит краткую сведение по теории и практике решения квадратного уравнений различным способам его решения, включая новую переменную. Также в статье представлено сведение о применении квадратных уравнений в жизни, связанной с движением, проектированием, финансами, строительством и устойчивостью, моделированием и т.д. В статье

отмечается, что на сегодняшний день известно 40 приёмов решения квадратных уравнений. В связи с этим в данной статье представлен алгоритм 41-го способа решения квадратных уравнений и его доказательство с включением новой переменной $x = \frac{y}{2a}$.

Ключевые слова: алгебра, доказательство, 8 класс, задача, корни, квадратный трехчлен, квадратные и приведенные уравнения, дискриминант, приём, формула, новой переменной.

DEVELOPMENT OF STUDENTS' CREATIVE ACTIVITY IN PROVING THE FORMULA OF THE ROOTS OF QUADRATIC EQUATIONS BY INTRODUCING A NEW VARIABLE

This article examines the problem of the formation of algorithmic skills for the development of students' creative activity in proving the roots of quadratic equations by introducing a new variable. It contains a brief summary of the theory and practice of solving quadratic equations using various methods of solving it, including a new variable. The article also provides information on the application of quadratic equations in life related to movement, design, finance, construction and sustainability, modeling, etc. The article notes that there are currently 40 known methods for solving quadratic equations. In this regard, this article presents an algorithm for the 41st method of solving quadratic equations and its proof with the inclusion of a new variable $x = \frac{y}{2a}$.

Keywords: algebra, proof, 8th grade, problem, roots, square trinomial, quadratic and reduced equations, discriminate, technique, formula, new variable.

Дар бораи муаллиф
Маҳкамов Мамадҷон
Номзади илмҳои педагогӣ, професори кафедраи методикаи таълими математика
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: mahkamov_m51@mail.ru

Об авторе
Махкамов Мамаджон
Кандидат педагогических наук, профессор кафедры методики преподавания математики
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: mahkamov_m51@mail.ru

About the author
Makhkamov Mamadjon
Candidate of Pedagogical Sciences, Professor of the Department of Methods of Teaching Mathematics
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: mahkamov_m51@mail.ru

ТДУ 372.851

ТАШАККУЛИ ҚОБИЛИЯТИ ЭҶОДИИ ХОНАНДАГОНИ ХУРДСОЛ ЗИМНИ ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ МАТЕМАТИКИИ МАТНӢ

Бегимов Ҳ. Х.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Дар асоси талаботи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба баланд бардоштани сифати таълиму тарбияи насли наврас дар назди муассисаҳои таълимӣ масъулиятҳои ҷадид ба миён омаданд. Баъзе ҷабҳаи ин раванд ба таълими фанни математика дар синфҳои ибтидоӣ нигаронида шудааст. Дар амалияи педагогию психологӣ омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ бояд барои иҷрои ҳадафҳои ба миён омада дар таълими математика ва имкониятҳои тарбиявии онҳо замина гузоранд.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ (26 декабри соли 2019) аз он ҷумла, чунин омадааст: “Роҳбарону кормандони соҳаи маорифро зарур аст, ки сатҳу сифати таълимро дар ҳар як муассисаи таълимӣ, сарфи назар аз шаклу моликияти онҳо ва дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот баланд бардоранд ва ба таълими фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд”. Ба хотири боз ҳам бештар ба роҳ мондани омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ солҳои 2020-2040 “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” эълон карда шуд.

Яке аз самтҳои пешбари азнавсозии низоми таҳсилоти ибтидоӣ тамоюли он ба инкишофи шахсияти хонандагон, эътирофи натиҷаи таҳсилот на фақат ҳамчун омили ба даст овардани дониш, малака ва маҳоратҳои муайян мебошад, балки салоҳиятҳои ташаккул додани хусусиятҳои инфиродии онҳо низ ба ҳисоб гирифта шуда, онҳо дар муносибатҳои равандҳои нав ва барномаҳои таълим мушаххас ифода меёбанд.

Низомҳои мухталифи методии то имрӯз коркардашудаи раванди таълим дар муассисаҳои таълимӣ масъалаҳои азнавсозии мундариҷаи таҳсилоти ибтидоиро тақозо менамояд. Бешубҳа, онҳо ҳатман дар синфҳои ибтидоӣ бояд дигаргун карда шаванд, то ки раванди педагогии ташкилкардашудаи инкишофи хонандагон воқеӣ гардад, донишҳои азхудкардаи онҳо самараи ҳақиқии инкишофдиҳанда диҳад.

Солҳои охир дар илмҳои педагогика, психология ва методикаи таълими фанҳои тахассусӣ ҷустуҷӯйи роҳу усулҳое, ки самаранокии раванди таълимро таъмин менамояд, фаъолияти хонандагони хурдсолро зиёд гардонида, баҳри баланд шудани савияи дониши онҳо ёрӣ мерасонад. Дар ин раванд омӯзгорон диққати асосиро барои таҳлили методҳои беҳтару хубтари ташкил ва гузаронидани дарсҳои математика дар синфҳои ибтидоӣ равона месозанд, зеро ки раванди ҳалли масъалаҳои матнӣ яке аз воситаҳои ташаккул додани тафаккур, диққат, хотира ва маҳорату малакаҳои кор бо ёрии воситаҳои аёнияти математикӣ амалӣ гардида, баҳри мустақилона андӯхтани донишу малакаю маҳорати онҳо, инчунин ғанӣ гардонидани таҷрибаи омӯзгорони оянда ва ба рушди *ташаккули қобилияти эҷодии хонандагони хурдсол ёрӣ* мерасонад.

Дар замони муосир барои инкишофи илму техникаи ҷомеа инсони тафаккури эҷодидошта ва созандаю бунёдкор лозим аст. Барои тарбияи чунин инсон анъанаи имрӯзаи муассисаҳои таълимиро тағйир дода, мақсади таҳсилот, аз ҷумла омӯзиши математикаро ба ташаккули қобилияти эҷодии онҳо равона кардан лозим аст [1].

Таҳлили адабиёти илмӣ, методӣ, барномаи таълимӣ ва китобҳои дарсии амалкунанда дар раванди таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ собит менамояд, ки то ба имрӯз дар муассисаҳои таълимӣ ба масъалаи донишандӯзии хонандагони хурдсол бештар диққат дода, ба ташаккули қобилияти эҷодии онҳо низ эътибори ҷиддӣ дода шуда истодааст. Албатта, ин ба талаботи замони муосир – давраи инқилоби илмию техникӣ ва замони афзоиши босуръати

иттилоотӣ-коммуникативии илмӣ, инкишофи босуръати технологияи иттилоотии нав ҷавобгӯ мебошад.

Ташаккул додани тафаккур ва қобилияти эҷодии хонандагони хурдсолро тавассути иҷрои шартҳои зерин ба роҳ мондан мумкин аст:

- ✓ дар раванди омӯзиш истифода кардани методу усулҳое, ки ба ташаккули тафаккури мантиқӣ, ташаббускорӣ, фаъолнокӣ ва мустақилияти хонандагони хурдсол ёрӣ мерасонад;
- ✓ ба фаъолияти таълимии хонандагони хурдсол ворид намудани ҷузъиётҳои таҳқиқот;
- ✓ дар раванди дарс ташкил ва гузаронидани корҳои беруназсинфӣ ба навоварию ихтироъкорӣ ҷалб намудани хонандагони хурдсол;
- ✓ дар раванди омӯзиши математика истифода кардани супоришҳои инфиродии характери эҷодидошта;
- ✓ дар раванди омӯзиши математика истифода кардани ҳикояҳо, чистонҳо, бозиҳои шавқовари математикӣ, кроссвордҳо ва ғайра [8].

Иҷро гардидани ин шартҳо имкон медиҳад, ки як қатор масъалаҳои матнӣ дар раванди омӯзиши математика ҳал карда шаванд:

- ✓ тайёр намудани хонандагони хурдсол баҳри иштироки фаъолона ба фаъолияти истеҳсолӣ, мустақилона азхуд кардани дониш;
- ✓ пайдо намудан ва ташаккул додани шавқу ҳаваси хонандагони хурдсол ба омӯзиши математика;
- ✓ пайдо намудан ва ташаккул додани фаъолияти самаранок, ба монанди муқоиса, таҳлил, таркиббандӣ, монандӣ, хулосабарорӣ;
- ✓ ҳал кардани масъалаҳои математикии матнии характери эҷодию таҳқиқотидошта;
- ✓ ташаккул додани тафаккури мантиқии хонандагони хурдсол;
- ✓ ташаккул додани тафаккур ва қобилияти эҷодии хонандагони хурдсол ҳангоми ҳалли масъалаҳои матнӣ [8].

Омӯзиши курси математика дар хонандагони хурдсол бо системаи масъалаҳои матнии мақсаднок интихоб гардида, оғоз меёбад. Дар ин ҷо масъалаҳои матнӣ нақши бештар мебозанд.

Масъалаҳои матнӣ маводе мебошанд, ки ба воситаи онҳо масъалаҳои муҳимтарини математика – инкишофи фикрронӣ ва қобилияти эҷодии хонандагони хурдсол амалӣ карда мешавад.

Дар баробари омӯзиши масъалаҳои сода, аз синфи дуюм сар карда, масъалаҳои таркибӣ таълим дода мешаванд, ки ин раванд дар синфҳои сеюму чорум идома меёбад. Зарур аст, ки хонандагони хурдсол мустақилона роҳи ҳалли масъаларо ёбанд ва истифодаи муносибати умумиро барои ҳал кардани масъалаҳои матнӣ омӯзанд. Хонандагони хурдсол таҳлил намудани мундариҷаи масъаларо омӯхта, ба таври саҳеҳ дар масъала чӣ маълум ва чӣ номаълум аст, ҷудо карданро меомӯзанд. Барои ба саволи масъала ҷавоб додан тартиби иҷрои амалҳои арифметикиро бо кадом тартиб иҷро карданро низ азхуд менамоянд.

Ҳалли масъалаҳои матнӣ зимни омӯзиши математика дар хонандагони хурдсол, алалхусус барои ташаккули тафаккур ва қобилияти эҷодии онҳо нақши муҳиммеро мебозад. Аҳаммияти ҳалли масъалаҳои матнӣ дар таълими математика асосан аз рӯйи ду омили зерин муайян карда мешавад:

- ➢ ҳангоми омӯзиши масъалаҳои матнӣ асосан, вобастагии функсионалии байни бузургиҳои додашудаи дар равандҳои дарси математика ба амалоянда муайян карда мешавад;
- ➢ ҳалли масъалаҳои матнӣ баҳри бошуурона аз худ намудани формулаҳо, таърифҳо ва қоидаҳои математикиро дар хонандагони хурдсол ташаккул медиҳанд [5].

Ҳалли масъалаи матнӣ - қисми таркибии дарсҳои математикаи хонандагони хурдсол ба ҳисоб меравад. Дар раванди дарси математика хонандагони хурдсол масъалаҳои матниро барои азхуд кардани маводи нав ва мустаҳкам намудани донишҳои андӯхташуда истифода мебаранд. Ба ҳисоби миёна дар раванди ин гуна дарсҳо қариб 30%-и вақтро барои ҳалли масъалаҳои матнӣ ҷудо менамоянд. Дар дарсҳои такрорӣ низ қисми зиёди вақт барои ҳалли

масъалаҳои матнӣ сарф карда мешавад. Инчунин дар барномаи таълимӣ соатҳои муайяни махсус барои ҳалли масъалаҳои матнӣ ҷудо карда шудааст. Ҳалли масъалаҳои матнӣ бо машғулиятҳои бозиҳои шавқовар ва корҳои беруназсинфии математикӣ низ робитаи ногусастанӣ дорад. Ҳар як масъалаи матнӣ моҳиятан, барои хонандагони хурдсол ҳамчун масъалаҳои шавқовар ба ҳисоб меравад. Асосан, ин гуфтаҳо барои иҷрои корҳои беруназсинфӣ ва ташкилу гузаронидани бозиҳои шавқовар ба раванди дарс тааллуқ дорад. Дар машғулиятҳое, ки корҳои гурӯҳӣ гузаронида мешавад, мақому мароми ҳалли масъалаҳои матнӣ низ хеле муҳим аст. Ҳалли масъалаҳои матнӣ дар қатори омӯзиши назариявии маводҳои зарурии вазифаи хонагӣ аз математика дар хонандагони хурдсол мебошад. Дар дарсҳои иловагӣ низ ба ҳалли масъалаҳои матнӣ аҳаммият додан бамаврид аст.

Омӯзиши масъалаҳои матнӣ диққати хонандагонро ба он ҷалб менамояд, ки онҳо метавонанд вобаста аз ҳодисаҳои табиат ё ки аз гирду атрофи маҳалҳое, ки онҳо истиқомат менамоянд, масъаларо шарҳ диҳанд ва пешгӯйи намоянд. Ҳол он ки дар бештари муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ маҳфилҳои гуногун барои омӯзиши масъалаҳои матнӣ амал менамояд, ки барои баланд бардоштани шавқу ҳаваси илмомӯзии хонандагони хурдсол нақши асосиро мебозанд.

Дар раванди омӯзиши математика барои хонандагони хурдсол чунин масъалаҳоеро интихоб намудан лозим аст, ки матни онҳо аҳаммияти таълимию тарбиявӣ дошта бошад. Имрӯзҳо талабот ба омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ва хонандагони хурдсоли муассисаҳои таълимӣ куллан тағйир ёфтааст. Аз ин рӯ, намунаи ҳалли якчанд масъалаҳои математикии матниро пешкаш менамоем:

Масъалаи 1. Дар китобхонаи муассисаи таълимӣ 240-то китоби бачагона буд. Барои хониши беруназсинфии як синфи сеюм 80-то, синфи дигари сеюм 30-то камтар китоб гирифтанд. Якҷоя барои ҳар ду синф аз китобхона чандто китоб гирифтанд?

Ҳал: 80 китоб I – синфи 3;

30 китоб кам II – синфи 3;

80-30=50;

80+50=130. **Ҷавоб:** ҳамагӣ барои ҳар ду синф 130-то китоб гирифтанд.

Масъалаи 2. Хонандагон дар мавсими ҷамъоварии гиёҳҳои шифобахш 550 грамм пӯдина, 450 грамм гули хайрӣ, 460 грамм барги зулф ва назар ба ин, 4 маротиба зиёдтар райҳон ҷамъ намуданд. Онҳо ҳамагӣ чӣ қадар гиёҳҳои шифобахш ҷамъоварӣ намуданд?

Ҳал: 550+450+460=1460 грамм;

1460×4=5840 грамм;

1460+5840=7300 грамм. **Ҷавоб:** Ҳамагӣ хонандагон 7300 грамм гиёҳҳои шифобахш ҷамъоварӣ намуданд.

Масъалаи 3. Хоҷагии ҷангалпарвар аз як майдон 780 сентнер писта ҷамъоварӣ кард, ки ин аз пистаи майдони дуюм ҷамъоварӣ карда 180 сентнер кам аст. Хоҷагии ҷангалпарвар аз ду майдон чӣ қадар писта ҷамъоварӣ кардааст?

Ҳал: 780 сентнер – майдони якум;

780+180=960 сентнер – майдони дуюм;

780+960=1740 сентнер – ҳар ду майдон. Ҷавоб: Хоҷагии ҷангалпарвар аз ду майдон 1740 сентнер писта ҷамъоварӣ кардааст.

Масъалаи 4. Муассисаи таълимӣ барои хонандагони синфҳои сеюм ва чорум 180 дона китоби бачагона харид. Дар синфҳои сеюм 80 нафар хонанда ва дар синфҳои чорум 64 нафар хонанда таҳсил мекунад. Ин китобҳоро байни хонандагон чӣ тавр тақсим кардан мумкин аст?

Ҳал: Агар китобҳоро дар байни синфҳо ҳамон тавре тақсим намоем, ки нисбаташон ба нисбати хонандагони дар синфҳо буда, якхела бошад, яъне, 80:64=3:2 аст. Дар ин ҷо 180 дона китобро ба нисбати 3:2 тақсим кардан лозим аст. Ҳамагӣ 3+2=5 ҳисса ҳаст ва ба ҳар як ҳисса 180:5=36 дона китоб рост меояд. Бинобар он, ба хонандагони синфи сеюм 36×3=108 дона китоб ва ба хонандагони синфи чорум 36×2=72 дона китоб ҷудо кардан лозим аст. **Ҷавоб:** Барои синфҳои сеюм 108 дона китоб ва барои синфҳои чорум 72 дона китоб ҷудо кардан лозим аст.

Масъалаи 5. Периметри росткунҷа ба 64 см баробар буда, яке аз тарафҳояш аз дигараш 3 маротиба зиёд аст. Масоҳати росткунҷаро ёбед.

Ҳал: Барои ҳал кардани ин масъала аз формулаи периметри росткунҷа ва масоҳати он истифода мебарем. Яъне, P=2(a+b) ва S=a×b.

Агар P=64 см, a=3b бошад, он гоҳ ифодаи зеринро ҳосил мекунем: P=2(a+b); 64 см=2(3b+b); 64 см=2·4b; 64 см=8b; b=64 см:8; b=8 см аст ва a=3b=3·8 см = 24 см мешавад. Пас, қимати a=24 см ва b=8 см-ро ба формулаи масоҳати росткунҷа гузошта, меёбем: S = a·b=24 см·8 см = 192 см ^{2}.

Ҷавоб: Масоҳати росткунҷа ба 192 см ^{2} баробар аст.

Масъалаи 6. Адади номаълумро 4 маротиба зиёд намуда, пас ба адади 6 тақсим кардем, дар натиҷа 30 ҳосил шуд. Адади номаълумро ёбед.

Ҳал: Барои ҳал кардани ин масъала муодилаи 4·x:6=30-ро ҳал мекунем. 4·x=30·6, 4·x=180, y=180:4, y=45. **Ҷавоб:** Адади номаълум ба 45 баробар будааст.

Масъалаи 7. Як моеъ дар таркибаш 40% ва дигараш 60% кислота дорад. Барои ҳосил кардани 180 литр моеи дар таркибаш 80% кислотадор чанд литр аз моеи якум ва чанд литр аз моеи дуюм гирифтан мумкин аст?

Ҳал: Барои иҷрои ин кор x-литр моеи якумро гирифтан лозим меояд, пас (180-x)-литр моеи дуюм лозим мешавад. Яъне, 0,4x+0,6(180-x)=80 мешавад. Муодилаи ҳосилшударо ҳал мекунем:

0,4x+108-0,6x=80;

108-0,2x=80;

0,2x=108-80;

0,2x=28;

x=28:0,2;

x=140. Пас 180-140=40 литр мешавад. **Ҷавоб:** 40 литр ва 140 литр.

Масъалаи 8. Аз ададе 14-ро тарҳ намуда, натиҷаи тарҳро ба 8 зарб заданд. Баъд, ба ҳосили зарб адади 24-ро ҷамъ намуда, натиҷаи навро ба 6 тақсим карданд. Ҷавобаш 12 баромад. Адади номаълумро ёбед.

Ҳал: Масъалаи додашударо зина ба зина ҳал намудан лозим аст.

((x-14)·8+24):6=12;

(x-14)·8+24=12×6;

(x-14)·8+24=72;

(x-14)·8=72-24;

(x-14)·8=48;

x-14=48:8;

x-14=6;

x=6+14;

x=20.

Ҷавоб: Адади номаълум ба 20 баробар аст.

Масъалаи 9. Пиёдагарди якум бо суръати 8 км/соат равон аст. Суръати пиёдагарде, ки аз паси ӯ меравад, 10 км/соат буда, масофаи байни онҳо 18 километр мебошад. Онҳо баъди чанд соат вомехӯранд?

Ҳал: Агар вақти вохӯрии онҳоро бо x ишорат намоем, он гоҳ дар ин вақт пиёдагарди якум масофаи 8·x ва пиёдагарди дуюм масофаи 10·x-ро тай менамоянд. Ҳангоми вохӯрӣ масофаи тай намудаи пиёдагарди дуюм 18 километр зиёд аст. Яъне 10·x-8·x=18 мешавад. 2·x=18, аз ин ҷо x-ро меёбем: x=18:2=9 аст. Ҷавоб: Пиёдагардҳо баъди 9 соат бо ҳамдигар вомехӯранд.

Масъалаи 10. Дар як анбор нисбат ба дигараш 6 маротиба зиёдтар ҷав буд. Баъд аз оне, ки аз анбори якум 1800 тонна ҷавро бурда, ба анбори дуюм 600 тонна ҷав оварданд, миқдори ҷави дар ду анбор буда баробар шуд. Аз аввал дар ҳар як анбор чӣ қадар ҷав буд?

Ҳал: Ин масъаларо бо роҳи тартиб додани муодила ҳал мекунем. Агар миқдори ҷави анбори дуюмро бо x-ишорат намоем, он гоҳ миқдори ҷави анбори якум бо 6x ифода карда мешавад. Яъне, 6x-1800=x+600 мешавад. Муодилаи ҳосилшударо ҳал мекунем. 6x-

x=600+1800 ⟹ 5x=2400 ⟹ x=2400:5 ⟹ x=480. Пас 6x=6×480=2880 аст. **Ҷавоб:** Аз аввал дар анбори якум 2880 тонна ҷав ва дар анбори дуюм 480 тонна ҷав будааст.

Зимни ҳал кардани масъалаҳои матнӣ хонандагони хурдсол донишҳои нави математикӣ гирифта, барои иҷрои амалиёти навбатӣ тайёр мешаванд. Масъалаҳалкунӣ боиси инкишофи қобилияти мантиқӣ ва фикрронии хонандагон мегардад. Ба инкишофи шахсияти хонандагон низ таъсири мусбат мерасонад. Аз ин рӯ, ба омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ зарур аст, ки доир ба масъалаҳои матнӣ маълумоти кофӣ дошта бошанд, инчунин амалигардонии ҳамгироии фанҳо бо низомҳои гуногуни таҳсилот имкон медиҳад, ки масъалаҳои мушаххаси дар назди хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таълимӣ гузошташуда ҳал карда шаванд.

Ҳамин тавр, зимни ҳал кардани масъалаҳои матнӣ мақсадҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва инкишофдиҳандагӣ амалӣ карда мешавад. Ҳал кардани масъалаҳои матнӣ дар хонандагони хурдсол ба ташаккулёбии дониш, малакаю маҳорат мусоидат менамояд. Омӯзиши масъалаҳои матнӣ ба мо имкон медиҳад, ки назарияро ба амалия пайваст намоем. Ин раванд боз имкони беҳтару хубтарро дар тасаввуроти хонандагони хурдсол оид ба ҳалли масъалаҳои матнӣ зиёд мегардонад. Бошуурона азхудкунии донишҳои математикӣ аз тарафи хонандагони хурдсол фикрронии онҳоро инкишоф медиҳад ва истифода карда тавонистани амалиёти фикрӣ боиси баланд шудани савияи дониши онҳо мегардад.

Адабиёт

1. *Бантова, М. А. Методика преподавания математики в начальных классах / М.А. Бантова, Г.В. Бельтюкова. - М.: 1984. - 335 с.*
2. *Бегимов, Ҳ. Х. Ҳалли масъалаҳо яке аз воситаҳои инкишофи тафаккури мантиқии математикии донишҷӯён. // Маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ дар мавзуи "Сифати маълумот, мушкилот ва роҳҳои ҳалли он" бахшида ба "Соли маориф" ва "Фарҳанги техникӣ" ва 80 солагии ДДОТ ба номи С. Айнӣ / Ҳ.Х. Бегимов, Т.Б. Рачабов. – Душанбе: 2010. – С. 93-97.*
3. *Бегимов Ҳ.Х. Ҳалли масъалаҳои математикӣ дар синфҳои ибтидоӣ / Ҳ.Х. Бегимов, А. Разоқов, Д. Акбаров // Маърифати омӯзгор. 2007, №10, - С. 45 – 49.*
4. *Белошистая, А.В. Обучение решению задач в начальной школе / А.В. Белошистая. - М.: 2003. - 288 с.*
5. *Зайцев, Г.Т. Теоретические основы обучения решению задач в начальных классах / Г.Т. Зайцев. - Л.: 1983. - 98 с.*
6. *Бурхонов, Қ.Т. Ҳалли масъалаҳои типикӣ. (Дастури таълимӣ) / Қ.Т. Бурхонов, С.М. Рабиев, Р.Н. Султонов, Ш.А. Турдиева. – Хуҷанд: 2010. – 55 с.*
7. *Иззатуллоев, К. Таълими ҳалли масъалаҳои матнӣ аз математика дар синфҳои ибтидоӣ. (Дастури таълимӣ-методӣ) / К. Иззатуллоев, А. Пирназаров, Т Давлатов, Д. Муродова. – Душанбе: 2017. - 138 с .*
8. *Колягин Ю.М. Учись решать задачу / Ю.М. Колягин, В.А. Оганесян. - М.: 1980. – 96 с.*
9. *Кулюткин, Ю.Н. Эвристические методы в структуре решения / Ю.М. Колягин. – М.: 1970. – 231 с.*
10. *Лурье, М.В. Задача на составление уравнений / М.В. Лурье, Б.А. Александров. - М.: 1980. – 96 с.*
11. *Манвелов, С. Г. Задачи по математике на развитие самоконтроля учащихся / С. Г. Манвелов. - М.: 1997. - 159 с.*
12. *Маҳкамов, М. Методҳои ҳалли масъалаҳои матнӣ. Дастури методӣ барои донишҷӯён ва омӯзгорон / М. Маҳкамов, К. Бойматов, Ё. Нуралиев, Н. Қодиров. –Душанбе, 2016. - 128 с.*
13. *Маҳмудов, Т. Методҳои ҳалли машқ ва масъалаҳои математикаи синфҳои ибтидоӣ / Т. Маҳмудов, Т. Давлатов. – Душанбе, 2013. - 176 с.*
14. *Осимов, Қ.У. Методҳои ҳалли масъалаҳои математикӣ. Дастур барои муаллим / Қ.У. Осимов, Л.М. Фридман. - Душанбе, "Маориф" 1987. – 207 с.*
15. *Свечников, А.А. Решение математических задач в 1-3 классах. 1976 / А.А. Свечников. - М., 160 с.*
16. *Скаткин, Л.Н. Обучение решению простых и составных арифметических задач / Л.Н. Скаткин. - М.: 1963. -182 с.*

ТАШАККУЛИ ҚОБИЛИЯТИ ЭҶОДИИ ХОНАНДАГОНИ ХУРДСОЛ ЗИМНИ ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ МАТЕМАТИКИИ МАТНӢ

Дар мақолаи мазкур роҳҳои ташаккул додани қобилияти эҷодии хонандагони хурдсол ҳангоми ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ барои донишазхудкунии хонандагони хурдсол мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Омӯзиши математикаро барои хонандагони хурдсол яке аз масъалаҳои муҳим гуфтан мумкин аст. Гуфтан ба мавриди аст, ки ташаккул додани қобилияти эҷодии хонандагони хурдсол ҳангоми ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ барои хонандагони хурдсол дар таълими методикаи математика масъалаи асосӣ ба ҳисоб меравад. Мафҳуми масъалаи матнӣ - ин иншои ягон вазъият бо забони табиӣи арзёбии миқдори ягон компоненти ин вазъиятро талабкунанда мебошад, ки муайянкунии муносибатро дар байни компонентҳои он ва намуди ин муносибатро муайян менамояд. Ҳалли масъалаи матнӣ - ин кори ғайримуқаррарие мебошад, ки меҳнати фикриро аз хонандагон талаб менамояд. Барои иҷрои ягон кор, пеш аз ҳама роҳҳои ҳалли онро бояд хуб омӯхт, бо чӣ гуна воситаҳои аёнӣ кор карданро донистан зарур мебошад. Ҳамин тавр, маълум гардид, ки ташаккули қобилияти эҷодии хонандагони хурдсол зимни масъалаҳои матнӣ ҳама вақт аз савол оғоз меёбад, ки он инъикоси усул ва мушкилоти воқеъӣ дар шуури инсон мебошад. Дар амалияи кори синфҳои ибтидоии муассисаҳои таълимӣ хонандагон аз омӯзгор асосан масъалаҳои тайёрро дастрас менамоянд. Ҳол он ки дар раванди омӯзиши математика, ҳангоми аз тарафи хонандагон мустақилона ҷустани ҷавоб ва саволҳои пайдошуда, шаклҳои гуногуни усулҳои математикӣ пайдо мешаванд, ки ҳамаи онҳоро барои тартиб додани масъалаҳои математикии матнӣ истифода намудан мумкин аст. Дар ин мавриди масъала объекти омӯзишу таҳлил ба ҳисоб меравад ва хонандагон ба моҳияти масъала сарфаҳм рафта, тафаккури математикии худро ташаккул медиҳанд ва дар раванди ҳал намудани масъалаҳои матнӣ донишҳои нави математикӣ гирифта, ба амалиёти амалӣ тайёр мешаванд.

Калидвожаҳо: таҳсилот, таълим, тарбия, таҳлил, дониш, малака, маҳорат, ташаккул, тафаккур, диққат, хотира, қобилият, математика, хонандагони синфҳои ибтидоӣ, масъала, омӯзиши масъала, навъҳои масъала, масъалаҳои матнӣ, ҳалли масъалаҳои матнӣ, омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, муассисаҳои таълимӣ.

РАЗВИТИЕ ТВОРЧЕСКИХ СПОСОБНОСТЕЙ МЛАДШИХ ШКОЛЬНИКОВ ПРИ РЕШЕНИИ ТЕКСТОВЫХ МАТЕМАТИЧЕСКИХ ЗАДАЧ

В данной статье проанализированы и обсуждены пути развития творческих способностей младших школьников при решении текстовых математических задач для обучения младших школьников. Обучение математике для младших школьников можно назвать одним из важнейших вопросов. Следует отметить, что развитие творческих способностей младших школьников при решении текстовых математических задач для младших школьников является основным вопросом преподавания математических методов. Определение текстовой задачи – это сочинение ситуации на естественном языке, требующее оценки количества любого компонента этой ситуации, определяющего взаимосвязь между ее компонентами и тип этой связи. Решение текстовой задачи – необычная задача, требующая от учащихся умственной работы. Чтобы выполнить какую-либо работу, прежде всего необходимо хорошо научиться ее решать, уметь работать с изобразительными инструментами. Таким образом, стало ясно, что формирование творческих способностей младших школьников при решении текстовых задач всегда начинается с вопроса, который является отражением метода и реальных проблем в сознании человека. В рабочей практике начальных классов образовательных учреждений учащиеся получают от учителя преимущественно подготовленные вопросы. Однако в процессе изучения математики, когда учащиеся самостоятельно ищут ответы и вопросы, появляются различные формы математических методов, каждый из которых может быть использован для формулирования текстовых математических задач. В этом случае задача рассматривается как объект изучения и анализа, а учащиеся понимают суть проблемы, развивают свое математическое мышление, а в процессе решения текстовых задач получают новые математические знания и готовятся к практическим действиям.

Ключевые слова: образование, воспитание, обучение, анализ, знания, умения, навыки, формирование, мышление, внимание, память, способности, математика, младшие школьники, задача, проблемное изучение, виды задач, текстовые задачи, решение текстовых задач, начальная школа преподаватели, образовательные учреждения.

DEVELOPMENT OF CREATIVE ABILITIES OF PRIMARY SCHOOL CHILDREN IN SOLVING MATHEMATICAL PROBLEMS IN THE TEXT

This article analyzes and discusses ways to develop the creative abilities of primary school students when solving mathematical text problems for teaching primary school students. Teaching mathematics to primary school students can be called one of the most important issues. It should be noted that the development of creative abilities of primary school students when solving mathematical text problems for primary school students is the main issue of teaching mathematical methods. Definition of a text problem is the composition of a situation in natural language, requiring an assessment of the amount of any component of this situation, determining the relationship between its components and the type of this relationship. Solving a text problem is an unusual task that requires mental work from students. In order to do any work, first of all, it is necessary to learn how to solve it well, to be able to work with visual tools. Thus, it became clear that the formation of creative abilities of primary school students in solving text problems always begins with a question, which is a reflection of the method and real problems in the mind of a person. In the working practice of primary classes of educational institutions, students receive mainly prepared questions from the teacher. However, in the process of studying mathematics, when students independently search for answers and questions, various forms of mathematical methods appear, each of which can be used to formulate text mathematical problems. In this case, the problem is considered as an object of study and analysis, and students understand the essence of the problem, develop their mathematical thinking, and in the process of solving text problems, they receive new mathematical knowledge and prepare for practical actions.

Keywords: education, upbringing, training, analysis, knowledge, skills, abilities, formation, thinking, attention, memory, abilities, mathematics, primary school students, task, problem-based learning, types of tasks, text problems, solving text problems, primary school teachers, educational institutions.

Дар бораи муаллиф
Бегимов Ҳусен Худоярович
Номзади илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: begimovhusen@gmail.com

Об авторе
Бегимов Хусен Худоярович
Кандидат педагогических наук, профессор кафедры методики начального образования
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: begimovhusen@gmail.com

Author the author
Begimov Khusen Khudoyorovich
Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of Methods of Primary Education
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: begimovhusen@gmail.com

ТДУ 54+54.01(075.8)

МУШКИЛОТҲОИ РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ФАННИ ХИМИЯ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

Давлатмуродзода М. Д., Бобозода Б. Ҷ.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Дар шароити муосир рушди босуръати муассисаҳои миёнаи умумӣ, ба вуҷуд омадани барномаҳои гуногуни таълимӣ ва системаҳои таълим, пайваста омӯзгорон кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки эҷодкорона фаъолияти педагогии худро бой гардонанд. Ин маънои онро дорад, ки омӯзгор дониши педагогии худро мунтазам васеъ намуда, раванди дарсҳоро пайваста ба таври гуногун ва шавқовар гузаронад.

Аз ҳамин лиҳоз усулҳои омӯзиши таълими химия дорои аҳамияти хеле калон мебошад. Пеш аз он, ки усулҳои таълими химия чӣ гуна таълим дода шавад, ҳадафҳои таълимро муайян кардан лозим аст. Мақсадҳо ин натиҷаи пешбинишудаи таълим мебошанд, ки ба он фаъолияти муштараки омӯзгорон ба толибилмон дар раванди омӯзиши химия равона карда мешавад. Химия яке аз мураккабтарин фанҳои таълимӣ дар барномаи таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҷойгир шудааст.

Ҳангоми таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ на танҳо дониш, малака ва таҷрибаи фаъолияти эҷодӣ, балки муносибати толибилмон ба олами атроф ташаккул меёбад. Дар сурати набудани таъсири мақсадноки омӯзгор ба ин ҷанбаи таълим, муносибати толибилмон ба табиат ва воқеият бо дониши гирифтааш ба шумор меравад. Вазифаи асосии омӯзгор дар раванди таълими химия ин ташаккули дониш ва малакаи толибилмон дар муассисаҳоиҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ вазифаи таълимро ба миён гузоштааст.

Принсипҳои рушди таҳсилот дар асарҳои С. Холназаров чунин қайд гардидааст, ки усулҳои мушоҳидакорӣ, худидоракунӣ, тозанигорӣ, маҳорати кори дукаса дар муассисаи таълимӣ озмоишҳо, машғулияти амалӣ гузаронида мешаванд [9, с. 8-12].

Ҳар як омӯзгор ҳангоми ба нақша гирифтани маводӣ таълимӣ ва тайёрӣ ба дарс инро ба назар мегирад. Муайян намудани мақсадҳои умумии таълими химия вобаста ба ҳар як мавзуъ ё дарс якҷоякунии оқилонатарини мақсадҳоро барои мақсадҳои гуногун, нишон додани муҳимтарини онҳо талаб мекунад. Муносибати муайян кардани танҳо ҳадафҳои таълимӣ, ки то ҳол дар амалияи таълимӣ васеъ паҳн шудааст, имкон намедиҳад, ки талаботи ҷомеа ба муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ташаккули шахсият ҳамаҷониба инкишоф ёбад.

Аксари омӯзгорон дар давраи ташаккул додани таҷриба ва фаъолияти эҷодияшон аз рӯи методистон Глориозов П.А., Колосова К.Г., Левашев В.И., Сомин А.Е. ва дигарон истифода мебаранд.

Баъд дар ҳамин асос қоидаи тиллоии дидактика ё принсипи возеҳиятро Коменский Я.А.: «Ҳар он чизе, ки барои дарк тавассути ҳиссиёт таъмин карда мешавад, яъне: он чизе, ки барои дарк тавассути дидан намоён аст, он чизе, ки бо шунидан аст, бӯй мекунад, бо таъм чашидан мумкин аст, бо ламс дастрас аст. Агар баъзе предметҳоро бо якчанд ҳиссиёт дарк кардан мумкин бошад, бигзор онҳоро якбора якчанд ҳиссиёт дарк кунад» ин раванд ба баланд бардоштани фикрронӣ, омӯзиши фаъолона ва ташаккули малакаҳои амалӣ равона карда мешавад.

Таҷрибаи Борунова Е.Б. нишон медиҳад, ки дар ҳар як намуди фаъолият се марҳиларо фарқ кардан мумкин аст: нишондиҳанда, иҷроия ва назорат. Дар айни замон он бояд амалҳоеро нишон диҳад, ки барои толибилмон вуҷуд доранд ва макон ва вақти ташаккули махсусро муайян мекунад [2, с. 66].

Аксар вақт дар раванди касби омӯзгорӣ, омӯзгор танҳо мақсадҳои таълимро муқаррар мекунад (баён кардан, таълим додан, ташкил кардан). Ҳамин тариқ дар раванди дарс «Тартиб додани формулаҳо аз рӯи валент» ҳадафҳои таълим пешниҳоди дониш аз ҷониби омӯзгор оид ба формула, намоиши амалҳо оид ба тартиб додани формулаҳо ва ташкили фаъолияти толибилмон оид ба азхудкунии дониш ва маҳорат мебошанд. Ҳадафҳои омӯзиш азхуд кардани усулҳои таҳияи формулаҳо ва машқ дар татбиқи донишҳо хоҳанд буд. Муҳим аст, ки мақсадҳои таълиму тарбия дар ягонагӣ ифода ёфта, бо ҳам мувофиқ бошанд, яъне дар формулаҳои зерин ифода карда шаванд: таъмин намудани азхудкунии дониш, усулҳои амал, татбиқи дониш дар амалия ва ғайра.

Барои ин, мо метавонем мушаххас кунем, ки дар мазмуни таълим он чи мушаххас аст, ки танҳо ҳангоми омӯзиши химия омӯхта, ошкор ва ташаккул меёбад:

❖ системаи донишҳо дар бораи элементҳои химиявӣ, моддаҳое, ки аз онҳо ҳосил мешаванд ва табдили онҳо, дар бораи муҳимтарин қонунҳои химиявӣ, дар бораи усулҳои дониши онҳо - ҳамчун қисми муҳими таълими химиявӣ ва дониш дар бораи олами атроф ва қонунҳои он;

❖ манзараи химиявии табиат ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи тасвири илмии ҷаҳон ва яке аз асосҳои ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ;

❖ асосҳои технологияи химия ва истеҳсолот ҳамчун қисми муҳими таълими илмҳои техникии хонандгон;

❖ усулҳои шинохти хоси химия ва барои ҳаёт муҳим (таҷрибаи химиявӣ ва моделсозӣ, таҳлил ва синтези моддаҳо, ки бо забони илм амал мекунанд, техника ва амалиётҳои дар лабораторияи химиявӣ истифодашаванда, ки барои ба кор омода намудани толибилмон низ зарур аст.

Ҳадафҳои таълимӣ ташаккули донишҳои табиатшиносӣ ва технологӣ дар химия ва малакаҳои ба он алоқамандро дар бар мегиранд. Манзараи химиявии олам тасаввуроти яклухт дар бораи моддаҳо, хусусиятҳо, таснифоти онҳо мебошад, ки бо қонунҳои муайян ба ҳам алоқаманданд, онҳо ба қонунҳои умумии илмии табиат итоат мекунанд ва системаи назари худро дар бораи сохтори химиявии ҷаҳон ташкил медиҳанд. Бо дарки ҳамаҷонибаи табиат, моддаҳои химиявӣ ва падидаҳо, шумо метавонед донишро ба ҳолатҳои нави ғайристандартӣ интиқол диҳед.

Онҳо дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии толибилмон саҳми калон мегузоранд. Вазифаҳои тарбиявӣ тарбияи сиёсӣ, ахлоқӣ, эстетикӣ ва меҳнатии толибилмон дар раванди омӯзиши химия, ки бо ҳамдигар ва бо мақсадҳои таълим алоқаманданд, барасӣ менамоянд. Вазифаҳои инкишофи таълими химия ташаккули шахсияти фаъоли ҷамъиятиро дар бар мегирад. Дар баробари ин психика инкишоф ёфта, ирода мустаҳкам мегардад, шавқу ҳавас ва қобилияти толибилмонро ошкор месозад. Дар шакли умумӣ маҷмуи мақсадҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва инкишофи таълими химия дар муқаддимаи барномаҳои химия барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ инъикос ёфтааст.

Ба гуфтаи Зелезинский А. Л. «Назарияи материалистии дониш нишон медиҳад, ки он чизе, ки нишон дода мешавад, ба шуури мо вобаста нест ва бо баромадан аз тафаккури зинда ба тафаккури абстрактӣ ва аз он ба амалия муайян карда мешавад [5, с. 57].

Дар раванди мақсаднок будани ташкили корӣ эҷодии дастаҷамъонаи толибилмон дар давоми дарсҳо ҷалб карда мешавад, ки ин имкон медиҳад, ки толибилмон қобилияти маърифатӣ, ташаккули тафаккури мустақил ва баланд бардоштани фаъолияти эҷодии онҳоро баланд бардорад. Мақсадҳои умумии таълими химия тамоми равандҳои таълими ин фанро дар бар мегиранд:

➢ аз худ кардани толибилмон ба асосҳои илми химия ва усулҳои дониши он, таълими политехники дар равандҳои шиносоӣ бо асосҳои илмии истеҳсолоти химия ва муҳимтарин соҳаҳои химиконидани хоҷагии халқ;

- ташаккул додани қобилияти мушоҳида ва шарҳ додани ҳодисаҳои химиявӣ дар табиат, лаборатория, истеҳсолот, дар ҳаёти ҳарруза, истифода бурдани техникаи мантиқӣ, мураттаб ва боварибахш баён кардани маводҳои омӯхташаванда;
- ташаккул додани малакаи амалии коркарди моддаҳо, асбобҳои химиявӣ, асбобҳои ченкунӣ, гузаронидани таҷрибаи оддии химиявӣ, ҳалли масъалаҳои химиявӣ, иҷрои корҳои графикӣ ва ғайра;
- инкишоф додани меҳру муҳаббат ба химия, шавқу ҳаваси устувори ин фан, ҷустуҷуӣ, мустақилият дар азхудкунии дониш;
- инкишофи қобилиятҳои умумӣ ва махсус (химики), мушоҳидакорӣ, саҳеҳӣ ва дигар сифатҳои шахсӣ.

Ҳадафҳои умумии омӯзиши мушаххаси бахшҳои алоҳида, мавзуъҳо, дарсҳо, интихобҳо ва ғайраро дар бар мегиранд.

Мушаххас намудани ҳадафҳои умумии таълим ба фаҳмиши мушаххасоти фан, ба донистани он, ки дар муқоиса бо дигар фанҳо ба рушди шахсияти толибилмон чӣ мусоидат карда метавонад, асос ёфтааст.

Имкониятҳои химияро ҳамчун фанни таълимӣ дар ташаккули шахсияти толибилмон дониста, омӯзгор мақсади дарсро, мавзуъ ва фаслҳоро муайян мекунад.

Дар асарҳои Аркавенко Л.Н. чунин қайд карда шуд, ки таърихи таълими химия доираи дониши таълимгорандагон васеъ гардонида, маҳорат ва малакаҳои онҳоро оид ба иҷрои амалии корҳо пайдо мекунад ва барои баланд бардоштани завқу шавқи толибилмон кӯмак менамояд [1, с. 63].

Ҳадафҳои таълимӣ аз ҳадафҳои мувофиқ бармеоянд, ки ҳалли пай дар пай онҳо боиси азхуд кардани донишу малака мегардад.

Агар омӯзгор ба раванди донишҳои таълимӣ далелҳои интихобшударо, ки назарияро бо амалия, бо ҳаёт алоқаманд мегардонанд, дохил накунад, ин дониш расмӣ мегардад. Муҳим аст, ки далелҳо дар атрофи назарияҳои муайяне гурӯҳбандӣ карда шаванд, ки онҳоро шарҳ медиҳанд.

Дониш ба толибилмон дар шакли умумӣ ва конденсатсионӣ дар мафҳумҳо дода мешавад. Консепсияҳо дорои донишҳои сершумор ва ҳамаҷониба дар бораи объектҳо, падидаҳо ва равандҳои химиявӣ мебошанд. Ташаккул, инкишоф ва муттаҳидсозии мафҳумҳо ба системаҳои донишҳои назариявӣ вазифаи сеюми умумии таълим ин таълими химия баҳисоб меравад. Дониши андӯхташуда бояд бо забони илм дуруст тавсиф ва ифода карда шавад. Азхуд кардани истилоҳоти химиявӣ, номенклатура ва символизм ҳадафи чоруми таълими химия мебошад.

Аҳаммияти ин мавзуъро ҳолатҳои зерин муайян мекунанд. Бо он, ки ҳар як омӯзгор бояд тафаккури мантиқии толибилмонро инкишоф диҳад, ҳеҷ кас баҳс намекунад. Дар ин бора дар адабиётҳои методӣ, дар варақаҳои фаҳмондадиҳии нақшаи таълимӣ гуфта шудааст. Аммо омӯзгор на ҳама вақт ин корро медонад. Аксар вақт ин ба он оварда мерасонад, ки инкишофи тафаккури мантиқӣ асосан стихиявӣ аст, бинобар ин аксари толибилмон, ҳатто толибилмонӣ синфҳои болоӣ, усулҳои ибтидоии тафаккури мантиқӣ (таҳлил, муқоиса, синтез, абстраксия ва ғайра) -ро аз худ намекунанд.

Кирюшкин Д.М. дар ташаккул ва инкишофи методология саҳми назарраси назариявӣ гузоштааст. Тадқиқотҳои у дар соҳаи ба ҳам пайвастани калима ва тасвири омӯзгор ҳангоми тадриси химия, кори мустақилонаи хонандагон ва донишҷӯёнро аз фанни химия, инчунин ҳалли масъалаҳои алоқаи байни фанҳо ба ташаккули методикаи таълими химия, мусоидат намудаанд [6, с. 89].

Барои муайян кардани мақсадҳои таълими химия мазмуни аниқи фанни таълимӣ таъсир мерасонад. Ин ба омӯзгор барои муқаррар намудани мутобиқати байни мақсад ва мӯҳтаво, аниқ кардани тамаркузи маводи таълимӣ барои ноил шудан ба мақсадҳо, интихоби усул ва воситаҳои таълим, ки ба мақсад ва мазмун мувофиқат мекунанд, ёрӣ мерасонад.

Таҳлилҳои психологии омӯзиш нишон медиҳад, ки азхудкунии дониш дар натиҷаи фаъолияти фаъоли руҳии толибилмон ҳангоми ҳалли масъала тавассути равшан намудани ҷанбаҳои мавҷудаи масъала тавассути таҳлил, умумӣ ва абстраксия ба амал меояд. Фаъолияти эҷодӣ ва таҳқиқотии толибилмон шакли баланди фаъолият мебошад. Чӣ қадаре, ки фаъолияти толибилм ба сатҳи эҷодӣ наздик бошад, натиҷаҳои таълим ҳамон қадар баланд мешаванд. Ҳамин тариқ, яке аз самтҳои асосии самарабахшии фаъолияти толибилмон ташаккулёбии қобилият ва майлу рағбати эҷодии онҳо мебошад. Вазифаи асосии дидактика на танҳо самаранок намудани фаъолияти толибилм бо методҳои ҷудогона мебошад, балки самарабахшии ҳамаи равандҳо, муайянкунонии системаҳо, тарзҳо, воситаҳо ва усуле мебошанд, ки дар баланд бардоштани фаъолияти толибилм ёрӣ медиҳанд.

Баръакс, вазифаҳои ниҳоят душворе, ки аз ҳадди маълуми мураккабӣ зиёданд, фоидаовар нестанд ва ҳатто сатҳи тафаккурро паст мекунанд. Барои он, ки вазифаҳо шуморо маҷбур кунанд, ки фикр кунед ва тафаккурро инкишоф диҳед, онҳо бояд иҷрошаванда бошанд. Танҳо дар он сурат андешаи толибилмон пайваста аз як объект ба объекти дигар мегузарад, диққати ӯ ба масъала нигаронида мешавад, ки ин боиси ҳалли минбаъда мегардад.

Ҳадафҳои таълимӣ азхуд кардан, муттаҳид кардан, ба низом даровардани маводи таълимӣ, дарки моҳияти химиявии падидаҳо, ташаккул додани маҳорати ба кор бурдани донишҳои гирифташуда дар вазъияти муайян (аз ёд кардани формулаҳо, қоидаҳо, тартиб додани муодилаҳои реаксияҳои химиявӣ дар амал ба амал меоянд) иборатанд.

Мақсадҳои тарбиятӣ ташаккули ҷаҳонбинӣ, васеъ намудани ҷаҳонбинии шахс оид ба масъалаҳои кишваршиносӣ ва политехникӣ, татбиқи робитаҳои байнифанӣ, ки ягонагии табиатро нишон медиҳанд, алоқамандии таълим бо ҳаёт, тарбияи матонат ва барои расидан ба мақсадро дар бар мегирад.

Ҳадафҳои инкишоф ташаккули тафаккури илмӣ-назариявӣ, мантиқӣ ва эҷодӣ, инкишофи заковат ва дар оянда – заковат ва тамоюл ба касби химияро дар бар мегирад.

Ҳамин тавр, ҳалли масъалаҳои ҳисобкунӣ аҳамияти калони методӣ дорад, бинобар ин дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таълими химия бе ҳалли онҳо имконнопазир аст. Ҳангоми ҳалли масъала толибилмон маводи назариявии дахлдорро дар хотир нигоҳ медоранд, алгоритми ҳалли масъаларо месозанд ва донишҳои гирифтаашро дар ҳолатҳои мушаххас истифода мебаранд. Аммо бояд фаҳмид, ки ҳалли масъалаҳо мақсади худ не, балки воситаи омӯзишест, ки ба азхудкунии дониши толибилмон мусоидат мекунад.

Марҳалаи нави инкишофи усулҳои химия бо номи профессор В.Н. Верховский алоқаманд аст. Вай самтҳои асосии таҳкурсии соҳаи нави ҷавони илми педагогиро муайян мекунад. Эътибори зиёд ба профессор Верховский В.Н. масъалаҳои мазмун ва сохти курси химияро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ кор карда мебарояд. Муаллифи барномаҳои давлатӣ, китобҳои дарсии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, дастурҳои таълимӣ барои толибилмон ва омӯзгорон буд, ки аз руйи талаботи зиёд чандинкарат банашр расонида шудааст.

Асари муҳимтарини Верховский В.Н. китоби у «Техника ва усулҳои таҷрибаҳои химиявӣ дар мактабҳои миёна» мебошад, ки то имруз аҳамияти худро нигоҳ доштааст. Ва дар он чунин омадааст, ки худи дониш бе диалектикаи инкишофи худ ҳеҷ нест, дониш алоқаи байни равандҳо ва элементҳоро дар доираи як бутун ифода мекунад [3, с. 185].

Марҳалаи ҳозираи инкишофи методикаи таълими химия ҳамчун илм аз ба вуҷуд омадани илмҳои педагогӣ оғоз меёбад. Ҳануз соли 1946 асарҳои таҳкурсии ходимони лабораторияи методикаи таълими химия С.Г. Шаповаленко «Усулҳои тадқиқоти илмӣ дар соҳаи методикаи химия» ва Ю.В.Ходаков «Принсипҳои асосии сохтани китоби дарсии химия» пайдо шуданд. Якумин онҳо характери кори тадқиқоти илмиро оид ба усулҳои химия муайян кард; дуюм - сохтор ва мазмуни китоби дарсии химия барои толибилмон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ пешниҳод намудаанд.

Инкишофи системаи таълими политехникӣ яке аз самтҳои фаъолияти илмии методист-химикҳои Академияи фанҳои педагогӣ буд. Дар таҳти роҳбарии Шаповаленко С.Г. ва

Энштейн Д.А. материалҳо оид ба истеҳсолоти химиявӣ интихоб карда шуда, усулҳои самарабахши омӯзиши онҳо дар муасисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо истифода аз диаграммаҳо, ҷадвалҳо, макетҳо, диафилму кинофилмҳои гуногун дида баромада шуданд. Академияи фанҳои педагогӣ дар солҳои мавҷудияти худ ба маркази калони илмӣ табдил ёфт. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, донишгоҳҳо ва озмоишгоҳҳои он мушкилотҳои муҳими методикаи таълими химия ҳал карда, кори илмии методистони химияро дар тамоми ҷумҳури ба ҳам мутобиқ намуд.

Таҳлили маводе, ки дида баромада шуд, ба мо барои ба даст овардани ҳаҷми зиёди маълумоти ибтидоии назариявӣ ва эмперикӣ, ташкили кор мувофиқи мақсадҳои дар муқаддима гузошташуда имконият дод. Маводҳое, ки аз омӯзиши таҷриба ба даст оварда шуд, барои фаҳмидани ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии мушкилот, тасдиқи ҷавоби аниқ оид ба бисёр муҳим будани мавзуи таҳқиқот ва баровардани хулосаҳо ёрии калон расонид.

Натиҷаи таҳлили назариявӣ ва амалии сарчашмаҳо собит менамояд, ки дар алоқамандии истифода намудани методҳои таълим ва тарбия дар раванди таълими ҳозира аз ҳар ҷиҳат бисёр муҳим мебошад. Проблемаи рӯзмарракунонӣ имконият медиҳанд, ки методҳои таълимро бисёр таҳқиқотчиён дида баромаданд, барои маҳсулнокии якҷояшавии баҳо додан ба аз худ намудани илм ташаккули афкор ва сифати тарбияро талаб менамоянд. Ҳангоми тағйир ёфтани мазмуни методҳо аз ҳисоби анъанаҳо ва амсиласозиҳо бой мегарданд. Муваффақият ва навигарии методҳо аз усулҳои фардии истифодаи онҳо аз тарафи омӯзгорон ва мувофиқ намудани онҳо бо бисёр омилҳо ва шароит вобаста аст.

Таҳлили маводе, ки дида баромада шуд, ба мо барои ба даст овардани ҳаҷми зиёди маълумоти ибтидоии назариявӣ ва эмперикӣ, ташкили кор мувофиқи мақсадҳои дар муқаддима гузошташуда имконият дод. Маводҳое, ки аз омӯзиши таҷриба ба даст оварда шуд, барои фаҳмидани ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии проблема, тасдиқи ҷавоби аниқ оид ба бисёр муҳим будани мавзуи таҳқиқот ва баровардани хулосаҳо ёрии калон расонид.

Адабиёт

1. *Аркавенко, Л.Н. Для чего классифицировать расчетные задачи / Л.Н. Аркавенко, В.Л. Гапонцеа, О.А. Белоусова // Химия в школе. М., Изд-во 1998. - 363 с.*
2. *Борунова, Е.Б. О Методика изучения химии в школе вусловиях интеграции с английским языком: / Е.Б. Борунова // Дис.... канд. пед. наук: М.: 2010. - 166 с.*
3. *Верховский В.Н. Техника и методика химического эксперимента в школе. Том 2. / В.Н. Верховский. – Ленинград, 1949. - 488 с.*
4. *Зуева, М.В. Методические приемы обучения учащихся применению знаний по химии, //в Сб. Повышение эффективности методов обучения химии в средней школе. Тезисы докладов к Всесоюзной научно-методической конференции / М.В. Зуева. - М., 1982.*
5. *Зелезинский, А. Л. Методика внеклассной работы по химии в школах с углубленным изучением иностранного языка: Дис. ... канд. пед. наук / А. Л. Зелезинский. - Санкт-Петербург, 2004. - 186 с.*
6. *Кирюшкин, Д. М. Методика обучения химии / Д. М. Кирюшкин, В.С. Полосин. - М.: Просвещение, 1970. - 495 с.*
7. *Котляр М.М. Формирование элементов языковой культуры учащихся в процессе обучения химии / М.М. Котляр // Автореф. дисс. канд. пед. наук. СПб., 2000. - 16 с.*
8. *Фатеева К.В. Значение химических задач в учебно-воспитательном процессе / К.В. Фатеева. // Студенческий: электрон. научн. журн. 2019. № 41(85).*
9. *Холназаров, С. Методикаи таълими химия. Китоби дарсӣ барои мактаби олӣб / С. Холназаров У.З. Зубайдов. – Душабе, 2011. - 349 с.*
10. *Чернобельская, Г. М. Теория и методика обучения химии: учебник по специальности «Химия / Г. М. Чернобельская. – М.: Дрофа, 2010. – 476 с.*
11. *Штремплер Г.И. Методика решения расчетных задач по химии / Г.И. Штремплер, А.И. Хохлова. М: Просвещение, 1998. - 495 с.*
12. *Шпаковская, Е.В. Проведение общающих уроков в игровой форме [Текст] / Е.В. Шпаковская, Д.С.Исаев // Химия в школе, 2002. – 348 с.*

МУШКИЛОТҲОИ РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ФАННИ ХИМИЯ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

Дар педагогика зери мафҳуми методҳои таълим ин усулҳои фаҳмондадиҳии маводи таълимӣ дар фаъолияти омӯзгор ва толибилмон барои расидан ба мақсадҳои гузошташуда фаҳмида мешавад. Аз ин хотир, методикаи таълими фанҳои гуногун бештар вазифаҳои бедоркунанда, омӯзанда, фаъолияткунанда ва тарбиякунандаро иҷро менамоянд. Ташкили лоиҳаҳои амалӣ, ки ба ҳалли мушкилоти воқеӣ равона шудаанд, толибилмонро водор месозанд, ки малакаҳои таҳлилӣ ва эҷодии худро рушд диҳанд. Вобаста ба ин муаллифони мақола кӯшиш намудаанд роҳҳои гуногуни фаҳмондадиҳӣ, муаррифӣ, омӯзонидан ва такмили маводи таълимиро ба толибитмон дар раванди таълими фанни химия бо таҳлили андешаҳои педагогҳои машҳури замони муосир баррасӣ намоянд. Дар натиҷаи омӯзиши таҷрибаи педагогҳои хориҷи Глориозов П.А., Колосова К.Г., Левашев В.И., Сомин А.Е. ва олимони ватани бошанд Зубайдов У., Нуъмонов М., Холназаров С., Шарифов Ҷ., Назарова Т.С., тавсия медиҳанд, ки дар ибтидои омӯзиши химия истифода карда шавад. Дар ҳамин асос барои бедор намудани фаъолияти толибилмон ба назар гирифта, се марҳилаи раванди таълим: нишондиҳанда, иҷроиш ва назоратро ба роҳ монанд. Чи хеле ки амалия нишон медиҳад, омӯзгорони химия бомуваффақият ин методро дар синфҳои болоӣ истифода мебаранд. Тибқи гуфтаҳои боло муаллифони мақола нишон медиҳанд, ки то кадом дараҷа самарабахшии ҳамаи равандҳо дар раванди таълим, тарбия, рушд ба таври чандирӣ истифода метавон истифода бурд, ки ин методҳо дар иҷрои вазифаҳои тарбиявӣ аз манфиат холӣ нест.

Калидвожаҳо: ҷустуҷӯ, бедоркунӣ, таълим, мушкилотҳо, муҳиммият, ҳадаф, азхудкунӣ, муттаҳид кардан, низом, дарк, моҳият, падидаҳо, ташаккул, маҳорат, самарабахшӣ, фаъолият, толибилмон, ташаккулёбӣ.

ПРОБЛЕМЫ ПРОЦЕССА ПРЕПОДАВАНИЯ ХИМИИ В УЧРЕЖДЕНИЯХ ОБЩЕГО СРЕДНЕГО ОБРАЗОВАНИЯ

В педагогике под понятием «методы обучения» понимаются способы объяснения учебного материала в деятельности учителя и учащихся по достижению поставленных целей. По этой причине методы преподавания различных предметов в основном выполняют задачи пробуждения, обучения, активности и воспитания. Организация практических проектов, направленных на решение реальных задач, будет стимулировать студентов развивать аналитические и творческие способности. Исходя из этого, авторы статьи попытались рассмотреть различные способы объяснения, подачи, преподавания и совершенствования учебных материалов в процессе обучения химии, анализируя мнения известных современных педагогов. В результате изучения опыта зарубежных педагогов Глориозова П.А., Колосовой К.Г., Левашев В.И., Сомин А.Е. и отечественные ученые Зубайдов У., Нуманов М., Холназаров С., Шарифов Ж., Назарова Т.С. рекомендует использовать его в начале изучения химии. Исходя из этого, для пробуждения активности учащихся следует учитывать три этапа образовательного процесса: указание, выполнение и контроль. Как показывает практика, учителя химии успешно используют этот метод в старших классах. Согласно вышеизложенному, авторы статьи показывают, насколько можно гибко использовать эффективность всех процессов в процессе обучения, обучения, развития, что эти методы не лишены преимуществ при реализации образовательных задач.

Ключевые слова: поиск, пробуждение, образование, проблемы, значимость, цель, освоение, интеграция, система, восприятие, сущность, явления, становление, умение, эффективность, деятельность, ученик, становление.

PROBLEMS OF THE PROCESS OF TEACHING CHEMISTRY IN INSTITUTIONS OF GENERAL SECONDARY EDUCATION

In pedagogy, the concept of “teaching methods” refers to ways of explaining educational material in the activities of the teacher and students to achieve their goals. For this reason, the teaching methods of various subjects mainly fulfill the tasks of awakening, teaching, activity and education. Organizing practical projects aimed at solving real-life problems will encourage students to develop analytical and creative skills. Based on this, the authors of the article tried to consider various ways of explaining, presenting, teaching and improving educational materials in the process of teaching chemistry, analyzing the opinions of famous modern teachers. As a result of studying the experience of foreign teachers Gloriozova P.A., Kolosova K.G., Levashev V.I., Somin A.E. and domestic scientists Zubaidov U., Numanov M., Kholnazarov S., Sharifov

Zh., Nazarova T.S. recommends using it at the beginning of studying chemistry. Based on this, to awaken students' activity, three stages of the educational process should be taken into account: instruction, execution and control. As practice shows, chemistry teachers successfully use this method in high school. According to the above, the authors of the article show how flexible it is to use the effectiveness of all processes in the process of teaching, learning, development, and that these methods are not without advantages in the implementation of educational tasks.

Keywords: search, awakening, education, problems, significance, goal, development, integration, system, perception, essence, phenomena, formation, skill, efficiency, activity, student, formation.

Дар бораи муаллифон

Давлатмуродзода Мирзомурод Давлатмурод
Номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи химия ва методикаи таълими он
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, к.С.Сафаров, 16

Бобозода Бахтиёр Ҷанги
Номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи химия ва методикаи таълими он
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
735360 ҶТ ш. Кӯлоб кучаи С. Сафаров

Об авторах

Давлатмуродзода Мирзомурод Давлатмурод
Кандидат педагогических наук, старший пропадаватель кафедры методики преподавания химии
Кулябский государственный университет имени Абуабдулло Рудаки
735360, Республика Таджикистан, г.Куляб, ул. С.Сафарова, 16

Бобозода Бахтиёр Джанги
Кандидат педагогических наук, старший пропадаватель кафедры методики преподавания химии
Кулябский государственный университет имени Абуабдулло Рудаки
735360, Республика Таджикистан, г.Куляб, ул. С.Сафарова, 16

About the authors

Davlatmurodzoda Mirzomurod Davlatmurod
Candidate of Pedagogical Sciences, Senior Assistant Professor at the Department of Methods of Teaching Chemistry
Kulyab State University named after Abuabdullah Rudaki
735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, S.Safarov, street 16

Bobozoda Bakhtiyor Jangi
Candidate of Pedagogical Sciences Senior Assistant Professor of the Department of Methods of Teaching Chemistry
Kulyab State University named after Abuabdullah Rudaki
735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, S.Safarov, street 16

ТДУ 809.155.0

НАҚШИ ФАЪОЛГАРДОНӢ ДАР ТАЪЛИМИ ДАРСИ ЗАБОНИ МОДАРИИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

Юсупова С. А.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Ба ҳамагон маълум аст, ки ҳар як лаҳзаи ҳаёт мо барои иҷроиши ин ё он фаъолият шавқу ҳавас дорем: қонеъ гардонидани талаботҳои биологӣ (истеъмоли ғизо, хоб кардан) ва ё қонеъ кардани талаботҳои маънавӣ (эҷод кардани шеър, ба театр рафтан, рассомӣ ва ғ.). Танҳо одами беҷон шавқу ҳавас дошта наметавонад. Агар инсон хоҳиши ноил шудан ба чизеро дошта бошад, албатта кӯшиш ба харҷ медиҳад то ба он ноил гардад. Дар мубориза на одами боқувваттарин ғалаба мекунад, балки одаме ки зиёдтар ғалаба кардан мехоҳад. Дар тими варзишӣ метавонанд бозингарони боистеъдод бозӣ кунанд, вале бозиашон метавонад бетароват бошад. Барои ғолибиятро ба даст овардан бояд ҳавасманд бошанд. Дар таърих мисолҳо хеле зиёданд, вақте ки артишҳои боқувват ғолибиятро аз даст медоданд, зеро то қадри имкон ҳавасманд набуданд. Мушкилии зерин дар таълим ҳам вуҷуд дорад. Вале мушкилии фаъолсозии хонандагон нисбати омӯзиши забони модарӣ мавқеи барзиёд дорад. Таҳқиқотҳо нишон доданд, ки фаъолнокии хонандагон синф аз синф паст мешавад. Вале боиси қайд аст, ки сатҳи фаъолиятнокӣ пеш аз оғози омӯзиши забон ва дар зинаи аввал хеле баланд аст. Хонандагон мехоҳанд бо ҳамдигар бо забони модарӣ суҳбат кунанд, суруду шеърҳоро, ки бо забони модарӣ иншо шудаанд, қироат кунанд. Баъзе аз хонандагон ҳатто дар омӯзиши забон як чизи шавқоварро дармеёбанд. Хулоса, ҳама мехоҳад забони модарии худро аз худ намояд.

Ҳамин тариқ, ҷараёни омӯзиш сар мешавад ва муносибати талабаҳо ба омӯзиши забон иваз мешавад, теъдоди зиёди талабаҳо дилхунук мешаванд. Зеро ин ҷараён давраи «ҷамъкунии мавод»-ро дорост. Марҳалае, ки аз ҷараёни таълим ҷудонашаванда аст, марҳилаи душвориҳост, ки билохира ҳадафи ноил гаштан ба комёбиро пахш мекунад

Аз ин лиҳоз, саволе ба миён меояд, ки оё паст шудани сатҳи фаъолнокӣ ҷараёни ҳатмист? Хушбахтона, таҷрибаи омӯзгорони беҳтарин, ки тарбиягирандаҳояшон забонро хеле хуб аз худ менамоянд, муқобили ин гуфтаҳоянд. Хонандагон ҳис мекунанд, ки ба комёбӣ ноил гашта истоданд ва ин ҳиссиёт онҳоро ҳама вақт фарогир аст.

“Фаъолсозӣ бояд ҳамчун як қисмати муҳим дар ҷараёни таълим ба назар гирифта шавад. Фаъолнокӣ ин худ як тарафи субъективии муҳити шахсии талаба мебошад, ки онро худи талаба вобаста аз талаботу хоҳишҳои худ муайян месозад. Муаллим метавонад бевосита ба ин ҷараён таъсир расонад, асосҳо биёрад, то талаба худ шавқмандии фанро дарк намуда, нисбати омӯзиши фан ҳавасманд гардад.” [8, с. 23]. “Агар муаллим тавонад худро дар ҷойи талаба ҳис кунад, талаботу хоҳиши талабаро муайян кунад, албатта дар кори фаъолгардонӣ комёб мешавад. Дар ин ҳолат, муаллим на танҳо метавонад дар бораи мақсади фаъолияти талаба маълумот пайдо кунад, балки онро инкишоф дода, дуруст кунад. Барои ин бояд муаллим талабагони худро хеле хуб донад. Инчунин, омӯзгор бояд аз тамоми намудҳои воситаҳои муосиру таҷрибагузаштаи фаъолсозӣ фаъолона истифода барад. Бинобар ин, омӯзгор метавонад ҷараёни таълимро зери назорат гирифта, ҷараёни омӯзиши забони модариро дуруст ташкил кунад” [4, с. 57].

Ҳадафҳое, ки дар назди фанни забони модарӣ меистад, бояд аз тарафи омӯзгор аз ҷиҳати методӣ босавод, ки аз технологияҳои муосири таълими забони модарӣ ва хусусиятҳои психологӣ-педагогии талабагон бохабар аст, ҳал гарданд. Хеле муҳим аст, ки ҷараёни таълиму тарбия ва инкишофи талаба дар асоси методҳои муосир ба роҳ монда шавад. Мутаассифона, дар замони ҳозира омӯзгороне, ки хусусиятҳои синнусолӣ ва психологии талабагонро ба назар мегиранд, кам ба чашм мерасанд. Дар баробари ин,

масъалаи босаводона таълим додани маҳорати муошират кардан бо забони модарӣ осон набуда, масъулияти зиёдро талаб мекунад. Муҳим аст, ки дар зинаи аввал меҳру муҳаббат нисбати фан тарбия карда шуда, то охир инкишоф дода шавад. Бомуваффақият оғоз шудани ҷараёни таълими забони модарӣ ба баланд бардоштани сатҳи ҳавасмандии хонандагон нисбати омӯзиши забон кумак мекунад. Муваффақияти таълим ва муносибати хонандагон ба фан пурра аз сифати дарс вобаста аст. Дар ҷараёни таълим дар зинаи аввал нақши бозиҳои таълимӣ хеле бузурганд. Чӣ қадаре, ки муаллим аз технологияҳои бозӣ ва айёнӣ истифода мебарад, ҳамон қадар дарс барои талаба шавқовар мегузарад ва мавод аз тарафи хонандагон беҳтар аз худ карда мешавад. Инчунин, омӯзгор бояд кӯшиш кунад, ки гузариш аз як зина ба зинаи дигар равон гузашта, дар натиҷа маҳорату малакаи ба дастоварда гум нашавад. Ин ҳадаф дар он сурат ноил мегардад, ки дар тамоми рафти таълим як системаи муайяни таълим, ки ифодаи аниқ дорад, нигоҳ дошта шавад. Чунин таъсири мутақобилро мо метавонем танҳо дар ҳолати истифодабарии айёниятҳое, ки аз як зина ба зинаи дигар гузаштанро ба талаба ёрӣ мерасонад, истифода барем. Ба ин мисол, айёниятҳое, ки дар зери нуқтаи назари ягонаи муаллим қарор доранд, беҳтаранд. Шинос намудани китоби дӯстдошта ин пеш аз ҳама мусоҳибест, ки «хислатҳои» кӯдакро хуб медонад. Барои ҳамин, омӯзгор медонад, ки чӣ гуна мушкилиҳо ҳангоми гузариш аз як дастури методӣ ба дигар ба миён меоянд. Инчунин, ҳолатҳое вомехӯранд, ки муаллим на он дастуре, ки барои шароити муайян сохта шудааст, интихоб менамояд, балки дастурҳое, ки расмӣ шудаанд, интихоб менамояд. Масалан, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ баъзан дастурҳое истифода мешаванд, ки асосан дар мактабҳои махсус истифода мешаванд. Ин хеле номатлуб аст ва метавонад ба натиҷаи таълим таъсири манфӣ расонад.

Нақши бузурги фаъолгардониро дар таълими забони модарӣ ба назар гирифта, омӯзгор бояд роҳу усулҳои дурусту натиҷабахшро кор карда барояд. Ҳангоми азназаргузаронии масъалаҳои фаъолгардонӣ ва дарёфти роҳу усулҳои ташаккулдиҳандаи он, соддакунии маъноӣ ғайриимкон аст. Зеро баланд гаштани фаъолнокӣ ин на дар майнаи сари хонандагон ҷой кардани роҳу усулҳои аллакай тайёрбуда, балки пеш аз ҳама, фароҳам овардани шароити мусоид барои ифодаёбии ташвиқотҳои шахсии хонанда нисбати таълим мебошад. Танҳо дар ҳамин маврид хонанда ташвиқотҳои шахсии худро нисбати таълим дарк карда, дар оянда ҳисси ҳавасмандияш ташаккул ёфта, фаъолнокии худро нишон медиҳад. Дар баробари ин, ҳангоми аз худ кардани фарҳанги кишвари забонаш омӯхташаванда, мақсадҳое ки нақши равонакунандаи фаъолиятиро мебозанд, аз мадди назар дур нахоҳанд шуд. Бомуваффақият оғоз шудани таълими забони модарӣ ба баланд шудани дараҷаи фаъолнокии хонандагон нисбат ба забономӯзӣ мусоидат мекунад. Муваффақият ва муносибати хонандагон ба фан пурра аз омӯзгор вобастагӣ дорад, яъне то чӣ андоза дарс шавқовар ва боҳиссиёт гузарад, то ҳамон андоза дар хонандагон ҳавасмандӣ нисбати фан пайдо шуда, фаъолнокии онҳо баланд мешавад.

Пеш аз ҳама, мебояд таҳлили маводҳои таълимӣ гузаронида шавад. Мавриди зикр аст, ки истифодабарии маҷмауа методӣ - таълимии иловагӣ, инчунин барои баланд бардоштани сатҳи фаъолиятии хонандагон ёрӣ мерасонад. Ҳоло бошад, бархе аз маҷмаъи таълимӣ-методии иловагӣ, ки дар баъзе мактабҳо истифода бурда мешаванд, дида мебароем.

Пеш аз ҳама, бояд меёрҳои таҳлили маҷмуаи методӣ-таълимӣ муайян карда шаванд:

- ҷой доштани мавзуъҳои нутқӣ, ки дар онҳо талаботҳои хонандагон ба назар гирифта шудаанд;
- ҷой доштани айёният, ки дар баробари худ ба ҳавасмандии хонандагон нисбати забони модарӣ мусоидат мекунанд;
- мавҷудияти машқҳои ҳалталаб доир ба намудҳои асосии фаъолияти нутқ (шунавоӣ, гуфтор, хониш ва хат);
- мувофиқат намудани машқҳои фонетикӣ, грамматикӣ ва луғавӣ ба талаботҳои мотиватсионии хонандагон;
- ҷой доштани бозиҳои дидактикӣ ва дигар воситаҳои ҳавасмандгардонии хонандагон.

Фаъолгардонии таълимӣ мактаббачагонро на интенсификатсияи фаъолият, балки ҳамчун сафарбар намудани муаллим бо ёрии воситаҳои махсус қувваи фикрӣ, ахлоқӣ-ирода ва ҷисмонии талабагон барои расидан ба мақсадҳои мушаххаси таълиму тарбия ҳисоб кардан лозим аст.

Хусусияти характернок зуҳуроти сифатҳои баланди ихтиёрии талаба, суботкорӣ дар роҳи расидан ба мақсад, шавқу ҳаваси васеъ ва устувори маърифатӣ мебошад. Ин дараҷаи фаъолият бо ҳаяҷон будани дараҷаи баланди тафовути байни он чизе, ки хонанда медонист, он чизе, ки дар таҷрибаи ӯ пеш омада буд ва иттилооти нав, падидаи нав таъмин мегардад. Фаъолият ҳамчун сифати фаъолияти шахс шарт ва нишондиҳандаи муҳими татбиқи ҳар як принсипи таълим мебошад. Принсипи алоқаи таълим бо ҳаёт асоси моддии интенсификатсияи таълими мактаббачагон буда, ҷудоии таълим аз ҳаётро, ки танҳо дар сурати ташкили таълими фаъолонаи мактаббачагон ба амал бароварда мешавад, бартараф карда метавонад.

Принсипи шуурнокӣ ва қувваи азхудкунии дониш танҳо дар раванди таълими фаъолона амалӣ мегардад. Принсипи аёният, ки асосан ягонагии мушаххас ва абстрактро ифода мекунад, бо шуури азхудкунии дониш зич алоқаманд буда, бо тафаккури фаъоли хонандагон, махсусан дар марҳилаи гузариш аз конкретӣ ба абстрактӣ ва ба амал бароварда мешавад. Принсипи муносибати инфиродӣ ба хонандагон дар муҳити таълимии коллективӣ фарогирии ҳар як хонандаро ба раванди таълим дар бар мегирад. Дар баробари ин, дараҷаи фаъолият аз ба назар гирифтани имкониятҳои воқеии таълимии мактаббачагон вобаста аст.

Ҳамин тариқ, принсипи фаъолият дар таълим бо тамоми принсипҳои системаи онҳо дар ягонагии диалектикӣ мебошад.

Воситаҳои фаъолгардонии таълими хонандагон инҳоянд: мазмуни таълим, шаклҳо, усулҳо ва усулҳои таълим. Вазифаи муаллим аз он иборат аст, ки на фаъолияти умумии хонандагон дар фаъолияти маърифатӣ, балки фаъолияти онҳо ба аз худ намудани дониш ва усулҳои пешбарандаи фаъолият нигаронида шудааст. Фаъолгардонии таълим, пеш аз ҳама, ташкили амали хонандагон мебошад, ки барои дарк ва ҳалли масъалаҳои мушаххаси таълимӣ нигаронида шудааст. Мушкилот ҳамеша дониш дар бораи ҷаҳолат аст, яъне огоҳӣ аз дониши нокифоя барои қонеъ кардани ниёзҳои маърифатии пайдошуда.

“Кори мустақилонаи дорои характери эҷодӣ барои бомуваффақият татбиқ намудани принсипи фаъолият дар таълим аҳаммияти махсус дорад. Моҳияти ин усул пурзӯр намудани шавқу рағбат ба забони модарӣ ва баланд бардоштани фаъолияти маърифатии хонандагон дар доираи ин фан тавассути равишҳое иборат аст, ки ба мустақилона «азхудкунии» дониш аз ҷониби донишҷӯён афзалият дода, дар мактаббачагон ба қобилиятҳои онҳо эътимод пайдо карда, имкон медиҳад шодии хонандаро ҳис кардан; ба ҳам пайвастани оптималии шаклҳои индивидуалӣ, гурӯҳӣ ва коллективии меҳнат; байниҳамдигарӣ ва худомӯзии хонандагон” [7, с. 79].

Бо ин низоми кор дар хонандагон шавқу рағбат ба забони модарии худ, кор бо манбаъҳои иловагии иттилоот, қобилияти гузоштани ҳадаф, мушоҳида, муқоиса, ҷамъбаст ва хулоса баровардан ташаккул меёбад, намуди ҷустуҷӯ ва эҷодии фаъолият ташаккул меёбад, ки дар сифат ва микдори саволҳое, ки талабагон дар дарс ба муаллим ва ҳамдигар медиҳанд, нуқтаи назари худ, мавқеи худ, дар ташаккули хулосаҳои мустақил ва арзёбии арзиш ифода меёбад. Ин усули фаъолгардонии фаъолияти мактаббачагонро метавон ҳамчун системаи корҳои хонагӣ муаррифӣ кард. Чунин тарзи ташкили кори хонагӣ барои мактаббачагон ба наврасон омӯзонидани усулҳои фаъолияти мустақилонаи таълим, инчунин усулҳои ба рушди фаъолияти маърифатӣ нигаронидашударо дар бар мегирад. “Идеяи эҷодӣ ин баланд бардоштани фаъолияти маърифатӣ тавассути тавсеаи иттилоот ва татбиқи вазифаҳои мувофиқи ҳадафи пешбинишуда мебошад.” [3, с. 112]. Давраи якум азхудкунии мустакилонаи назарияро дар бар мегирад, ки дар он усулхои зерини корро истифода мебарам: матнро бодиққат хонед; муайян кунед, ки он аз чанд қисм иборат аст; барои ҳар як қисми матн саволҳо пешниҳод кунед ва бо истифода аз китоби дарсӣ ба онҳо ҷавоб диҳед; пур кардани саволҳо, агар дар матн маълумоти дархостнашуда мавҷуд бошад; калимаҳои

калидиро дар матн таъкид кунед; танҳо ба калимаҳои калидӣ такя намуда, маънои калимаҳои ношиносро дар луғат пайдо кунед; матнро такрор намуда, худро дар китоби дарсӣ тафтиш кунед; бо истифода аз калимаҳои калидӣ ҷадвал созед ё алгоритм таҳия кунед.

Ҳамин тариқ, ҷой додани бозиҳои дидактикӣ ва принсипи хусусиятҳои истифодабарии айёният ҳамчун воситаи натиҷабахши баланд бардоштани ҳавасмандии хонандагон дар маҷмуаҳои методӣ-таълимии муосир пурра ба назар гирифта шудаанд, ки худ дар натиҷа фаъолнокии хонандагон дар дарс баръало меафзояд.

Адабиёт

1. *Абдуллоев, И. Забони модарӣ (барои синфи 3) / И. Абдуллоев, З. Абдуллоев, Б. Боронов, З. Дорғабеков. - Душанбе, 2012. – 272 с.*
2. *Аминов, С. Тартиби гузаронидани машқ аз забони модарӣ дар синфҳои IV-VII / С. Аминов. - Душанбе, 1979. - 420 с.*
3. *Бабанский, А. Выбор методов в средней школе / А. Бабанский. – М., 1981. - 350 с.*
4. *Волокитина, М. Н. Очерки психологии школьников первого класса, 1951. - 310 с.*
5. *Лутфуллоев, М. Табассуми омӯзгор / М. Лутфуллоев. - Душанбе, 2005. - 52 с.*
6. *Нақшаи таълимии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои хониши 2018-2019 ва солҳои минбаъда. – Душанбе, ҶДММ "Табъу нашр", 2018.- 64 с.*
7. *Раҳимов Х. Педагогика / Х. Раҳимов. - Душанбе, 1977. - 494 с.*
8. *Зайцева, Н.В. Когнитивно-феноменологическая интерпретация риторического примера в журнале / Н.В. Зайцева // Вестник Томского государственного университета. Философия. Социология. Политология, том 45, 2018. - С. 14-24*
9. *Қурбонов, М. Методикаи забони тоҷикӣ дар мактаби миёна, қ 1. / М. Қурбонов. – Душанбе: ДДТ ба номи В.И. Ленин, 1985.*
10. *Ушинский, К. Д. Руководство к преподаванию по «Родному языку», изд. 18, ч. 11. / К. Д. Ушинский. - М.: Просвещение, 1983. – 252 с.*

НАҚШИ ФАЪОЛГАРДОНӢ ДАР ТАЪЛИМИ ДАРСИ ЗАБОНИ МОДАРИИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

Нақши бузурги фаъолгардониро дар таълими забони модарӣ ба назар гирифта, омӯзгор бояд роҳу усулҳои дурусту натиҷабахшро кор карда барояд. Ҳангоми азназаргузаронии масъалаҳои фаъолгардонӣ ва дарёфти роҳу усулҳои ташаккулдиҳандаи он, соддакунии маъноӣ ғайриимкон аст. Зеро баланд гаштани фаъолнокӣ ин на дар майнаи сари хонандагон ҷой кардани роҳу усулҳои аллакай тайёрбуда, балки пеш аз ҳама, фароҳам овардани шароити мусоид барои ифодаёбии ташвиқотҳои шахсии хонанда нисбати таълим мебошад. Танҳо дар ҳамин маврид хонанда ташвиқотҳои шахсии худро нисбати таълим дарк карда, дар оянда ҳисси ҳавасмандияш ташаккул ёфта, фаъолнокии худро нишон медиҳад. Дар баробари ин, ҳангоми аз худ кардани фарҳанги кишвари забонаш омӯхташаванда, мақсадҳое ки нақши равонакунандаи фаъолиятиро мебозанд, аз мадди назар дур нахоҳанд шуд.

Калидвожаҳо: усул, хонанда, нақши фаъолгардонӣ, таълим, забони модарӣ, синфҳои ибтидоӣ, принсип ва кори мустақилона.

РОЛЬ АКТИВИЗАЦИИ В ОБУЧЕНИИ РОДНОГО ЯЗЫКА В НАЧАЛЬНЫХ КЛАССАХ

Таҳқиқоти педагогии гузаронидашуда нишон дод, ки аз миёни чор арзиши ҳаётии муҳими дар аввал ҷойгир кардашуда, ҷои якумро барои аксарияти донишҷӯёни курси 1 – и таҳсил “оила” ишғол мекунад. Ин банд 56% - ро ташкил медиҳад, ки миёни донишҷӯёни курси 2 ин фоизнокӣ каме камтар аст, яъне ба миқдори 36%. Аммо бо вуҷуди ин арзиши “оила” барои донишҷӯёни курс 2-юм низ ҷои якумро ишғол мекунад, аммо сабаби паст будани фоизи ин арзиш ин каме ба мустақилият равона гардидани донишҷӯёни курси 2 мебошад. Бо вуҷуди ҳамаи ин, интихоб гардидани банди мазкур аз тарафи ҳарду гурӯҳ ин

пайравии муайяни онҳоро ба анъанаҳое, ки солҳо ва наслҳо ташаккул ёфтаанд муайян месозад. Инро бо ёрии диаграммаи (расми 1) зерин бо таври зайл нишон додан мумкин аст:



Расми 1. Пурсишномаи донишҷӯёни курси 1 ва 2

Таҳқиқоти зеринро мо, муаллифон, дар мақолаҳои оянда баррасӣ мекунем ва хулосабарориҳоро низ бо пуррагӣ кӯшиш менамоем, ки таҷлилпешниҳод созем.

Донишгоҳе, ки дорои муҳити инноватсионии рушдёфта мебошад, дар ташаккули иқтисоди инноватсионии кишвар нақши муҳим мебозад. Он маркази тавлиди афкори нав, технология ва дониш, инчунин ангезандаи рушди иқтисодӣ ва пешрафти иҷтимоӣ мебошад. Хатмкунандагони чунин донишгоҳҳо мутахассисони баландихтисос буда, қодиранд мустақилона кор кунанд ва масъалаҳои мураккабро ҳал кунанд.

Хулоса, муҳити инноватсионии таълим шарти зарурӣ барои омӯзиши самараноки технологияҳои иттилоотӣ буда, имкон медиҳад, ки мутахассисоне тайёр карда шаванд, ки на танҳо дониши назариявӣ, балки маҳорати амалии заруриро барои фаъолияти босамар дар ҷаҳони рақамии муосир дошта бошанд.

Адабиёт

1. *Инновация [Электронный ресурс]: Википедия. Свободная энциклопедия. – URL: wiki/финансы (дата обращения: 04.11.2024).*
2. *Муродова, Ш.С. Факторы, влияющие на повышение конкурентоспособности студента в вузе / Ш.С. Муродова // Вестник Таджикского национального университета. Серия педагогических наук. - Душанбе: Сино, 2014, №1/3(134). - С.41 - 45.*
3. *Муродова, Ш.С. Внедрение учебно-деловых игр на занятиях информатики и компьютерной техники. // Материалы 4-ой международной научно-практической конференции на тему «Обеспечение продовольственной, экономико-социальной безопасности в процессе урентоспособности государств». - Душанбе: ЭР-граф, 2013. - С. 173-176.*
4. *Муродова, Ш.С. К вопросу о конкурентоспособности студента в вузе//Вестник университета (Российско-таджикский (Славянский) университет). Серия экономических наук. – Душанбе - 2015. №1(48). С. 148-152.*
5. *Муродова, Ш.С. Применение компьютерных технологий и средств мультимедиа. // Материалы республиканской научно-практической конференции (23 января 2013 г.) Душанбе, Таджикский государственный институт языков им. С.Улугзаде. С.132-137.*
6. *Назаров А.П. Асосҳои методии барномасозӣ ва арзёбии салоҳияти хонандагон аз математика ва информатика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. // Монография / А.П. Назаров. – Душанбе, 2020. – 226 с.*
7. *Назаров А.П. Компьютерная программа для проверки письменных контрольных работ по математике. // Научно-практический журнал «Школьные технологии» (ВАК РФ). 2020. №1. С. 92-97*
8. *Шарипов Ф.Ф. Системный подход к информатизации педагогического процесса в вузе – доминанта формирования профессиональных компетентностей студентов: дисс. д.п.н. /*

Ф.Ф. Шарипов. – Душанбе, 2013. – 409 с.

9. *Шарипов, Ф.Ф. От информатики к информационной культуре / Ф.Ф. Шарипов.– Душанбе: Ирфон, 2009. – 187 с.*
10. *Шоев, Н. Н. Инновационные воспитательно-образовательные технологии в контексте подготовки специалистов новой формации в высшей школе / Н. Н. Шоев. – Душанбе: Ирфон, 2009. – 623 с.*
11. *Шоев, Н. Н. Педагогические доминанты воспитательно-образовательных технологий в системе высшего образования / Н. Н. Шоев. – Душанбе: Ирфон, 2004. - 304 с.*
12. *Шоҳиён Н.Н. Рақобатшиносӣ ва худташаккулёбии касбӣ / Н. Н. Шоев, Х.И. Икромӣ, Ю.Ш. Наботов, А. С. Ҷаъфаров. – Душанбе: Ирфон, 2016. – 448 с.*

МУҲИТИ ИННОВАТСИОНИИ ТАЪЛИМ ВА ТАЪСИРИ ОН БА ОМӮЗИШИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ

Мақолаи мазкур муҳити инноватсионии таълимро ҳамчун омили муҳим дар баланд бардоштани самаранокии омӯзиши технологияҳои иттилоотӣ таҳлил мекунад. Тадқиқоту ҷанбаҳои асосии ин муҳит – таъминоти техникӣ, усулҳои интерактивӣ, таълими инфиродӣ ва арзёбии салоҳиятҳои ба дастовардаро дар бар мегирад. Натиҷаҳои таҳқиқот таъсири мусбати муҳити инноватсионии таълимро ба баланд бардоштани ҳавасмандӣ, азхуд намудани мавод ва ташаккули салоҳиятҳои калидии донишҷӯён дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ нишон медиҳад. Инчунин натиҷаҳои таҳқиқоти педагогии муносибати донишҷӯёни соли 1 ва 2-юми таҳсил, ки ба якчанд арзишҳо бахшида шуда буд, арзиши “оила” барои ҳарду гурӯҳ ҷойгоҳи аввалро ишғол мекунад (56%-донишҷӯёни соли 1 ва 36% донишҷӯёни соли 2). Кам шудани ин нишондиҳанда миёни курсҳои 2-юм аз баланд шудани сатҳи мустақилият ва кам шудани вобастагӣ аз оила шарҳ дода мешавад. Бо вуҷуди ин, ҷойгоҳи пешсафи арзиши “оила” дар ҳарду гурӯҳ аз пайравии донишҷӯён ба анъанаҳои ниёгон далолат мекунад. Натиҷаҳои пурсишнома бо ёрии диаграмма тасвир карда шудааст.

Калидвожаҳо: муҳит, инноватсия, таълим, омӯзиш, технологияи иттилоотӣ, таъминоти техникӣ, ҳавасмандӣ, салоҳият, дастовард, натиҷа.

ИННОВАЦИОННАЯ ОБРАЗОВАТЕЛЬНАЯ СРЕДА И ЕЁ ВЛИЯНИЕ НА ОБУЧЕНИЕ ИНФОРМАЦИОННЫМ ТЕХНОЛОГИЯМ

Статья анализирует инновационную образовательную среду как важный фактор повышения эффективности обучения информационным технологиям. Исследование включает анализ основных компонентов такой среды как техническое оснащение, интерактивные методы обучения, персонализированный подход и компетентностно-ориентированную оценку. Результаты исследования демонстрируют положительное влияние инновационной образовательной среды на повышение мотивации, усвоение материала и формирование ключевых компетенций, обучающихся в области информационных технологий. А также статья посвящена результатам педагогического исследования отношения студентов первого и второго курсов к ценностям. Анализ показывает, что ценность «семья» занимает первое место по значимости в обеих группах студентов (56% для студентов первого курса и 36% для студентов второго курса). Снижение этого показателя среди студентов второго курса объясняется повышением уровня их самостоятельности и уменьшением зависимости от семьи. Тем не менее, ведущее положение ценности «семья» в обеих группах свидетельствует о приверженности студентов традициям предков. Результаты представлены в виде диаграммы.

Ключевые слова: среда, инновация, обучение, информационные технологии, техническое обеспечение, мотивация, компетентность, достижение, результат.

INNOVATIVE EDUCATIONAL ENVIRONMENT AND ITS IMPACT ON INFORMATION TECHNOLOGY TRAINING

The article analyzes the innovative educational environment as an important factor in increasing the effectiveness of information technology training. The study includes an analysis of the main components of such an environment such as technical equipment, interactive teaching methods, personalized approach and competency-based assessment. The results of the study demonstrate the positive impact of an innovative educational environment on increasing motivation, learning material and developing key competencies of

students in the field of information technology. The article is also devoted to the results of a pedagogical study of the attitude of first- and second-year students to values. The analysis shows that the value “family” ranks first in importance in both groups of students (56% for first-year students and 36% for second-year students). The decrease in this indicator among second-year students is explained by an increase in their level of independence and a decrease in dependence on the family. However, the leading position of the value “family” in both groups indicates the students’ commitment to the traditions of their ancestors. The results are presented in chart form.

Keywords: environment, innovation, training, information technology, technical support, motivation, competence, achievement, result.

Дар бораи муаллифон

Муродова Шаҳло Сангимуродовна
Номзади илмҳои педагогӣ, и.в.дотсенти кафедраи технологияи информатсионӣ ва коммуникатсионӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: murodova_1983@mail.ru

Шодмонова Давлатмо Алишеровна
Ассистенти кафедраи технологияи информатсионӣ ва коммуникатсионӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: davlatmo@mail.ru

Об авторах

Муродова Шахло Сангимуродовна
Кандидат педагогических наук, и.о. доцента кафедры информационных и коммуникационных технологий
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: murodova_1983@mail.ru

Шодмонова Давлатмо Алишеровна
Ассистент кафедры информационных и коммуникационных технологий
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: davlatmo@mail.ru

About the author

Murodova Shahlo Sangimurodovna
Candidate of Pedagogical Sciences, acting associate professor Department of Information and Communication Technologies
Tajik State Pedagogical University named after S. Aini
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: murodova_1983@mail.ru

Shodmonova Davlatmo Alisherovna
Assistant at the Department of Information and Communication Technologies
Tajik State Pedagogical University named after S. Aini
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: davlatmo@mail.ru

ТДУ 37.02:54

УСУЛҲОИ МУОСИРИ ТАЪЛИМИ ХИМИЯ БО ИМКОНИЯТҲОИ МАВҶУДА

Файзуллоева М. М., Салоҳиддини С.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Муқаддима. Дар марҳилаи имрӯзаи рушди ҷомеа масъалаи тарбия ва омодасозии насли наврас бо роҳу равишҳои равонӣ-педагогӣ масъалаи муҳим аст. Аз ин хотир, омодасозии омӯзгорони мутахассис, ки на танҳо донишҳоро интиқол медиҳанд, балки қобилияти ташаккул додани фикри интиқодӣ ва методологиро дар шогирдон метавонанд дошта бошанд, аҳаммияти зиёд дорад. Аммо дар амал бисёре аз мутахассисони донишгоҳҳо дар омодасозии кадрҳои педагогӣ маълумоти лозимаро надоранд, ки ин боиси мушкилоти муайяни таълимӣ мегардад. Бештари мутахассисони касбӣ дар донишгоҳу донишкадаҳои омӯзгори таҳсил мекунанд, ки вазифаи онҳо фақат маҳдуд ба омодасозии мутахассисон барои кор дар донишгоҳҳо аст. Ин ниёзро ба омодасозии омӯзгорони химия барои мактабҳои миёна хеле кам мекунад.

«Химия ҷойи махсусро дар байни илмҳо ишғол мекунад, зеро донишҳои он асоси фаҳмидани мо аз мафҳуми моддӣ ва табиатро ташкил медиҳанд» [5, с. 15]. Он нақши калидӣ дар ҳалли масъалаҳои глобалии имрӯза, мисли тағйироти иқлим, таъмини амнияти озуқаворӣ ва энергетикӣ, дастрасии оби тозаи нӯшиданӣ ва нигоҳдории баланси экологии ҷаҳонро мебозад. Бидуни химия рушди тиб, дорусозӣ, энергетика, инчунин истеҳсоли метал ва молҳои саноатро тасаввур карда намешавад. Баръакси пешравии методҳои таълим, як қисми бузурги одамон то ҳол дар дарк ва фаҳмидани илм мушкилӣ доранд. Ин нишон медиҳад, ки ба зарурати бознигарии роҳҳои таълим барои осон ва фаҳмо намудани фанни химия ва ҷалби бештари таваҷҷуҳ ниёз вуҷуд дорад. Чуноне, ки «Мария Кюри гуфта буд: Илм на танҳо аз китобҳо, балки аз амал омӯхта мешавад. Ин принсип махсусан барои таълими фанни химия муҳим аст, ки дар он озмоишҳо ва машғулиятҳои амалӣ асоси фаҳмидани назарияҳоро мураккаб мегардонанд» [1, с. 112].

Яке аз масъалаҳои асосии таълим дар химия маҳдудияти вақти ихтисосшуда барои омӯзиш дар барномаи таълимӣ мебошад. Дар мактабҳо фанни химия аксаран вақти хеле камро мегирад ва танҳо як нимсола барои омӯзиши усулҳои таълим бахшида шудааст. Ин маҳдудият таъсири манфӣ ба самаранокии раванди таълим мерасонад ва ба ташаккули донишу малакаи амиқ ва худшиносӣ барои шогирдон монеа мегузорад. Дар рафти омӯзиши таълимии химия донишҷӯён бо асосҳои машғулиятҳои лабораторӣ ва амалии химия ошно мешаванд, аммо корҳои амалии таълим дар раванди таҳқиқотӣ, ки як қисми муҳим барои омодасозии омӯзгор мебошад, на ҳамеша пурра ичро мешавад.

Ҷалби шогирдон ба раванди таҳқиқот ва истифодаи донишҳо дар вазъиятҳои воқеӣ мебошад. Роҳҳои монанди таълими лоиҳавӣ, истифодаи технологияҳои рақамӣ, методҳои бозии таълимӣ ва лоиҳаҳои байни фаннӣ химияро барои донишҷӯён ҷолиб ва муфид мегардонанд.

Масалан, имрӯз дар муассисаҳои таълимӣ машғулиятҳои озмоишӣ фаъолона ворид карда мешаванд, ки дар онҳо шогирдон метавонанд озмоишҳоро мустақилона анҷом диҳанд. Тасаввуроти чунин таҷриба на танҳо имкон медиҳад, ки донишҳои назариявӣ мустаҳкам шаванд, балки кӯмак мекунад дар рушди тафаккури таҳлилӣ, қобилияти кор кардан бо маълумот ва гирифтани хулосаҳо анҷом ёбад. Ғайр аз он, истифодаи технологияҳои рақамии муосир, ба монанди озмоишгоҳҳои виртуалӣ ва фаъолгардонии раванди химиявӣ, имкониятҳои нави таълимро мекушоянд [10, с. 145].

Мақсади курси мазкур шиносоии донишҷӯён бо барномаҳои таълимии стандартӣ ва методикаи хусусӣ мебошад, ки бояд барои рушду малакаҳои кор бо таҷҳизоти озмоишӣ ва воситаҳои таълим ин омӯзгорони оянда мусоидат кунад. Барнома инчунин шомили таҳия кардани маводи назариявӣ барои омодагӣ ба семинарҳо, таҳияи корҳои мустақилона дар

мавзуъҳо дар шакли реферат ва маърӯзаҳои илмӣ, инчунин истифодаи донишҳои бадастомадаро дар амал мебошад. Аммо чунин курс, ки барои муддати кӯтоҳ таҳия шудааст, эҳтимолан наметавонад донишҷӯёнро ба ташаккули роҳи методологӣ барои таълим дар химия ва ташаккул додани мустақилият дар гузаронидани озмоишҳои химиявӣ омода созад. Ғайр аз он, муҳим аст, ки дарк кунем, роҳҳои муосири таълим дар химия дар мактабҳо талаб мекунанд, ки усулҳои илмӣ ва педагогии дар дарозмуддат ба таври амиқ ва ҳамаҷониба ворид карда шаванд, танҳо дар як нимсола омӯхта мешавад [2, с. 25]. Системаи таълим бояд ба рушди тафаккури методологӣ ва интиқодии донишҷӯён равона шавад, ки барои таълими мукаммал ва самарабахши химия ва дигар илмҳо муҳим аст.

Масъалаҳои ҳалталаб дар таълими химия

Яке аз масъалаҳои муҳим дар таълими химия ин вақти каме мебошад, ки барои машғулиятҳои лабораторӣ ихтисос ёфтааст. Бар асоси нақшаҳои таълимӣ, аксар вақт танҳо 30 соат ба машғулиятҳои лабораторӣ дода мешавад. Ин маҳдудият имкониятҳои донишҷӯёнро барои ба даст овардани малакаҳои амалие, ки барои кор кардани муаллимони химия муфид аст, ба таври назаррас кам мекунад [3, с. 3]. Муҳим аст, ки ҳарчанд асосҳои назариявии химияро метавон дар доираи лексияҳо ва машғулиятҳои семинарӣ баррасӣ кард, вале тарзи дурусти гузаронидани озмоишҳои химиявӣ ва ташкил кардани корҳои намоишӣ бояд дар худи машғулиятҳои лабораторӣ ташаккул ёбад. Дар рафти машғулиятҳои озмоишӣ, шогирдон на танҳо бояд омӯзанд, ки озмоишҳои химиявиро намоиш диҳанд. Бояд онҳо методологияи таълими химияро омӯхта, малакаи ҳалли вазифаҳои химиявиро касб кунанд, раванди тайёр кардани дарсҳоро омӯзанд ва малакаҳои кори илмиро инкишоф диҳанд. Ба назар мерасад, малакаҳои гузаронидани озмоишҳои химиявӣ, ки дар рафти машғулиятҳои амалӣ ҳосил мешаванд, нақши калидӣ на танҳо дар таълим, балки дар ба кори илмӣ мебозанд. Чунин бунёдӣ дар рушди қобилияти таҳқиқотӣ ва тафаккури интиқодӣ барои омӯзиш ва таҳқиқи ҳар як шохаи илм зарур мебошанд. Масъалаи дигаре, ки муҳим аст, ин камбуди маълумоти равандҳои таълимӣ мебошад. Дар солҳои охир ворид кардани технологияҳои компютерӣ ба раванди таълим ба воситаи муҳим барои баланд бардоштани сатҳи омодасозии донишҷӯён табдил ёфтааст. Маълумот кӯмак мекунад, ки имкониятҳо барои шогирдон ва омӯзгорон васеъ шаванд, шаклҳои нави ҳамкориҳо эҷод шаванд ва назорат ба иҷрои корҳои мустақилона беҳтар шавад. Технологияҳои компютерӣ дар рушди тафаккури эҷодӣ кӯмак мекунанд, раванди мониторинг ва баҳодиҳии муассисаҳоро осонтар мекунанд ва сифат ва ҳосили кори мустақилонаи шогирдонро беҳтар мекунанд [12, с. 42]. Ворид кардани технологияҳои рақамӣ дар таълими химия метавонад шавқи шогирдонро ба мавзуъ боло бардорад, барои онҳо дастрасӣ ба манбаъҳои инноватсионӣ ва методҳои омӯзишии навро фароҳам оварда, ба сифати таълим таъсири мусбат расонад.

Ғайр аз он, дар макотиби олӣ, ки шогирдон ба корҳои илмӣ машғул мешаванд, ташкил кардани фаъолиятҳои таҳқиқотӣ дар ин соҳа натиҷаҳои мусбат медиҳад. Таҳқиқоти илмӣ дар шогирдон тафаккури илмиро инкишоф медиҳад ва кӯмак мекунад фаҳманд, ки дониши илмӣ на танҳо маълумот, балки воситаи ҳаллу фасли масъалаҳои мушаххас мебошад. Фаъолияти таҳқиқотӣ ба шогирдон имкон медиҳад, ки бахшҳои ҷолиби химияро амиқан омӯзанд, дар айни ҳол мустақилият, муносибати эҷодӣ ва қобилияти таҳлилро ба вуҷуд оранд.

Барои он ки химикҳо ба донишҳои соҳавӣ даст ёбанд, муҳим аст, ки дар раванди таълим, дастрасии кофии техникаи компютерӣ ва маводҳои таълимии муосир таъмин карда шавад. Истифодаи технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ба шогирдон имкон медиҳад, ки на танҳо донишҳои назариявиро омӯхтан, балки малакаҳои амалӣ ба даст оранд, ки то барои фаъолияти ояндаи илмӣ ё педагогии онҳо муҳим мебошад.

Ҳамчунин, дарси ҳамгироии технологияҳои компютерӣ ба раванди таълими химия ва баландкунии сифати таълим ба назар гирифтани рамзҳо дар таълим хеле таъсирбахш аст. Прожекторҳо, табақаҳои интерактивӣ ва барномаҳои махсус барои компютерҳо дар раванди таълим ҳамчун воситаи калидӣ истифода мешаванд. Онҳо имконият медиҳанд, ки на танҳо намуди пешниҳодоти маводро гуногун созем, балки таълимро боз ҳам хубтар ва барои шогирдон дастрас гардонем. Пас, яке аз хосиятҳои асосии таълими химияи муосир, ин зарурати ворид кардани лексияҳое мебошад, ки шогирдонро бо истифодаи технологияи

компютерӣ дар таълим омӯзонанд. Шогирдон бояд имконият дошта бошанд, ки барномаҳои гуногуни компютериро, ки барои таълими мактабӣ пешбинӣ шудаанд, омӯзанд. Ин кӯмак мекунад, ки ин имкониятҳои онҳо барои иштирок дар раванди таълим хеле зиёд шавад ва инчунин барои рушди малакаҳои мустақилона дар кор ва дар оянда кӯмак кунанд. Истифодаи технологиҳои иттилоотӣ ба шогирдон на танҳо кӯмак мекунад, ки дониши худро дар химия амиқ кунанд, балки малакаҳоеро, ки барои дигар соҳаҳо, ба монанди информатика ва коммуникатсия муфид хоҳанд буд, ба вуҷуд меоранд.

Барномаҳои компютерии химия имконият медиҳанд, ки раванди таълим беҳтар ташкил карда шавад. Омӯзгорон метавонанд, ки натиҷаҳои корҳои шогирдонро зуд назорат кунанд, озмоиш гузаронанд ва натиҷаҳои омӯзишро дар асоси маълумотҳои касбӣ ислоҳ намоянд. Ғайр аз ин, чунин технологияҳо барои дарки назарияи азхудкунии барнома кӯмак мекунанд.

Химия ҳамчун илм аз идроки иҷтимоӣ то таълимоти амалӣ

Элен Ланжевен-Жоли, набераи олимони маъруфи Пеер ва Мария Кюри, аҳаммияти робитаи илм ва ҷомеаро таъкид мекунад. Вай дуруст қайд кардааст, ки илмҳои назариявӣ иқтидорҳои навро мекушоянд, ғояҳоро эҷод мекунанд ва падидаҳоро шарҳ медиҳанд, вале на ҳамеша ба савол ҷавоб медиҳанд, ки чӣ гуна ин кашфиётҳоро истифода бурдан мумкин аст. Ба ҳамин сабаб, дар ҷараёни қабул кардани қарорҳо барои истифодаи онҳо, ҷалби васеи ҷомеаи муҳим аст. Агар дастовардҳои илмӣ бе назардошти ақидаи ҷамъиятӣ истифода шавад, метавонанд байни илм ва гуманизм ҷудоӣ пайдо шавад, ки ин ба шикасти манофеъ оварда мерасонад. Ланжевен-Жоли инчунин ба тасаввуроти химия дар ҷомеа таваҷҷуҳ мекунад. Одамон аксар вақт аз моддаҳои химиявӣ ва равандҳои он тарс мекунанд, онҳоро ҳамчун чизи сунъӣ ва хатарнок мешуморанд. Вале ӯ ёдовар мешавад, ки химия дар ҳама ҷо моро иҳота мекунад: аз таркиби ҳавое, ки мо нафас мекашем, то ғизо ва об. [11, с. 175] Тафовут байни маҳсулоти табиӣ ва синтетикӣ аксар вақт номаҳдуд аст ва муҳим аст, ки мо бояд хатарҳои воқеиро аз стереотипҳо ҷудо кунем. Фаҳмиши объективии химия калиди фаҳмидани он ва истифодаи дурусти он мебошад.

Дар робита ба ин, барномаҳое, ки дар тамоми ҷаҳон барои таълимоти химия тарҳрезӣ шудаанд, имкон медиҳанд, ки илм бештар дастрас ва ҷолиб шавад. Химия фаннест, ки шавқу завқро ба вуҷуд меорад ва бо мураккабии худ шавқовар аст. Дар кишварҳои мухталиф муаллимон усулҳои эҷодиро ба кор мебаранд, то омӯзишро дар ин соҳаи душвор осонтар созанд.

Интиқоди усулҳои таълими нав дар соли 2011 бо як ҳаводиси муҳим шуруъ шуд - соли байналмилалии химия. Ин рӯйдод на танҳо таваҷҷуҳро ба аҳаммияти химия ҷалб намуд, балки як манбаи мубодилаи таҷриба байни омӯзгорон, олимон ва созмонҳои иҷтимоӣ гардид. Усулҳои нави таълимӣ истифодаи лабораторияҳои интерактив, бозигарии таълимӣ, симулятсияҳо ва лоиҳаҳои байнифанниро дар бар мегиранд. [12, с. 175]. Ҳамаи ин кӯмак мекунад, ки донишҷӯён на танҳо маводро хубтар фаҳманд, балки намунаҳои воқеии истифодаи химияро дар зиндагии ҳаррӯза бинанд.

Намуди усулҳои муосири таълим дар арсаи байналмилалӣ

Яке аз намунаҳои равшан барои татбиқи усулҳои инноватсионӣ дар таълимоти химия ташаббусест, ки дар пойтахти Финляндия, Ҳелсинки, амалӣ мешавад. Агентии химиявии Аврупо (ECHA), ки дар соли 2007 таъсис ёфтааст, усулҳои эҷодиеро дар таълим ба кор мебарад, ки ба донишҷӯён имкон медиҳад, символҳои хатарноки химиявиро тавассути бозӣ омӯзанд. Ин символҳо, ки аз ҷониби Комиссияи Иттиҳоди Аврупо барои классификатсия, нишондод ва бастабандии маводҳои химиявӣ таҳия шудаанд, кӯмак мекунанд, ки кӯдакон хатарҳои эҳтимолиро фаҳманд ва бо маводҳои химиявӣ бо эҳтиёт муносибат кунанд. Барномаи ECHA хусусияти байнифарҳангӣ дорад, зеро таълим ба се забон: англисӣ, фаронсавӣ ва финландӣ гузаронда мешавад. Ин имкон медиҳад, ки донишҷӯён аз миллатҳои мухталиф шомил шаванд ва раванди омӯзиш бештар умумӣ гардад. Шакли омӯзиш тавассути бозӣ шавқро ба химия ташвиқ мекунад, онро фаҳмо ва дастрас мегардонад.

Дар амал ҷорӣ намудани барнома ҷузъи муҳими усули омӯзиш мебошад. Ба донишҷӯён на танҳо омӯхтани усулҳо, балки гузаронидани таҷрибаҳо пешниҳод карда мешавад, масалан, мушоҳида кардани он, ки чӣ гуна натрий бо об ба реаксия дохил мешавад.

Ҳамчунин таҷрибаҳо, имкон медиҳанд, ки тағйирёбии ранг ва шиддати сӯхтани моддаҳо ба таври возеҳ дида шавад, инчунин фаҳмидани он ки чаро химия барои ҳалли масъалаҳои амалӣ чунин муҳим аст. Иҷрои корҳои озмоишӣ кӯмак мекунанд, ки донишро мустаҳкам созем ва малакаҳои таҳлил ва фикр кардани мантиқро рушд диҳем.

Барои беҳтар кардани сифати таълим видеоматериалҳои эҷодкардаи агентии ECHA истифода мешаванд. Ин барномаҳо кӯмак мекунанд, ки раванди химиявии асосиро дидашаванда ва омӯзишро интерактивӣ гардонем. Бо чунин роҳ, донишҷӯён танҳо усулҳоро ёд намегиранд, балки кӯшиш мекунанд фаҳманд, ки химия дар ҳаёти имрӯза чӣ гуна истифода мешавад ва кадом чораҳои эҳтиётӣ барои маводҳои хатарнок зарур аст.

Усулҳое, ки дар Финляндия истифода мешаванд, намунаи он аст, ки чӣ гуна интегратсия кардани донишҳои назариявӣ, малакаҳои амалӣ ва унсурҳои бозӣ метавонад шавқро ба химия бедор кунад ва аҳаммияти онро барои донишҷӯён баланд гардонад. Ба чунин тарз, наслҳои оянда метавонанд химия ва нақши онро дар илм ва ҳаёти муосир беҳтар фаҳманд.

Роли усулҳои креативӣ дар таълими химия: таҷрибаи Донишгоҳи Ҳонконг

Усулҳои креативӣ дар таълими химия нақши муҳиме доранд, ки метавонанд фаҳмиши амиқ ва шавқоварро дар донишҷӯён ба вуҷуд оранд. Донишгоҳи Ҳонконг як намунаи аҷиб барои истифодаи ин усулҳо дар таълим мебошад. Онҳо барои беҳтар кардани таҷрибаи таълимӣ ва ташвиқ кардани донишҷӯён барои фикр кардан ва таҷриба кардан бо равишҳои нави креативӣ, таҷрибаҳои озмоишӣ ва методҳои интерактивӣ истифода мебаранд.

Барои беҳтар фаҳмидани мавзуъҳои химия, донишгоҳҳои муосир ба шеваҳои таълими интерактивӣ, мултимедиявӣ ва озмоишӣ таваҷҷуҳ мекунанд. Усулҳои креативӣ на танҳо донишро ба донишҷӯён мерасонанд, балки онҳоро ба раванди эҷодкорӣ ва амалишавии илмӣ низ ворид мекунанд [3, с. 178].

Васоити визуалӣ, моделҳо ва тасвирҳои аниматсионӣ, ки дар курсҳои химия истифода мешаванд, ба донишҷӯён кӯмак мекунанд, то аниқтар ва ҷолибтар дарк кунанд, ки таркиби моддаҳо ва реаксияҳои химиявӣ чӣ гуна ба амал меоянд. Ин методҳо донишҷӯёнро ташвиқ мекунанд, ки на танҳо назарияи химияро фаҳманд, балки тавассути амалҳои озмоишӣ ба омӯзиши он фаҳмишҳои амиқтар пайдо кунанд.

Усулҳои креативӣ дар таълими химия, махсусан дар Донишгоҳи Ҳонконг, ба донишҷӯён кӯмак мекунанд, ки химияро на ҳамчун як мавзуи душвор, балки як фанни шавқовар ва дастрас дарк кунанд. Ин равишҳо барои тайёр кардани наслҳои оянда, ки метавонанд дар оянда мутахассисони ботаҷриба ва таҳқиқотчиёни соҳаи химия бошанд, бисёр муҳим мебошанд. Яке аз модулҳои маъруфи таълимӣ таҳқиқи сохтори хосаи сангҳо ва таркиби химиявии онҳо мебошад. Дар шароити лабораторӣ, донишҷӯён омӯхта мефаҳманд, ки чӣ гуна хосиятҳои химиявии маводҳо истифодаи онҳоро дар соҳаҳои гуногун, сохтмон, ҷавоҳирот ё дигар фаъолиятҳои амалӣ муайян мекунанд. Ба осорхонаҳои геологӣ рафтан як ҷузъи муҳимтарини ин раванди омӯзиш мебошад. Дар ин ҷо донишҷӯён бо сангҳои кӯҳӣ, минералҳо ва сангҳои қиматбаҳо шинос мешаванд ва онҳо зебоии табиӣ ва сарватҳои равандҳои химиявиро барои худ кашф мекунанд. Ин таҷриба ба донишҷӯён кӯмак мекунад, ки амиқтар фаҳманд, ки чӣ гуна фанни химия дар табиат вомехӯрад ва ба гуногуниаш таъсир мерасонад [9, с. 137].

Мисоли дигари равшан курсҳои ихтиёрии тиббии судӣ мебошад, ки аз ҷониби факултети химияи донишгоҳ ташкил шудааст. Ин курс ба донишҷӯён имконият медиҳад, ки худро дар нақши химикони соҳаи озмоишгоҳҳои судӣ санҷанд. Раванди таълим таҳлили муфассали «ҷои ҷиноят», ҷамъоварии далелҳои физикӣ ва таҳқиқи онҳо бо истифода аз усулҳои химияи судиро дар бар мегирад. Донишҷӯён бо масъалаҳои воқеӣ кор мекунанд: аз шиносоии модда то ташкили хулосаҳои мантиқӣ дар бораи равандҳои ҷиноят. Ин на танҳо фикрронии таҳлилиро рушд медиҳад, балки нишон медиҳад, ки химия чӣ гуна дар ҳолатҳои воқеии ҳаёт истифода мешавад, масалан, дар таҳқиқи ҷиноятҳо.

Барномаҳо чунин нишон медиҳанд, ки омӯзиши химия метавонад шавқовар ва амалӣ бошад. Онҳо таъкид мекунанд, ки химия танҳо формулаҳои мураккаб ва таҷрибаҳои озмоишӣ нест, балки асбобе барои ҳал кардани масъалаҳои муосир мебошад. Донишҷӯён

имконият пайдо мекунанд, ки аҳаммияти химияро дар соҳаҳои мухталиф эҳсос кунанд, ки ин шавқи онҳоро барои омӯзиши ин илм тақвият медиҳад. Мисоли Донишгоҳи Ҳонконг нишон медиҳад, ки омезиши донишҳои назариявӣ, масъалаҳои амалӣ ва усулҳои креативӣ химияро барои насли навини донишҷӯёни имрӯза дастрас, фаҳмо ва илҳомбахш месозад.

Роли химия дар ҳал кардани масъалаҳо ва кашфи асрори олам

Химия - ин илмест, ки на танҳо ҷиноятҳоро фош мекунад, балки кӯмак мекунад, ки қонуниятҳои асосии табиатро фаҳмем, ҷавобҳои калидӣ ба саволҳои ҷаҳони мо диҳем. Аҳаммияти он дар универсалии буданаш истифодааш дар тамоми соҳаҳо мебошад, яъне аз масъалаҳои ҳаррӯза то таҳқиқоти илмии мураккабро шомил мешавад.

Яке аз ҷузъҳои асосии химия қобилияти он аст, ки қонуниятҳоро муайян кунад ва занҷирҳои мантиқиро созад. Масалан, дар омӯхтани далелҳо, ки таҳлили озмоишӣ мераванд, мебинем, ки химия чӣ гуна кӯмак мекунад, ки маълумотҳои пароканда ҷамъоварӣ карда шаванд ва ба тасвири умумӣ табдил ёбанд. Ин усулҳо на танҳо дар кушодани ҷиноятҳо, балки дар таҳқиқи падидаҳои табиӣ, масалан, механизмҳои ташкили моддаҳои нави химиявӣ, равандҳо дар атмосфера ё реаксияҳои химиявӣ дар дохили замин, аҳаммият доранд. Донишҷӯёне, ки дар чунин вазифаҳои амалӣ шомил мешаванд, таҷрибаи кам мегиранд. Онҳо меомӯзанд, ки объектҳоро таҳқиқ кунанд, таҷрибаҳоро гузаронанд, натиҷаҳоро таъриф кунанд ва хулосаҳо бароранд. Ин малакаҳо фикрронии таҳлилиро нишон медиҳанд, ки барои омӯзиши химия ва ҳал кардани масъалаҳои мураккаб дар дигар соҳаҳои илм ва ҳаёт зарур аст.

Химия ҳамчунин нақши калидӣ дар ҳал кардани масъалаҳои глобалӣ дорад. Масалан, он кӯмак мекунад, ки роҳҳои тоза кардани обро пайдо кунем, манбаъҳои энержии экологӣ тавлид кунем, доруҳои самаранок созем ва сифати хӯрокро беҳтар созем. Ҳамаи ин раванд аз қобилияти дуруст баён кардани саволҳо ва ҷустуҷӯӣ ҷавобҳо тавассути таҷрибаҳо ва таҳқиқот оғоз меёбад. Ин муносибат химияро ҳамчун илме нишон медиҳад, ки назария ва амалияро пайваст мекунад. Он на танҳо ҳал кардани масъалаҳои мушаххас, балки воситаи масъалаҳои мушкил барои омӯзиши асосҳои олам мебошад. Химия бо чунин як гуногунӣ як илми шавқовар ва муҳимтарини соҳаҳои илм ва зиндагӣ мегардад. Химия илҳом мебахшад, ки роҳи ҳалли навро ҷустуҷӯ кунем, табиати чизҳоро шарҳ диҳем ва ояндаҳоеро кушоем, ки бидуни донишҳои илмӣ дастрас намешуданд. Ба шарофати қобилияташ барои пайваст кардани назария ва амалия, химия илмеро меноманд, ки метавонад ҷаҳонро тағйир диҳад, зиндагиро беҳтар созад ва марзҳои фаҳмиши инсонро васеъ кунад.

Хулоса, барои ҳал кардани масъалаи таълими муосир дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз фанни химия, лозим аст, ки якгонагӣ байни назария ва амалия дар раванди таълим таъмин карда шавад, диққати зарурӣ ба машғулиятҳои лабораторӣ ва ворид кардани технологияҳои инноватсионӣ дар таълим дода шавад. Ин ба донишҷӯён кӯмак мекунад, ки на танҳо донишҳои амиқ ба даст оранд, балки малакаҳои зарууриро низ аз худ кунанд, ки дар оянда ба касб ва ё фаъолияти илмиашон кӯмак мерасонад.

Зарур аст, ки ба баррасӣ таҷдиди усулҳои таълими фанни химия дар муассисаҳои таълимӣ барои баланд бардоштани донишу малакаи муаллимон ва таъмин кардани омӯзиш ва шиносоии амиқи усулҳои таълимӣ эътибор дода шавад, то сифати таълим дар ин соҳа беҳтар шавад ва донишҷӯёни оянда барои ҳал кардани масъалаҳои илмии муҳим омодагӣ гиранд. Ҳамин усулҳо имконият медиҳанд, ки химия на танҳо илми формулаҳои химиявӣ ва реаксияҳо, балки имкониятҳои тағйир додани ҷаҳон ба беҳтаршавӣ ва рушд рӯ оварад.

Ба ин тартиб, химия як илмеро мемонад, ки фаҳмиши моро дар бораи ҷаҳон ташаккул медиҳад ва самтҳои рушди онро муайян мекунад. Истифодаи технологияҳои компютерӣ дар таълими химия на танҳо раванди таълимиро муайян мекунад, балки ба донишҷӯён кӯмак мерасонад, малакаҳои муҳим, ки аз ҷумла интиқодӣ фикр кардан малакаҳои таҳқиқотӣ ва қобилияти кор кардан бо технологияҳои муосирро рушд диҳанд. Ворид кардани ин технологияҳо дар барномаи таълимии химия як қадами муҳим барои баланд бардоштани сифати таълим ва омода кардани донишҷӯёни оянда мебошад, ки ба онҳо имкон медиҳанд, то ки бо воситаҳои нав кор кунанд ва барои ҳал кардани масъалаҳои мураккаб дар фаъолияти касбии худ иқтидор соҳиб гарданд.

Адабиёт

1. *Бобизода, Ғ. Методы обучения химии в общеобразовательных учереждениях в зависимости от компетентностного подхода / Ғ. Бобизода, М. Файзуллоева // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – 2020. - №1 (34). - С. 105-109.*
2. *Бобизода, Ғ. Преподавание химии посредством современных исследований / Ғ. Бобизода, М. Файзуллоева // Вестник Карагандинского университета. - 2022. - №4 (108). - С. 145-153.*
3. *Бобизода, Ғ. Лабораторная работа как форма обучения химии в условиях компетенностного подхода / Ғ. Бобизода, М. Файзуллоева // Вестник таджикского национального университета. – 2020. - №8. – С. 168-172.*
4. *Ермаханов, М.Н. Преподавания химии в педагогическом вузе / М.Н. Ермаханов, Э.Т. Куандыкова, Г.Т. Асылбекова // Международный журнал прикладных и фундаментальных исследований. – 2016. – № 8-1. – С. 76-77.*
5. *Курдюмова Т. Н. Компьютерные технологии обучения химии: преимущества и недостатки / Т. Н. Курдюмова // Химия в школе. – 2000. - №8. - С. 150-155.*
6. *Файзуллоева, М. Компетентностный подход в процессе обучения учащихся на уроках химии / М. Файзуллоева // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. - 2022. - №3 (39). - С. 145-149.*
7. *Файзуллоева, М. Таълими химия тавассути таҳқиқоти муосир дар муқоиса бо равиши таърихи / М. Файзуллоева // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. - 2019. - № 4 (28). - С. 198 - 205.*
8. *Файзуллоева, М. Таълими химия тавассути тадқиқоти муосир / М. Файзуллоева // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. – 2022. - №3 (39). - С. 195 - 200.*
9. *Файзуллоева М. Чориева С. Аҳамияти методҳои интерактивии таълим дар омӯзиши химия / М. Файзуллоева, С. Чориева // Вестник педагогического университета. – 2024. - №1 (19). - С. 137 - 140.*
10. *ECHA (European Chemicals Agency). [Электронный ресурс]. URL: http://echa.europa.eu/ Сайт Европейского химического агентства (дата обращения: 15.07.2016).*
11. *European Schooling Helsinki. [Электронный ресурс]. URL: http://www.esh.fi. Сайт Европейской школы в Хельсинки (дата обращения: 15.07.2016).*
12. *International year of chemistry. [Электронный ресурс]. URL: http://www.chemistry2011.org/. Сайт, посвященный Международному году химии (дата обращения: 15.07.2016).*

УСУЛҲОИ МУОСИРИ ТАЪЛИМИ ХИМИЯ БО ИМКОНИЯТҲОИ МАВҶУДА

Дар мақола мушкилоти мубрами таълими химия дар шароити муосир баррасӣ шуда, роҳҳои ҳалли онҳо пешниҳод карда мешаванд. Муаллифон аҳаммияти тайёр кардани муаллимони баландихтисоси химияро, ки на танҳо донишро интиқол медиҳанд, балки инчунин дар хонандагон тафаккури интиқодӣ ва малакаҳои методологиро ташаккул медиҳанд, қайд мекунанд. Зарурати истифодаи усулҳои муосири таълим, аз қабили таълими лоиҳавӣ, технологияҳои рақамӣ, усулҳои бозӣ ва лоиҳаҳои байнифаннӣ барои баланд бардоштани таваҷҷуҳи хонандагон ба фан таъкид карда мешавад. Муаллифон намунаҳои татбиқи бомуваффақияти усулҳои инноватсионии таълими химияро дар кишварҳои гуногун, аз ҷумла таҷрибаи Агентии химикатҳои Аврупо (ECHA) дар Ҳелсинки ва Донишгоҳи Ҳонконгро меоранд. Истифодаи лабораторияҳои интерактивӣ, усулҳои бозӣ, симулятсияҳо, лабораторияҳои виртуалӣ ва воситаҳои мултимедиявӣ тавсиф карда мешавад. Дар охир муаллифон тавсияҳои мушаххас оид ба такмили таълими химия, аз ҷумла таъмини миқдори кофии машғулиятҳои лабораторӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ ва баланд бардоштани тахассуси муаллимонро пешниҳод мекунанд.

Калидвожаҳо: химия, таълими химия, усулҳои муосири таълим, технологияҳои инноватсионӣ, машғулиятҳои амалӣ, корҳои лабораторӣ, таҳсилоти химиявӣ.

СОВРЕМЕННЫЕ МЕТОДЫ ОБУЧЕНИЯ ХИМИИ С ДОСТУПНЫМИ ВОЗМОЖНОСТЯМИ

В статье рассматриваются актуальные проблемы преподавания химии в современных условиях и предлагаются пути их решения. Авторы отмечают важность подготовки квалифицированных учителей химии, способных не только передавать знания, но и формировать у учащихся критическое мышление и методологические навыки. Подчеркивается необходимость использования современных методов обучения, таких как проектное обучение, цифровые технологии, игровые методы и междисциплинарные проекты, для повышения интереса учащихся к предмету. Авторы приводят примеры успешного применения инновационных методов обучения химии в различных странах, в частности, опыт Агентства химикатов Европы (ECHA) в Хельсинки и Университета Гонконга.

Описывается использование интерактивных лабораторий, игровых методов, симуляций, виртуальных лабораторий и мультимедийных средств. В заключении авторы предлагают конкретные рекомендации по совершенствованию преподавания химии, включая обеспечение достаточного количества лабораторных занятий, внедрение инновационных технологий и повышение квалификации учителей.

Ключевые слова: химия, преподавание химии, современные методы обучения, инновационные технологии, практические занятия, лабораторные работы, химическое образование.

MODERN METHODS OF TEACHING CHEMISTRY WITH ACCESSIBLE OPPORTUNITIES

The article discusses current problems of teaching chemistry in modern conditions and suggests ways to solve them. The authors emphasize the importance of training qualified chemistry teachers who are able not only to impart knowledge but also to develop students' critical thinking and methodological skills. The necessity of using modern teaching methods, such as project-based learning, digital technologies, game-based methods, and interdisciplinary projects, to increase students' interest in the subject is emphasized. The authors provide examples of the successful application of innovative chemistry teaching methods in various countries, in particular, the experience of the European Chemicals Agency (ECHA) in Helsinki and the University of Hong Kong. The use of interactive laboratories, game-based methods, simulations, virtual laboratories, and multimedia tools is described. In conclusion, the authors offer specific recommendations for improving chemistry teaching, including ensuring a sufficient number of laboratory classes, introducing innovative technologies, and improving teacher qualifications.

Keywords: chemistry, chemistry teaching, modern teaching methods, innovative technologies, practical classes, laboratory work, chemical education.

Дар бораи муаллифон

Файзуллоева Мукаррама Маҳмудҷоновна
Номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи методикаи таълими химия
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: fmukarrama@mail.ru

Салоҳиддини Сафарзод
Мутахассиси пешбари шуъбаи аттестатсионии илмҳои табиӣ, математикӣ ва техникӣ
Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Шевченко, 39

Сведения об авторе

Файзуллоева Мукаррама Махмуджоновна
Кандидат педагогических наук, старший преподаватель кафедры методика преподавании химии
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: fmukarrama@mail.ru

Салохиддини Сафарзод
Ведущий специалист отдела аттестации медицинских, математических и технических наук
ВАК при Президенте Республики Таджикистан
Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Шевченко, 39

About author

Fayzullaeva Mukarrama Mahmydjonovna
Candidat of pedagogic sciences, senior lecturer of the Departament of chemistry methodology
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: fmukarrama@mail.ru

Salohiddini Safarzod
Leading Specialist of the department of certification of medical, mathematical and technical sciences Higher Attestation Commission under the President of the Republic of Tajikistan
Republic of Tajikistan, Dushanbe, Shevchenko st., 39

ТДУ 372.851

ХУСУСИЯТҲОИ МЕТОДОЛОГӢ, МАЗМУН ВА МУНДАРИҶАИ ТАҶРИБАИ ПЕДАГОГӢ ДАР ИХТИСОСҲОИ МАТЕМАТИКӢ

Холиқов У. Б.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ

Ҷиҳати омода намудани омӯзгори аз ҷиҳати методологӣ босалоҳияти фанни математика дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, таҷрибаи педагогӣ яке аз самти афзалиятнок маҳсуб меёбад. Вазифаи асосии он ғанӣ гардонидан ва мустаҳкам кардани донишҳои назариявии тахассусӣ зимни аз худ намудани фанни таълимии ихтисос, илмҳои педагогика, психология, методикаи таълим, ба даст овардани малакаҳои амалӣ ва қобилиятҳои фаъолияти педагогии муаллими фаннӣ ба шумор меравад. Масъулияти омода намудани омӯзгорони фанни математикаро барои муассиссаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ихтисосҳои амалкунандаи назди факултети математика ва информатикаи донишгоҳ: “Математика” (муҳлати таҳсил 4 сол), “Математика. Информатика” (муҳлати таҳсил 5 сол) ва “Математика. Физика” (муҳлати таҳсил 5 сол) ба зимма доранд. Барои ихтисосҳои мазкур масъулон ва мутахассисони донишгоҳ Барномаҳои таҳсилот ва нақшаҳои таълимиро мутобиқи талаботи ислоҳоти соҳаи маорифи кишвар ва Барномаҳои давлатии амалкунанда соли 2022 ба тасвиб расонида, мавриди амал қарор додаанд. Ҳадафҳо ва вазифаҳои таҷрибаи педагогӣ дар Низомномаи таҷрибаомӯзии педагогии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ ёфтаанд.

Масалан, дар Барномаи таҳсилоти “Математика” ***мақсади таҷрибаи педагогӣ*** - ин аз худ намудани таҷриба ва малакаҳои амалии омӯзгори фанни математика мебошад, ки он барои анҷом додани ташаккули қобилияту салоҳиятҳои умумифарҳангӣ, умумикасбӣ ва тахассусӣ дар соҳаи омӯзгорӣ зарур аст. Барои самаранок гузаронидани таҷрибаи педагогӣ дар мактаб мавҷудияти заминаи донишҳои назариявии тахассусӣ ва маҷмуи донишу малакаҳо аз фанни методикаи таълими математика нақши бузург мебозад. Истисно аз ин, барои пайвастани назарияи таълими фанҳои мактабии «математика», «информатика» ва «физика» бо таҷрибаи ташкили раванди таълими математика ҷиҳати ҳосил намудани салоҳиятҳои зарурии касбӣ донишҳои назариявию амалӣ аз фанҳои педагогика ва психология низ мусоидат мекунанд.

Таҷрибаомӯзӣ барои инкишофи маҳорату малакаҳои эҷодии донишҷӯён, рушди эҳтиёҷот ба худомӯзии доимии касбӣ ва худтакмилдиҳӣ ҳам зарур буда, он як навъ омили муҳимми муайянкунанда барои дар кадом сатҳ тайёр шудани мутахассисон – омӯзгорони ҷавон ба шумор меравад. Мақсади таҷрибаомӯзӣ бо назардошти иҷрои вазифаҳои асосие, ки дар назди кафедраҳои масъул ва донишҷӯёни таҷрибаомӯз қарор доранд, самаранокии зиёд касб карда метавонад [12].

Бинобар ин, ***вазифаҳои таҷрибаи педагогӣ*** чунинанд:

- амиқ ва мустаҳкам намудани донишҳои назариявӣ аз рӯи сикли фанҳои тахассусӣ;
- шиносоӣ бо низоми кори муассисаи таҳсилоти миёнаи муосир;
- ҷалби донишҷӯён ба ташкили раванди таълим дар муассисаи мушаххаси таълимӣ;
- баланд бардоштани сатҳи азхудкунии донишҳои психологӣ, педагогӣ, методӣ ва ташаккул додани қобилияти истифодаи ин донишҳо дар фаъолияти амалӣ;
- фароҳам овардани шароит барои эҷодкорона татбиқи дониш ва рушди маҳорати касбӣ; таҳкими амиқи методҳои таълими муосири фан;
- шиносоӣ дар амал бо технология, метод, усул ва воситаҳои кори муаллими муосири математика, марҳилаҳои асосии гузаронидани дарс дар зинаҳо ва сатҳҳои гуногуни таълим;
- фаъол гардонидани талаботи муаллими оянда ба худшиносии касбӣ, шахсӣ ва такмил додани он;

- ташаккули малакаҳо оид ба тарҳрезӣ, татбиқ, баҳодиҳӣ ва ислоҳи раванди таълим;

- ташаккул додани малака ва маҳорат барои татбиқи бомуваффақияти раванди таълим;

- ташаккул додани малакаҳои муошират касбӣ бо ҳамаи иштирокчиёни раванди таълим (хонандагон, ҳамкорон ва волидон);

- ташаккули назари шахсӣ оид ба мафҳумҳои гуногуни тарбия ва таълим дар муассисаҳои таҳсилоти муосир;

- ташаккули омодагӣ ба фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи маориф, аз худ намудани воситаҳои он.

- фароҳам овардани шароит барои ташаккул ва рушди худбаҳодиҳии муносиб ва инъикоси касбӣ;

- ташаккули арзиш ва самтҳои ҳавасмандгардонии фаъолияти бомуваффақияти касбии омӯзгори математика.

Дар асоси талаботи Барномаҳои таҳсилотӣ аз рӯи самт (ихтисос)-ҳои «Математика», «Математика-информатика» ва «Математика-физика» барои омодагӣ ба фаъолияти касбӣ, ба роҳ мондани фаъолияти бонизом ва муташаккилона дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, ки Маркази таҷрибаомӯзӣ ва рушди касбият амал мекунаду он яке аз сохторҳои муҳимми қисми таълимии донишгоҳ мебошад ва баҳри рушди салоҳиятҳои умумӣ ва касбии донишҷӯён равона шудааст. Бо ин мақсад дар нақшаҳои таълимии ихтисосҳо баргузории ду навъи таҷрибаомӯзӣ: таълимӣ ва педагогӣ дар назар дошта шудааст. Миқдори ҳафтаҳои ҷудошуда ва муҳлати баргузории онҳо (дар семестрҳо) дар ҷадвали зерин нишон дода шудааст:

Таҷрибаомӯзиҳо	№ семестр	Миқдори ҳафта
Таълимӣ	4, 6	2
Педагогӣ	6, 8	6
Педагогӣ	7, 9	6

Шаклҳои ҳисоботро оид ба ҳар як намуди таҷрибаомӯзиҳо кафедраҳои тахассусӣ (ҷиҳати баргузории таҷрибаҳои таълимӣ) ва кафедраҳои методикаи таълим (барои гузаронидани таҷрибаҳои педагогӣ) якҷоя бо Маркази таҷрибаомӯзӣ ва рушди касбияти донишгоҳ муайян менамоянд.

Таҷрибаомӯзии таълимӣ хусусияти шиносоикунанда дошта, вазифаи он ба донишҷӯён нишон додани фаъолияти муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, муассисаҳои истироҳатию фароғатии кӯдакон (лагерҳои тобистона) ва фаъолияти кормандони ин муасисаҳо мебошад. Ин имконият медиҳад, ки донишҷӯён бевосита раванди ташкили меҳнат, махсусиятҳои касбӣ ва дигар фаъолиятҳоро амалан бубинанд.

Таҷрибаомӯзии педагогӣ – раванди комплексие мебошад, дар он донишҷӯён намудҳои фаъолиятеро иҷро мекунанд, ки ихтисос муайян намудааст. Дар таҷрибаомӯзии педагогӣ ҷиҳатҳои зерин муайян карда мешавад:

- самтгирӣ дар фазои касбият;

- тамоили гуногунҷанбагии касбияти омӯзгори оянда дар ҳамаи соҳаҳои фаъолияти педагогӣ;

- ташаккулёбӣ дар муҳити табиии раванди педагогӣ - фарҳанги инъикосӣ сурат мегирад, дар ҳоле ки барои омӯзгор предмети тафаккур восита ва методҳои фаъолияти педагогии худи ӯ мебошад.

Таҷрибаомӯзии педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, гимназия ва литсейҳои шаҳри Душанбе сурат мегиранд. Дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ барои ҳар як муассиса (пойгоҳи таҷрибаомӯзӣ), донишгоҳ методистони кафедраи методикаи таълим, педагогика ва психологияро ҷудо менамояд. Методистон ба донишҷӯён оид ба рафти таҷрибаомӯзии педагогӣ ва омода намудани ҳуҷҷатҳо машварат медиҳанд [1, с. 17-18].

Дар давраи таҷрибаомӯзии педагогӣ бо донишҷӯён машғулиятҳои ташкилию тарбиявӣ гузаронида мешаванд. Машғулиятҳои омӯзишӣ асосан ба технологияҳои интерактивӣ

(баҳсҳо, мубоҳисаҳо, семинарҳо, бозиҳои корӣ ва ғайра) асос ёфтаанд, ташкил карда мешаванд. Ҷузъи муҳими таҷрибаи педагогӣ мастер-классҳо, ки барои донишҷӯён аз ҷониби омӯзгорони варзида ва омӯзгорони ботаҷриба бо мақсади расонидани таҷрибаи педагогии онҳо дар истифодаи технологияҳои муайяни таълим, метод ва усулҳои наву самарабахши кори омӯзгори математика ташкил карда мешаванд.

Донишҷӯён дар фаъолияти амалии худ аз технологияҳои гуногуни тадқиқотӣ ва таълимӣ истифода мебаранд: воситаҳои муосири арзёбии натиҷаҳои таълим, усули лоиҳавӣ, бозиҳои корӣ ва нақшбозӣ, мубоҳисаҳо, корҳои амалӣ ва лабораторӣ. Онҳо бо хонандагон дарсҳои фардӣ мегузаронанд.

Ҳангоми иҷрои қисми тадқиқотии таҷрибаи педагогӣ, донишҷӯён бо мантиқ ва хусусиятҳои тадқиқоти психологию педагогӣ шинос мешаванд, аз методҳои гуногуни эмпирикии он (мушоҳида, пурсиш, санҷиш, таҷриба ва ғайра) истифода мебаранд, мақсад ва вазифаҳоро мураттаб месозанд.

Принсипи асосии гузошташуда барои ташкили таҷрибаи педагогӣ, принсипи доимо афзояндаи мустақилияти донишҷӯён дар омодагӣ ва гузаронидани дарсҳо, инчунин чорабиниҳои беруназсинфӣ оид ба математика мебошад. Ин ба донишҷӯён имконият медиҳад ки дар шароити воқеӣ малакаву маҳорати фаъолияти касбии дар донишгоҳ бадастовардаро дар амал нишон диҳанд [5].

Тайёрии пешакии донишҷӯён ба таҷрибаомӯзии педагогии фанни математика аз шиносоӣ бо мазмуни ҳатмӣ аз фанни математикаи мактабӣ, омӯзиши мундариҷаи китобҳои дарсии мактабӣ аз фанни математика барои синфҳои дахлдор, шиносоӣ бо адабиёти методӣ ва воситаҳои аёнӣ барои дастгирии курси математикаи мактабӣ сарчашма мегирад.

Мутобиқи нақшаи таълимии самти педагогӣ, дар курси 3-4-уми ихтисоси «Математика» ва курси 4-5-уми ихтисосҳои «Математика- информатика» ва «Математика-физика» таҷрибаи педагогӣ аз фанни математика пешбинӣ шудааст. Таҷрибаи педагогӣ 12 ҳафтаи тақвимӣ давом мекунад. Барои ихтисоси «Математика» дар нимсолаҳои 6-ум ва 7-ум ва барои ихтисосҳои «Математика-информатика» ва «Математика- физика» дар нимсолаҳои 8-ум ва 9-ум гузаронида мешавад.

Дар ҳафтаи якум донишҷӯён бо синф ва мактаб базаи таҷрибаомӯзӣ, барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, маводҳои таълимие, ки муаллими фан истифода мебарад, шинос мешаванд, дар дарсҳои муаллими математика иштирок ва таҳлил мекунанд, нақшаҳои тақвимӣ ва нақшаҳои кории тарбиявиро тартиб медиҳанд.

Дар давоми панҷ ҳафтаи оянда донишҷӯён фаъолона дар муҳити касбӣ ворид мешаванд: таҳия ва таълими дарсҳо ва корҳои беруназсинфӣ аз фанни математика, иштирок ва таҳлили дарсҳои математика, ки аз ҷониби муаллими фан ва дигар таҷрибаомӯзон таълим дода мешаванд, иштирок намуда, инчунин таҳлили фаъолияти педагогии худро мегузаронанд.

Яке аз маҳоратҳои асосии амалии донишҷӯ-таҷрибаомӯз, ки вай бояд дар рафти таҷрибаомӯзӣ нишон диҳад, маҳорати дар асоси ба нақшагирии аниқи пешакӣ фаъолияти таълимӣ ташкил кардан аст. Дар ин маврид банақшагирии пешакӣ бо сохтани системаи дарсҳо оид ба фанни таълим (сохти банақшагирии мавзуъ) ва банақшагирии бевосита бо тартиб додани хулосаи дарси дарпешистода алоқаманд аст.

Банақшагирии пешакӣ якҷоя бо омӯзгори фаннии ба донишҷӯ таъиншуда дар асоси нақшаи таълимии математика ва нақшаҳои солонаи мавзуии муаллим анҷом дода шавад. Дар баробари ин, мо дар байни ҷузъҳои ҳатмии қолаб нишон додани номи мавзуъҳоро дохил мекунем; мақсади умумии дидактикии системаи дарс барои ҳар як мавзуъ; номҳои дарсҳо; намудҳои онҳо; методҳои умумии таълим; таҷҳизот, аёният; манбаи асосии маълумот барои муаллимон ва хонандагонро низ тавсия медиҳем.

Тартиб додани конспекти мавзуи дарс барои як соати таълимӣ (банақшагирии бевосита) бо муайян кардани мақсадҳои дарс, маводи асосии дидактикӣ (мазмун, воситаҳо, методҳои таълим) ва сохтори дарс алоқаманд аст. Маҳорати асосие, ки таҷрибаомӯзон бояд дар ин марҳила нишон диҳанд, маҳорати тайёр намудани сохтори дарс ва тафсилоти ҳар як

унсури он мебошанд. Ба нақша-конспект ҷузъҳои зерин дохил мешаванд: нишон додани таърихи рӯз, шакли дарс, мавзуи дарс, гузоштани мақсад; номгуи асбобҳои аёнӣ, воситаҳои техникии зарурӣ; нишон додаи давомнокии тахминии ҳар як марҳила; тавсифи рафти дарс. Чунин банақшагирии раванди дарс дурнамои фаъолиятро ошкор мекунад, тасаввуроти фикрронии хонандагонро ба танзим дароварда, барои донишазхудкунии онҳо кӯмак мекунад [11].

Корҳое, ки барои ба нақшагирии дарсҳои дарпешистода анҷом дода мешаванд, малакаҳои донишҷӯёнро дар банақшагирии фаъолияти таълимӣ, интихоби мундариҷаи маводи таълимӣ, методҳо ва воситаҳои таълим инкишоф медиҳанд. Зимни бевосита гузаронидани дарс таҷрибаомӯз қобилияти интиқоли маводи таълимӣ, ташаккул додани дониши фанниро дар хонандагон, фаъолгардонӣ, инкишоф додан ва идора кардани фаъолияти маърифатии хонандагон, таъмини таваҷҷуҳ, дарк ва аз бар кардани маводи таълимӣ, истифодаи шаклу усулҳои гуногуни таълим, ба роҳ мондани муносибатҳои корӣ байни иштирокчиёни раванди таълим, ба ҷавобҳои хонандагон объективона баҳо доданро нишон медиҳад. Ӯ ҳамзамон доир ба самтҳои рушдёфтаи қобилияту салоҳиятҳои касбии худ тасаввурот ҳосил мекунад, камбудиҳои дар фаъолияташ ошкоршударо мустақилона бартараф менамояд.

Илова ба корҳо банақшагирӣ ва гузаронидани дарси математика ба қатори малакаҳои азхуд намудани маҳорати педагогӣ инҳо дохил мешаванд:

- қобилияти таҳлил намудани фаъолияти худ ва дигарон дар тарҳрезии дарс (бо муқоисаи ҳадафҳои таълимӣ, тарбиявӣ, рушд ва амалии ба пеш гузошташуда ва натиҷаҳои бадастомадаи донишҷӯён муайян кардани метод ва усулҳои ташкили фаъолияти омӯзгор ва донишҷӯён дар дарс меомӯзанд);
- тайёр кардан ва гузаронидани чорабиниҳои беруназсинфӣ аз фанни математика (талаботи муҳимтарини фаъолияти беруназсинфӣ аз фанни математика инҳоянд: самт, мазмун, сохтори мақсаднок ва интихоби пурмазмуни воситаҳо, методҳо ва усулҳои таълиму тарбия).

Баҳодиҳии пешакии фаъолияти омӯзгории донишҷӯ аз ҷониби омӯзгори фаннии ба ӯ таъиншуда бо назардошти сатҳи инкишофи маҳорати касбию педагогии таҷрибаомӯз ва муносибати донишҷӯ ба таҷрибаи педагогӣ гузошта мешавад. Баҳои гузошташуда баъд аз баррасии ҳуҷҷатҳои ҳисоботии пешниҳодшуда аз тарафи таҷрибаомӯз ба роҳбари таҷрибаомӯзии аз ҷониби факултет таъиншуда тасдиқ карда мешавад.

Меъёрҳои баҳогузорӣ ба фаъолияти донишҷӯёни таҷрибаомӯз:

Баҳои «аъло» дар ҳолате гузошта мешавад, ки агар дарс ё машғулиятҳои беруназсинфӣ дар сатҳи баланди ғоявӣ-сиёсӣ, илмӣ-амалӣ ва ташкилию-методӣ гузаронида шуда бошанд. Агар дар онҳо масъалаҳои таълимию тарбиявӣ самаранок гузошта, ҳаллу фасли нишонраси худро ёбанд. Таҷрибаомӯз ҷараёни дарсро бештар бо методу усулҳои фаъол ва бо истифода аз воситаҳои аёнию техникӣ гузаронад. Методҳои таълимӣ ва усулҳои гуногуни фаъолгардонии хонандагон бо баҳисобгирии сатҳи дониш, хусусиятҳои синнусолӣ ва инфиродии онҳо самаранок истифода шуда бошанд.

Агар таҷрибаомӯз синфро хуб идора карда тавонад, тартибу интизом ва одобу ахлоқи мусбату намунавии хонандагонро дар ҷараёни дарс ва машғулиятҳои беруназсинфӣ таъмин карда тавонад. Агар дар дарс ҳамаи мақсадҳои амалӣ, маълумотдиҳӣ, тарбиявӣ ва инкишофдиҳӣ амалӣ гашта бошанд.

Инчунин, донишҷӯи таҷрибаомӯз донишҳои амиқи тахассусӣ, методикаи таълим ва педагогию психологии назариявӣ нишон диҳад, дар интихоби маводи таълимӣ, дидактикӣ, ташкилу гузаронидан ва таҳлили дарсу машғулиятҳои беруназсинфӣ мустақилият, эҷодкорӣ ва навҷӯию навоварӣ нишон дода бошад.

Дар баҳогузорӣ ба фаъолияти тарбиявии донишҷӯи таҷрибаомӯз, пеш аз ҳама шахсияти донишҷӯ, симои ахлоқию маънавӣ ва одобу рафтори ӯ ба назар гирифта мешавад. То кадом дараҷа донишҷӯ худ намунаи ибрати шогирдон аст, бо симои маънавӣ, ахлоқи ҳамида ва одобу рафтори муносиб фарқ мекунад. Танҳо дар чунин ҳолат мо метавонем ба

сифату самаранокии аз ҷониби таҷрибаомӯз иҷро намудани чорабиниҳои тарбиявӣ ба ӯ баҳои мусбат диҳем.

Донишҷӯ ҳамаи корҳои тарбиявии ба нақша гирифташударо саривақт, босифат иҷро карда бошад, дар заминаи назарияҳои педагогию психологӣ маҳорату малакаҳои ташкили корҳои тарбиявӣ дошта бошад, масъалаҳои асосии тарбиявиро бо назардошти хусусиятҳои синнусолӣ ва инфиродии хонандагон дуруст муайян ва самаранок амалӣ гардонида бошад. Дар ташкилу гузаронидани корҳои тарбиявӣ донишҷӯ мустақилият, фаъолияти эҷодӣ ва одоби педагогӣ зоҳир карда бошад.

Дар гузориши баҳо бештар сохт, мазмун ва сифати таҳияи ҳуҷҷатҳо низ ба назар гирифта мешаванд. Хусусан ҳуҷҷатҳои ба баҳои «аъло» пешниҳодшуда, бояд намунавӣ бошанд. Ҳуҷҷатҳо бояд ба забони адабӣ, босаводона, бе ғалатҳои услубӣ, грамматикӣ ва имлоӣ навишта шуда бошанд. Фикри ҷумлаҳо бояд мантиқан дуруст ва пай дар ҳам ифода ёбанд. Таҷрибаомӯз бояд нисбат ба таҳияи ҳуҷҷатҳо покизакорона ва бомасъулият муносибат карда, ҳусни хати зебову хоно дошта бошад ё аз чопи компютерӣ хуб истифода карда тавонад.

Баҳои «хуб» дар мавриде гузошта мешавад, ки агар машғулияти таълимӣ ва ё беруназсинфӣ дар сатҳи баланди ғоявӣ - сиёсӣ, илмӣ ва ташкилию методӣ гузаронида шуда бошад. Агар дар онҳо масъалаҳои таълимию тарбиявӣ самаранок гузошта ва ҳал шуда бошанд, вале баъзе методҳои таълимӣ ва усулҳои фаъолгардонии хонандагон на он қадар самаранок истифода шуда бошанд. Агар донишҷӯйи таҷрибаомӯз дониши амиқи тахассусӣ ва педагогию психологии назариявӣ дошта бошад, вале дар ташкилу гузаронидани машғулиятҳо хатоиҳои на он қадар дағал содир карда бошад.

Дар баҳогузорӣ ба фаъолияти тарбиявӣ чунин меъёрҳо ба назар гирифта мешаванд, ки донишҷӯ ҳамаи корҳои тарбиявии дар даврaҳои таҷрибаомӯзӣ ба нақша гирифташударо пурра иҷро кардааст, дар асоси назарияҳои педагогию психологӣ маҳорату малакаҳои ташкили корҳои тарбиявиро дорад, масъалаҳои асосии тарбиявӣ ва усулҳои ҳалли онҳоро ошкор карда метавонад, ташаббускор аст, вале дар ташкилу гузаронидани баъзе намудҳои корҳои тарбиявӣ саҳву ғалатҳои на он қадар дағал содир карда бошад.

Баҳои «қаноатбахш» дар ҳолате гузошта мешавад, ки агар донишҷӯйи таҷрибаомӯз дар ҳалли масъалаҳои таълимию тарбиявӣ ба хатогиҳо роҳ дода бошад, назарияҳои педагогию психологӣ ва методҳои таълимро на он қадар самаранок татбиқ карда бошад, фаъолияти маърифатии хонандагонро суст ба роҳ монда бошад, бо хонандагон на ҳама вақт робита барқарор карда бошад ва ҳангоми ташкили дарс хатогӣ ва нуқсонҳои фаъолияти худро эҳсос накарда бошад.

Донишҷӯ дар иҷрои супоришҳои тарбиявӣ ташабускор ва мустақил нест, нақшаи пешбинишудаи корҳои тарбиявиро иҷро карда бошад ҳам, вале дониши амиқи назариявии педагогию психологӣ ва малакаи татбиқи онҳоро надорад, мавриди банақшагирӣ ва ташкилу гузаронидани корҳои тарбиявӣ ба хатоиҳо роҳ медиҳад, хусусиятҳои синнусолӣ ва инфиродии хонандагонро ба ҳисоб гирифта наметавонад, ҳайати талабагони синфро бо мушкилӣ идора мекунад.

Баҳои «ғайриқаноатбахш» дар мавриде гузошта мешавад, ки агар дар машғулиятҳо масъалаҳои таълимию тарбиявӣ ҳал нашуда бошанд, ҳангоми баёни маводи таълимӣ хатоиҳои дағал содир шуда бошад, дар ҷараёни машғулият интизоми хонандагон бад бошад, донишҷӯ синфро идора карда натавонад, дониши сусти тахассусӣ, педагогию психологӣ дошта бошад ва дар ҷараёни таҷрибаомӯзӣ фаъолияти қаноатбахш нишон надода бошад.

Донишҷӯ нақшаи пешбинишудаи корҳои тарбиявиро иҷро накардааст, донишҳои сатҳии педагогию психологӣ дорад ва онро дар ошкору амалӣ намудани масъалаҳои асосии тарбиявӣ татбиқ карда наметавонад, муносибати дурусти байни хонандагон ва фаъолияти аз нигоҳи педагогӣ бомақсаду самараноки онҳоро ташкил карда наметавонад ва аз ин лиҳоз корҳои тарбиявиаш натиҷабахш нест [8].

Ҳамин тариқ, дар доираи ин кори илмӣ-методии доирааш маҳдуд мо кӯшиш ба харҷ намудаем, ки дар асоси талаботи Барномаҳои таҳсилотӣ, нақшаҳои таълимӣ ва барномаи таълимии фанни методикаи таълими математика доир ба мақсаду вазифаҳои тачрибаомӯзии педагогӣ бо истифода аз усулҳои муосиру самарбахши ташкил ва гузаронидани тачрибаи педагогӣ, тарзи таҳияи ҳисобот, ташкили дарс ва меъёрҳои баҳодиҳӣ ба донишу малака ва қобилияти донишҷӯёни тачрибаомӯз чанд дастур ва пешниҳодҳои судмандро манзур намоем.

Адабиёт

1. *Барномаи таҳсилотӣ аз рӯи самт (ихтисос)-и «1-020501-Математика». ДДОТ ба номи С. Айнӣ. – Д., 2022. - 54 с.*
2. *Блох, А.Я. Методика преподавания математика в средней школе: Частная методика: Учебное пособие для студентов пед. ин-тов по физ.-мат. спец.: Сост. В.И. Мишин. / А.Я. Блох, В. А. Гусев, Г.В. Дорофеев. – М: Просвещение, 1987. - 416 с.*
3. *Епифанова Н.М. Подготовка студентов-математиков педагогического университета к развитию познавательной активности учащихся. http://festival.1september.ru.*
4. *Игонина Т.Б. Формирование профессиональной компетентности студентов в условиях педагогической практики: дис. канд. пед. Наук / Т.Б. Игонина. - Кемерово. 2001. - 262 с.*
5. *Козлов, С.В. Структура, содержание и специфика вычислительной практики студентов математического профиля направления подготовки «Педагогическое образование» / С.В. Козлов // Гуманитарные научные исследования. 2014.*
6. *Крюкова, Т.А. Формирование профессиональной компетентности будущего учителя в процессе педагогической практики: дис. канд. пед. наук. / Т.А. Крюкова. – Волгоград: 2004. - 186 с.*
7. *Липатникова, И. Г. Современный подход к проведению педагогической практики на бакалавриате / И. Г. Липатникова // Подготовка молодежи к инновационной деятельности в процессе обучения физике, математике, информатике: материалы Междунар. науч.-практ. конф. (7 апр. 2014 г., Екатеринбург, Россия) / Урал. гос. пед. ун-т; отв. ред. Т. Н. Шамало. Екатеринбург, 2014. С. 122-130.*
8. *Нугмонов, М. Барномаи тачрибаомӯзии педагогӣ. / М. Нугмонов, С. Алиев, У. Умаров, Х. Сайфуллоев, У. Холиқов, Б. Самиев. - Душанбе: ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 2017. - 25 с.*
9. *Низомномаи тачрибаомӯзии педагогии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе 2017. - 16 с.*
10. *Оганесян, Е.В. Культурологическая модель педагогической практики студентов (опыт построения). Е.В. Оганесян. - М.: 2004. -176 с.*
11. *Тимофеева, Н.М. Педагогическая практика по информатике: Учебно-методическое пособие для студентов физико-математического факультета / Н.М. Тимофеева. – Смоленск: СГПУ, 2005. - 24 с.*
12. *Чернишева, У. А. Педагогическая практика. Рабочая программа по производственной практике / У. А. Чернишева. - Славянск-на-Кубани, 2016. - 57 с.*

ХУСУСИЯТҲОИ МЕТОДОЛОГӢ, МАЗМУН ВА МУНДАРИҶАИ ТАҶРИБАИ ПЕДАГОГӢ ДАР ИХТИСОСҲОИ МАТЕМАТИКӢ

Дар мақола масъалаҳои тайёрии касбии омӯзгорони оянда дар раванди гузаронидани тачрибаи педагогӣ баррасӣ шудааст. Мақсаду вазифаҳо, мазмун ва методҳои ташкили тачрибаи педагогӣ аз фанни математика барои донишҷӯёни зинаи бакалавриати ихтисосҳои «Математика», «Математика. Информатика» ва «Математика. Физика»-и самти «Таҳсилоти педагогӣ» дар асоси маълумотҳои муҳаққиқони соҳа, талаботи барномаҳои таҳсилотӣ, нақшаҳои таълимӣ ва барномаи заминавии таълимӣ муайян карда шудаанд. Хусусан, барои тачрибаомӯзон донистани меъёри баҳодиҳӣ ва муайян намудани сатҳи тахассусӣ хеле муҳим мебошад. Мақолаи мазкурро омӯзгорони фанни методикаи таълими математика, кафедраҳои педагогика ва психология, донишҷӯёни тачрибаомӯз дар фаъолияти амалию касбии худ истифода бурда метавонанд.

Калидвожаҳо: барномаи таҳсилотӣ, нақшаҳои таълимӣ, барномаҳои таълимии фан, равияи омӯзгорӣ, тачрибаи педагогӣ, методҳо, сохтори дарс, тайёрии касбӣ, математика, салоҳият.

МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ, СОДЕРЖАНИЯ И СТРУКТУРА ПЕДАГОГИЧЕСКОЙ ПРАКТИКИ ПО СПЕЦИАЛЬНОСТЕЙ МАТЕМАТИКИ

В статье рассматриваются вопросы профессиональной подготовки будущих учителей в процессе прохождения педагогической практики. Цели, задачи, содержание и методы организации педагогической практики по математике для студентов программ бакалавриата «Математика», «Математика-информатика» и «Математика-физика» направления педагогического образования, определяются на основании данных специалистов отрасли, требований образовательных программ, учебных планов и образовательной программ по дисциплине. В частности, практикантам очень важно знать критерии оценки и определения уровня квалификации. Данную статью могут использоват преподаватели методики преподавания математики, кафедр педагогики и психологии, студенти практиканти в своей практической и профессиональной деятельности.

Ключевые слова: образовательная программа, образовательные планы, образовательные программы, педагогическая направления, педагогическая практика, методи, структура урока, профессиональная подготовка, математика, компетентность.

METHODOLOGICAL FEATURES, CONTENT AND STRUCTURE OF PEDAGOGICAL PRACTICE IN MATHEMATICS SPECIALTIES

The article discusses the issues of professional training of future teachers in the process of passing pedagogical practice. Goals, objectives, content and methods of organizing pedagogical practice in mathematics for students of bachelor's degree programs "Mathematics", "Mathematics. Computer Science" and "Mathematics. Physics" directions of pedagogical education are determined on the basis of data from industry scientists, the requirements of educational programs, curricula and educational programs in the discipline. In particular, it is very important for interns to know the criteria for evaluating and determining the level of qualification. This article can be used by teachers of mathematics teaching methods, departments of pedagogy and psychology, student internships in their practical and professional activities.

Keywords: curriculum, teaching plans, educational programs of disciplines, pedagogical directions, pedagogical practice, methods, lesson structure, vocational training, mathematics, competence.

Дар бораи муаллиф
Холиқов Умедҷон Бобоназарович
Муаллими калони кафедраи методикаи таълими математика
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: umedjon76@mail.ru

About the authors
Kholikov Umedjon Bobonazarovich
Senior teacher of the chair of math teaching methodology
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: umedjon76@mail.ru

Об авторе
Холиков Умеджон Бобоназарович
Старший преподаватель кафедры методики преподавания математики
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: umedjon76@mail.ru

ТДУ 74.262

ТАТБИҚИ ИЛМ БО ИСТЕҲСОЛОТ ҲАНГОМИ ТАҶРИБАОМӮЗИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДАИ МАТЕМАТИКА ВА ИНФОРМАТИКА

Шарипов Қ. Б.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ

Дар сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маориф соҳаи афзалиятнок пазируфта шудааст ва ҷиҳати рушду такомули он ҳамеша чораҳои муҳиму судманд андешида мешавад. Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 1-уми сентябри соли 2024 дар Суханронӣ ба муносибати Рӯзи дониш бо аҳли илм ва маорифи кишвар мулоқот карда, зимни баррасии вазъи илм ва роҳҳои бартарафсозии ҳолати буҳронии он пешниҳододи ҷолибу дахлдоштаро ироа намуданд. “Инчунин, зарур аст, ки пайванди илм бо истеҳсолот маҳз аз ҳамин зинаи таҳсилот, яъне ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ба роҳ монда шавад, зеро таҷриба нишон медиҳад, ки дар аксари кишварҳои пешрафта ҷавонон аз ин муассисаҳо ба истеҳсолот ҷалб карда мешаванд ва чунин иқдом, дар навбати худ, ба коҳишёбии сатҳи бекорӣ мусоидат мекунад”.

Барои ноил шудан ба ин ҳадаф тайёр кардани кадрҳои илмӣ-омӯзгорӣ ва баланд бардоштани сифати таълим ва тарбияи мутахассисони соҳибкасб таъсир мерасонад. Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз ин мавқеъ мувофиқи мақом ва таъйиноташ яке аз донишгоҳҳои пойгоҳии тайёр кардани кадрҳои баландихтисоси илмӣ-омӯзгорӣ маҳсуб меёбад, ки он бояд на фақат талаботи худ, балки талаботи донишкадаю муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки бо кадрҳои илмӣ-омӯзгорӣ эҳтиёҷ доранд, таъмин намояд.

Тайёр кардани омӯзгорони ояндаи математика ва информатика, ки дар асоси Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [5] тартиб дода шудааст, дар нақшаи таълимӣ ва барномаи таҳсилоти муайян карда шудааст. Он мундариҷаи таҳсилоти касбиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим намуда, сохтори таҳсилоти олии касбӣ, барномаи таҳсилотӣ, сарбораии таълимӣ, ва аттестатсияи хатмро муайян мекунад. Барномаи таҳсилотӣ аз рӯйи самт (ихтисос) бояд дар баробари фанҳои ҳатмӣ фанҳои интихобиро низ дар бар мегирад [1].

Ҳоло донишгоҳ, ки барои донишкадаю муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ аз рӯи ихтисоси “Математика. Информатика” кадрҳои омӯзгорӣ тайёр мекунад, ки тибқи санадҳои меъёрию ҳуқуқии дар соҳаи маориф якчанд салоҳиятҳои зеринро пешниҳод менамоем:

Салоҳиятҳои стандарти таҳсилот маҳоратҳо, дониш ва арзишҳоеро дарбар мегиранд, ки донишҷӯ бояд дар раванди таълим таҳсилот ба даст орад.

Салоҳиятҳои нақшаи таълимӣ маҳоратҳо, дониш ва малакаҳое мебошанд, ки бояд дар доираи омӯзиш ба донишҷӯ омӯзонида шаванд.

Нақшаҳои таълимии зинаи таҳсилоти бакалавриат ва мутахассис аз бахшҳои зерин иборат мебошанд:

1. Бахши фанҳои заминавӣ
1.1. Модули фанҳои иҷтимоӣ-гуманитарӣ;
1.2. Модули фанҳои забонӣ;
1.3. Модули фанҳои табиӣ-иқтисодӣ ва технологияи информатсионӣ.
2. Бахши фанҳои тахассусӣ
2.1. Модули фанҳои умумикасбӣ;
2.2. Модули фанҳои тахассусӣ.
3. Бахши фанҳои интихобӣ
3.1. Модули фанҳои интихобии бахши 1;

3.2. Модули фанҳои интихобии бахши 2.

4. Бахши таҷрибаомӯзӣ

5. Аттестасияи хатм

Салоҳиятҳои барномаи таълимии фан ба маҷмуи дониш, маҳорат, малака ва қобилиятҳое ишора мекунад, ки донишҷӯ бояд дар доираи як фан ё соҳаи таълимӣ ба даст орад. Ин салоҳиятҳо дар барномаҳои таълимӣ ба таври муайян ва структураи маҳдуд пешбинӣ мешаванд, ки донишҷӯён дар раванди омӯзиш бояд онҳоро рушд диҳанд.

Салоҳиятҳои барномаи кории фан ба маҷмуи дониш, маҳорат, малака ва қобилиятҳое ишора мекунад, ки бояд донишҷӯён дар раванди таҳсил дар доираи як фан ба даст оранд. Барномаи кории фан аксаран ба ҳадафҳои таълимӣ, мазмун ва усулҳои таълим ва натиҷаҳои интизоришавандаи омӯзиш равона мешавад.

Салоҳияти фан маҷмуи дониш, маҳорат, малака ва қобилиятҳое мебошад, ки донишҷӯ бояд дар вақти омӯзиши фан ба даст орад.

Салоҳияти дарс маҳоратҳо ва донише мебошад, ки дар раванди як дарс бояд ташаккул ёбад.

Салоҳияти мавзуъ – маҷмуи дониш, маҳорат, малака ва қобилиятҳое, ки донишҷӯ бояд ҳангоми омӯзиши як мавзуъ ба даст орад.

Салоҳияти азхудкунии фан ба қобилиятҳои донишҷӯ ё хонандаи ҳар як фанни таълимӣ ишора мекунад, ки онҳо бояд дар раванди омӯзиш ва таҷриба ба даст оранд. Ин салоҳиятҳо метавонанд якҷо бо амалияи маърифатӣ, расмани амал ва қобилиятҳои шахсӣ таҳия шаванд.

Салоҳияти гирифтани баҳо қобилиятҳои донишҷӯёнро дар бар мегирад, ки ба онҳо барои арзёбии дуруст ва одилонаи дониш, маҳорат, малакҳои худ ё дигарон кумак мекунад.

Салоҳияти омӯзгор: Ин ба қобилияти омӯзгорон, маҳорат ва малакаҳои касбӣ, инчунин тарзи муносибат бо донишҷӯён ва устуворӣ дар омӯзиш вобаста аст.

Салоҳияти донишҷӯён: Ба қобилиятҳои маърифии донишҷӯён дар маҳорат ва малакаи таълимӣ ишора мекунад. Салоҳияти донишҷӯён маънии рушди дониш, маҳорат, малака ва қобилияти онҳо дар соҳаҳои гуногун мебошад.

Салоҳияти хатмкунанда ба маҷмуи донишҳо, малакаҳо ва қобилиятҳое ишора мекунад, ки як донишҷӯён бояд пас аз анҷоми таҳсилот ба даст орад.

Омодагии касбии омӯзгори оянда ҷанбаҳои кунокун дошта аз таълуми тарбия вобаста аст, ки донишҷӯ омӯзгори оянда бояд субъекти фаъолияти эҷодӣ бошад эҷод кардан, азхуд кардани донишҳои эҷодӣ ва ворид намудани он ба фаъолияти касбии худ дошта бошад.

Ҷалби донишҷӯён ба корҳои илмӣ, педагогӣ ва илмӣ-таълимӣ ҷузъи дигари ҳатмии раванди таълим ба шумор меравад. Рушди малака ва маҳорати касбии омӯзгори оянда аз он вақт оғоз мегардад, ки истифодаи методҳои раванди таълим, муносибати эҷодӣ дар фаъолияти таълимии ӯ ташаккул ёбанд [6].

Дар тақвияти ин гуфтаҳо мутахассиси соҳа Т.С. Мамонтова дуруст қайд менамояд, ки тайёрии касбии ояндаи муаллими математика - ин фаъолияти инфиродии донишҷӯ мебошад, ки вай ҳалли вазифаҳои таълиму тарбияро дар доираи муносибати фаъол, бо омӯзиши усулҳои фаъоли таълимию методӣ, системаи амалиёти бо тартиби муайян иҷрошаванда муайян менамояд.

Х.И. Изатулоева дар тадқиқоти худ қайд мекунд, ки нақши омӯзгори оянда дар роҳандозии фаъолияти пурмаҳсули касбӣ, мувофиқат кардани он ба талаботи замони муосир дар мавриди фароҳам овардани сатҳи баланди дониш, маҳорат, малака ва салоҳиятмандии донишҷӯён-омӯзгорони оянда тавассути такмили роҳу равиши худомӯзӣ ва худтакмилёбӣ, ташаккули шахсияти кордон, масъулиятшинос ва узви фаъоли ҷомеа арзёбӣ мегардад [4].

Барои таълими муосири омӯзгорони ояндаи математика ва информатика дар равиши ба салоҳият асосёфта самаранокторин ҳисобида мешавад. Ин равиш на танҳо салоҳиятҳои заруриро барои таълими самаранок инкишоф медиҳад, балки омӯзгорро бо ҷанбаи психологии таълим, усулҳои тарбияи хонандагон ва тамоюлҳои муосири муносибат ба онҳо шинос мекунад.

Чӣ тавре ки Гулов Р.Б. дар таҳқиқоташ қайд мекунад, ки фаъолияти бевоситаи амалӣ метавонад сифатҳои шахсии омӯзгорро ташаккул диҳад. “Дар сурати мавҷуд набудани зиддиятҳои ошкоро дар интихоби касб, амалия тамоми ҷанбаҳои омодагии касбиро фаъол месозад” [3]. Дурустии касб барои ҳар як шахс ва ҷомеа аҳамияти хеле муҳим дорад, зеро он на танҳо бо заминаи муътадили зиндагии шахсӣ, балки бо рушди ҷомеа, илму техника ва фарҳанг низ алоқаманд аст.

Дар Энсиклопедияи педагогии рус чунини омадааст. Тайёрии касбӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии кастии педагогӣ ҷиҳати пешбарандаи фаъолияти касбӣ аз амалияи омӯзгор вобаста аст. Ин намуди фаъолиятро ба ду шакл ҷудо намудаанд. Якум, ташкили амалияро дар давоми тамоми солҳои таҳсил дар донишгоҳ таъмин намуда, онро бо дарсҳои назариявӣ иваз мекард. Дуюм барои омодагии умумии назариявӣ ва гузаронидани семинарҳо, тренингҳо ва танҳо баъд татбиқи назария дар амалия ва ташкили ассистентҳои омӯзгориро пешбинӣ мекунад.

Омода намудани омӯзгорони математика ва информатика на танҳо ба тарбия кардани мутахассисон, балки ба онҳо таълим додани дониши амиқ ва замонавӣ дар соҳаҳои математика ва информатика ки ба талаботҳои ҷомеаи имрӯза ҷавобгӯ бошад. Вақте ки мо дар бораи тайёрии касбии омӯзгорон сухан меранем, муҳим аст, ки ба ҷузъҳои зерин аҳамият диҳем: донишҳои фаннӣ, малакаҳои педагогӣ ва маҳорати истифодаи технологияи рақамӣ дар раванди таълим [7].

Дониш ва малакаҳои амиқ дар соҳаи математика ва информатика:

Математика: Омӯзгорон бояд донишҳои амиқ дар соҳаҳои мухталифи математика дошта бошанд, ки ба хонандагон ёрӣ расонад, ки ҳам дониши назария ва ҳам амалияи математика аз қабили (методикаи таълими математика, асосҳои математикаи мактабӣ, анализи математикӣ, алгебра ва назарияи ададҳо, геометрия, практикуми ҳалли масъалаҳои математикӣ, тригонометрия, воситаҳои муосири баҳодиҳӣ ба натиҷаи таълим, муодилаҳои дифференсиалӣ, корҳои беруназдарсӣ аз математика, назарияи функсияҳо, системаи ададҳо, асосҳои геометрия, таърихи математика, назарияи эҳтимолият, назарияи матритсаҳо, геометрияи бисёрченака, ҳалли масъалаҳои мушкил, мантиқи математикӣ, созишҳори геометрӣ) ба таври самаранок омӯзанд.

Информатика: Омӯзгорони информатика бояд бо заминаҳои асосии информатика, аз қабили (методикаи таълими информатика, асосҳои информатика, архитектура ва таъминоти барномавии компютер, барномасозӣ, Моделонии математикӣ ва компютерӣ, методҳои ададӣ, системаҳои информатсионӣ, назарияи алгоритмҳо, алгоритм ва ҳаллии масъалаҳо, барномасозии шабакавӣ ва асосҳои таълими фосилавӣ, интелекти сунъӣ, асосҳои микроэлектроника ва бастаҳои офисӣ) муҳим аст.

Инчунин бояд бо дастовардҳои навтарини илму техника ошно бошад, то дониш ва малакаҳои мувофиқро ба шогирдонаш расонад. Илова бар ин, омӯгор бояд омода бошанд, ки шогирдонашонро бо мавзуъҳои нави математика, ки дар ҷаҳони имрӯз барои таҳлил ва коркарди маълумотҳо истифода мешаванд, шиносо кунанд

Чи тавре, ки Ганжа А.А. дар таҳқиқоти худ қайд мекунад, ки истифодаи технологияҳои рақамӣ дар таълими математика ва информатика ҳам барои омӯзгорон ва ҳам барои донишҷӯён бартариҳои назаррасро нишон медиҳад. Барои ҷори кардани технолигияи рақами бояд платформаҳои ягона сохта дар он барномаҳои курси математика ва информатика, курсҳои электронӣ, китобҳои дарсӣ ва маводҳои электронӣ дар сервери ягона ворид намуда дасраси омӯзгорону донишҷӯён гагдонидан лозим аст. Ин платформаҳои интерактивии омӯзишӣ ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки мафҳумҳои математикиро тасаввур кунанд ва раванди таълимро интерактивӣ ва шавқовартар кунанд. Таҳияи курсҳои электронӣ, китобҳои дарсӣ ва маводҳои электронӣ бо визуализатсия дастрасӣ ва возеҳи маводро афзоиш дода, аз худ кардани мавзуъҳои мураккабро осонтар мекунад [2].

Малакаҳои педагогӣ -ин маҷмуи қобилиятҳо ва донишҳоест, ки ба омӯзгори ҳар як соҳа имкон медиҳанд, ки равандҳои таълимиро самаранок, муассир ва мувофиқ бо эҳтиёҷоти шогирдон ташкил ва роҳбарӣ намояд. Ин малакаҳо на танҳо барои таълими нозуки мавзуъҳо,

балки барои ба даст овардани натиҷаҳои беҳтар дар раванди таълим ва таҳсил мусоидат мекунанд. Малакаҳои педагогӣ дар таҳияи стратегияи таълимӣ, ташкил ва роҳбарии муҳити синфхона ва ташаккул додани муносибатҳои муассир бо шогирдон нақши муҳим доранд.

Маҳорати истифодаи технологияи рақамӣ. Истифодаи технологияи рақамӣ дар раванди таълим метавонад таъсири муҳим ва мусбат дошта бошад. Технологияҳои муосир, аз ҷумла интернет, барномаҳои компютерӣ, планшетҳо, смартфонҳо, ва дигар таҷҳизотҳои рақамӣ, имконият медиҳанд, ки дар раванди таълим бештар самаранок, муассир ва ҷолиб шавад. Вақте ки ин технологиҳо дуруст истифода мешаванд, онҳо метавонанд ҳадафҳои таълимиро бо тарзи нав ва комилан муассир иҷро намоянд. Технологияҳои муосир дар таълим барои омӯзгорон ва шогирдони математика ва информатика нақши калидӣ дар таҳсил, таълим ва таҳқиқот доранд.

Барои дар амалия тадбиқ намудани дониш, малака, маҳорат ва қобилияту салоҳиятҳои касбии омӯзгорони ояндаи математика ва информатика на танҳо маълумотҳои назариявӣ, балки дар таҷрибаи амалии фаъол дар муҳити таълимии замонавӣ ва истифодаи технологияҳо низ муҳим аст.

Тайи ду сол аст, ки бо ибтикори Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон донишҷӯёни курсҳои 4-уми ихтисосҳои алоҳида ва курсҳои 5-уми равияҳои омӯзгории Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба таҷрибаомӯзгории дарозмудат сафарбар карда шуд, ки донишҷуён донишҳои гирифтаи худро дар амалия тадбиқ мекунанд яқне илм дар истеҳсолот тадбиқ мешавад. Ин раванд метаваонад илм ба истеҳсолот тадбиқ шавад. Тадбиқи илм ба истеҳсолот як робитаи муҳим байни илм ва амалиёт мебошад, ки бо истифодаи донишҳои нави илмӣ барои беҳсозии раванди таълим ва таълимгиранда мутобиқ ва инноватсионӣ мебошад.

Масъалаи робитаи илм бо истеҳсолот ва амалияи омӯзгорони ояндаи математика ва информатика яке аз масъалаҳои мубрами илми педагогика ва методикаи таълими фанҳои тахасусӣ ба шумор меравад, зеро самаранокии фаъолияти омӯзгорӣ аз ҳалли он вобаста аст.Тадбиқи илм дар истеҳсолот барои баланд бардоштани сифати таълим, коҳиш додани донишҳои номукамал ва ба даст овардани салоҳиятҳои касбӣ ва ҷори намудони техналогияи рақами дар раванди таълим муҳим аст.

Тадбиқи илм бо истеҳсолот ҳангоми таҷрибаомӯзии омӯзгорӣ яке аз ҷанбаҳои муҳим барои пайваст намудани илм бо истеҳсолот дар вақти таҷрибаомӯзии омӯзгорӣ мебошад, ки донишҷӯёнро барои татбиқи донишҳои илмию назариявӣ худро дар амалиёти таълимӣ ва истеҳсолӣ омода месозад. Ин раванд барои рушди дониш, маҳорат, малака ва қобилиятҳи касбӣ ва таҳкими омодагии омӯзгорӣ аҳамияти калон дорад.

Ҳамин тариқ татбиқи илм дар истеҳсолот ва таҳаввули он дар раванди таҷрибаомӯзии омӯзгорӣ ба маънои амалӣ кардани донишҳои назариявӣ ва рушди амалии методологияҳои таълимии муосир аст. Таҷрибаомӯзии омӯзгорӣ, ки яке аз қисмҳои муҳими тайёрии касбии омӯзгорони математика ва информатика мебошад, бояд ба истифодаи технологияҳо ва усулҳои илми муосир дар соҳаҳои илмӣ ва истеҳсолот нигаронида шавад. Ин раванд на танҳо дар таълим, балки дар рушди устувор ва инноватсионӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ ва илми мусоидат мекунад. Омӯзгорони ояндаи математика ва информатика бояд дорои донишҳои назариявӣ, малакаҳои амалӣ, педагогӣ ва эҷодӣ дошта бошад. Инчунин, ӯ бояд ба шароити тағйирёбандаи таълим мутобиқ шуда, муҳассилинро барои омӯзиши мустақилона, истифодаи технологияҳои муосир ва рушди тафаккури эҷодӣ роҳнамоӣ кунад.

Адабиёт

1. *Барномаи таҳсилотӣ аз рӯи ихтисоси 1- 02 05 03 - 02 – математика. Информатика, тахассус-омӯзгор, дараҷаи академӣ: бакалавр ва муҳлати таҳсил: 5 сол. – Душанбе, 2022.*
2. *Ганжа, А.А., Преимущества использования социальных сетейв геометрическом образовании [Матн] / А.А., Ганжа // Методические проблемы цифровой трансформации математического образования в высшей и средней школе. - 2024. - Секция 2. - С. 16-19.*

3. *Гулов, Р.Б. Татбиқи шароити педагогии ташаккули обрӯи омӯзгорони оянда дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии равияи педагогӣ [Матн] / Р.Б. Гулов // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон – 2024. - №9. - С. 272. ISSN 2074-1847*
4. *Изатулоева, Х.И., Татбиқи низоми Болонии таҳсил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / Х.И. Изатулоева // Маҷаллаи илмӣ-байналмилалии "Фурӯғи илм". - 2024. - №1 - С. 236. ISSN 3078-395X*
5. *Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии дорои мақоми байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, №286).*
6. *Чекарамит, Л.В. Формирование у будущих учителей умений и навыков научно-исследовательской работы [Текст] / Л. В. Чекарамит // Вестник Донецкого педагогического института - № 2. – 2018. – С. 68-73.*
7. *Шарипов, Қ. Нақши технологияи информатсионӣ дар низоми таҳсилоти фосилавӣ. [Матн] / Қ. Шарипов // Маводи конференсияи дуюми байналмилалии илмӣ-амалии «Проблемаҳои муосири таҳсилоти математикӣ, физикӣ ва информатикӣ дар мактабҳои миёнаю олӣ» бахшида ба 70-солагии М. Нугмонов. – Душанбе, 2019. – С. 406-409.*
8. *Шарипов, Қ. Нақши технологияи информатсионӣ ва омӯзиши он дар раванди ташаккули донишҳои техникӣ. [Матн] / Қ. Шарипов, Ш. Беҳбудов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2018. - №4 (76). - С. 69-76.*

ТАТБИҚИ ИЛМ БО ИСТЕҲСОЛОТ ҲАНГОМИ ТАҶРИБАОМӮЗИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДАИ МАТЕМАТИКА ВА ИНФОРМАТИКА

Дар мақолаи мазкур муаллиф доир ба яке аз самтҳои муҳими татбиқи илм бо истеҳсолот дар раванди таҷрибаомӯзии омӯзгорони ояндаи математика ва информатика баррасӣ намудааст. Инчунин, аҳамияти ҳамгироии назария бо амалияро дар шароити таҳсилоти олии педагогӣ таъкид намуда, моделҳои самарабахши ҳамкорӣ байни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагоги ва муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва муассисаи таҳсилоти миёнаи умумиро пешниҳод мекунад. Таҷрибаомӯзии донишҷӯён ҳамчун замина барои рушди малакаҳои касбӣ ва ташаккули салоҳиятҳои омӯзгорӣ арзёбӣ гардида, усулҳои инноватсионӣ ва технологияи рақамиро барои баланд бардоштани самаранокии ин раванд тавсия додааст. Дар ин радиф таҷрибаи амалӣ ва тадқиқоти илмӣ ҳамчун омили муҳими ташаккули шахсияти касбии омӯзгорони оянда нишон дода шудааст. Илова бар ин, дар мақола аҳамияти рушди истифодаи технологияи рақамӣ дар раванди таълим муҳим арзёби намуда, истифодаи интернет, барномаҳои компютерӣ, планшетҳо, смартфонҳо, ва дигар таҷҳизотҳои рақамӣ таъкид мекунад. Вақте ки ин технологиҳо дуруст истифода мешаванд, онҳо метавонанд ҳадафҳои таълимиро бо тарзи нав ва комилан муассир иҷро намоянд. Технологияҳои муосир дар таълим барои омӯзгорон ва шогирдони математика ва информатика нақши калидӣ дар таҳсил, таълим ва таҳқиқот доранд.

Калидвожаҳо: илм, истеҳсолот, донишҷӯ, омӯзгорони оянда, дониш, малака ва маҳорат, математика ва информатика, салоҳият, арзёбӣ, технологияи рақамӣ, муассисаи таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ.

ПРЕТВОРЕНИЕ НАУКИ НА ПРОИЗВОДСТВЕ ПРИ ЭКСПЕРИМЕНТАЛЬНОЙ ПОДГОТОВКЕ БУДУЩИХ УЧИТЕЛЕЙ МАТЕМАТИКИ И ИНФОРМАТИКИ

В данной статье автор рассматривает одно из важных направлений применения науки на производстве в процессе подготовки будущих учителей математики и информатики. Также была подчеркнута важность интеграции теории и практики в контексте высшего педагогического образования и представлены эффективные модели сотрудничества учреждений высшего профессионального педагогического образования и образовательных учреждений начального профессионального образования и учреждений общего среднего образования. Опыт студентов оценивается как основа развития профессиональных навыков и формирования педагогических компетенций, а для повышения эффективности этого процесса рекомендуются инновационные методы и цифровые технологии. С этой точки зрения практический опыт и научные исследования показаны как важный фактор формирования профессиональной личности будущего учителя. Кроме того, в статье оценивается важность развития использования цифровых технологий в образовательном процессе, делая акцент на использовании Интернета, компьютерных программ, планшетов, смартфонов и других цифровых устройств. Когда эти технологии используются правильно, они могут решать образовательные задачи новым и совершенно эффективным способом.

Современные технологии в образовании преподавателей и студентов математики и информатики играют ключевую роль в образовании, обучении и исследованиях.

Ключевые слова: наука, производство, студент, будущие учителя, знания, умения и навыки, математика и информатика, компетентность, оценка, цифровые технологии, высшее и среднее профессиональное образовательное учреждение.

IMPLEMENTATION OF SCIENCE IN PRODUCTION IN EXPERIMENTAL TRAINING OF FUTURE TEACHERS OF MATHEMATICS AND COMPUTER SCIENCE

In this article, the author reviews one of the important areas of implementation of science in production in the process of training future teachers of mathematics and computer science. The importance of integrating theory and practice in the context of higher pedagogical education was also emphasized, and effective models of cooperation between institutions of higher professional pedagogical education and educational institutions of primary vocational education and institutions of general secondary education were presented. Students' experience is assessed as the basis for developing professional skills and forming pedagogical competencies, and innovative methods and digital technologies are recommended to improve the efficiency of this process. From this point of view, practical experience and scientific research are shown as an important factor in the formation of the professional personality of a future teacher. In addition, the article assesses the importance of developing the use of digital technologies in the educational process, focusing on the use of the Internet, computer programs, tablets, smartphones and other digital devices. When these technologies are used correctly, they can solve educational problems in a new and completely effective way. Modern technologies in the education of teachers and students of mathematics and computer science play a key role in education, training and research.

Keywords: science, production, student, future teachers, knowledge, skills and abilities, mathematics and computer science, competence, assessment, digital technologies, higher and secondary vocational educational institution.

Дар бораи муаллиф
Шарипов Қаҳрамон Баҳромович
Муаллими калони кафедраи асосҳои технологияи информатсионӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: kahramons@mail.ru

Об авторе
Шарипов Кахрамон Бахромович
Старший преподаватель кафедры основы информационной технологии
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: kahramons@mail.ru

About the author
Sharipov Qahramon Bahromovich
Senior Teacher in the Department of Basis Informational Technology,
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: kahramons@mail.ru

УДК 37.016:57

СОВРЕМЕННАЯ ФОРМА И МЕТОДЫ ОБУЧЕНИЮ БИОЛОГИИ В ШКОЛЕ

Давлатов С. С.
Таджикский государственный педагогический
университет имени Садриддин Айни

Изучение биологии является неотъемлемой частью образовательного процесса, направленного на формирование естественно-научной грамотности учащихся. Биология как наука охватывает широкий спектр явлений живого мира, начиная от молекулярного и клеточного уровней организации жизни и заканчивая сложными экосистемами и эволюционными процессами. В современном мире, где научно-технический прогресс стремительно развивается, важность качественного биологического образования возрастает. Оно не только дает базовые знания о живой природе, но и формирует у учащихся экологическую культуру, понимание взаимосвязи человека и природы, ответственность за сохранение биосферы [1, с. 36].

Эволюция методов обучения биологии связана с изменениями в образовательных стандартах, внедрением цифровых технологий и акцентом на развитие у учащихся критического мышления, навыков самостоятельного исследования и практической деятельности. Традиционные методы преподавания, такие как лекции и лабораторные работы, продолжают играть важную роль, однако современная педагогика все больше ориентируется на активные и интерактивные методы обучения [1, с. 23].

Цель исследования — проанализировать различные методики преподавания биологии, выделить их сильные и слабые стороны, а также предложить рекомендации по их применению в образовательных учреждениях. Для достижения поставленной цели в статье будут рассмотрены следующие задачи:

1. Изучить традиционные методы преподавания биологии и оценить их эффективность в современных условиях.
2. Рассмотреть активные и интерактивные методы обучения, их влияние на мотивацию и успеваемость учащихся.
3. Проанализировать роль информационно-коммуникационных технологий в обучении биологии.

Лекционный метод является одним из старейших и наиболее распространенных способов преподавания. Он представляет собой монологическое изложение материала преподавателем перед аудиторией. Лекции позволяют структурировать информацию, систематизировать знания и охватить большой объем материала за ограниченное время [2, с. 58].

Лекционный метод обладает рядом преимуществ, которые делают его востребованным в образовательном процессе. Прежде всего, он обеспечивает структурированность информации, так как преподаватель может логично и последовательно излагать материал, выделяя ключевые моменты и акцентируя внимание на наиболее важных концепциях. Это позволяет учащимся легче усваивать сложные темы и видеть связь между различными частями курса. Лекции также способствуют экономии времени, поскольку преподаватель может охватить значительный объем информации за короткий период. Это особенно важно при ограниченном количестве часов, отведенных на изучение конкретного предмета. Более того, лекционный метод позволяет преподавателю полностью контролировать содержание урока, гарантируя, что все важные темы будут рассмотрены и объяснены должным образом. [3, с. 56].

Однако лекционный метод имеет и определенные недостатки. Во-первых, учащиеся занимают пассивную роль слушателей, что может снижать их вовлеченность и интерес к изучаемому предмету. Это пассивное восприятие информации лишает учащихся

возможности активно участвовать в процессе обучения, задавать вопросы и обмениваться мнениями. Во-вторых, лекционный метод затрудняет получение обратной связи, поскольку преподавателю трудно оценить, насколько хорошо учащиеся понимают материал в процессе лекции. Наконец, лекции ограничивают возможности для развития практических навыков, так как они не предусматривают условий для отработки практических умений, необходимых в таких дисциплинах, как биология, где практика играет важную роль в обучении [4, с. 21].

Для повышения эффективности лекций в современном образовательном процессе рекомендуется использовать мультимедийные презентации, видеоматериалы и интерактивные элементы. Визуализация сложных биологических процессов с помощью графики, анимации и видео способствует лучшему пониманию и запоминанию материала. Например, при изучении таких тем, как структура и функции клеточных органелл, анимационные модели могут значительно облегчить восприятие учащимися [5, с. 98].

Лабораторные работы являются неотъемлемой частью обучения биологии, предоставляя учащимся возможность практического применения теоретических знаний. Они способствуют развитию у учащихся навыков наблюдения, экспериментирования, анализа и интерпретации данных [6, с. 65].

Лабораторные работы обладают рядом преимуществ, которые делают их важным элементом в обучении биологии. Во-первых, они предоставляют учащимся практический опыт: благодаря активному участию в экспериментальной деятельности, учащиеся лучше понимают и усваивают биологические процессы, поскольку видят их в действии. Во-вторых, лабораторные работы способствуют развитию исследовательских навыков. Учащиеся учатся ставить гипотезы, планировать и проводить эксперименты, а также обрабатывать и интерпретировать полученные результаты, что развивает их научное мышление. Третьим важным преимуществом является повышение мотивации к учебе. Практическая деятельность часто вызывает больший интерес, чем пассивное восприятие информации, так как учащиеся видят конкретные результаты своего труда и получают более полное представление о предмете.

Однако у лабораторных работ есть и недостатки. Прежде всего, они требуют значительных ресурсов: для их проведения необходимо специализированное оборудование, реактивы и материалы, что может быть проблемой для школ с ограниченным финансированием. Кроме того, организация и проведение лабораторных занятий занимают много времени, что требует тщательного планирования и дополнительного времени в учебной программе. Наконец, лабораторные работы предъявляют высокие требования к квалификации преподавателя, который должен обладать специальными знаниями и навыками для обеспечения безопасности и эффективности занятий [7, с. 125].

Современные подходы предлагают использование виртуальных лабораторий и симуляторов как дополнение или альтернативу традиционным лабораторным работам. Это позволяет преодолеть некоторые ограничения, связанные с материально-технической базой образовательных учреждений.

Активные методы обучения ориентированы на вовлечение учащихся в учебный процесс, развитие их самостоятельности и творческого мышления. Они способствуют формированию у учащихся не только знаний, но и умений применять их на практике.

Проектная деятельность является одним из эффективных активных методов обучения, направленных на развитие у учащихся исследовательских и творческих способностей. В рамках проектного метода учащиеся самостоятельно или в группах выполняют проекты по определенной теме, связанной с курсом биологии [6, с. 45].

Проектная деятельность в обучении имеет ряд значительных преимуществ, которые делают её важным методом в образовательном процессе. Во-первых, она способствует развитию самостоятельности у учащихся. В ходе работы над проектом школьники учатся самостоятельно планировать свою деятельность, ставить перед собой цели и достигать их, что развивает у них навыки самоконтроля и ответственности за результат. Во-вторых, проектная деятельность формирует у учащихся исследовательские навыки. В процессе

работы над проектом они приобретают опыт проведения исследований, а также учатся собирать и анализировать данные, что является важным этапом для понимания и применения научного метода на практике.

Проектная деятельность не только улучшает коммуникативные навыки учащихся, но и значительно расширяет их опыт в области межличностного взаимодействия. При совместной работе над проектами школьники учатся обмениваться идеями, слушать друг друга и выстраивать конструктивный диалог, что позволяет им эффективно сотрудничать в группе. Такой опыт помогает им научиться справедливо распределять обязанности, планировать совместные действия и находить компромиссные решения в ситуациях, когда возникают разногласия или конфликты.

Работа в коллективе стимулирует развитие социальных компетенций, поскольку учащиеся сталкиваются с реальными сценариями общения и решением проблем, характерными для современной жизни. Они учатся учитывать мнение каждого участника группы, что способствует формированию чувства ответственности и взаимной поддержки. Эти навыки крайне важны для их будущего, поскольку способность работать в команде и эффективно общаться является ключевым аспектом успешной профессиональной и личной жизни.

Однако проектная деятельность имеет и некоторые недостатки. Во-первых, для её реализации требуются определенные ресурсы, такие как время и материалы, без которых качественное выполнение проекта может оказаться невозможным. Во-вторых, оценивание результатов проектной деятельности может быть достаточно сложным и субъективным. Часто требуется разработка дополнительных критериев для объективной оценки, что может представлять трудности для преподавателя. В-третьих, успешное выполнение проекта требует методической поддержки со стороны учителя, который должен обладать навыками управления проектами и консультирования учащихся, чтобы помочь им преодолеть возникающие трудности и достичь поставленных целей [8, с. 35].

Примером успешной реализации проектной деятельности может служить проект по изучению местной экосистемы, где учащиеся проводят наблюдения, собирают данные о растениях и животных, анализируют влияние человеческой деятельности на окружающую среду и разрабатывают рекомендации по ее улучшению.

Исследовательская деятельность в обучении биологии направлена на развитие у учащихся научного мышления и умений применять научные методы для решения проблем. Она включает в себя постановку научных вопросов, формулирование гипотез, проведение экспериментов и анализ полученных результатов.

Преимущества исследовательской деятельности: Исследовательская деятельность углубляет понимание материала через самостоятельное изучение биологических процессов и развитие критического мышления при анализе экспериментов. Такой опыт подготавливает учеников к дальнейшему обучению и научной карьере [10, с. 176].

Недостатки исследовательской деятельности: Вместе с тем исследовательская деятельность является трудоемкой и требует значительных временных вложений как от самих учащихся, так и от преподавателя. Организация такого рода занятий может быть сложной, так как необходимо обеспечить соответствующие условия и ресурсы для проведения экспериментов. Кроме того, у учащихся могут быть различные уровни подготовки, и не все способны справиться с требованиями исследовательской деятельности без дополнительной поддержки со стороны педагога .

В условиях массового обучения целесообразно интегрировать элементы исследовательской деятельности в учебный процесс, предлагая учащимся небольшие исследовательские задания и проекты, соответствующие их уровню подготовки [9, с. 80].

Интерактивные методы направлены на активное взаимодействие между учащимися и преподавателем, способствуя созданию динамичной и увлекательной учебной среды.

Дидактические игры широко используются в обучении биологии для повышения интереса учащихся и улучшения усвоения материала. Они могут принимать различные формы, такие как ролевые игры, симуляции, квесты, викторины и другие [11, с. 14].

Преимущества дидактических игр включают повышение мотивации, поскольку игровая форма обучения делает процесс изучения более увлекательным. Активное участие в игре способствует лучшему усвоению и закреплению знаний, улучшая запоминание материала. Кроме того, игры часто требуют взаимодействия между учащимися, что способствует развитию коммуникативных и социальных навыков.

Однако дидактические игры имеют и недостатки. Разработка и проведение игр требуют времени и усилий со стороны преподавателя, что увеличивает требования к подготовке. Существует возможность отвлечения от цели обучения: увлекаясь игрой, учащиеся могут упускать из виду образовательные цели. Также не все темы могут быть эффективно интегрированы в игровую форму, что ограничивает содержание [11, с. 88].

Примером дидактической игры может служить симуляция работы экосистемы, где учащиеся играют роли различных организмов и исследуют влияние факторов окружающей среды на их выживание и взаимодействие.

Дискуссии и дебаты позволяют учащимся активно обсуждать актуальные и спорные вопросы биологии, развивая критическое мышление и навыки аргументации. Эти методы способствуют анализу информации, оценке аргументов и формулированию собственного мнения, а также улучшают навыки публичного выступления и взаимодействия с аудиторией. Обсуждение актуальных тем повышает интерес к предмету и делает обучение более значимым. Однако для эффективного участия требуется предварительная подготовка и достаточные знания. Возможны риски конфликтов из-за различия мнений, что требует грамотного управления со стороны преподавателя. Также дискуссии могут занимать значительное время, ограничивая охват запланированного материала. Темы для обсуждения могут включать биоэтические вопросы, такие как генная инженерия, клонирование и влияние человеческой деятельности на экологию.

Использование современных информационно-коммуникационных технологий (ИКТ) в обучении биологии делает процесс более интерактивным и наглядным. Виртуальные лаборатории и симуляторы позволяют моделировать биологические процессы и проводить эксперименты в цифровой среде. Они обладают такими преимуществами, как доступность (не требуют физического оборудования), безопасность (исключают риски использования химических реактивов) и возможность многократного повторения экспериментов для изучения различных сценариев. Однако есть и недостатки: ограничения реалистичности, необходимость технического обеспечения (компьютеры и интернет) и зависимость от программного обеспечения, что может приводить к техническим сбоям. Примеры таких лабораторий включают онлайн-платформы для изучения фотосинтеза, клеточного деления или генетических мутаций. Использование мультимедийных средств в обучении биологии позволяет визуализировать сложные процессы и делает материал более доступным для понимания.Преимущества таких средств включают улучшение восприятия, поскольку визуальные образы и анимации помогают учащимся лучше понять и запомнить информацию; повышение интереса через интерактивные элементы, которые привлекают внимание и стимулируют интерес к предмету; а также гибкость использования, так как они могут быть интегрированы в различные формы обучения, включая лекции, практические занятия и самостоятельную работу. [12, с. 24]

Однако существуют и недостатки. Существует риск информационной перегрузки: избыток визуальных и аудиоматериалов может затруднить усвоение ключевых концепций. Требуются технические навыки от преподавателя для эффективного использования мультимедийных инструментов, а также наличие технического оборудования, такого как проектор и компьютер.

Видеоэкскурсии в лаборатории, анимации процессов на молекулярном уровне и интерактивные модели органов и систем организма являются примерами эффективного использования мультимедиа в обучении биологии.

Понимание психологических и когнитивных особенностей учащихся играет важную роль в выборе методик преподавания биологии. Биологические знания часто представляют сложности в восприятии из-за абстрактности многих понятий, таких как генетика и молекулярная биология, которые требуют высокого уровня абстрактного мышления. Кроме того, биология как предмет содержит большой объем терминологии и фактических данных, что может усложнять процесс обучения. Ее междисциплинарный характер, включающий элементы химии, физики и математики, может вызывать трудности у учащихся с различным уровнем подготовки.

Для преодоления когнитивных трудностей эффективными являются методы визуализации, использование схем, моделей и анимаций, которые помогают в понимании сложных процессов. Метод аналогий, сравнивающий новые понятия с уже известными учащимся явлениями, облегчает усвоение материала. Также важна дифференциация обучения, предполагающая индивидуальный подход с учетом уровня подготовки и стиля обучения каждого учащегося.

Учитывая эти аспекты, преподаватель может адаптировать методы обучения для повышения эффективности и удовлетворения образовательных потребностей учащихся.

Интеграция биологии с другими предметами способствует формированию у учащихся целостного представления о природе и развитию системного мышления. Например, взаимодействие биологии с химией проявляется при изучении биохимических процессов, таких как метаболизм и синтез белков. Связь с физикой помогает понять биофизические процессы, например электрические импульсы в нервной системе. Взаимодействие биологии с экологией позволяет изучать взаимодействие организмов с окружающей средой и экологические системы.

Междисциплинарный подход имеет несколько преимуществ. Он усиливает понимание, поскольку связь с другими науками углубляет знание биологических процессов. Развивается системное мышление: учащиеся учатся видеть взаимосвязи и зависимости между различными явлениями. Кроме того, повышается мотивация, так как применение знаний из разных областей делает обучение более интересным и значимым.

Для реализации междисциплинарных связей используются различные методы. Проектная деятельность включает проекты, объединяющие знания из разных предметов. Интегрированные уроки предполагают совместные занятия преподавателей разных дисциплин. Проблемное обучение основано на решении комплексных задач, требующих междисциплинарного подхода

Современные технологии, включая виртуальную и дополненную реальность, открывают новые возможности для обучения биологии. Преимущества использования виртуальной реальности (VR) включают иммерсивность, позволяющую учащимся погружаться в виртуальные среды и исследовать биологические системы изнутри; визуализацию невидимого, предоставляя возможность увидеть микромир клеток или макромир экосистем; и интерактивность, где учащиеся активно взаимодействуют с виртуальными объектами, что способствует лучшему усвоению материала.

Однако существуют и недостатки: высокая стоимость технологий VR требует значительных инвестиций в оборудование; технические сложности подразумевают необходимость навыков для настройки и использования VR-систем; а доступность ограничена, так как не все школы могут внедрить такие технологии.

Применение дополненной реальности (AR) улучшает реальный опыт, накладывая цифровые объекты на окружающий мир, что полезно в полевых исследованиях, и обеспечивает мобильность благодаря использованию смартфонов и планшетов, делая AR более доступной.

Использование VR и AR в обучении биологии может значительно обогатить образовательный процесс, делая его более привлекательным для современных учащихся.

Качественные учебные материалы играют ключевую роль в эффективном обучении биологии. Однако существуют проблемы, такие как недостаток современных материалов, поскольку учебники и пособия не всегда отражают последние достижения науки. Ограниченные ресурсы школ с недостаточным финансированием затрудняют приобретение новых материалов. Кроме того, низкая доступность цифровых ресурсов создает препятствия, так как не все учащиеся имеют доступ к интернету и электронным ресурсам.

Перспективы решения этих проблем включают разработку открытых образовательных ресурсов — бесплатных онлайн-материалов, доступных для всех. Цифровизация учебников через электронные версии с интерактивными элементами также является важным шагом вперед. Создание адаптивных материалов, учитывающих разные уровни подготовки и стили обучения учащихся, поможет сделать образование более эффективным.

Для улучшения качества образования необходимо инвестировать в разработку современных учебных материалов и обеспечить их доступность для всех учащихся.

Мотивация является одним из ключевых факторов, влияющих на успех в обучении. На мотивацию влияют такие факторы, как личный интерес (увлечение природой, животными, здоровьем и т.д.), релевантность материала (понимание практического применения знаний), методы обучения (интерактивные и активные методы повышают интерес к предмету), а также влияние учителя (энтузиазм и профессионализм преподавателя стимулируют мотивацию учащихся.

Способы повышения мотивации включают связь с реальной жизнью (демонстрация практического применения биологии в повседневности), использование технологий (интеграция ИКТ и современных устройств в учебный процесс) и положительное подкрепление (поощрение успехов и создание поддерживающей учебной среды).

Исследования подтверждают, что высокая мотивация учащихся улучшает успеваемость и стимулирует дальнейшее изучение науки.

Понимание биологических процессов важно не только для академической успеваемости, но и для принятия осознанных решений в повседневной жизни. Практическое применение знаний биологии охватывает несколько областей.

В сфере здоровья и медицины знания о функционировании организма помогают поддерживать здоровье и понимать медицинские рекомендации. В экологии и охране окружающей среды понимание экосистем и влияния человеческой деятельности способствует ответственному поведению. В питании и сельском хозяйстве знания о питательных веществах и биологических процессах важны для выбора здорового образа жизни. В биотехнологиях понимание современных технологий, таких как генетическая инженерия, позволяет оценивать их преимущества и риски.

Внедрение этих знаний в образовательный процесс может происходить через практические занятия, такие как проекты по выращиванию растений и исследования местных экосистем. Связь с актуальными проблемами, обсуждение тем вроде пандемий, изменения климата и биоэтики делает обучение более релевантным. Партнерство с сообществом, участие в экологических акциях и сотрудничество с научными организациями укрепляют практическое понимание.

Такая интеграция способствует не только усвоению знаний, но и формированию гражданской ответственности и активной жизненной позиции у учащихся.

Современные образовательные стандарты направлены на развитие компетенций учащихся, соответствующих требованиям XXI века.

Успехи включают фокус на компетенциях, развитие критического мышления, навыков решения проблем и коммуникации. Интеграция ИКТ проявляется в активном использовании технологий в обучении. Гибкость программ позволяет адаптировать содержание к потребностям учащихся.

Трудности возникают из-за сопротивления изменениям, когда традиционные подходы преобладают из-за привычки или недостатка подготовки преподавателей. Неравенство ресурсов выражается в различиях материально-технического обеспечения школ. Необходимость переподготовки учителей требует времени и ресурсов для освоения новых методов и технологий.

Для успешной реализации современных стандартов необходим комплексный подход, включающий поддержку со стороны образовательных учреждений, повышение квалификации учителей и обеспечение необходимых ресурсов.

Изучение зарубежных методик преподавания биологии позволяет перенять лучшие практики и адаптировать их к местным условиям. В Финляндии используется междисциплинарный подход, где обучение основано на темах, пересекающих разные предметы. Акцент делается на самостоятельности учащихся, предоставляя им больше свободы в выборе способов обучения. Учителя обладают высокой квалификацией, имея степень магистра и регулярно проходя повышение квалификации.

В США распространено STEM-образование (Science, Technology, Engineering, Mathematics), интегрирующее науки, технологии, инженерию и математику. Широко применяются информационно-коммуникационные технологии и онлайн-ресурсы. Обучение ориентировано на практические проекты и исследования.

В Японии обучение биологии включает традиционные ценности, такие как уважение к природе и обществу. Большое внимание уделяется экспериментальному обучению через лабораторные работы и полевые исследования. Развитие коллективизма и навыков сотрудничества достигается через групповую работу.

Для эффективного применения международного опыта необходимо адаптировать методы к местным культурным особенностям и образовательным стандартам. Обмен опытом может быть реализован через участие в международных программах и конференциях. Внедрение новых методов рекомендуется проводить на экспериментальной основе с последующей оценкой результатов.

Методика изучения биологии в образовательном процессе должна быть гибкой и адаптивной, сочетая традиционные и современные методы обучения. Традиционные методы, такие как лекции и лабораторные работы, обеспечивают необходимую теоретическую базу и практические навыки. Активные и интерактивные методы, включая проектную и исследовательскую деятельность, дидактические игры, дискуссии, способствуют развитию у учащихся критического мышления, самостоятельности и мотивации к обучению.

Использование информационно-коммуникационных технологий, виртуальной и дополненной реальности открывает новые горизонты в обучении биологии, делая его более наглядным и интерактивным. Однако успешное внедрение этих технологий требует преодоления ряда проблем, связанных с ресурсами, технической подготовкой и методической поддержкой.

Учитывая психологические и когнитивные особенности учащихся, преподаватели могут выбирать наиболее эффективные методы и средства обучения, способствующие глубокому пониманию биологических концепций. Междисциплинарные связи и практическое применение знаний усиливают значимость предмета для учащихся и помогают им видеть связь между теорией и реальной жизнью.

Для повышения качества биологического образования необходимо продолжать исследовать и внедрять эффективные методики, опираясь на международный опыт и адаптируя его к местным условиям. Поддержка со стороны образовательных учреждений, профессиональное развитие учителей и обеспечение необходимых ресурсов являются ключевыми факторами успеха в этом процессе.

Литература

1. *Алексеев, Д.Д. Когнитивные особенности восприятия биологии школьниками / Д. Д. Алексеев. – М.: Научная книга, 2020. – 287 с.*
2. *Иванов, П.П. Проблемы преподавания биологии в современной школе / П.П. Иванов. – М.: Просвещение, 2019. – 126 с.*
3. *Иванова, Т.С. Использование виртуальных лабораторий в обучении биологии / Т.С. Иванова. – М.: Издательский центр «Академия», 2022. – 156 с.*
4. *Кузнецов, М.М. Игровые технологии в обучении биологии / М.М. Кузнецов. – М.: Просвещение, 2019. – 198 с.*
5. *Нечаев, В.В. Дискуссии и дебаты в учебном процессе: возможности и ограничения. / В.В. Нечаев. - Биология в школе. – 2021. – № 3. С. 33–38.*
6. *Петров, И.И. Проектная деятельность в школьном обучении биологии / И.И. Петров. – М.: Эксмо, 2021. – 184 с.*
7. *Романова, Е.В. Лабораторные работы по биологии в образовательной практике / Е.В. Романова. – М.: Логос, 2020. - 145*
8. *Серова, О.П. Междисциплинарные подходы в преподавании естественных наук / О.П. Серова. – Спб.: Мир, 2021.*
9. *Сидоров, В.А. Психология восприятия учащимися естественно-научных дисциплин. – Спб.: Наука, 2018. – 134 с.*
10. *Соколова, Л. Н. Использование мультимедиа в преподавании биологии / Соколова. - Педагогика. – 2020. – № 5. – С. 45–52.*
11. *Сухова, Е.А. Визуальные средства в преподавании биологии / Е.А. Сухова. // Современные методы обучения. – 2019. – № 7. – С. 72–79.*
12. *Чернышев, П.К. Формирование мотивации к изучению биологии / П.К. Чернышев // Вопросы образования. – 2021. – № 4. – С. 25–30.*

СОВРЕМЕННАЯ ФОРМА И МЕТОДЫ ОБУЧЕНИЮ БИОЛОГИИ В ШКОЛЕ

В статье рассматриваются современные подходы к методике изучения биологии в образовательном процессе, подчеркивается важность интеграции традиционных и инновационных методов обучения. Анализируются лекционный и лабораторный методы как основы теоретического и практического обучения. Особое внимание уделено активным и интерактивным методам, таким как проектная и исследовательская деятельность, дидактические игры, дискуссии и дебаты, которые способствуют развитию у учащихся критического мышления, самостоятельности и мотивации. Рассматриваются возможности использования информационно-коммуникационных технологий, виртуальной и дополненной реальности для повышения наглядности и интерактивности обучения. Акцент сделан на значении междисциплинарного подхода, который укрепляет системное мышление учащихся и их понимание взаимосвязей между биологией и другими науками. В статье также обсуждаются когнитивные и психологические аспекты восприятия биологии, роль мотивации в обучении и проблемы, связанные с внедрением современных образовательных стандартов. На основе анализа представлены рекомендации по оптимизации методик преподавания, включая адаптацию международного опыта и обеспечение доступности современных ресурсов. Предлагаемые подходы направлены на формирование экологической культуры, естественно-научной грамотности и практических навыков у учащихся, что соответствует требованиям XXI века.

Ключевые слова: методика обучения, биология, лекционный метод, лабораторные работы, проектная деятельность, исследовательская деятельность, активные методы, интерактивные методы.

ШАКЛУ МЕТОДҲОИ МУОСИРИ ТАЪЛИМИ БИОЛОГИЯ ДАР МАКТАБ

Дар мақола равишҳои муосири методологияи омӯзиши биология дар раванди таълим баррасӣ шуда, аҳамияти ҳамгироии усулҳои анъанавӣ ва инноватсионии таълим таъкид шудааст. Усулҳои лексионӣ ва лабораторӣ ҳамчун асоси омӯзиши назариявӣ ва амалӣ таҳлил карда мешаванд.Ба усулҳои фаъол ва интерактивӣ, аз қабили фаъолияти лоиҳавӣ ва тадқиқотӣ, бозиҳои дидактикӣ, мубоҳисаву мубоҳисаҳо, ки ба рушди тафаккури интиқодӣ, мустақилият ва ҳавасмандии хонандагон мусоидат мекунанд, таваҷҷуҳи хоса дода мешавад. Имкониятҳои истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, воқеияти виртуалӣ ва васеъшуда барои баланд бардоштани аёният ва интерактивии таълим баррасӣ мешаванд. Ба аҳамияти равиши байнисоҳавӣ, ки тафаккури системавии хонандагон ва фаҳмиши онҳо дар бораи робитаи байни биология ва илмҳои дигарро мустаҳкам мекунад, таъкид карда мешавад. Дар мақола инчунин ҷанбаҳои маърифатӣ ва равонии дарки

биология, нақши ҳавасмандкунӣ дар омӯзиш ва мушкилоти марбут ба татбиқи стандартҳои муосири таълим баррасӣ шудааст. Дар асоси таҳлил тавсияҳо оид ба оптимизатсияи усулҳои таълим, аз ҷумла мутобиқгардонии таҷрибаи байналмилалӣ ва таъмини дастрасии захираҳои муосир пешниҳод шудаанд. Равишҳои пешниҳодшуда ба ташаккули фарҳанги экологӣ, саводнокии табиатшиносӣ ва малакаҳои амалии хонандагон, ки ба талаботи асри 21 ҷавобгӯ мебошанд, равона карда шудаанд.

Калидвожаҳо: усулҳои таълим, биология, усули лексионӣ, кори лабораторӣ, фаъолияти лоиҳавӣ, фаъолияти тадқиқотӣ, усулҳои фаъол, усулҳои интерактивӣ.

MODERN FORM AND METHODS OF TEACHING BIOLOGY AT SCHOOL

The article examines modern approaches to the methodology of teaching biology in the educational process, emphasizing the importance of integrating traditional and innovative teaching methods. Lecture-based and laboratory methods are analyzed as foundations for theoretical and practical learning. Special attention is given to active and interactive methods such as project-based and research activities, didactic games, discussions, and debates, which contribute to the development of critical thinking, independence, and motivation in students. The article explores the potential of information and communication technologies, virtual reality, and augmented reality to enhance the visibility and interactivity of learning. Emphasis is placed on the significance of an interdisciplinary approach, which strengthens students' systemic thinking and understanding of the interconnections between biology and other sciences. Cognitive and psychological aspects of biology perception, the role of motivation in learning, and challenges related to the implementation of modern educational standards are also discussed. Based on the analysis, recommendations for optimizing teaching methodologies are presented, including the adaptation of international experience and ensuring the accessibility of modern resources. The proposed approaches aim to foster ecological culture, scientific literacy, and practical skills in students, meeting the demands of the 21st century.

Keywords: teaching methodology, biology, lecture method, laboratory work, project-based activity, research activity, active methods, interactive methods.

Об авторе
Давлатов Саиджон Сайфидинович
Старший преподаватель кафедры общая биологии и методика преподавании биологии
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121

Дар бораи муаллиф
Давлатов Саидҷон Сайфидинович
Омӯзгори калони кафедраи биологияи умумӣ ва методикаи таълими биология
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121

About the author
Davlatov Saidjon Saifidinovich
Senior teacher of the department of general biology and methodology for teaching biology
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121

ТДУ 378

ПРИНСИПҲОИ АСОСИИ МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ ДАР ТАЪЛИМИ АДАБИЁТ

Таирова Д. М.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Тамоили муносибати босалоҳият ба таълим, яке аз талаботи низоми таҳсилоти муосир ба шумор меравад. Дар Стратегия миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2012, таҳти №334 тасдиқ шудааст, чунин қайд гардида буд: “Дар давоми 10 соли наздик дар низоми таҳсилоти умумӣ тағйироти куллӣ ба миён хоҳад омад. Ин бо гузариш ба таҳсилоти ба салоҳиятнокӣ равонагардида бо мақсади баланд бардоштани қобилияти рақобати шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманд аст” [14]. Асоси методологии тамоили муносибати босалоҳият дар таълим дар корҳои илмӣ ва дастурҳои таълимӣ олимони ватанӣ Байзоев А., Бобизода Ғ., Имомназаров Д., Табаров Д., Бадалова М., Бобомуродова М., Лутфуллоев М., Аминов С., Абдулова Т. П., Раҷабов Т.Б., Исрофилниё Ш. ва дигарон инъикос гардидааст. Ин муҳаққиқон дар асарҳои худ мундариҷаи таълимро дар тамоили муносибати босалоҳияти фанҳои гуногун, дар шароити муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбӣ муайян намуда, таҷрибаи фаъолияти эҷодӣ ва муносибатҳои аз ҷиҳати эҳсосотӣ ва арзишмандро нишон додаанд [1].

Аз он замон то ҳоло як даҳсола зиёдтар сипарӣ шуда бошад, ҳам яке аз масъалаҳое, ки то ҳанӯз дар мадди назари аҳли маорифчгии кишварамон қарор дорад, шарҳу тавзеҳи истилоҳи “салоҳият”, “салоҳиятнокӣ”, “муносибати босалоҳият ба таълим” ва мазмуну мундариҷаи он ба шумор меравад.

Дахин А.Н. салоҳиятнокии хонандагонро ҳамчун «сатҳи олӣ ва ё сифати олии омодагии” хатмкунанда, ҳамчун "огоҳӣ" ва ё “бохабарӣ”-и хонанда", “ ё ин ки “касбият”-хатмкунандаи мактаб“ тавсиф менамояд [7, с. 143].

Холодная М.А. салоҳиятҳои хонандагонро ҳамчун «шакли махсуси мутташаккили донишҳо, ки имкон медиҳанд дар самтҳои муайянӣ фаннӣ қарорҳои самаранок бароварда шаванд (аз ҷумла дар ҳолатҳои фавқулодда)» [19, с. 300].

Ба ақидаи Сергеев А. Г. ба сифати шахси босалоҳият шахсеро номбар кардан мумкин аст, ки миқдори маҳорату малака ва донишҳоеро барои соҳаи муайяне аз худ намуда, онҳоро дар ҳолатҳои гуногуни номуайян истифода намуда метавонад [14, с. 11].

Айни замон ба сифати тавсифи мушаххаси салоҳиятҳои хонандагон маъмулан ақидаи А.В. Хуторский истифода мегардад. Ба ақидаи ӯ салоҳиятнок будан ин «натиҷаи аз тарафи субъект аз худ кардани салоҳмятҳои муайян» мебошад» [20, с. 58-64].

Ба ақидаи Гулова Н.А. «Салоҳият ҳамчун қобилият дороии инсон буда, тамоми умр инкишоф меёбад, мукаммал мегардад».

Вале, ба фикри мо, мафҳумҳои «салоҳият» ва «салоҳиятнокӣ»-ро академик М. Лутфуллозода нисбатан муфасалтар шарх медиҳанд: «Дар забони мо ҳамин маъно бо калимаю таркибу ибораҳои салоҳият, салоҳият доштан, соҳибихтиёрӣ, соҳибҳуқуқ, салоҳиятдор, ҳуқуқ, комилҳуқуқ, кордонӣ, қодир будан ба амал, салоҳдид, ихтиёр, ақидаи муътабар; шахси доною медонистагӣ, тасаввуроти пурра доштан, сазовор будан, лоиқи чизе, шоистаю шоистагӣ ифода меёбад, ки қисми зиёди ин маъноҳо мансубанд ба қобилият. Баъзеҳо «тавоноӣ», «тавонистан»-ро низ тавсия медиҳанд. Аммо тавоноию тавонистан ба маънои салоҳияту салоҳиятнок истифода шаванд ҳам, аз ҷиҳати доираи истифода ҳамарзиши салоҳияту салоҳиятнокӣ нестанд. Агар салоҳият маънои луғавии калимаро ифода намояд, салоҳиятнокӣ ё салоҳиятдорӣ ба сифати шахс ё идорае ишора менамояд» [10, с. 4].

Низоми таҳсилоти муосир бо гуногунрангии ғояҳои навини фалсафӣ, методу воситаҳои наву муосири самаранок ва тарзҳои гуногуни ташкили таълим фарқ карда, рушду нумӯи самараноки соҳа аз татбиқи муваффақонаи онҳо вобаста мебошад. Дар умум, тамоили муносибати босалоҳия ба таълим ифодакунандаи таносуби дилхоҳи байни донистан ва тавонистан, маҷмуи талаботи алоқаманд ба омодагии хонанда ба фаъолияти донишандӯзӣ, маҷмуи маҳорат, малака ва сатҳи таҷрибанокии ҳаётии ӯ ба шумор меравад.

Дар шароити пуртаззоди ҷаҳони имрӯза аз бар кардани паҳлуҳои мухталифи салоҳиятҳо ба яке аз ҳадафҳои асосии натиҷаи раванди таҳсилот табдил ёфта, дар ин ҳолат ҳадафи ниҳоӣ, на аз азхуд кардани маҷмуи донишҳо нигаронида мешавад, балки аз тарафи хонандагон ҳосил намудани чунин маҳорату малакаҳое мебошад, ки ба онҳо имконият медиҳад, ки қарор қабул карда тавонанд ва дар ҳолатҳои ғайримуқаррарӣ ва ногаҳонӣ фаъолияти худро самаранок ба роҳ монданро фароҳам месозад.

Дар раванди татбиқи тамоили муносибати босалоҳият ба таълим омӯзгор мақоми меҳварии худро ҳамчун таълимдиҳанда комилан тағйир дода, аз интиқолдиҳандаи донишҳои тайёри назариявӣ, миёнарави байни китоби дарсӣ ва хонанда, пешниҳодкунандаи иттилооти тайёри таълимӣ ба бедоркунандаи шавқмандии маърифатии хонанда ва ташаббусу мустақилияти таълимгирандагон ба илмомӯзӣ табдил мегардад.

Дар ин ҳолат омӯзгор фаъолияти мустақилонаи маърифатии хонандагонро бояд тавре ташкил намояд, ки дар он ҳар як хонанда мустақилона қобилият ва донишҳои худро татбиқ карда тавонад. Бо ин роҳ омӯзгор дар синф фазои инкишофдиҳандаеро таъмин менамояд, ки дар он ҳар як хонанда вобаста ба сатҳи инкишофи интеллектуалию қобилиятнокиаш салоҳиятҳои муайянеро ташаккул медиҳанд. Др ин ҳолат омӯзгор барои шароити мувофикро да синф эҷод намудан ба лаҳзаҳои зерин бояд диққати ҷиддӣ диҳад:

-сатҳи душвории мушкилоти супориш шаванда;

-шаклу усулҳои кор бо маводи таълимӣ;

- фаъолияти маърифатии мустақилона;

-масъулият барои ноил гардидан ба натиҷаи дилхоҳ;

-фаъолияти маърифатӣ дар гурӯҳ;

-тақсими вазифаҳо дар иҷрои супоришҳои таълимӣ ва банақшагирии иҷрои онҳо;

-ташаккули идроки сатҳи мураккабии супоришҳо ва вобаста ба онҳо ташкил намудани фаъолият;

-истифода карда тавонистани низоми арзёбии натиҷаҳои ба дастовардашудаи ба талабот мувофиқаткунанда;

-нишон додани муносибати салоҳиятмандона ба раванди омӯзиш.

Ҳамчунин муаллим бояд кӯшиши мустақилона иҷро намудани супоришҳоро аз тарафи хонандагон дастгирӣ намуда, онҳоро барои ноил гардидан ба ҳадафҳои пешакӣ гузошташуда ҳавасманд намуда, тафаккур ва ибрози нуқтаи назари худро ба онҳо омӯзонад, ҳангоми мубоҳиса фикру ақидаи ва мулоҳизаи дигаронро шунида баъд аз холисона ва бомавқеъ арзёбӣ намуда, ҷавоб доданро таъкид намояд. Маҳорату малакаҳои савол додан, бомулоҳиза додани ҷавобҳои мантиқро ёд дода, шаклҳои гуногуни пешрафтаи шавқмандгардонии онҳоро барои фаъол сохтани фаъолияти маърифатии хонандагон истифода бурда, қобилиятҳои ташаббускории онҳоро дастгирӣ намояд.

Дар гурӯҳ фаъолона кор кардан, ба самараи фаъолиятҳои таълимӣ-тарбиявии худ баҳо дода тавонистан, муайян карда тавонистани мавқеи худро дар гурӯҳ, масъулиятшиносро ёд дода, имконият диҳад, ки мустақилона масъалагузорӣ намуда онро ҳал намоянд. Сифатҳои худомӯзӣ, фикрронӣ, муошират, ислоҳ намудани камбудиҳоро ташаккул дода, фаҳмонад, ки дарки мафҳумҳои “ман чизеро намедонам”, “наметавонам” ва ё “намефаҳмам” кори бад ва айб набуда, қадами аввалин дар ҷодаи расидан ба сатҳи “медонам”, “метавонам”, “мефаҳмам” ба шумор меравад.

Дар раванди татбиқи муносибати босалоҳият ба раванди таълим мавқеи хонанда низ тағйир ёфта, ӯ дигар субъекти нофаъоли раванди таълим ба шумор нарафта, балки ба як

субъекти фаъоли ҷараёни таълим табдил ёфта, бо ҳамроҳии омӯзгор минбаъд ба сифати ҳамкор қабул карда мешаванд.

Аммо, дар педагогикаи муосир ва алалхусус, дар методикаи таълими забон ва адабиёт, дар қатори мушкилоти бешумори соҳа, инчунин масъалаи чӣ гуна ғояҳои воқеии ватандӯстӣ, меҳнатдӯстӣ, нангу номуси миллӣ ва ахлоқи ҳамидаи инсониро ба сохтор ва мазмуни таълим ворид кардан мумкин аст? Кадом роҳу технологияҳои муосир ва пешрафтаи педагогӣ дар ташаккули салоҳиятҳои ахлоқӣ, башардӯстии ва маърифатии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ самаранок буда метавонад?

Таҳқиқотҳои навоваронаи муҳаққиқони маъруф Айзерман Л.С., Волкова И.П., Илина Е.Н., Кудряшева Н.И., ки ба ҷустуҷӯи чунин роҳу усул ва воситаҳо нигаронида шудаанд, тасдиқ менамоянд, ки истифода аз адабиёти бадеӣ ва умуман асарҳои адабиёти бачагона ба хонандагон таъсири калон расонида, ба инкишофи шахсияташ дар самти худшиносию худогоҳӣ ва худсозии фардиаш вусъат мебахшад.

То имрӯз мушкилоти интихоб, таҳия ва дарки матни бадеӣ дар илми педагогика ва психология (Жабитская Л.Г., Корсунский Е.А., Тихомирова В.Г. ва ғ.) ҳамчун раванди фаъолияти эҷодӣ баррасӣ гардида, ошкор кардани таъсири бевоситаи матни асари бадеӣ ба шахсияти хонандаи хурдсол ва ҳосилшавии салоҳиятҳои ахлоқӣ гуманистии ӯ, ба қадри кофӣ мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст [8; 9; 17].

Барои самаранок гардонидани раванди таълими адабиёт ва ташаккулёбии салоҳиятҳои калидии ӯ муаллими фанни адабиётро зарур аст, ки роҳҳои гуногуни методии истифодаи адабиёти бадеии шахсияшро коркард намояд. Дар ин мавқеъ мо кӯшиш намудем, ки дар заминаи назарияи мубодилаи иттилоотии Кемпинский А. назарияҳои равонии Юнг К.Г. ва Кашшаускас И.Н., назарияҳои педагогии тарбияи К.Д. Ушинский, В.А. Сухомлинский, Андреев В.И. ва Крутова О.Н. роҳҳои методии истифодаи адабиёти бадеиро дар таълиму тарбияи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ташаккулёбии салоҳиятҳои онҳо коркард ва таҳия намоем.

Зарурияти тағйир додани муносибат ба мазмуну мундариҷаи таълиму тарбия дар талаботҳои нақшаҳои давлатии таълимӣ, “Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020” ва «Стратегияи миллии рушди маориф барои давраи то соли 2030 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 2020, №526) ба шумор меравад. Дар ин санади муҳими тақдирсоз ва таъмин кунандаи рушди устувори соҳа, пеш аз ҳама, навсозии мазмуни таҳсилот, тағйироти сохтории соҳаи маориф, таъмини дастрасӣ ба таҳсилоти босифат масъалагузорӣ карда мешавад. Дар бораи тағйирот ворид намудан ба мазмуни таҳсилот, татбиқ намудани технологияҳои пешрафтаи муосири таълимӣ, таъмини инкишофи кӯдакон, ҷисман ва руҳан омода сохтани кӯдакон ба фаъолияти муттасили маърифатӣ ва гузариш аз модели анъанавии таҳсилот ба моделҳои ба рушди қобилият ва салоҳиятҳо нигаронидашудаи таълимӣ дар ин ҳуҷҷатҳо вазифагузорӣ карда шудааст [15].

Стратегияи миллии рушди маориф дар доираи ҳадафҳои дар он гузошташуда ба ҳалли вазифаҳои зерини таълими тарбиявӣ равона карда шудааст:

- таҳия ва ҷорӣ намудани барномаҳои нави замонавӣ бо мақсади таъмини инкишофи шахсияти кӯдакон, ҷисман ва рӯҳан омодасозии хонандагон ба фаъолияти мунтазами маърифатӣ;

- таҷдиди мазмуни таҳсилоти умумӣ дар асоси модели донишандӯзӣ гузариш ба модели салоҳиятнокии таълим;

- аз худ намудани малакаи ҳаётан муҳиму тарзи ҳаёти солим ва ташаккули донишу рафтор дар ҳолатҳои фавқулодда;

- омодасозӣ ба фаъолияти касбӣ;

- навсозии таҳсилоти иловагӣ, бо назардошти вусъат бахшидани фаҳмишу тасаввуроти кӯдакон дар бораи муҳити атроф, воридшавии онҳо ба дунёи касбҳо;

- навсозии таҳсилоти махсус дар муносибати байниидоравӣ нисбат ба таҳсилот, офиятбахшӣ ва ба ҷомеа ҷалб намудани кӯдакони дорои эҳтиёҷоти махсус;

- навсозии мазмуни таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ва ҷавобгӯ намудан ба талаботҳои бозори дохилӣ ва байналмиллалии меҳнат [15, с. 6-10].

Ҳамзамон, ин санадҳои муҳими соҳаи маориф самтҳои навсозӣ ва таҷдиди низоми таҳсилотро мушаххасан муайян намуда, ба раванди гузариш аз тамоюли анъанавӣ ба тамоюли таълими босалоҳият вусъати тоза мебахшад. Истифодаи мақсадноки тамоили муносибати босалоҳият ба таълим имкон медиҳад, ки масъалаи баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии хонандагон таввасути зиёд кардани сарборӣ баратарф карда шавад, зеро моҳияти ин тамоил ба хонанда имкон медиҳад, ки иттилоотӣ заруриро бо роҳи ҷустуҷӯйи мустақилона ба даст оварад.

Тамоили муносибати босалоҳият ба таълим аз соли 2016 дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ(низоми таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон) ба роҳ монда шудааст.

Ин тамоил ба аз усулҳои фаъоли омӯзиш бартарӣ дода, ба ташаккул ва инкишофи шахсияти хонандагон на танҳо дар самти донишандӯзӣ, балки дар самти амалисозӣ ва татбиқ карда тавонистани дониш, маҳорат ва малака бартарӣ медиҳад. Муносибати босалоҳият ба таълим аз шакли маъмулигардидаи анъанавии таҳсил фарқ дорад.

Дар раванди таълим дониш чун омили рушди маҳорат ва малака барои санҷидан, муқоиса намудан ва ислоҳ кардани ғалатҳо ба кор бурда мешавад. Ҳар як усули таълим мақсад ва вазифаҳои худро дорад, зеро мақсади ҳар як усул додани дониш, вусъати маълумот ва иттилоот, ташаккули ҷаҳонбинии хонандагон аст. Барои ташаккули салоҳиятмандии хонандагон, рушди малака ва ҷаҳонбинии онҳо фазои солими омӯзиш масъалаи асосӣ маҳсуб меёбад.

Дар таълими фанҳои гуногун, хусусан забон ва адабиёти тоҷик барои ташаккули нутқи шифоҳии хонандагон соатҳои муайян ҷудо шудааст. Аз ҷумла, дар раванди таълими ин фанҳо соатҳо барои инкишофи нутқи мураттаб ҷудо гардидаанд. Таҳқиқоти мазкур дар доираи татбиқи ғояи муносибати босалоҳият ба таълим аз омӯзгор тақозо мекунад, ки ҳангоми омӯзиши фанни адабиёти тоҷик ба ташаккул ва инкишофи маҳорат ва малакаҳои зерини хонандагон аҳамияти ҷиддӣ диҳад:

-маҳорати ҷустуҷӯйи иттилоот ба воситаи саволгузорӣ;

-маҳорати ба тарзи графикӣ инъикос кардани маълумоти нав;

-маҳорати мустақилона банақшагирии лаҳзаҳо, вазифаҳои омӯзиш ва назорати вақти дар ихтиёрдошта;

-маҳорати муайян кардани маълумоти асосӣ;

-маҳорати дида баромадани ҳодисаҳо аз нуқтаи назари гуногун;

-маҳорати қироати шеър ва ифоданок хондани матни насрӣ ба таври муколама;

-маҳорати коркарди донишҳои нав;

-маҳорати бунёд намудани манбаи маълумоти тоза;

-маҳорати мустақилона ташкил кардани омӯзиши маълумоти нав;

-маҳорати дар ҳамкорӣ, якҷоягӣ кор кардан, гӯш карда тавонистани якдигар;

-маҳорати шинохтан ва шарҳ додани проблема;

-маҳорати ташаккул додан ва муаррифӣ кардани маҳсули фаъолияти эҷодии худ.

Технологияҳои муосири педагогӣ ба инкишофи малакаҳои амалии хонандагон дар самти ҳал намудани мушкилоти таълимӣ тарбиявӣ саҳми босазо гузошта, дар ташаккул ва инкишофи қобилиятҳои маърифатии хонандагон, сифат ва ба талаботи рӯз ҷавобгӯй таҳсилот шароити мусоид фароҳам оварда, ташаккули салоҳиятҳои фаннӣ ва болоифаннии хонандагонро ҳадафи худ қарор медиҳад.

Ташаккул ва инкишофи салоҳиятҳои фаннӣ ва болоифаннии хонандагон дар дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик бо ҳам дар алоқамандии зич қарор доранд, чунки як қатор салоҳиятҳое мавҷуданд, ки дар баробари болоифаннӣ буданашон барои фанни забон ва адабиёти тоҷик салоҳияти фаннӣ шуморида мешаванд. Аз ҳамин сабаб ин фанро аз ҷумлаи омилҳои ба ташаккули инсон ва шахсият кӯмакрасонанда меҳисобанд. Дар дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик баробари салоҳиятҳои фаннӣ ҳамзамон маҳорату малакаҳое ташаккул дода

мешаванд, ки минбаъд ҳамчун салоҳиятҳои болоифаннӣ баромад менамоянд. Ба онҳо одоби муошират, маҳорати наттоқӣ ва қобилиятҳои равлобитӣ дохил мешаванд.

Бинобар ин, дар дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик ташаккул додани салоҳиятҳои калидии хонандагон аз вазифаҳои муҳимтарини таълиму тарбиявии он шумор меравад.

Ин таҳаввулот ва тағйирпазирии низоми таҳсилот дар асоси татбиқнамоии технологияҳои муосири педагогӣ самаранок сурат мегирад.

Дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик дар татбиқи тамоили муносибати босалоҳият ба таълим имкониятҳои фаровон дошта, самараи дилхоҳро фароҳам меовард. Махсусан, дар раванди қироати шеърҳо, иҷрои бозиҳои нақшофарӣ – саҳначаҳо дар асоси осори бузургони адабиёти форсу тоҷик ба инкишофи нутқи хонандагон, мусоидат менамояд. Барои бо далелҳо асоснок ва исбот намудани мақсади қаҳрамонони асарҳо ва самаранокии таълимӣ-тарбиявии онҳо мо зарур шуморидем дар раванди таҷрибаомӯзии педагогии донишҷӯён дар якчанд муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Душанбе озмоиши педагогӣ ташкил намудем, Муаллим хонандагонро ба гурӯҳҳои 4-5-нафарӣ тақсим менамояд. Ӯ саволҳоро ба ҳар яки онҳо тақсим менамояд. Хонандагон мустақилона фикр мекунанд, андешаҳояшонро баён мекунанд, баҳс меороянд, хулосабарорӣ ва дар лаҳзаҳои мушкил аз омӯзгор кӯмак мепурсанд.

Дарсҳои махсус ташкил кардашудаи озмоишӣ исбот намуданд, ки татбиқи тамоили муносибати босалоҳият ба таълими забон ва адабиёт барои ташаккул ва инкишофи салоҳиятҳои хонандагон мусоидат менамояд. Мушоҳида ва таҳлили ҷавобҳои хонандагон маълум намуд, ки онҳо мазмуни асари бадеиро дарк намуда, дар бораи нуктаи назар ва ҳадафҳои маънавии нависанда Сотим Улуғзода тасаввуроти амиқ ва васеъро ҳосил намудаанд.

Ошкор гардид, ки тамоили технологияи муносибати босалоҳият ба таълими забон ва адабиёти тоҷик барои хонандаи муосир шавқовартар аст. Ин тамоил ташкил намудани бозиҳоти нақшофарӣ, эҷоди мушкилӣ ва ҷустани роҳҳои ҳалли он, корҳои фардию гурӯҳӣ, эҳтироми андеша ва мавқеи рафиқон, озодона нақл ва таҳлил намудан, истифода аз роҳу усулҳои нави таълимӣ, тестӣ, хондани таблитсаю нақшаҳо, истифодаи аёниятҳои алоқманд ба ҳар як мавзуъ, вориднамоии инноватсия дар таълим, намоиши тасвирҳои аудиовизуалӣ, муаррифиномаҳо ва амсоли онҳоро тақозо намуда, ба самаранокии натиҷаҳои таълим оварда мерасонад.

Дар низоми анъанавии таълим дарс дар доираи қолабҳои қаблан мушаххасгардида ба нақша гирифта шуда, одатан дониш дар шакли тайёр пешниҳод мегардад, хонандагон бошанд онро қабул ва такрор мекунанд. Мазмуни таҳсилот дар ин шакли таълим бо низоми муайян, пайдарҳам ва дар алоқамандӣ пешниҳод карда шуда, фаъолияти омӯзгор асосан дар доираи ба таври шифоҳӣ фаҳмонидани мавзуъ ва истифодаи аёниятҳо маҳдуд мегардад. Тамоили муносибати босалоҳият ба таълим, ки ба ташаккул ва инкишофи салоҳиятҳо нигаронидашуда, аз раванди таълим фаъолӣ, мустақилият ва озодии интихоби хонандаро дар интихоби маводи таълимиро тақозо менамояд вамавқеи назоратии омӯзгорро фаъол менамояд.

Маънои мафҳуми салоҳият вобаста ба самти истифодааш басо муҷмал ва гуногун ба назар расида, дар «Луғати истилоҳоти Хазинаи аврупоии таҳсилот» ба таври шарҳ дода шудааст:

-қобилияти хуб ва самарабахши иҷро кардани кори мушаххас (амал);

-мутобиқу мувофиқ будан ба талаботи вазифавӣ (касбӣ);

-доро будан ба қобилияти иҷрои вазифаҳои махсуси меҳнатӣ, супоришҳои гуногунсатҳ ва ғайра [5, с. 5-10].

Аз ин маънӣ бармеояд, ки мафҳуми салоҳият тамоми соҳаҳои ҳаёти инсониро фарогир буда, гуногунсоҳа мешавад. Соҳаи илмии истилоҳшиносӣ тақозо менамояд, ки дар раванди ҳамчун истилоҳ қабул намудани калима ва ё мафҳуми аз забони ғайр воридшуда бояд имконияти онро дар калимасозӣ ва маънисозӣ дар забони миллӣ ба назар гирифта шавад. Аз ҳамин сабаб зарур аст, ки мо бояд асли баромади калимаҳои мураккаберо, ки аз онҳо

калимаи «компетенсия» сохта шудаанд ва ибораҳоеро, ки бо иштироки ин калима истифода мешаванд, ҳатман ба назар бигирем.

Таҳлилу омӯзишҳо моро ба хулосае оварданд, ки мафҳуми «салоҳият» агар аввалин маротиба дар низоми таҳсилот дар ИМА пайдо шуда бошад, ҳам мафҳуми «муносибати босалоҳият», бори аввал дар Англия истифода шудааст. Он дар аввал на дар дохили низоми таҳсилот, балки ҳамчун ҷавоб ба фармоиши соҳаи муайяни касбӣ ва бозори меҳнат пайдо шудааст. Дар ибтидои пайдоишашон салоҳиятҳо ҳамчун сифати асосии таркибии фаъолияти касбӣ арзёбӣ мешуданд ва ба соҳаи таҳсилот алоқамандие иртиботе надоштанд. Зеро низоми таҳсилот бо воҳидҳои асосии натиҷаи он – дониш, малака ва маҳорат сару кор дошт, соҳаи таххасусӣ бошад бо воҳидҳои дигар, ки дар салоҳиятҳо инъикос меёбанд, арзёбӣ карда мешаванд. Бо касбият сарукор доштани салоҳиятҳо ва бо дониш, маҳорат ва малакаҳо сару кор доштани таълим боиси ба миён омадани ихтилофҳо гардиданд. Низоми таҳсилоти Иттиҳоди Аврупоро дар тамоми зинаҳояш аз оғози солҳои 2000-ум инҷониб тағйироти ҷиддие фарогир гардида, боиси ба пуррагӣ рӯй овардан ба муносибатҳои босалоҳият дар таълим гардид. Минбаъд ин раванд ба як тамоили ҷаҳонӣ табдил ёфта бошад ҳам, мафҳуми салоҳиятҳо ҳанӯз пурра тавсиф нагардидааст [10, с. 36]. Ин раванд ба он оварда расонид, ки минбаъд барномаҳои таълимӣ бо назардошти ниёзҳои ҷомеаи муосир ва мутобиқи раванди ҷаҳонишавӣ, ки ба салоҳиятҳои таълимӣ ва касбӣ нигаронида шудаанд, таҳия гардид. Дар алоқамандӣ бо он муносибати раванди педагогӣ ва омӯзиш низ тағйир ёфта таҷдид гардонида шуданд.

Яъне дар натиҷа вазифаҳои омӯзишии хонандагон ва вазифаҳои касбии омӯзгор дар низоми таҳсилоти ҷаҳонӣ шаклан нав гардида, дар баъзе кишварҳо ҳатто мақоми худро тағйир доданд. Ин моро ба хулосае меорад, ки бартарии асосии муносибати босалоҳият ба таълим аз аз низоми анъанавии таълимӣ дар он аст, ки ташкили фаъолият ва мақоми омӯзгору хонанда нақш ва мақоми худро иваз менамоянд. Яъне дар муносибати босалоҳият ба таълим, гарчанде хонанда ба субъекти фаъоли таълим табдил ёфта мустақилияти бештарро соҳиб гардад ҳам, нақшу мақоми омӯзгор ҳамчун роҳнамо ва пешбарандаи раванди таълим бо истифода аз технологияҳои таълимӣ ва технологияи иттилоотии муосир назарррас боқӣ мемонад. Омӯзгор самаранокӣ ва бартарии ин муносибати таълимиро метавонад таввасути татбиқи фаъолиятҳои зерин таъмин намояд:

- ташаккул ва инкишоф додани маҳорат ва малакаҳои таълимии хонандагон бо дарназардошти муносибати гузари аз ҷузъ ба кул;
- таъмин намудани амиқӣ ва мустаҳкамии донишу малакаҳои таълимии хонандагон;
- дар таълим танҳо ба китоби дарсӣ қаноат накарда онро ҳамчун дастур ва роҳнамо истифода намуда, аз сарчашмаҳои иловагӣ бештар истифода намояд;
- хонанда хамчун субъекти фаъол бо фикру ақидаҳои худ ба созандаи раванди таълим мубаддал гардад;
- омӯзгор ҳамчун ташкилкунандаи раванди таълим набояд дониш ва ақидаҳои хонандаро ба хонандагон маҷбури бор кунад;
- ҷавоби ҳар як хонандаро новобаста аз хато будан ё маҳдудияти мазмунаш зери танқиди шадид қарор надода, онро бо нармӣ ва оқилона ислоҳ намояд.

Хулоса, салоҳиятҳо таълим дода намешаванд. Онҳо дар натиҷаи фаъолияти донишандӯзӣ ва кушишу ғайрати хонанда ҳосил шуда, минбаъд барои ташаккули салоҳиятҳои нав замина мегарданд. Яъне ба ақидаи А. Байзоев хар як омӯзгор бояд технологияҳои шахсии педагогие дошта бошанд, ки ба ташаккули маҳорат ва малакаҳои калидии хонандагон ва нақшҳои педагогии ғайрианъанавии онҳо нигаронида шуда, инкишофи онҳоро таъмин кунанд [2, с. 55]. Муассисаи таълимии муосир бояд ба хонанда на танҳо математика, химия, физика, биология, забон ва адабиёти тоҷик ва ғайраҳоро таълим диҳад, балки бояд дар ӯ сифатҳои худбаҳогузории холис, тафаккури интиқодӣ, баробар донистани манфиатҳои худ бо дигаронро инкишоф диҳад.

Адабиёт

1. *Аҳмадов, М. Таълими адабиёти тоҷик (қисми 2) / М. Аҳмадов. – Хуҷанд, 2018. – 324 с.*
2. *Байзоев, А. Масъалаҳои мубрами ислоҳоти соҳаи маориф / А.Байзоев. – Душанбе, 2021. - 196 с.*
3. *Барномаи таълими адабиёти тоҷик дар синфҳои V-IX. Муҳаррирони масъул Х. Шарифов ва У. Тоиров. - Душанбе, 2007. - 72 с.*
4. *Бобомуродова, М. Муносибати босалоҳият ба таълим дар дарсҳои забони тоҷикӣ./ М. Бобомуродова. - Душанбе, ЭР-граф, 2018. – 84 с.*
5. *Голубков, В.В. Методика преподавание литературы \ В.В. Голубков. – М., 1955. – 241 с.*
6. *Гулова, Н. Асосҳои психологию педагогии ташаккули салоҳиятҳои касбии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ Автореферати диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ / Н. Гулова. - Душанбе - 2019. – 25 с.*
7. *Дахин, А. Н. Компетенция и компетентность: сколько их у российского школьника / А.Н. Дахин // Народное образование. – 2004. – № 4. – С. 136–144.*
8. *Жабицкая, Л. Г. Восприятие художественной литературы и личность Литературное развитие в юности / Л. Жабицкая. — Кишинев : Штиинца, 1974. — 132 с.*
9. *Корсунский, Евгений Андреевич. Развитие литературных способностей школьников. Учеб. пособие к спецкурсу / Е. А. Корсунский; Ленингр. гос. пед. ин-т им. А. И. Герцена. — Ленинград : ЛГПИ, 1985. — 144 с.*
10. *Лутфуллозода, М. Андешаҳо перомуни салоҳиятҳо ва ташаккули онҳо/ М. Лутфуллозода, Ғ. Бобизода. – Душанбе, 2017. – 86 с.*
11. *Муносибати босалоҳият ба таълим. Мураттибон: Ғ. Бобизода, Д. Имомназаров, Ш. Исрофилниё, А. Байзоев. - Душанбе: Ирфон, 2018. - 72 с.*
12. *Мухторӣ, Қ. Махсусияти ташкили таълими босалоҳият дар дарсҳои адабиёти тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умуми / Қ.Мухторӣ. - Душанбе: Ирфон, 2018. - С. 58 – 66.*
13. *Низоми таълими салоҳиятнокӣ (Дастур барои омӯзгор). Модули 1. Мураттибон: Ниёзов Ф., Алиев А., Нусратов Б. ва диг. - Душанбе, 2016. – 36 с.*
14. *Сергеев, А. Г. Компетентность и компетенции в современном образовании. Монография. / А.Г. Сергеев. – Владимир –2010. – 107 с.*
15. *Стратегия миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2012, таҳти №334.*
16. *Стратегияи миллии рушди маориф барои давраи то соли 2030 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 2020, №526.*
17. *Тихомирова, С. В. Механизмы формирования мировоззренческих чувств Институт психологии Российской академии наук. Человек и мир. 2019 Том 3, № 1 (6).*
18. *Улуғзода, С. Романи "Фирдавсӣ"-и Сотим Улуғзода. - Душанбе: Адиб, 1998. - 265*
19. *Холодная, М.А. Психология интеллекта: парадоксы исследования / М.А. Холодная. – Томск: Изд-во Том. ун-та ; М.: Барс, 1997. – 392 с.*
20. *Хуторской, А.В. Ключевые компетенции как компонент личностно-ориентированной парадигмы образования / А.В. Хуторской // Народное образование. – 2003. – № 2. – С. 58–64.*

ПРИНСИПҲОИ АСОСИИ МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ ДАР ТАЪЛИМИ АДАБИЁТ

Мақола ба баррасии ташкили дарс вобаста ба талаботи муносибати босалоҳият дар дарсҳои адабиёти тоҷик дар намунаи мавзуи принсипҳои асосии муносибати босалоҳият ба таълим бахшида шудааст. Муаллиф бо назардошти талаботи усули муносибати босалоҳият ба таълим ва бо такя ба озмоиши педагогие, ки гузаронидааст, татбиқи амалии чаҳор марҳалаи ин шеваи навро ҳангоми омӯзиш дар синфҳои 9 ва 10 бо далеҳои илмӣ ва методӣ нишон додааст. Баррасӣ ва озмоиши мавзуъ муаллифи мақоларо ба хулосае оварда, ки омӯзиши босалоҳияти асари бадеӣ имкон медиҳад, ки хонандагон равишҳои кор бо матни асари бадеиро дуруст омӯзанд, таҳлил намоянд, муҳокимаву муқоиса кунанд ва хулоса бароранд. Чунин усули таълим имкон медиҳад, ки салоҳиятҳои калидӣ, коммуникативӣ ва фаннии хонандагон ташаккул ёбад. Ба андешаи муаллиф ташкили дарси муносибати босалоҳият ба ҳар гурӯҳи хонандагон, ки қобилият ва фаҳмишу дарки гуногун доранд, таъсир мерасонад ва дар ташаккулу рушди қобилияти онҳо замина муҳайё менамояд. Аммо ин мақсад бо ду-се дарс ба даст намеояд, бояд аз ибтидо, аз курси хониши эзоҳӣ таълими босалоҳиятро ба роҳ мондан зарур аст.

Калидвожаҳо: методика, таълим, тарбия, дарс, хонанда, омӯзгор, салоҳият, муносибати босалоҳият, технологияҳои педагогӣ, таҳсилот.

ОСНОВНЫЕ ПРИНЦИПЫ КОППЕТЕНТНОСТЬНОГО ПОДХОДА К ПРЕПОДАВАНИЮ ЛИТЕРАТУРЫ

Статья посвящена организацию урока в соответствии с требованиями компетентностного подхода на уроках таджикской литературы на примере темы основных принципов компетентностного подхода к обучению. Автор, учитывая требования компетентностного подхода к образованию и на основе проведенного им педагогического эксперимента, с научно-методическими обоснованиями продемонстрировал практическую реализацию четырех этапов этого нового метода в процессе обучения в 9-х и 10-х классах. Рассмотрение и апробация темы привели автора статьи к выводу, что грамотное изучение художественного произведения позволяет учащимся правильно усвоить приемы работы с текстом художественного произведения, анализировать, обсуждать, сравнивать, делать выводы. Данный метод обучения позволяет студентам развивать ключевые, коммуникативные и предметно-специфические компетенции. По мнению автора, организация урока грамотного поведения воздействует на каждую группу учащихся, имеющих разные способности и представления, и создает основу для формирования и развития их способностей. Однако этой цели невозможно достичь за два-три урока, необходимо с самого начала наладить грамотное преподавание, начиная с вводного курса чтения.

Ключевые слова: методика, образование, воспитание, урок, ученик, учитель, компетентность, компетентностный подход, педагогические технологии, образование.

BASIC PRINCIPLES OF THE COMPETENCE APPROACH TO TEACHING LITERATURE

The article is devoted to the organization of the lesson in accordance with the requirements of the competence approach in Tajik literature lessons using the example of the topic of the basic principles of the competence approach to teaching. The author, taking into account the requirements of the competence approach to education and based on the pedagogical experiment he conducted, demonstrated the practical implementation of four stages of this new method in the learning process in grades 9 and 10 with scientific and methodological justifications. Consideration and testing of the topic led the author of the article to the conclusion that competent study of a work of art allows students to correctly master the techniques of working with the text of a work of art, analyze, discuss, compare, and draw conclusions. This teaching method allows students to develop key, communicative and subject-specific competencies. According to the author, the organization of a lesson on competent behavior affects each group of students with different abilities and ideas, and creates the basis for the formation and development of their abilities. However, this goal cannot be achieved in two or three lessons; it is necessary to establish competent teaching from the very beginning, starting with an introductory reading course.

Keywords: methodology, education, upbringing, lesson, student, teacher, competence, competence-based approach, pedagogical technologies, education.

Дар бораи муаллиф
Таирова Дилбар Музафаровна
Докторант (PhD)-и кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: dilbar10.1990@mail.ru

About the author
Tairova Dilbar Muzafarovna
Doctoral student, (PhD), Department of Tajik Language and Literature
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: dilbar10.1990@mail.ru

Об авторе
Таирова Дилбар Музафаровна
Докторант (PhD) кафедры методики преп. таджикского языка и литературы
кафедры таджикского языка и литературы
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: dilbar10.1990@mail.ru

ТДУ 378.147:51

КОРИ МУСТАҚИЛОНАИ ДОНИШҶӮЁН ҲАМЧУН ШАКЛИ ФАРДИГАРДОНИИ РАВАНДИ ТАЪЛИМИ “ПРАКТИКУМИ ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ МАТЕМАТИКӢ” ДАР НИЗОМИ КРЕДИТИИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ ПЕДАГОГӢ

Азизбеки М.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Дар шароити бозсозии муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёна мавқеи иҷтимоии муаллим баланд гардида, талабот ба салоҳияҳои касбии ӯ афзунтар мегардад. Бинобар ин ба сифати масъалаҳои асосие, ки дар назди муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ дар тайёр кардани муаллимони оянда меистад, дар донишҷӯён ташаккул додани раванди касбӣ мебошад. Курси «Практикуми ҳалли масъалаҳои математикӣ» яке аз компонентҳои асосии тайёрии касбии муаллимони математика, информатика ва физикаро дар мактабҳои олӣ, ки ба тайёррии касбии муаллими математика, информатика ва физика машғуланд, муайян мекунад ва барои чуқуртар омӯхтани маводи ёрирасони байни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии педагогӣ замина мегузорад.

Яке аз самтҳои муҳимтарини тайёрии касбию методии муаллимони ояндаи математика азхудкунии маҳоратҳоест, ки ба татбиқи дониш дар ҷараёни масъалаҳалкунӣ алоқаманданд. Ба ташаккулёбии он маҳоратҳо омӯзиши фанҳои сикли математикӣ, ки дар донишгоҳҳои омӯзгорӣ дар алоҳидагӣ омӯхта мешаванд, ба қадри имкон ёрӣ расонида метавонанд. Аммо ба фанни махсуси «Практикуми ҳалли масъалаҳои математикӣ» мавқеи хоса ҷудо шудааст.

Курси «Практикуми ҳалли масъалаҳои математикӣ» ҳамчун фанни асосии таълимӣ аз синтези назария ва амалия (таҷриба) иборат мебошад. Мақсади асосии ин курс раванди асосии тайёрии касбӣ-методии муаллими ояндаи математикаро дар мактаби олии педагогӣ муайян намудан, ягонагии томи мақсад, мазмун, воситаҳои коммуникатсионии методӣ, фаъолияти омӯзгор, фаъолияти донишҷӯ ва натиҷаи ниҳоии таълими математикаро дар муассисаҳои таълимии раванди гуногун муайян кардан ва бо ин васила ба тайёрии касбӣ-методии омӯзгори оянда замина гузоштан аст.

Мақсади асосии ин фан дар донишҷӯён ташаккулдиҳии маҳорати ҳал карда тавонистани масъалаҳои курси мактабии математика, шиносоӣ бо методҳои ҳалли онҳо, ташаккули нишондодҳои методии ибтидоӣ доир ба методикаи масъалаҳалкунӣ ва инкишоф додани малакаҳои ҳал кардани масъалаҳои ғайристандартии берун аз курси математикаи мактабӣ мебошад. Ҳамаи ин қисми муҳимтарини тайёрии касбӣ-методии муаллими ояндаи математикаро муайян мекунад.

Курсҳои сикли математикие, ки дар донишгоҳи омӯзгорӣ омӯхта мешаванд, ба сифати таҳкурсии назариявии практикум хизмат мекунанд. ғайр аз ин, муоинаи маводи алоҳидае, ки ба барномаи курсҳои мазкур дохил нашудаанд, инчунин методҳои муҳимтарини ҳалли масъалаҳои курси мактабии математика, қисми назариявии практикумро бояд ташкил диҳанд.

Бо мақсади болобардории самараи тайёрии касбии муаллими оянда практикум бояд бо курси «Методикаи таълими математика» ва «Методикаи ҳалли масъалаҳои математикӣ» вобастагии зич дошта бошад. Аз тарафи дигар, ҳангоми омӯзиши курси «Методикаи таълими математика» практикум барои такмили маҳорати методии муаллимони оянда бояд кӯмак расонад. Бо ин мақсад практикум бояд на танҳо барои бо намудҳои муайяни масъалаҳо ва тарзи ҳалли онҳо, балки баҳри дарки методҳои умумитарини муҳокимаронӣ ва тарзи исбот низ равона карда шавад. Ҳангоми масъалаҳалкунӣ барои ошкор намудани ҷараёни ҷустуҷӯи ҳал, методҳои муҳокимаронии ба мақсад ноилкунанда, таҳлили ҳалли масъаларо ба инобат гирифта, моделонии вазъиятҳои гуногуни таълимии математикаи мактабиро талаб карда,

диққатро ҳамеша ба ташаккули малакаю маҳорати методии муаллими оянда ҷалб бояд намуд.

Дар курси «Практикуми ҳалли масъалаҳои математикӣ» ҳалли ин зиддият ба амал бароварда шудааст: ба он чунин масъалаҳои курси мактабии математика дохил шудаанд, ки онҳо дар курсҳои сикли математикӣ ба қадри кифоя наомадаанд; ба он чунин намудҳои масъалаҳои математикии мактабӣ дохил карда шудаанд, ки онҳо дар курсҳои асосии математикӣ ба қадри кифоя дода шуда бошанд ҳам, дар ҳалли худ барои ба ҷиҳатҳои маънавӣ, мундариҷагӣ ва равоншиносӣ назар афкандан имконият муҳайё менамоянд; дар он чунин намудҳои масъалаҳои мактабӣ дохил карда шудаанд, ки дар курсҳои асосии математикӣ ба қадри кофӣ дода шуда бошанд ҳам, чунонки таҷриба нишон медиҳад, барои дар муаллими оянда ташаккулдиҳии малакаю маҳоратҳои мустаҳками мустақилона ҳал кардани чунин масъалаҳо ба онҳо ҳамеша муроҷиат бояд намуд.

Тавре ки дар нақшаи таълимӣ, барои донишҷуёни ихтисосҳои математика, математика-физика, математика-информатика, математика-нақшакашӣ, физика-математика омадааст, ду намуди кори мустақилонаи донишҷӯён аз фанни «Практикуми ҳалли масъалаҳои математикӣ»-ро фарқ намудан лозим аст: кори мустақилонаи донишҷӯён бо роҳбарии устод (КМДРУ) ва кори мустақилонаи донишҷӯён (КМД). Бояд қайд кард, ки ин ду намуди кори мустақилона аз сарбории омӯзгорон тибқи супоришҳои номувофиқи муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ берун мондаанд ва асосан гузаронида намешаванд. Ҳол он ки ташкил ва гузаронидани ин намудҳои кори мустақилона барои фардигардонии ҷараёни таълими курси «Практикуми ҳалли масъалаҳои математикӣ» шароити мувофиқ ба амал меоранд. Вале мо дар ин гузориш бештар ба ташкил ва гузаронидани кори мустақилонаи донишҷуён ҳангоми машғулиятҳои аудиторӣ машғул мешавем.

Ҳангоми ташкили раванди таълими практикум бояд чунин методҳои фаъоли таълим мавқеи асосиро ишғол намоянд, ки онҳо барои ба амалиёти мустақилонаи масъалаҳалкунӣ ҷалб намудани донишҷӯён (аз ҷумла, оид ба иҷрои супоришҳои инфиродии онҳо) бевосита равона шуда бошанд.

Барои баёни маълумоти назариявӣ ва муоинаи методҳои масъалаҳалкунӣ аз практикум миқдори муайяни соатҳои лексионӣ (аз ҳаҷми умумӣ) ҷудо кардан мумкин аст ва онҳоро дар давоми ҳамаи курс бояд ҷойгир намуд, то ки онҳо мавзуъҳои мувофиқи машиулиятҳои амалиро дарбар гиранд.

Дар раванди таълими “Практикуми ҳалли масъалаҳои математикӣ”, ки асосан аз дарсҳои амалӣ иборатанд се намуди кори мустақилонаи донишҷуёноро ташкил кардан бамаврид аст ва онҳо фардигардонии ҷараёни таълимро бояд таъмин намоянд:

- фардигардонӣ дар раванди таълими кори коллективӣ;
- фардигардонӣ дар раванди ташкили кори гурӯҳӣ;
- фардигардонӣ дар раванди ташкили кори мустақилона.

Дар ин раванд бояд қайд кард, баъзе масъалаҳои мубрами фардигардонии раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва миёнаю олии касбӣ дар корҳои Гусев В.А. [1], Дайри Н.Г. [2], Нугмонов М., Азизбеки М. [6], Рахимов А.А. [9], Рябушко А.П. [10], Унт, И.Э. [10], Ҷонмирзоев Э. [11], Шарифов Ҷ. [12], Шахмаев, Н.М. [13] ва дигарон боиси баррасӣ қарор гирифтаанд, ки мо аз онҳо истифода мебарем.

Бе иҷрои кори мустақилона маҳорат ва малакаи донишҷӯёнро ташаккул додан ғайриимкон аст. Кори мустақилона воситаи мустаҳкам кардани дониш, ташаккули ғайратнокӣ ва мустақилияти донишҷӯён ба ҳисоб меравад ва ба онхо имконият медиҳад, ки за ин таҷриба истифода бурда, ҳангомти таълим дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ аз он васеъ истифода баранд.

Кори мустақилонаи донишҷӯён, ё худ фаъолияти мустақилонаи онҳо дар раванди омӯзиши курси «Практикуми ҳалли масъалаҳои математикӣ» намудҳои гуногун дорад. Аз ҷумла:

- кор бо китоб ҳангоми истифодаи ҳалли масъалаҳои пешниҳодшуда;
- кор бо адабиёти иловагӣ, ки раванди ҳаллти масъалаҳоро таъмин менамоянд;

- иттилои кӯтоҳи донишҷӯён алоҳида нисбат ба ҳалли масъала дар раванди машғулиятҳои аудиторӣ (дар дарс);

- истифодаи ҷадвалҳо дар мавзуъҳои муоинашаванда;

- шарҳ додани раванди ҳалли масъалаҳои математикӣ аз тарафи донишҷуёни алоҳида;

- тақризи донишҷуёни алоҳида ба тарзи ҳалли имасъалаҳое, ки аз тарафи донишҷӯёни дигар ҳал карда шудаанд;

- натиҷагирии ҳалли масъалае, ки донишҷуён мустақилона ҳал кардаанд;

- навишт ва пешниҳоди реферат доир ба раванди ҳалли масъалаҳои алоҳида, ки талабот ба маводи назариявӣ доранд:

- тартиб додани тестҳо доир ба ҳалли масъалаҳо ва ғайра.

Ташкили самараноки кори мусатқилона на танҳо ҳалли проблемаҳои илмӣ - методӣ мебошад, балки дар ташаккули қобилияти эҷодии донишҷӯён-омӯзгорони ояндаи математтика, низ нақши калон мебозад. Мухтасар, ба шарҳи кори мустақилонаи донишҷуён дар раванди омӯзиши курси «Практикуми ҳалли масъалаҳои математикӣ» мегузарем, ки ба намудҳои зерин ҷудо мешавад.

Кори мустақилонаи коллективӣ. Оростани суҳбат дар раванди халли масъаи муоинашаванда, бештар ҳангоми ҳалли масъалаҳои матнии практикуми ҳалли масъалаҳои математикӣ. Муҳокимаи мавзуъҳое, ки асоси ҳалли масъаларо ташкил менамоянд. Пешниҳод кардани саволҳо ва супоришҳои пешакии аз тарафи омӯзгор барои фаъолияти мустақилонаи донишҷӯён тартибдодашуда, ки дар раванди дарс муҳокимарониро талаб мекунанд.

Ба донишҷӯён супориш дода мешавад, ки барои ҳалли масъала аз кадом маводи назариявӣ бояд истифода бурд.

Баъд аз муҳокимаи коллективона хулосаи мухтасар оид ба ҳар як савол бароварда шуда, муаллим онҳоро ҷамъбаст мекунад ва ба донишҷӯён супориш медиҳад, ки вобаста ба ҳар як савол хулосаи худро баён кунанд. Намунаи чунин кори мустақилонаи коллективӣ: мубоҳиса, семинар, музокира ва ғайраҳо шуда метавонанд. Ҳангоми гузаронидани чунин машғулиятҳо донишҷӯён ба ду гурӯҳ ҷудо карда мешаванд. Ҳар як гурӯҳ дар ҳайати 4 - 6 нафар донишҷӯ ташкил карда шуда, донишҷӯёни дигар ба гурӯҳҳо коллективона кӯмак мекунанд. Мавзуи музокира ё баҳс пешакӣ маълум карда шуда, гурӯҳҳо ба он тайёрӣ мебинанд. Гурӯҳҳо бо навбат баромад мекунанд ва бо далелу рақамҳои мушаххас нуқтаи назари худро ҳимоя менамоянд.

Барои мисол, ҳангоми ҳалли муодилаҳои ратсионалӣ тавсифи умумии раванди ҳалро дар кори мустақилонаи коллективӣ муоина кардан бамаврид аст. Дар ин мавзуъ муодилаҳои намуди: $P(x) = 0$,

$\frac{P(x)}{Q(x)} = 0$ (дар ин ҷо $P(x)$ ва $Q(x)$ бисёраъзогиҳоанд), инчунин муодилаҳои намуди $f(x) = g(x)$, ки $f(x)$ ва $g(x)$ ифодаҳои рационалӣ мебошанд, мавриди муҳокима қарор дода мешаванд ва баъзе хосиятҳои зарурӣ оварда мешаванд [14].

Баъзе хосиятҳоро хотирнишон мекунем:

1. Агар $x = a$ решаи бисёраъзогии $P(x)$ бошад, онгоҳ $P(x)$ ба дуаъзогии $(x - a)$ бе бақия тақсим мешавад.

2. Бигзор ҳаммаи коэффитсиентҳои бисёраъзогии $P(x)$ адади бутун бошанд, инчунин коэффитсиенти калонтарин ба 1 баробар бошад. Агар ин гуна бисёраъзогӣ решаи рационалӣ дошта бошад, он гоҳ вай адади бутун аст.

3. Бигзор ҳаммаи коэффитсиентҳои бисёраъзогии $P(x) = a_0x^n + +a_1x^{n-1} + a_2x^{n-2} + \cdots + a_n$ адади бутун бошанд. Агар решаи бисёраъзогӣ адади бутуни (b) бошад, он гоҳ ба адади b аъзои озоди бисёраъзогии (a_n) бе бақия тақсим мешавад (шарти зарурии вуҷуд доштани решаи бутуни муодила).

Бояд қайд кард, ки ҳангоми ҳалли муодилаҳои бутуни рационалӣ табдилдиҳиҳое, ки ҳангоми ҳал гузаронида мешавад. муодиларо ба муодилаи ба он баробарқуввa табдил медиҳанд. Бинобар он решаҳои ин гуна муодилаҳоро санҷидан шарт нест (албатта агар дар раванди ҳал ба хатогӣ роҳ дода нашуда бошад). Аммо ҳангоми ҳалли муодилаҳои касрӣ –

рационалӣ лозим меояд, ки мақсади аз махраҷи каср озодкунии ҳарду тарафи онро бо ҳамон ягон ифодаи $Q(x)$ зарб кардан лозим меояд, ки дар натиҷа соҳаи қимматҳои муодилаи додашуда васеъ гашта ва аз ҳамин ҳисоб решаҳои бегона ҳосил шуданаш мумкин аст. Бинобар он ҳангоми ҳалли муодилаҳои касрӣ–рационалӣ санҷиши ёфтани решаҳои муодила ҳатмӣ мебошад. Ҳангоми ҳалли муодилаҳои рационалӣ (ва дигар муодилаҳо) муҳимаш:

1. Ба ҳамзарбҳо ҷудокунӣ;
2. Дохилкунии тағйирёбандаи (ёрирасони) нав мебошад.

Моҳияти методи ба ҳамзарбҳо ҷудокунӣ аз зеринҳо иборат аст:агар $f(x) = f_1(x) \cdot f_2(x) \cdot \ldots \cdot f_n(x)$ мумкин бошад, он гоҳ ҳалли муодилаи

$$f(x) = 0 \qquad (1)$$

аз ҳалли маҷмуи муодилаҳо

$$f_1(x) = 0, \quad f_2(x) = 0, \quad \ldots, \quad f_n(x) = 0 \qquad (2)$$

иборат мешавад. Муҳокимаронии баръакси ҷумлаи охирин, нодуруст мебошад: на ҳаммаи ҳалҳои муодилаи (2) решаиҳои муодилаи (1) мешавад.

Барои тасдиқи ин фикр мисоли кори мустаксилонаи коллективӣ оварда мешавад: ҳалли муодилаи

$$\frac{x^2 - 3x + 2}{x} \cdot \left(\frac{x+2}{x^2-1} + 2\right) = 0 \qquad (3)$$

ба ҳалли ду мудилаҳо

$$\frac{x^2 - 3x + 2}{x} = 0 \quad \text{ва} \quad \frac{x^2 - 3x + 2}{x} = 0 \qquad (4)$$

меоварад. Муодилаҳои (4) дорои ҳалҳои:

$$x_1 = 1; \quad x_2 = 2; \quad x_3 = 0; \quad x_4 = -\frac{1}{2}$$

мебошад. Аммо ҳангоми $x_1 = 1$ будан, ифодаи $\frac{x+2}{x^2-1}$, ва ҳангоми $x_3 = 0$ будан, ифодаи $\frac{x^2-3x+2}{x}$ номуайянанд. Бинобар он, қимматҳои $x_1 = 1$ ва $x_3 = 0$ решаҳои муодилаи (3) шуда наметавонанд. Умуман, ҳангоми ҳалли муодилаи (1) бо методи ба ҳамзарбҳо ҷудокунӣ аз байни ҳалҳои ёфташуда, муодилаҳои (2) решаҳои муодилаи (1) фақат ҳамон қимматҳои (x) шуда метавонанд, ки ба соҳаи муайянии муодилаи (1) мутаъллиқ бошад (дар мисоли нишон додаамон $x_1 = 1$ ва $x_3 = 0$ ба соҳаи муайянии муодилаи (1) таълуқ надорад). Ҳар як амалиётро донишҷуён мустақилона бо шарҳу эзоҳ баррасӣ мекунанд.

Кори мустақилонаи гурӯҳӣ. Дар вақти иҷрои кори гурӯҳӣ донишҷӯён нақшҳои гуногунро иҷро мекунанд. Дар чунин ҳолат вазифаи омӯзгор аз он иборат аст, ки дар рафти кори мустақилона чунин вазъиятеро ба вуҷуд орад, ки дар раванди он ҳар як донишҷӯ тавонад, натиаҷи кори гурӯҳро муаррифӣ намояд ва худро нишон диҳад. Зарур аст, ки донишҷӯён ба тарзи додани савол ошно гардонида шаванд, зеро тавре ки таҷриба собит мекунад на ҳамаи донишҷуён дар рафти ҳалли масъалаҳо саволи мувофиқ дода метавонанд, ҳатто баъзан саволе пешниҳод мекнанд, ки мазмун ва раванди ҳалли масъаларо бо он кушодан ғайриимкон мебошад. Кори мустақилонаи гурӯҳӣ аз рӯи масъалаҳои ҷудогона на танҳо роҳи ҳалли масъалаҳо, балки имконият медиҳад, он миқдор вақте ки пеш барои аз худ кардани мавод масраф шуда буд, сарфа карда шавад.

Барои мисол, дар ибтидои кори мустақмлонаи гурӯҳӣ омӯзгор бо ширкати бевоситаи дрнишҷӯён, бо роҳи саволу ҷавоби мустақилона ба ҳар як донишҷӯ, муодилаи $x^2 + \frac{9x^2}{(x+3)^2} = 27$ - ро дар тахтаи синф ҳал мекунад.

Тарзи ҳал. Қисми чаппи ин муодила аз квадрати суммаҳо иборат мебошад. Ин моро водор месозад, ки ба ҳарду тарафи муодилаи додашуда чунин ифодаро бояд ҳамроҳ кард, ки тарафи чаппаш квадрати пуррароро диҳад. Бо ин мақсад ба донишҷӯён муроҷиат карда мешавад, ки чӣ гуна ифодаро ба ҳар ду тараф ҷамъ кардан мумкин аст. Аз 6 нафар

пурсидашудагон танҳо як нафар ҷавоби дурус пешниҳод кард: ба ҳар ду тарафи муодила ифодаи $-2x\cdot\frac{3x}{x+3}-$ро ҷамъ карда ҳосил мекунем:

$$x^2-2x\cdot\frac{3x}{x+3}+\left(\frac{3x}{x+3}\right)^2=27-2x\cdot\frac{3x}{x+3}$$

$$\left(x-\frac{3x}{x+3}\right)^2=27-6\cdot\frac{x^2}{x+3}$$

ифодаи дохили қафс бударо сода карда ҳосил мекунем:

$$\left(\frac{x^2+3x-3x}{x+3}\right)^2+6\cdot\frac{x^2}{x+3}-27=0;$$

$$\left(\frac{x^2}{x+3}\right)^2+6\cdot\frac{x^2}{x+3}-27=0\,;\ \frac{x^2}{x+3}=\text{y},$$

он гоҳ

$$y^2+6y-27=0 \text{ ва } \quad y_1=-9;\ \ y_2=3\,.$$

Пас,

$$\frac{x^2}{x+3}=-9\,;\quad(1),\quad \frac{x^2}{x+3}=3\quad(2).$$

Муодилаи (1) ҳал надорад, муодилаи (2) бошад дорои решаҳои $x_{1,2}=\frac{3}{2}\pm\frac{3\sqrt{2}}{2}$ мебошад. Ҳарду решаҳо шарти $x+3\neq0$ -ро қаноат мекунад. Бинобар ин $x_{1,2}=\frac{3\pm3\sqrt{2}}{2}$ решаҳои муодилаи додашуда мебошанд.

Пас аз ҳалли ин муодила ба донишҷӯён кори мустақилонаи гурӯҳӣ доир ба ҳалли муодилаҳо супорида мешавад ва натиҷаи ҳал дар раванди дарс ба таври инфиродӣ аз тарафи намояндаи гурӯҳ пешниҳод ва муҳокима карда мешавад.

Гурӯҳи 1. Муодилаҳоро ҳал кунед:

1. x^4-1=0;
2. $x^2+\frac{1}{x^2}+x+\frac{1}{x}=4.$
3. $x^4-5x^3+x^2-24x-24$=0.

Гурӯҳи 2. Муодилаҳоро ҳал кунед:

1. $x^6-64=0;$
2. $x^5+4x^4+6x^3-24x^2-27\text{x}-108=0;$
3. $\frac{x^2-x}{x^2-x+1}+\frac{x^2-x+2}{x^2-x-2}$=1.

Гурӯҳи 3. Муодилаҳоро ҳал кунед:

1. $\frac{3}{1+x+x^2}$=3-x-x^2;
2. $x(x-1)(x-2)(x-3)=15;$
3. $\frac{x^2+x-5}{x}+\frac{3x}{x^2+x-5}+4=0.$

Кори мустақилонаи фардӣ. Яке аз намудҳои асосии кори мустақилона фардӣ мебошад. Барои ин дар дарси аудиторӣ донишҷуён ба гурӯҳҳо ҷудо шуда, ҳар як донишҷӯ ба таври фардӣ аз тарафи омӯзгор супориши фардӣ мегирад. Дар ин ҳолат омӯзгор на ҳамчун маслиҳатчии гурӯҳӣ, балки маслиҳатгари фардӣ мебошад. Иттилооти аз тарафи омӯзгор пешниҳодшаванда аз доираи китоби дарсӣ ҳама вақт берун мебарояд, вале он бояд ҳамеша пай дар пай бошад. Яъне омӯзгор ба донишҷӯ оид ба маводи иловагӣ, ба кадом чиз диққати асосӣ додан, нақшаи амалиёт, муҳлати ҳалли масъала ва ғайра маслиҳат медиҳад.

Барои мисол, мо барои донишҷуён, ки 17 нафарро ташкил медоданд доир ба мавзуи “Муодилаҳои ратсионалӣ” чунин намуди мисолҳоро барои кори фардӣ пешниҳод намудем.

1. $x^3-8=0;$ 2. $x^3+2x^2+3x+6=0;$

3. $x^4+x^3+3x^2+2x+2=0;$ 4. $x^3+4x^2-24=0;$

5. $21x^3 + x^2 - 5x - 1 = 0$; 6. $3x^4$-x^3+$4x^2 - 4x + 12 = 0$;

7. $3\cdot\left(x^2 + \frac{1}{x}\right) - 7\left(1 + \frac{1}{x}\right) = 0$; 8.$(3x + 4)^2 - 5(3x + 4) + 6 = 0$;

9. $(x^2 - 4x + 4)^2 + 2(x - 2)^2 = 3$; 10. $24 - 10x^{-1} + x^{-2} = 0$;

11. $x^{2x^6} = 9^3$; 12. $x^3 + x - 2 = 0$;

13. $x^3 - 4x^2 + x + 6 = 0$; 14. $x^3 - 9x^2 + 23x + 15 = 0$;

15. $2x^4$-$x^3 + 5x^2 - x + 3 = 0$; 16. $(x^2 - 3x)^2 + 3(x^2 - 3x) - 28 = 0$;

17. $(x^2 - 3x + 1)(x^2 - 3x + 1) = 3$;

Бояд қайд кард, ки аксари донишҷӯён (13 нафар) аз уҳдаи ҳалли супориши фардӣ баромаданд. Чор нафар бошанд дар раванди ҳалли мисолҳои 4, 5 ва 6 ба хатогӣ роҳ доданд ва бо ёрии донишҷуёни дигар хатогиҳоро ислоҳ намуданд.

Ҳамин тариқ, ташкил ва гузаронидани корҳои гуногуни мустақилона ҳангоми таълими курси “Практикуми ҳалли масъалаҳои математикӣ” фаъолияти маърифатии донишҷӯёнро дар раванди омӯзиш инкишоф дода, боиси баланд шудани сифати дониш аз фанни таълимӣ мегарданд ва амалишавии назарияи омӯзиши инкишофёбандаро дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ таъмин мекунанд.

Адабиёт

1. *Гусев, В.А. Методические основы дифференцированного обучения математике в средней школе: автореф. дис. … докт. пед. наук: / В.А. Гусев. - М., 1990. - 39 с.*
2. *Дайри, Н.Г. О сущности самостоятельной работы: Народное образование / Н.Г. Дайри. – 1963. - № 5. - С. 29-34.*
3. *Колягин Ю. М. Методика преподавания математики в средней школе // Общая методика / Ю. М. Колягин, В. А. Оганесян, В. Я. Саннинский. - М.: Просвещение, 1975. - С. 195-204.*
4. *Нугмонов, М. Сохтори комплекси таълимию методӣ аз фанни «Практикуми ҳалли масъалаҳои математикӣ» дар шароити низоми кредитии таҳсилоти мактаби олии пеадгогӣ // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии “Проблемаҳои муосири таҳсилоти математикӣ, физикӣ ва информатсионӣ дар мактабҳои миёнаю олӣ” / М. Нугмонов, М. Азизбеки, Х. Хушов, Қ. Саидов. – Душанбе: “Сифат”, 2016. – С. 149-153.*
5. *Нугмонов, М. Шаклҳо ва методҳои фардигардонии раванди таълими фанҳои тавсифи амалидошта дар шароити низоми кредитии таҳсилот // Маводи конфеенсияи илмӣ- амалии «Проблемаҳои муосири математика ва тайёрии касбӣ-методии омӯзгори математика дар мактаби олии педагогӣ» / М. Нугмонов, М. Азизбеки, Н. Мавлонов. – Душанбе: ДДОТ, 2018. - С. 102-107.*
6. *Нугмонов М., Азизбеки М. Муносибати босалоҳият дар таълими фанни «Практикуми ҳалли масъалаҳои математикӣ» // Проблемаҳои муосири методикаи таълими математика ва фанҳои табиӣ. Маҷмуаи илмӣ-амалӣ бахшида ба 60-солагии кафедраи методикаи таълими математика ва 70-солагии дотсенти кафедраи методикаи таълими математика Мамадҷон Махкамов. Таҳрири умумии Нугмонов М. / М. Нугмонов, М. Азизбеки. - Душанбе: «Сифат», 2021. - С. 200-203.*
7. *Осимов, К.У. Методҳои ҳалли масъалаҳои математикӣ / К.У. Осимов, Л.М. Фридман. – Душанбе: «Маориф», 1987. – 208 с.*
8. *Рахимов, А.А. Дифференцированный подход в обучении на уроках математики в кредитной системе обучения // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Саҳми Гадобой Собиров дар таҳқиқи таърихи математикаи Осиёи Марказӣ» бахшида ба 75-солагии Г. Собиров / А.А. Рахимов. – Душанбе, 2011 - С. 164-170.*
9. *Рябушко, А.П. Индивидуальные задания по высшей математике: Учеб. пособие. В 4 ч.Ч.2. Комплексные числа. Неопределенные и определенные интегралы. –4-е изд., испр / А.П. Рябушко. - Минск: Выш. шк., 2009. – 396 с.*
10. *Унт, И.Э. Индивидуализация и дифференциация обучения / И.Э. Унт. - М.: Педагогика, 1990. – 192 с.*
11. *Ҷонмирзоев, Э. Ҷ. Фардикунонии таълими математика дар дарс бо истифодаи усулҳои фаъоли таълим // Маводи конференсияи 3-юми байналмилалии илмӣ-амалии “Проблемаҳои муосири таҳсилоти математикӣ, информатикӣ ва физикӣ дар мактабҳои миёнаю олӣ”. / Э. Ҷ. Ҷонмирзоев, М. Азизбеки – Душанбе: Матбааи КВД, 2024. - С. 238-243.*

12. *Шарифов, Ҷ. Асосҳои дидактикии ташаккули малакаҳои уори мустақилонаи донишҷӯён дар ҷараёни таълим / Ҷ. Шарифов. – Душанбе: «Ирфон», 2014. – 241 с.*
13. *Шахмаев, Н.М. Учителю о дифференцированном обучении (меточеские рекомендации) / Н.М. Шахмаев. - М.: АПН СССР, 1989. – 65 с.*
14. *Литвиненко, В.Н., Практикум по элементарной математике / В.Н. Литвиненко, А.Г.Мордкович. – М.: Просвешение, 2001. – 360 с.*

КОРИ МУСТАҚИЛОНАИ ДОНИШҶӮЁН ҲАМЧУН ШАКЛИ ФАРДИГАРДОНИИ РАВАНДИ ТАЪЛИМИ “ПРАКТИКУМИ ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ МАТЕМАТИКӢ” ДАР НИЗОМИ КРЕДИТИИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ ПЕДАГОГӢ

Дар ин мақола оид ба ташкил ва гузаронидани кори мустақилонаи донишҷӯён ҳангоми машғулиятҳои аудиторӣ аз курси “Практикуми ҳалли масъалаҳои математикӣ” маълумоти таҳқиқотӣ оварда шудааст. Муайян карда шуд, ки ҳангоми ташкили раванди таълими практикум бояд чунин методҳои фаъоли таълим мавқеи асосиро ишғол намоянд, ки онҳо барои ба амалиёти мустақилонаи масъалаҳалкунӣ ҷалб намудани донишҷӯён (аз ҷумла, оид ба иҷрои супоришҳои инфиродии онҳо) бевосита равона шуда бошанд. Ҳаминро зикр намудан бамаврид аст, ки дар шароити таҷдиди муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёна мақоми иҷтимоии омӯзгорон, инчунин талабот ба салоҳиятҳои касбии онҳо баланд мешавад. Аз ин рӯ, мушкилоти асосии муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ ҳангоми тайёр кардани омӯзгорони оянда ташаккули раванди касбӣ дар донишҷӯён мебошад. Курси “Практикуми ҳалли масъалаҳои математикӣ” яке аз ҷузъҳои асосии таълими касбии муаллимони математика, информатика ва физикаро дар донишгоҳҳое, ки омӯзиши касбии муаллимони математика, информатика ва физикаро амалӣ мекунанд, муайян намуда ва барои омӯзиши амиқи маводи ёрирасон байни муассисаҳоитаълимии таҳсилоти миёна ва олӣ замина мегузорад. Яке аз самтҳои муҳимтарини таълими касбӣ ва методии муаллимони ояндаи математика ба даст овардани малакаҳои марбут ба татбиқи дониш дар раванди ҳалли мушкилот мебошад. Агар имконпазир бошад, омӯзиши фанҳои даври математикӣ, ки дар донишгоҳҳои омӯзгорӣ ба таври инфиродӣ омӯхта мешаванд, метавонад ба ташаккули ин малакаҳо кӯмак кунад.

Калидвожаҳо: практикуми ҳалли масъалаҳои математикӣ, кори мустақилонаи донишҷӯ, фардигардонии таълим, низоми кредитӣ, кори мустақилонаи коллективӣ, кори мустақилонаи гурӯҳӣ, кори мустакилонаи фардӣ.

САМОСТОЯТЕЛЬНАЯ РАБОТА СТУДЕНТОВ КАК ФОРМА ИНДИВИДУАЛИЗАЦИИ ПРОЦЕССА ОБУЧЕНИЯ “ПРАКТИКУМ ПО РЕШЕНИЮ МАТЕМАТИЧЕСКИХ ЗАДАЧ” В КРЕДИТНОЙ СИСТЕМЕ ВЫСШЕГО ПЕДАГОГИЧЕСКОГО ОБРАЗОВАНИЯ

В данной статье подробно рассматривается организация и проведение самостоятельной работы студентов во время аудиторских занятий по курсу “Практикум решения математических задач”. Было установлено, что при организации учебного процесса практики основное место должны занимать такие активные методы обучения, которые непосредственно направлены на привлечение учащихся к самостоятельным действиям по решению проблем (в том числе, к выполнению ими индивидуальных заданий). Стоит отметить, что в условиях реструктуризации высших и средних учебных заведений повышается социальный статус педагогов, а также требования к их профессиональным компетенциям. Поэтому основной проблемой высших педагогических учебных заведений при подготовке будущих учителей является формирование профессионального процесса у студентов. Курс “Практикум решения математических задач” определяет один из основных компонентов профессиональной подготовки учителей математики, информатики и физики в университетах, осуществляющих профессиональную подготовку учителей математики, информатики и физики, и закладывает основу для углубленного изучения вспомогательных материалов между учебными заведениями среднего и высшего образования. Одним из важнейших направлений профессиональной и методической подготовки будущих учителей математики является приобретение навыков, связанных с применением знаний в процессе решения задач. Если возможно, изучение предметов математического цикла, изучаемых индивидуально в педагогических университетах, может помочь развить эти навыки.

Ключевые слова: практикум по решению математических задач, самостоятельная работа студента, индивидуализация обучения, кредитная система, коллективная самостоятельная работа, групповая самостоятельная работа, индивидуальная самостоятельная работа.

STUDENTS' INDEPENDENT WORK AS A FORM OF INDIVIDUALIZATION OF THE EDUCATIONAL PROCESS IN "THE PRACTICE OF SOLVING MATHEMATICAL PROBLEMS" IN THE SYSTEM CREDIT FOR HIGHER PEDAGOGICAL EDUCATION

This article discusses the organization and conduct of students' independent work during the classroom classes on the course "Practice solving mathematical problems". It was found that when organizing the educational process of practice, the main place should be occupied by such active teaching methods that are directly aimed at involving students in independent problem-solving activities (including performing individual tasks). In the educational process "Practice solving mathematical problems", which consists mainly of practical exercises, it is worthwhile to organize three types of independent work of students, and they should ensure the individualization of the educational process: individualization in the learning process of teamwork; personalization in the process of creating group work; individualization in the process of organizing independent work. It is worth noting that in the context of the restructuring of higher and secondary educational institutions, the social status of teachers, as well as the requirements for their professional competencies, are increasing. Therefore, the main problem of higher pedagogical educational institutions in the preparation of future teachers is the formation of a professional process among students. The course "Practice solving mathematical problems" defines one of the main components of the professional training of teachers of mathematics, computer science and physics at universities that provide professional training for teachers of mathematics, computer science and physics, and lays the foundation for an in-depth study of auxiliary materials between secondary and higher education institutions. One of the most important areas of professional and methodological training for future mathematics teachers is the acquisition of skills related to the application of knowledge in the process of solving problems. If possible, studying mathematics subjects studied individually at pedagogical universities can help develop these skills.

Keywords: workshop on solving mathematical problems, student's independent work, individualization of learning, credit system, collective independent work, group independent work, individual independent work.

Дар бораи муаллиф
Азизбеки Маъруфҷон
Ассистенти кафедраи методикаи таълими математика
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: azizbek.91@mail.ru

About the author
Azizbeki Marufzhan
Assistant at the Department of Mathematics Teaching Methods
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: azizbek.91@mail.ru

Об авторе
Азизбеки Маруфжан
Ассистент кафедры методики преподавания математики
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: azizbek.91@mail.ru

УДК 378.147: 811.161.1

РОЛЬ РУССКОГО ЯЗЫКА В ОБУЧЕНИИ ВОЕННЫХ СПЕЦИАЛИСТОВ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН (НА ПРИМЕРЕ ВОЕННОГО ИНСТИТУТА МИНИСТЕРСТВА ОБОРОНЫ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН)

Худоиева Н. Н.
Военный институт Министерства обороны
Республики Таджикистан

В 90-х годах конца XX столетия, в связи важнейшими событиями мировой геополитики на постсоветской территории привели к принятию независимости республик входивших в состав СССР, в который входил и Таджикистан. После приобретения независимости Таджикистаном в целях нормализации общественно-политической и военной обстановки, в связи с гражданской войной в конце 1992 года были приняты ряд законодательных актов, в том числе и о создании Вооруженных Сил Республики Таджикистан.

Реализация принятых мер сопровождались в условиях не спокойной внутренней социально-политической обстановки. К сожалению, отсутствие военно-промышленного комплекса и военной материально-технической базы становились всё более актуальными и во многом усложнили строительство молодой Национальной армии Таджикистана. Особо отмечалось нехватка военных кадров, потому что в тот период на территории Таджикистана высшего военного учебного заведения для подготовки военных специалистов как такового не было. Несмотря на трудности, для обеспечения Национальной армии Таджикистана военными кадрами в 1992 году был основан Таджикский Высший Военный командно-инженерный колледж, который Постановлением Правительства Республики Таджикистан в 2002 был преобразован в Военный институт Министерства обороны Республики Таджикистан (далее Военный институт) [1, с. 216].

Официально обучение в Военном институте было начато в 1993 году. В тот период молодое государство не обладало той материально-технической учебной базой и военной учебной специализированной литературой, которая отвечала бы уровню подготовки военных кадров. В результате непрерывной поддержке Правительства Республики Таджикистан, во взаимодействиис Российской Федерацией за короткие сроки в военном институте были созданы условия для подготовки военных национальных кадров.

В связи с нехваткой учебной литературы по военным дисциплинам на государственном языке – таджикском, в соответствии статьи 2 Закона Республики Таджикистан «О языке», от 22 июля 1989 года, №15, в котором было указано, что, русский язык, является языком межнационального общения и свободно функционирует на территории Республики Таджикистан, также принимая во внимание многонациональное население Таджикистана, с первых дней своего образования с 1993 вплоть по 2008 гг., языком обучения в Военном институте Министерства обороны Республики Таджикистан был выбран русский язык. Следовательно, немаловажное значение занимало знание русского языка поступающего контингента, в связи, с чем предмет русского языка был включён в список вступительных экзаменов.

Между тем, обретение государственной независимости перед странами постсоветского пространства, ставила решение задачи не только реформирование национально-государственного устройства, но в том числе проведение языковой политики, каждая из которых решала эти задачи в соответствии с обстановкой своей страны. Иначе говоря, в целях интеграции представителей всех наций, живущих в Таджикистане, решение языкового вопроса имело важное значение [3].

После урегулирования общественно-политической и военной обстановки в стране, в 2009 году Закон Республики Таджикистан «О языке», от 22 июля 1989 года, №15 был пересмотрен и переиздан 5 октября 2009 года, №553 с внесением изменений. И решением

Правительства Республики Таджикистан, государственные организации обеспечили обязательное выполнение требований Закона Республики Таджикистан «О государственном языке» [4, 5, с. 13].

В соответствии данного Закона, в котором указано, что рабочим языком Вооружённых Сил Республики Таджикистан является государственный язык - таджикский, с 2009 года военный институт, в котором обучение проводилось на русском языке перешел на государственный. Все же, несмотря на то, что после распада в общественном устройстве союзных республик многое изменилось, и в отделившихся республиках уровень употребления русского языка снизился, в Таджикистане он сохранил свою позицию как языка межнационального общения.

Учитывая распространенность и актуальность русского языка в языковом пространстве, Лидер нации, Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон, в своих выступлениях отмечал, что необходимость использования государственного языка не должна вызывать сомнений, однако наряду с этим знание и употребление русского и английского языков также является первостепенной задачей [7].

По своей активности в обществе в отличие от других языков, русский язык сегодня в Таджикистане по статусу занимает второе место после государственного, сохраняя свою позицию как языка межнационального общения. Этот факт отмечен в Конституции Республики Таджикистан [6, с. 71], статьи 2, в котором указано, что русский язык является языком межнационального общения.

После осуществления Закона Республики Таджикистан «О государственном языке», во всех сферах государства, в том числе и военного образования, проведение обучения в военном институте было полностью запланировано на государственном языке. Тем не менее, принимая во внимание тот факт, что в сфере авиации в соответствии международных стандартов Устава Международного Союза Электросвязи одним из официальных языков определен русский язык [9, с. 33], руководством Министерства обороны Республики Таджикистан подготовка офицерских кадров на военно-авиационном факультете Военного института было запланировано на русском языке, который осуществляется по сей день.

Также, следует отметить, что в мире, в котором научно-технический прогресс во всех своих направлениях развивается с усиленной скоростью, подготовка высококвалифицированных военных специалистов, со знанием новейшего вооружения и военной техники, немаловажную роль играет языковая подготовка. От этого во многом зависеть профессиональный уровень подготовки, потому что знание языка даёт возможность, хорошо осваиватьучебный материал не только на своем родном-таджикском языке, но и на русском, который даёт ему более обширные знания.

По степени важности основную роль играют шестьпричин, которые определяют позицию русского языка не только в сфере образования, науки и культуры, но и в области военного образования. Такие как:

- наряду с английским, французским, испанским, китайским и арабским языками он принят Организацией Объединенных Наций в качестве официального языка;

- в сфере образования, науки, культуры, в военной области государств-участников Суверенных Независимых Государств, во многих организаций геополитического и регионального уровня является рабочим языком;

- сотрудничество Республики Таджикистан с Российской Федерацией и другими странами Суверенных Независимых Государствв области подготовки специалистов, в том числе и военных, для которых ежегодно выделяются места по квотам в высших учебных заведениях государств – участников Суверенных Независимых Государств;

- дипломатические отношения и эффективного взаимодействия между государствами-участниками Содружества Независимых Государств;

- учитывается многонациональное население Таджикистана, в котором кроме таджиков проживают и другие национальности. В этой связиконтингент, поступающий в высшие учебные заведения, в том числе и военного многонационален;

- интенсивное развитие международных отношений в мире, выдвигает на современный рынок труда повышенные требования к специалистам различных профилей, которые для осуществления умственных способностей в какой-нибудь профессиональной деятельности, обязуются кроме знания государственного языка, свободно владеть наиболее востребованными языками в мире русским и английским (в дополнении и другими иностранными языками).

Эти причины являются основополагающими и способствуют изучению русского языка в военном вузе, в целях осуществления военной кадровой подготовки. Главное внимание, в котором уделяется сохранение коммуникативных и образовательных возможностей русского языка, исторически сложившейся русскоязычной образовательной инфраструктуры и военной научно-методической базы. В этой связи, в сфере военного образования русский и иностранные языки занимают важную позицию, для изучения которых выделяются часы на обязательной основе. Обучение планируется в соответствии учебной программой Военного института Министерства обороны Республики Таджикистан. В связи с тем, что обучаемый контингент составляют курсанты из дальних районов слабо владеющим разговорным русским языком, основной акцент делается на формирование и развитие речевых навыков и умений, которые необходимы в учебной деятельности курсантов. Поскольку знания прочно связаны с языком и приобретаются с помощью языка, развитие речи очень важно, потому, что военная сфера располагает своей терминологией, которая малоизвестна курсантам не только на родном языке, но и на русском. В этом случае, главная опора делается на сознательное изучение учебного материала обучаемым. При этом значимая роль отводится пониманию лексики, текста, специфики изучаемого материала, умению изложении полученных знаний и использование их на практике.

Потребность в свободном владении русским языком с одной стороны заключается в том, что основная категория вооружения и военной техники, применяемая в Вооруженных Силах Республики Таджикистан являются российского производства и при изучении вся техническая документация к ней прилагается на русском языке. В тоже время, при обучении технических дисциплин наравне с учебной литературой на русском языке накопилось достаточно учебного материла на таджикском языке, которая используется при обучении. С другой стороны, в условиях современной научно-технического прогресса, применение современных информационных технологий в интенсивно трансформировавшемся мире, важно тем, что в настоящее время к профессиональной подготовке кадров ставится больше требований, с набором профессиональных навыков и компетенций.

При данном обстоятельстве значительно возрастает требование к подготовке военнослужащих со знанием языков, особенно русского языка, как языка посредника и как средства овладения основами наук. Также «..на нем созданы шедевры мировой литературы, и сегодня русский язык, играя важную роль в развитии науки, техники и образования, служит мостом для сближения и взаимообогащения разных народов и культур», о чём отметил Основатель мира и национального единства-Лидер нации, Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон, в 2016 году, на церемонии открытия новых учебных корпусов Российско-Таджикского (Славянского) университета [2].

На это указывает возросшая активность взаимодействия представителей сферы образования, в том числе и военного в подготовке военных кадров и научных исследований в сотрудничестве государств-участников Содружества Независимых Государств, Организации Договора о коллективной безопасности и других межгосударственных организаций, которые создают необходимость реализации языковой интеграции среди стран – участниц разноуровневых проектов. Совместные действия вооружённых сил различных государств, в проведении учений, операций, заседаний, совещаний и других, в ходе планирования и подготовки мероприятий, ставит условие использование одного языка, понятный для всех, от которого может зависеть успех принятых решений.

Взаимодействия вооруженных сил разных стран и других межгосударственных организаций и структур И.Юрчук и А.Стрелецкий, аргументируя в своей статье отмечают,

что «чем сложнее задачи, которые приходится решать в ходе международного сотрудничества, тем более глубокой и качественной должна быть лингвистическая подготовка военнослужащих, участвующих в их решении» [11].

Учитывая коммуникационные взаимодействия сферы образования, Таджикистан на законодательном уровне еще в 2003 году утвердил «Государственную программу совершенствования преподавания и изучения русского и английского языков на период 2004-2014 годы», которая считается перспективным методом для комплексной реализации.С учётом внедрения инновационных технологий в систему обучения, которая способствовало бы подготовке специалистов новой формации, данная Программа была усовершенствована и переиздана в 2014 и в 2019 годах.Следовательно,для консолидациивсех достигнутых усилий в данном направлении осуществляется «Государственная программа совершенствования преподавания и изучения русского и английского языков на период до 2030 года» [3], которая создаёт новые условия для улучшения изучения русского и английского языков. При реализации которого «формирование языковой профессионально-коммуникативной компетенции является важнейшей составляющей в подготовке конкурентоспособных специалистов на рынке труда» пишет в своей статье С.Г. Сабирова [8, с. 25].

В программе хорошо обоснованы целевые аспекты, в котором определено, что в условиях интенсивного развития международного сотрудничества и интеграции Республики Таджикистан в мировое сообщество растёт потребность в специалистах, хорошо владеющих русским языком и способных продуктивно его употреблять в реальных ситуациях повседневного и профессионального общения [3].

Основные положения программы изложены в «Государственной программе совершенствования преподавания и изучения русского и английского языков на период до 2030 года», где делается акцент на то, что знание языков расширяет возможности в современном мире «…позволяя эффективно реализовать свой потенциал в самых разных сферах деятельности: Русский язык в Таджикистане на протяжении многих лет выполняет роль межнационального общения. В качестве официального языка он является стержнем, формирующим полилингвальное и поликультурное образовательное пространство в республике» [3].

Реализация целей и задач данной Программы повысила требования к уровню языковой подготовки во всех высших учебных заведениях, в том числе и военного. Поэтому, совершенствуя существующую учебно-методическую базу,кроме обязательной программы обучения русского языка в военном институте ежегодно планируются двухмесячные и трехмесячные курсы обучения русскому языку, в которых создаются учебные группы по уровням владения не только для курсантов, но и для офицеров. Также, для курсантов первого и второго года обучения, кроме обязательных часов, выделенных на изучение русского языка, планируются дополнительные факультативные занятия, которые планируются в лингафонных кабинетах, компьютеризованных аудиторий с необходимой литературой. Использование мультимедийных средств обучения на занятиях повышает когнитивно-познавательную мотивацию обучающихся и обеспечивает повышению результативности процесса обучения.

Кроме занятий, в которых планируются все виды речевой деятельности и подготовки, создается среда общения для практики, которая помогает развитию устной речи, снимет затрудненностьи неуверенность курсантов. С целью достижения положительных результатов организуются конкурсы, кружки, вечера на русском языке.

Таким образом, можно заключить следующее, что каждый квалифицированный специалист должен владеть не только родным языком, но также двумя или тремя языками международного уровня, уметь читать по первоисточникам об обстановке в мире, в областях образования, науки и техники, а именно нужен конкурентоспособный высококвалифицированный специалист, со знанием нескольких языков. Из проведенного нами анализа можно сделать вывод, что сегодня русский язык, играя важную роль в развитии военной науки, техники, образования и приобретения опыта является связующим звеном

разных стран в подготовке кадров не только стран-участниц Содружества Независимых Государств, но и в мире. Он является тем механизмом, с помощью которого обеспечивается политическая глобализация и коммуникация на всем пространстве Содружества. И то, что современная ситуация в мире диктует свои условия для подготовки кадров отвечающих современным требованиям, которая определяет параметры не только на знание своей специальности, но и ставит на первое место знание языков.

Литература

1. *15 лет Национальной армии // состав.: Хайруллоев Ш. Х., Грудына В.М., Тошматов У.Э., Розиков С.Х., Хасанов М.М., Каюмов А.Н. - Душанбе: Сарбоз, МО РТ. - 2008.- 325 с.*
2. *Выступление Лидера нации на церемонии открытия нового учебного корпуса Российско-Таджикского (Славянского) университа 30 агуста 2016 года. - URL: http://khovar.tj›…na…rossijsko-tadzhikskogo…universiteta/ (дата обращения: 06.05.2023)*
3. Государственная программа совершенствования преподавания и изучения русского и английского языков в Республике Таджикистан на период до 2030 года *[Электронный ресурс]. – URL: http:// adlia.tj› show_ doc.fwx?rgn=134807 (дата обращения: 06.05.2023)*
4. *Закон Республики Таджикистан «О языке», от 22 июля 1989 года, №15 [Электронный ресурс]. - Режим доступа: khovar.tj›rus…vystuplenie-emomali-rahmona…yazyka/*
5. *Закон Республики Таджикистан «О государственном языке» от 5 октября 2009 года, №553 / Душанбе: Шарки озод. - 2012. - 20 с.*
6. *Конституция Республики Таджикистан / Душанбе: Наширёти Гандж. – 2016. - 135 с.*
7. *Президент Республики Таджикистан — основатель Российско-Таджикского (Славянского) университета. - URL: http://glavportal.com›…prezident-respubliki-tadzhikistan… (дата обращения: 06.05.2023)*
8. *Сабирова, С.Г. Языковая политика в условиях реализации Закона о государственном языке [Электронный ресурс] // Вопросы этнополитики. - 2020. - №2. - С.18-27.*
9. *Сборник текстов основных документов Международного союза электросвязи, принятых Полномочной конференцией [Электронный ресурс]// изд. 2007. – 674 с. - URL: http://digital.gov.ru›uploaded/ files/21064758DE.pdf (дата обращения: 06.05.2023)*
10. *Шарифзода, А. Укрепления дружбы Таджикистана и России/А. Шарифзода, Эмомали Рахмон. - Душанбе: Рохи охан Таджикистан, 2019. - 370 с.*
11. *Юрчук, И. Практика языковой подготовки в военных учебных заведениях иностранных государств [Электронный ресурс] / И. Юрчук, А.Стрелецкий // Зарубежное военное обозрение. - М.: Красная звезда.- 2009. - № 3. - С. 22-28.*

РОЛЬ РУССКОГО ЯЗЫКА В ОБУЧЕНИИ ВОЕННЫХ СПЕЦИАЛИСТОВ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН (НА ПРИМЕРЕ ВОЕННОГО ИНСТИТУТА МИНИСТЕРСТВА ОБОРОНЫ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН)

В статье рассматривается роль русского языка в подготовке кадров в Таджикистане, его позиции в области образования и статуса как основного средства межнационального общения в коммуникативно-языковом пространстве в Таджикистане, странах Суверенных Независимых Государств и в мире, о котором неоднократно в своих выступлениях отмечал Основатель мира и национального единства-Лидер нации, Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон. Автор описывает реализацию Закона Республики Таджикистан «О государственном языке», которая во всех сферах государства, запланировано на государственном – таджикском языке. Приводятся основные официальные документы. Также, что русский язык является одним из официальных языков Организацией Объединенных Наций, в сфере образования, науки, культуры, стратегического партнерства и сотрудничества государств-участников Суверенных Независимых Государств, других международных, региональных организаций. Указывает на основные причины и отмечает многонациональность населения Таджикистана. Указывается, что положение русского языка остается стабильным и находит реальную государственную и политическую поддержку за которым закреплен статус языка межнационального общения, в сохранении общего с Россией и государствами-участницами Суверенных Независимых Государств культурного, научно-образовательного и информационного пространства.

Ключевые слова: многонациональность, русский язык, подготовка военных кадров, языковая подготовка, сфера образования, сотрудничество, знание языков, программа, межнациональный язык.

НАҚШИ ЗАБОНИ РУСӢ ДАР ТАЙЁР НАМУДАНИ МУТАХАССИСОНИ ҲАРБИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН (ДАР МИСОЛИ ДОНИШКАДАИ ҲАРБИИ ВАЗОРАТИ МУДОФИАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН)

Дар мақола доир ба нақши забони русӣ оид ба тайёр намудани кадрҳои ҳарбӣ дар Тоҷикистон, мавқеи ӯ, ҳамчун воситаи асосии муошират байналмилалӣ дар фазои робитаҳои забонӣ дар Тоҷикистон, мамлакатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва ҷаҳон ифода гардида, таввақҷуҳи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомали Рахмон инъикос карда шудааст. Муаллиф татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро “Дар бораи забони давлатӣ”, ки дар ҳамаи соҳаҳои давлатӣ бо забони тоҷикӣ ба роҳ монда шудааст, ифода менамояд. Гуфта шудааст, ки забони русӣ, яке аз забонҳои расмии Созмони Милали Муттаҳид ба ҳисоб рафта, дар соҳаи маориф, илм, фарҳанг, ҳамкориҳои стратегӣ ва давлатҳо-иштирокчиёни Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ нақши муҳим дошта, сабабҳои асосиро дарҷ намудааст. Ҳамчунин, забони русӣ, забони муошират байналмилалӣ буда, ҳамгироии фазои иттилоотӣ, фарҳангӣ, илмӣ-маърифатиро дар байни давлати Россия ва давлатҳо-иштирокчиёни Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил таъмин мекунад.

Калидвожаҳо: сермиллат, забони русӣ, тайёр намудани кадрҳои ҳарбӣ, тайёрии забонӣ, соҳаи маориф, ҳамкорӣ, донистани забонҳо, барнома, забони байналмилалӣ.

THE ROLE OF THE RUSSIAN LANGUAGE IN THE TRAINING OF MILITARY SPECIALISTS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN (CASE STUDY OF THE MILITARY INSTITUTE OF THE MINISTRY OF DEFENSE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN)

The article discusses with the role of the Russian language in the training of personnel in Tajikistan, its position in the field of education and its status as the main means of international communication in the space of linguistic relations in Tajikistan, the countries of the Sovereign Independent States and in the world. the attention of the Founder of Peace the Leader of the Nations the President of the Republic of Tajikistan was reflected. The author expresses the implementation of the Law of the Republic of Tajikistan "On the state language", which is planned in all spheres in the Tajik language. The status of the Russian language is one of the official languages of the United Nations, in the field of education, science, culture, strategic partnership and the member states of the Sovereign Independent States, other international, regional organizations and presented the main reasons. The author indicates that the status of the Russian language remains stable, and finds real state and political support in maintaining a common cultural, scientific, educational and information space with Russia and the member states of the Sovereign Independent States.

Keywords: multinationality, Russian language, military training, language training, sphere of education, cooperation, language knowledge, program, interethnic language.

Об авторе
Худоиева Наргис Нагзибековна
Кандидат филологических наук, начальник кафедры языков
Военный институт Министерства обороны Республики Таджикистан
734017, Республики Таджикистан, г.Душанбе, ул. А.Гуломов, 37/1

Дар бораи муаллиф
Худоиева Наргис Нагзибековна
Номзади илмҳои филологӣ, сардори кафедраи забонҳо
Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон
734017, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи А.Ғуломов, 37/1

About the author
Khudoieva Nargis Nagzibekovna
Candidate of philology, head of Department of languages
Military Institute of Ministry of Defense of the Republic of Tajikistan
734017, Republic of Tajikistan, Dushanbe, A.Gulomov str. 37/1

ТДУ 159.9

РОҲҲОИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ МАРОМНОКИИ ШАХС БА МУТОЛИАИ АДАБИЁТИ БАДЕӢ

Зайтметов Х. А.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Дар ҷаҳони муосир, ки бо рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ ва рақамисозии муҳити таълимӣ хос аст, масъалаи коҳиши шавқу рағбати ҷавонон ба мутолиаи адабиёти бадеӣ яке аз мушкилоти муҳими илми равоншиносӣ ва педагогика маҳсуб меёбад. Омӯзиши ваҷҳои мутолиаи адабиёти бадеӣ дар байни донишҷӯён аҳамияти назаррас дорад, зеро маҳз ин омил метавонад ба инкишофи малакаҳои маърифатӣ, тафаккури интиқодӣ ва қобилияти дарки маъноии матн таъсири мусбат расонад.

Таҳқиқоти равоншиносӣ ва педагогӣ нишон медиҳанд, ки мутолиаи мунтазами адабиёти бадеӣ на танҳо барои тавсеаи захираи луғавӣ ва баланд бардоштани қобилияти фаҳмиши матнҳо муҳим аст, балки инчунин метавонад ҳамчун воситаи самараноки паст кардани сатҳи фишори равонӣ, тақвияти ҳамдардӣ ва инкишофи тасаввуроти эҷодӣ хизмат кунад. Ҳамзамон, мутолиаи асарҳои адабӣ боиси такмил ва рушди малакаҳои тафаккури интиқодӣ, қобилияти таҳлил ва арзёбии матн мегардад.

Дар замони соҳибистиқлолӣ ба шарофати Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон арҷ гузоштан ба китоб ва тарғибу ташвиқи он дар кишвар ба ҳукми анъана даромада, ба ҷузъи ҳаёти фарҳангии ҳар як шахс ва ҷомеаи навини Тоҷикистон табдил ёфтааст. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомали Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 26 декабри соли 2019, перомуни масоили вобаста ба китобу китобдорӣ, мутолиаи китоб, ба вижа китобҳои бадеӣ ибрози назар намуда, таъкид карданд, ки: “Китобхонаҳо бояд ба маркази муҳими илму фарҳанг табдил дода шаванд, зеро китоб маҳсули ақлу заковати мардуми соҳибтамаддун, омили асосии ҳифзи фарҳанги миллӣ ва яке аз муҳимтарин воситаҳои маърифатнок кардани аҳли ҷомеа буда, қобилияти сухандониву суханрониро сайқал медиҳад, доираи андешаву тафаккур ва ҷаҳонбинии инсонро васеъ ва ӯро ба роҳи дурусти зиндагӣ раҳномаӣ мекунад” [1, с. 26].

Бо вуҷуди ин, мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар шароити афзоиши таъсири васоити рақамӣ, коҳиши фарҳанги мутолиа ва пайдоиши шаклҳои нави истеъмоли иттилоот, рағбати донишҷӯён ба адабиёти бадеӣ тадриҷан кам мегардад. Дар натиҷа, ҳавасмандии мутолиа ҳамчун ҷузъи муҳими худомӯзӣ ва рушди маърифатӣ дар зеҳни ҷавонон заиф мегардад, ки ин метавонад ба сатҳи рушди маърифатии онҳо ва тавонмандиҳои зеҳниашон таъсири манфӣ расонад.

Бояд таъкид кард, ки осори адабиёти тоҷику форс яке аз омилҳои асосии ташаккули мароми китобхонӣ ва қобилиятҳои маърифатии шахс маҳсуб меёбад. Чунки дар осори онҳо оид ба таъсири китобхонӣ ва фаъолияти маърифатӣ афкори зиёди психологӣ таҷассум ёфтааст. Бояд гуфт, ки тамоми миллати мутамаддини ҷаҳон аз ин ҳақиқати бебаҳс огоҳанд, ки адабиёти тоҷику форс аз қадимулайём соҳиби фарҳанги баланди китобдорӣ буда, таъриху тақдирашон ба килку қалам ва девону дафтар алоқаи нагусастанӣ дорад [6].

Ба дарки ин масъала Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фармудаанд: “Тоҷикон аз қадимулайём

соҳиби фарҳанги баланди китобдориву китобхонӣ буда, ба килку қалам ва девону дафтар арҷ мегузоштанд ва онҳоро чун гавҳари пурқимат эҳтиёт мекарданд” [2].

Нобиғаҳои илму адаби тоҷикон табиатан китобдӯсту китобхон будаанд ва бо осори пурмуҳтавою башардӯстонааш тасхири қаҳониён кардааст. Ашъори онҳо тоҷиконро ҳамчун миллати китобофару тамаддунпарвар садсолаҳо боз ба оламиён муаррифӣ кардааст. Бузургу тавонманд он халқест, ки таърихаш ҳамбастагӣ бо китоб аст. Ниёгони бузурги тоҷику форс дар васфи китобхонӣ бисёр суханҳо гуфтанд ва китобро ҳамчун “қавшани қон”, “аниси кунҷи танҳоӣ”-ву “фуруғи субҳи доноӣ”, “чароғи раҳнамо”, “роҳатафзои қону роҳати дил”, “дӯсти содиқу бошараф”, “хуршеди қаҳони маънавии аҳли башар” ва “калиди қулфи ҳар мушкил” хондаанд.

Дар ашъори устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Абурайҳони Берунӣ, Ҳаким Саноӣ, Шайх Аттор, Ҷалолиддини Балхӣ, Носири Хусрав, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Абдулқодири Бедил, Соиби Табрезӣ, Аҳмади Дониш, Шамсиддини Шоҳин, Садриддини Айнӣ ва садҳо мутафаккирони адабиёти тоҷику форс ишора ва таъкидҳои зиёд дар бораи зарурияти китобхонӣ ва фаъолияти маърифатӣ (ақлу заковат, хотира, тафаккур, хаёл ва ғ.) баръало ба назар мерасад, ки дар параграфи мазкур мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Бо назардошти аҳамияти масъала, омӯзиши омилҳои таъсиррасон ба ваҷҳои мутолиаи адабиёти бадеӣ ва коркарди роҳҳои баланд бардоштани он дар муҳити таълимӣ зарур аст. Муайян кардани омилҳои дохилӣ ва берунаи ангезаи мутолиа метавонад ба таҳияи усулҳои самараноки ҳавасмандсозии донишҷӯён ба хондани адабиёти бадеӣ мусоидат намояд.

Бо дарназардошти ин муҳимият, таҳқиқоти мазкур ба масъалаи омӯзиши хосиятҳои равонӣ ва ангезавии мутолиаи адабиёти бадеӣ равона шуда, ҷиҳатҳои назариявӣ ва амалии онро дар муҳити таҳсилоти олӣ таҳлил менамояд.

Ю.П. Мелентева хонишро падидаи умумиҷаҳонӣ мешуморад, ки аз ҷиҳати аҳаммият бо навиштан ва адабиёт муқоисашаванда аст. Муаллиф ба иқтидори эҷодии мутолиа, ки аз нигоҳи ҷалби нерӯ ба касбҳои эҷодӣ, аз қабили нависандагӣ ё санъат наздик аст, ба сурати вежа таъкид мекунад [9].

“Фарҳанги хониш” дар забони русӣ, ки дар муқоиса бо мафҳумҳои забони англисӣ, ки бо ҷанбаҳои функсионалии хониш (маҳорат, қобилият, истеъдод, навоварӣ) маҳдуданд, маънои амиқтар ва бисёрҷанбаро ифода мекунад. Ин амр ва шеваи шинохти мафҳуми мазкур хусусияти фарҳангии дарки мутолиа дар анъанаҳои гуногуни забонӣ ва аҳаммияти онро ҳамчун амали эҷодкорӣ ва рушди худшиносӣ таъкид мекунад.

Олими ватанӣ Абдуҷаббор Раҳмонзода доир ба хондани китоб дуруст қайд мекунанд*: “Мутолиаи китоб яке аз воситаҳои ғанӣ гардидани ҳофиза мебошад. Маҳз тавассути гирифтани ахбор ва хондани китоб инсон дар бораи воқеа ва рӯйдодҳои олам маълумот пайдо карда, доираи ҷаҳонбинии хешро васеъ мегардонад. Дар олам миллатҳое ҳастанд, ки аксари мутлақи афроди онҳо ба китобхонӣ машғул шуда, ин амали шоистаро ба фарзандон аз овони кӯдакӣ меомӯзонанд”* [3].

Е. Откидач се ҷузъи асосии фарҳанги хонишро муайян мекунад:

“1. Ҷузъи маромнокӣ- эҳтиёҷоти иттилоотӣ, қобилияти худташкил ва ҷустуҷӯи маълумоти муфидро инъикос менамояд.

2. Ҷузъи маърифатӣ - сатҳи дониш ва малакаҳоро фаро мегирад ва ба инсон имкон медиҳад, ки бо иттилот дар қолибҳои анъанавӣ ва рақамӣ самаранок кор карда, ба натиҷаҳои матлуб ва мушаххас бирасад.

3. Ҷузъи амалиётӣ – малакаҳои амалии ҷустуҷӯ, таҳлил ва истифодаи иттилоот дар фаъолияти таълимӣ, илмӣ ё касбиро дар равандҳои мухталиф ифода меёбад” [10, с. 84].

Ҳамин тариқ, фарҳанги мутолиа, ба гуфтаи Е. Откидач, маромнокӣ, дониш ва малакаҳои амалиро муттаҳид намуда, рушди ҳамаҷонибаи шахсиятро дар ҷомеаи иттилоотӣ таъмин мекунад.

Ин равиш ба нақши китобхонӣ ҳамчун василаи рушди шахсият ва қобилияти зеҳнӣ таъкид мекунад, ки барои мутобиқ шудан ба вазъиятҳои душвор ва дарёфти роҳҳои ҳалли инноватсионӣ мусоидат мекунад.

Муҳаққиқони муосир, ба қоҳиш шудани сифати мутолиа дар байни ҷавонон таваҷҷуҳи махсус зоҳир кардааст. Мушкилот дар дарки сатҳии матнҳо, бартарӣ додан ба мӯҳтавои аёнӣ нисбат ба мӯҳтавои шифоҳӣ, бартарияти ваҷҳои прагматикӣ ва ҷубронкунанда, инчунин дур шудан аз матнҳои мураккаб тавассути дар сатҳи матлуб маърифат нашудани луғати содда ва формулавӣ зоҳир мегардад [12].

Ин падида тағйироти афзалиятҳои мутолиаро, ки дар натиҷаи рақамикунонӣ ва тағйироти фарҳангӣ ба вуҷуд омадаанд, инъикос менамояд. Дар ин ҳолат падидаи мазкур вазифаи асосиро барои аз нав дида баромадани равишҳоро дар самти ташаккули фарҳанги мутолиа дар байни ҷавонон мегузорад.

Т.М. Филаткина ва О.В. Рубчинская усулҳои муассири таблиғ ва пиар-усулҳоро барои ба вуҷуд овардани шавқи китобхонӣ дар байни ҷавонон таъкид мекунанд:

“1. Ҷадвали плакатҳо дарки классикиро тавассути тасвирҳои равшани визуалӣ нав мекунад.

2. Трейлерҳои китобӣ бо истифода аз усулҳои намоишдиҳӣ таваҷҷуҳро ҷалб мекунанд.

3. Дар ҷараёни таблиғи фарҳанги мутолеа хусусиятҳои равонию иҷтимоии чавононро ба эътибор гирифта мешаванд.

4. Шабакаҳои иҷтимоии марбут ба китоб платформаҳои интерактивиро барои муҳокимаи адабиёт эҷод мекунанд.

5. Лоиҳаҳои китобхона, аз қабили «Шаби китобхона» ба оммавӣ шудани китобхонӣ дар сатҳи табақаҳои мухталифи ҷомеа мусоидат мекунанд” [6, с. 45]. Ин усул дар замони муосир дар Тоҷикистон дар сурати баргузор гардидани озмунҳои китобхонӣ “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст”, “Илм фурӯғи маърифат” ба шоистагӣ татбиқ мешаванд. Ба дигар таъбир, ҳадафи аслии ин озмун бо пешниҳоди манфиатҳои иқтисодӣ, дастгирии иҷтимоӣ ва додани имтиёзҳо барои дохил шудан ба мактабҳои олӣ, додани имтиёз ба муаллимон дар навбати аввал бедор намудани шавқи китобхонии наслҳои мухталиф, бавежа наврасону ҷавонон аст. Тақсимоти синнусолии наврасон ба синфҳои 1-4, 5-9, 10-11 дар баъзе номинаҳо ҳам метавонад қӯдакону наврасонрон шавқманд барои китобхонии бештар гардонад.

Дар канори ин, усулҳои мазкур мутобиқати фарҳанги мутолиаи классикиро ба шаклу шеваҳои муосир, ҷалби самараноки ҷавононро нишон медиҳанд.

Е.С. Богданова мушкилоти коҳиши ҳавасмандии хонандагонро ба мутолеа дар байни хонандагони синфҳои болоӣ таъкид намуда, аз ҷумла қайд мекунад, ки сабаби асосии он ба назари ӯ мураккабии худи раванди хониш аст. Муаллиф ба зарурати мутобиқ сохтани усулҳои кор бо матнҳо таваҷҷуҳ намуда, истифодаи равишҳоеро пешниҳод менамояд, ки тасаввуроти бозсозиро инкишоф медиҳад. Ин ҷараён ба афзоиши ҷалби хонандагон дар раванди хониш тавассути фаҳмиши фаъол ва ҳамдардии ҳиссӣ нисбат ба матн нигаронида шудааст [4, с. 32].

Е.С. Богданова инчунин тавсияҳои мавҷудаи тадқиқотро таҳлил намуда ба ин назар мерасад, ки усулҳои робитаи мутақобила бо матнҳои адаби шавқу ҳавасро ба адабиёт ва мутолеаи он афзоиш медиҳанд. Илова бар ин, муаллиф таҷрибаи шахсии худро дар татбиқи чунин усулҳо мубодила мекунад, ки самти амалии тадқиқоти ӯро таъкид мекунад [4, с. 33].

Таҳқиқоти анҷомдодаи Е.С. Богданова ба таҳияи дурнамои баланд бардоштани ҳавасмандии хониш дар байни хонандагони синфҳои болоӣ мусоидат мекунад. Истифодаи усулҳои дар асоси тахайюли бозсозӣ асосёфта раванди хонишро барои ҷавонон дастрас ва ҷолибтар мегардонад. Ин шева махсусан дар шароити коҳиши таваҷҷуҳ ба адабиёт муҳим аст, зеро талошҳои минбаъдаро барои дарёфти усулҳои инноватсионии рушди фаъолияти хониш тақозо мекунад

Натиҷаҳои тадқиқот тасдиқ мекунанд, ки дар байни ҷавонон китобхонӣ бо ҳавасмандии шахсӣ дастгирӣ намешавад. Яке аз сабабҳои асосии ин мушкилии дарки матни бадеӣ мебошад, ки онро аксар вақт худи мактаббачагон ва қисман омӯзгорон дар сатҳи матлуб маърифат намекунанд. Тамоюлҳои имрӯзаи иҷтимоъиву фарҳангӣ низ вазъиятро нисбат ба пештара бадтар карда, ба китобхонӣ машғул шудан ва робитаи аҳли мутолеаро бо мероси фарҳангию таърихӣ мушкилтар мекунад.

Масъалаи коҳиш ёфтаани маромнокӣ ба мутолиаи адабиёти бадеӣ махсусан дар байни ҷавонон, ки аксар вақт ба истифодаи сатҳии мундариҷаи маводи визуалӣ ва рақамӣ афзалият медиҳанд, муҳим аст. Аз ин лиҳоз, зарурати таҳия ва татбиқи усулу равишҳои самарабахше ба миён омадааст, ки ба ташаккули маромнокии устувори мутолиа нигаронида шудаанд. Ин дар навбати худ ба рушди қобилиятҳои маърифатӣ мусоидат мекунад.

Хондани адабиёти бадеӣ дар рушди маърифатӣ ва ҳиссии донишҷӯён, мусоидат ба ташаккули тафаккури интиқодӣ, васеъ кардани захираи луғат ва ғанӣ гардонидани таҷрибаи шахсӣ нақши муҳим дорад [8]. Бо вуҷуди ин, дар заминаи рушди технологияҳои рақамӣ ва тағирот дар сохтори вақти холӣ, таваҷҷуҳ ба мутолиаи адабиёт, махсусан дар байни ҷавонон коҳиш меёбад.

Бо вуҷуди ин, маромнокии паст ба мутолеаи китоб мушкилоти ҷиддӣ боқӣ мемонад. Тибқи тадқиқоти А.С. Петрова тақрибан 40% донишҷӯён дар як моҳ камтар аз як маротиба адабиёти бадеиро мехонанд [11]. Сабабҳои асосӣ кам будани вақт, таваҷҷуҳи нокофӣ ба мутолеаи китоб ва эҳсоси он, ки мутолиа фоидаи фаврӣ намеорад, ба шумор меравад.

Коҳиши ҳавасмандӣ ба мутолиаи адабиёти бадеӣ барои рушди маърифатӣ ва шахсии донишҷӯён хатар эҷод мекунад. Хондан на танҳо барои ғанӣ гардонидани захираи луғавии онҳо, рушди тафаккури таҳлилӣ ва ташаккули ҳамдардӣ кӯмак мекунад, балки як воситаи муҳими рафъи асабоният ва ташакули устувории ҳиссӣ ба шумор меравад. Тадқиқотҳо анҷомёфта нишон медиҳанд, ки набудани мутолиаи матнҳои адабӣ метавонад ба муваффақияти хониш, эҷодкорӣ ва некӯаҳволии равонии хонандагон таъсири манфӣ расонад [7].

Барои ноил шудан ба натиҷаҳои устувор дурнамоҳое лозиманд, ки рушди маромнокии дохилӣ, дастгирии иҷтимоӣ ва истифодаи абзорҳои рақамиро муттаҳид мекунанд. Ин на танҳо афзоиши шавқу рағбат ба мутолиа, балки пурзӯр шудани аҳаммияти онро дар рушди шахсият ва раванди таълим таъмин мекунад.

Истифодаи технологияҳои муосир, аз қабили аудиокитобҳо, китобҳои электронӣ ва платформаҳои таълимӣ низ ба афзоиши ҷалби таваҷҷуҳи ҷавонон ба адабиёт мусоидат мекунад. Дар ин замина, мутобиқ кардани усулҳои таълим муҳим аст, то донишҷӯён ҳамзамон малакаҳоро бо мутолеаи матнҳои анъанавӣ ва рақамӣ инкишоф диҳанд. Ин шеваи корбарӣ хонишро барои наслҳои наврас дастрастар ва ҷолибтар мегардонад [14].

Бо рушди технологияҳои иттилоотӣ дар байни ҷавонон рақобат дар самти мутолеаи адабиёти бадеӣ ва расонаҳои рақамӣ афзоиш меёбад. Истеъмоли мундариҷаи визуалӣ аксар вақт таваҷҷуҳро ба мутолиаи матнҳои дароз ва мураккаб коҳиш медиҳад. Барои донишҷӯёни тоҷик ва ҳамчунин барои ҷавонони дигар кишварҳо, ин мушкилот бо зарурати нигоҳ доштани таваҷҷуҳ ба адабиёт дар шароити афзояндаи таъсири рақамӣ ба миён меояд. Бархе аз пажӯҳишгарони тоҷик равишҳоеро пешниҳод мекунанд, ки хонишро бо абзорҳои рақамӣ, ба мисли платформаҳои электронӣ ва маводи интерактивӣ муттаҳид мекунанд. Ин ҳолат таваҷҷуҳи онҳоро ба адабиёт тавассути истифода аз фанноварихои ба донишҷӯён ошно афзун мегардонад.

Технологияи муосир хусусияти идрок ва мутолиаи адабиёти бадеиро дигар кардааст. Ба фикри мо, одати мутолиаи пора-пора дар интернет қобилияти таҳлил, ҳамдардӣ ва тафаккури интиқодӣ коҳиш медиҳад. Хондани яклухт ва комили асар маърифати мукаммалро ҳосил медиҳад. Дар илми шарҳнависӣ ҳатто таъкид мешавад, ки маърифат ва тафсири дуруст ва

саҳеҳи бархе матнҳо танҳо дар сурати мутолеаи мукаммали он ҳосил мешавад, ки ин пеш аз ҳама ба жанрҳои муҳташам, аз ҷумла маснавӣ, ҳикоя, қисса муталлиқ аст.

Бояд гуфт, ки хониш аз рӯи навор бештари маврид барои маърифати баланди матн, мусоидат мекунад ва ин ҳолат ба маърифати матни бадеӣ боис мешавад. Рушди технологияҳои рақамӣ имкон дод, ки усулҳои нави таълими мутолеа пешниҳод ва истифода шаванд.

Вақтҳои охир таҳлили адабӣ бо ёрии техника ҷойгоҳи хоса пайдо кардааст. Воситаҳои таҳлили матн (масалан, барномаҳои коркарди матн ба монанди Voyant Tools) барои кӯмак расонидан ба муайян кардани мавзуъҳо, рамзҳо ва хусусиятҳои услубии асар дастрасанд. Зеҳни сунъӣ аллакай барои эҷоди матнҳои адабӣ истифода мешавад, ки саволҳоро дар бораи ояндаи муаллифӣ ва асолати асарҳои санъат ба миён меорад. Аммо ҳангоми истифода аз он бояд эҳтиёткор буд, зеро имкон дорад вобаста ба хотираи худ дар шарҳи бархе мутун ба хатогӣ роҳ диҳад. Шарҳои анҷомдодаи онро бо мутуни китобӣ санҷидан ва дурустии онро собит намудан шарти муҳим ва ҳатмист.

Пайдоиши технологияҳои рақамӣ боиси тағирёбии идроки матн гардид:

• Адабиёти бадеӣ тавассути платформаҳои электронӣ дастрастар мегардад, аммо давомнокии тамаркуз дар матнҳои дароз камтар мешавад.

• Аз тарафи дигар, технологияҳои муосир шаклҳои нави робита бо матн, аз ҷумла лоиҳаҳои мултимедиявӣ, романҳои графикӣ ва воқеияти афзояндаро мекушоянд [14].

Васоити ахбори иҷтимоӣ метавонад дар робита ба хондан нақши дугона дошта бошад. Аз як тараф, онҳо барои таваҷҷуҳи ҷавонон бо китобҳо рақобат мекунанд, аммо аз тарафи дигар, онҳо метавонанд барои таблиғи адабиёт тавассути блогҳо, платформаҳо ва мундариҷаи видеоӣ, масалан дар YouTube ё TikTok босамар ё бесамар истифода шаванд. Албатта, босамарии ин воситаҳо дар сурати ба кор гирифтани онҳо ҳамчун манбаи адабиёт ё китобҳои гӯё, суҳбатҳои аҳли китоб ба таври барҷаста равшан шавад, вале дар ҳолатҳои дигар, масалан истифода аз ин манобеъ ба унвони сарчашмаи филмҳои тарғибгари ваҳшоният, суханроniҳои гумроҳкунанда бесамар аст.

Ҳамин тавр**,** ҳангоми омӯзиши адабиёт чандин омилҳое, ки ба маромнокии мутолиа таъсир мерасонанд, ошкор карда шуданд. Аз ҷумлаи ин омилҳоро метавон ба таври зайл зикр намуд:

1**. Омилҳои маромнокии дохилӣ**

Маромнокӣ ба хондан асосан тавассути омилҳои дохилӣ, ки бо муносибати шахсии инсон ба адабиёт ва ниёзҳои инфиродии ӯ алоқаманданд, муайян карда мешавад.

• Таваҷҷуҳ ба мундариҷа ва жанр. Адабиёте, ки ба афзалиятҳои хонанда мувофиқат мекунад, вокуниши бештареро ба вуҷуд меорад ва ба идомаи хондан мусоидат мекунад.

• Аз раванди мутолеа лаззат бурдан. Сарборӣ аз рӯи мутолеа ба матн шавқу рағбатро зиёд мекунад ва хонданро на танҳо аз нигоҳи пайванд ба таълим, балки таҷриба низ ҷолиб низ месозад.

• Эҳсоси салоҳият. Боварӣ ба қобилияти худ дар маърифат ва тафсири матн нақши калидӣ дорад, ё ба таъбири дигар вазифаи калиди робита ва маърифатро иҷро мекунад.

2. **Омилҳои берунии маромнокӣ**

Дар ташаккули шавқи мутолиа шароити беруна низ таъсири калон мерасонад.

• *Нақши оила.* Волидон, ки бо фарзандони худ ба мутолиа, муҳокимаи китоб ё умуман раванди хониш фаъолона иштирок мекунанд, аз хурдӣ ба адабиёт муносибати мусбӣ пайдо мекунанд.

• *Муҳити иҷтимоӣ*. Агар китобхонӣ як ҷузъи ҳаёти иҷтимоӣ бошад, масалан тавассути муҳокимаи китобҳо бо дӯстон ё иштирок дар маҳфилҳи хониши китоб, ин раванд ҷолибияти мутолеаро барои ҷавонон афзун мегардонад. Шавқи китобхонӣ дар онҳо боз ҳам боло меравад.

• *Талаботи мактаб*. Хониши ҳатмӣ бидуни ба назар гирифтани шавқу ҳаваси хонандагон аксар вақт боиси муқовимат мегардад. Муносибати меъёрӣ ё муқарраршуда метавонад маромнокии дохилиро коҳиш дода, хонданро аз лаззат ба кори дигар табдил диҳад.

Дар системаи таълимӣ мутолиаи адабиёти бадеӣ барои ташаккули маҳорати хонандагон дар кор бо матнҳои сатҳи мураккаби гуногун, тафаккури таҳлилӣ ва қобилияти дарки иттилоот имкониятҳои назаррас пешниҳод мекунад. Дар баробари ин, таваҷҷуҳи нокифоя ба ташаккули маромнокии мутолиа самаранокии ҷараёни таълимро паст намуда, имкониятҳои рушди шахсии хонандагонро маҳдуд мекунад.

3. Зудхонӣ ҳамчун усули маромнокӣ барои хондан

Тадқиқотҳо тасдиқ мекунанд, ки хониши фаврӣ метавонад дар раванди таълим, махсусан дар байни донишҷӯёне, ки сарбории баланди таълимӣ доранд, самаранок татбиқ карда шавад. Ин равиш имкон медиҳад, ки ҳам маҳорати хониши техникӣ ва ҳам сатҳи дарки маънои матн такмил дода шавад.

Таҳқиқоти илмӣ ҷанбаҳои мусбат ва ҳам манфии таъсири технология ба мутолиаи адабиёти бадеиро нишон медиҳанд. Технология метавонад ба рушди шавқ ва маромнокии хондан мусоидат кунад, аммо муҳим аст, ки коҳиши эҳтимолии умқи идроки матнро ба назар гирифт. Барои таҳияи усулҳои самараноки таълим, ҳамгироии технология бо нигоҳ доштани арзиши хониши амиқи анъанавӣ муҳим аст.

Дар асоси таҳлилҳои анҷомёфта чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки омӯзгорон бояд саъю кӯшиши худро ба фароҳам овардани шароит барои ташаккули ҳавасмандии шахсии наврасон ба мутолиа равона созанд. Дар навбати аввал, бояд бо такя бар чунин ҳавасмандиҳои мавҷуда нисбати омӯзгорон онҳо худ низ шавқманд шаванд, ки дар ин ҷод бо шогирдонашон бештар кор кунанд. Дар ин ҳолат аз ҷониби устодон истифодаи усулҳое тақозо мешавад, ки ба эътирофи мураккабии матни адабӣ ва ташаккули шавқу рағбат ба мутолиа ҳамчун ҷузъи муҳими рушди фарҳангӣ ва зеҳнӣ нигаронида шудаанд.

Адабиёт

1. *Эмомалӣ Раҳмон. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ. 26 декабри соли 2019. — Душанбе: Шарқи Озод, 2019. – С. 26-27.*
2. *Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори Рӯзи дониш, 1 сентябри соли 2019 [Манбаи электронӣ]. – URL: http://www.president.tj/node/21207 (санаи мурочиат: 26.05.2020)*
3. *Абдуҷаббор Раҳмонзода. Китоб омили бунёдии ташаккули тафаккури инсон ва тамаддун [Манбаи электронӣ]. – URL: https://khovar.tj/2020/06/kitob-omili-bunyodii-tashakkuli-tafakkuri-inson-va-tamaddun/ (санаи мурочиат: 05.01.2025).*
4. *Богданова, Е. С. Мотивация юношеского чтения: проблемы и пути решения / Е.С. Богданова // Вестник КГУ им. Н.А. Некрасова, 2015, Том 21 – С. 29-34.*
5. *Выготский, Л.С. Мышление и речь: Учебное пособие / Л.С. Выготский // Собр. Соч.: В 6 т. – Т.2. – М.: Педагогика, 1983.*
6. *Зайтметов Х.А. Ҷанбаҳои психологӣ дар эҷодиёти мутафаккирони тоҷику форс. Паёми академияи таҳсилоти Тоҷикистон №1 (38), 2021. - С. 21-25.*
7. *Збарский, И. С. Системное руководство чтением и формирование читательской самостоятельности учащихся средней школы: теоретические основы и практика [Текст]: автореф. дисс. ... д-ра пед. наук: / Збарский Исаак Семенович. – М., 1993. – 56 с.*
8. *Маркова, А.К. Формирование мотивации учения: Учебное пособие / А.К. Маркова, ТА. Матис, А.Б. Орлов. – М.: Просвещение, 1990. – 192 с.*
9. *Мелентьева, Ю.П. Основные модификации чтения: особенности формирования и бытования [Текст] / Ю.П. Мелентьева // Библиотековедение. – 2013. – № 5. – С. 54–64.*

10. *Откидач, Е.В. Развитие читательской культуры студентов в условиях университетского комплекса: дисс. ... канд. пед. наук: / Откидач Елена Валентиновна. – Нижной Новгород, 2001. – 162 с.*
11. *Петрова, А.С. Мотивация к чтению художественной литературы у молодежи / А.С. Петрова // Вопросы педагогики, 7(4), 2021. – С. 102-109.*
12. *Психология: китоби дарсӣ барои донишҷӯёни макотиби олӣ (Давлатов М., Юнусова Н.М., Расулов С.Х. ва диг.; Зери таҳрири Давлатов М. -Душанбе, 2010. - 338 с.*
13. *Филаткина, Т.М., Рубчинская О.В. «Читать – модно!»: методы популяризации чтения / Т.М. Филаткина. – 2019. – С. 242. URL: https://elibrary.ru/download/elibrary_38585350_95809762.pdf*
14. *Чукреева М.А. Аудиокнига в современном мире [Текст] / М.А. Чукреева // Человек в мире культуры. – 2014. - №2. – С. 23-25.*
15. *Шулер, И. В. Развитие читательской культуры личности в условиях современной информационной среды (на материале обучения в вузе) [Текст]: дисс. ... канд. пед. наук: 13.00.01 / Шулер Ирина Владимировна. – Тюмень, 2011. – 156 с.*

РОҲҲОИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ МАРОМНОКИИ ШАХС БА МУТОЛИАИ АДАБИЁТИ БАДЕӢ

Дар шароити асри рақамӣ таваҷҷуҳ ба мутолиаи адабиёти бадеӣ коҳиш меёбад, ки ин бо афзоиши ҳаҷми мундариҷаи визуалӣ ва кӯтоҳмуддат, инчунин тағйири стратегияҳои маърифатии коркарди иттилоот вобаста аст. Бо вуҷуди ин, мутолиаи адабиёт ҳамчун омили муҳими рушди зеҳнӣ ва шахсият боқӣ мемонад, ки ба ташаккули тафаккури таҳлилӣ, ҳамдардӣ ва тасаввур мусоидат мекунад. Мақолаи мазкур ба таҳқиқи ҷанбаҳои равонӣ ва педагогии ташаккул ва баланд бардоштани маромнокии шахс барои мутолиаи асарҳои бадеӣ бахшида шудааст. Таъсири адабиёти бадеӣ ба рушди қобилиятҳои маърифатӣ, тафаккури интиқодӣ ва зеҳни эмотсионалӣ махсусан таъкид мешавад, ки ин онро ба як воситаи муҳими рушди зеҳнӣ табдил медиҳад. Дар мақола усулҳо ва стратегияҳои муосири ташаккули таваҷҷуҳи устувор ба адабиёт таҳлил карда мешаванд, ки фарогири техникаҳои мутолиаи фаъол, истифодаи шаклҳои бозӣ ва интерактивии кор бо матн, инчунин татбиқи технологияҳои мутолиаи тез бо мақсади баланд бардоштани самаранокии дарки иттилоот мебошанд. Муаллиф тавсияҳои амалиро оид ба ташкили муҳити таълимии ангезишбахш, ки рушди фаъолияти хонандагиро дар байни донишҷӯён ва хонандагон дастгирӣ мекунад, пешниҳод менамояд.

Калидвожаҳо: маромнокии хондан, адабиёти бадеӣ, қобилиятҳои маърифатӣ, фаъолии мутолиа, тафаккури интиқодӣ, омилҳои равонӣ, зудхонӣ.

СПОСОБЫ ПОВЫШЕНИЯ МОТИВАЦИИ ЛИЧНОСТИ К ЧТЕНИЮ ХУДОЖЕСТВЕННОЙ ЛИТЕРАТУРЫ

В условиях цифровой эпохи наблюдается снижение интереса к чтению художественной литературы, что связано с увеличением объемов визуального и краткоформатного контента, а также изменением когнитивных стратегий обработки информации. Чтение литературы, однако, остается важным фактором интеллектуального и личностного развития, способствующим формированию аналитического мышления, эмпатии и воображения. Настоящая статья посвящена исследованию психологических и педагогических аспектов формирования и повышения мотивации личности к чтению художественных произведений. Особое внимание уделяется влиянию художественной литературы на развитие когнитивных способностей, критического мышления и эмоционального интеллекта, что делает ее важным инструментом интеллектуального роста. В статье анализируются современные методики и стратегии, способствующие формированию устойчивого интереса к литературе, включая техники активного чтения, применение игровых и интерактивных форм работы с текстом, использование технологии быстрого чтения для повышения эффективности восприятия информации. Автор приводит практические рекомендации по созданию мотивационной образовательной среды, поддерживающей развитие читательской активности среди учащихся и студентов.

Ключевые слова: мотивация чтения, художественная литература, когнитивные способности, читательская активность, критическое мышление, психологические факторы, быстрое чтение.

READING MOTIVATION FOR LITERARY FICTION AS A FACTOR IN THE DEVELOPMENT OF AN INDIVIDUAL'S COGNITIVE ABILITIES

In the digital age, there is a decline in interest in reading fiction, which is associated with the increasing volume of visual and short-form content, as well as changes in cognitive strategies for information processing. However, reading literature remains an important factor in intellectual and personal development, contributing to the formation of analytical thinking, empathy, and imagination. This article is dedicated to the study of the psychological and pedagogical aspects of fostering and enhancing an individual's motivation to read fiction. Special attention is given to the impact of fiction on the development of cognitive abilities, critical thinking, and emotional intelligence, making it an essential tool for intellectual growth. The article examines modern methods and strategies that contribute to the formation of a sustainable interest in literature, including active reading techniques, the use of gamified and interactive approaches to working with texts, and the application of speed reading technology to improve the efficiency of information perception. The author provides practical recommendations for creating a motivational educational environment that supports the development of reading activity among students and learners.

Keywords: reading motivation, fiction, cognitive abilities, reading activity, critical thinking, psychological factors, speed reading.

Дар бораи муаллиф
Зайтметов Хусан Авасхонович
Номзади илмҳои психологӣ, дотсенти кафедраи психологияи иҷтимоӣ ва касбӣ
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1
E-mail: zaytmetovk@mail.ru

Об авторе
Зайтметов Хусан Авасхонович
Кандидат психологических наук, доцент кафедры социальной и профессиональной психологии
Худжандский государственный университет имени академика Бободжон Гафурова
735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проезд Мавлонбеков, 1
E-mail: zaytmetovk@mail.ru

About the author
Zaytmetov Husan Avashonovich
Candidate of Psychological Sciences, Associate Professor of the Department of Social and Professional Psychology
Khujand State University named after academician Bobojon Ghafurov
735700, Republic of Tajikistan, Khujand, 1 Mavlonbekov
E-mail: zaytmetovk@mail.ru

ТДУ 37(575).3

ТАКТ ВА ТЕХНИКАИ МУОШИРАТИ ОМӮЗГОРӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ ИНКИШОФДИҲАНДАИ ФАЪОЛИЯТИ ПЕДАГОГӢ

Шарипов А.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Маданияти муошират омӯзгорӣ ба фарҳанги умумӣ ва шахсияти омӯзгор асос ёфта, маданияти шахсият сатҳи инкишофи он мебошад, ки дар низоми ниёзҳо, сифатҳои иҷтимоӣ, дар услуби фаъолият ва рафтор ифода меёбад. Муошират дар фаъолияти педагогии омӯзгор ба ҳадди аксар хусусиятҳои муҳими шахсӣ - қобилият, дониш, малака, мотивҳо, самтҳои арзишӣ, муносибатҳоро дар бар мегирад. Омӯзгор ҳамчун ташаббускори муошират худаш интихоб мекунад, инчунин услуби омӯзгориро инкишоф медиҳад.

Муошират таҷриба, характер ва ҳолати кунунии ӯро низ зоҳир мекунад. Ва ин шеваи муошират метавонад ба раванди таълиму тарбияи мактаббачагон ба таври қобили мулоҳиза ҳавасманд ё монеа шавад.

Истеъдоди муошират, инсондӯстӣ, хайрхоҳӣ, қобилияти фаҳмидан ва дарк кардани шахси дигар, қобилияти ҳамдардӣ, ҳамдардӣ на танҳо дар муошират натанҳо худ аз худ ташаккул меёбад ва зоҳир мешавад, балки натиҷаи тарбия ва худомӯзӣ низ мебошад. Ҳатто юнониёни қадим таълимро воситаи ноил шудан ба қобилияти идора кардани эҳсосоти худ медонистанд. Яке аз сифатҳои муҳими касбии омӯзгор ин тактикаи омӯзгорӣ мебошад. Такти омӯзгорӣ ин риояи принсипи омӯзгории андозагирӣ дар муошират бо кӯдакон дар соҳаҳои гуногуни фаъолият, қобилияти интихоби муносибати дуруст ба хонандагон, дар асоси хусусиятҳои шахсӣ ва муносибат бо онҳо мебошад.

Такти омӯзгорӣ дар айни замон ҳисси таносуб ва вояи бошууронаи таъсир, қобилияти назорат кардан ва дар мавридҳои зарурӣ мувозинати як даво бо дигараш мебошад. Тактика ва рафтори омӯзгорӣ дорои такти омӯзгорӣ аз пешгӯии оқибатҳои эҳтимолии истифодаи баъзе усулҳо ва сари вақт ислоҳ кардани онҳо, инчунин пешгӯии оқибатҳо, интихоби услуб ва оҳанг, вақт ва ҷои таъсири омӯзгорӣ иборат аст. Зуҳуроти такти омӯзгорӣ обруи омӯзгорро рӯз то рӯз баланд мебардорад. Донишҷӯён ба ӯ баҳои баланд дода, ба ӯ сифатҳои муҳимтарини омӯзгорро дар зинаи худ медиҳанд.

Чанд андешаи хонандагон дар бораи он ки дар омӯзгор пеш аз ҳама чиро қадр мекунанд: «Омӯзгор бояд хушмуомила бошад, то шогирдон аз чизе натарсанд, ки ӯро дӯст доранд». «Омӯзгор бояд хонандагонро эҳтиром кунад, ҳаёти онҳоро ба ҷо оварда тавонад ва ба онҳо паст нигоҳ накунад, табъи бади онҳоро аз болои онҳо пинҳон накунад». «Омӯзгор бояд худдорӣ, хушмуомила, агар ба талаба душвор ояд, ёрӣ расонад, ба ӯ водор намояд»; "Омӯзгор бояд шахсе бошад, ки шумо метавонед аз он ибрат гиред."

Хусусиятҳои муҳимтарини такти психологию педагогӣ инҳоянд:

- бо назардошти ҳолатҳои субъективии хонандагон.
- серталабӣ бидуни дағалӣ ва майда-чуйда.
- қобилияти гӯш кардани донишҷӯён бидуни изҳори бепарвоӣ ё бартарӣ.
- муошират бидуни асабоният.
- осонии муошират, вале имкон надодан ба шиносоӣ.
- муносибати объективӣ ба арзёбии ҷавобҳои донишҷӯён.
- шӯхии бе киноя.

Такти омӯзгорӣ як ҳисси интуитивии таносуб мебошад, ки барои муайян кардани таъсир ва мувозинати як табобат бо дигараш кӯмак мекунад. Тактикаи рафтори омӯзгор аз интихоби услуб ва оҳанг вобаста ба вақт ва ҷои амали омӯзгорӣ, инчунин ба оқибатҳои эҳтимолии истифодаи баъзе усулҳо иборат аст. Тактикаи омӯзгорӣ бештар ба сифатҳои шахсии омӯзгор, ҷаҳонбинӣ, маданият, ирода, шаҳрвандӣ ва маҳорати касбии ӯ вобаста аст.

